# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## ҚУВВАТИ РИЗОИЯТ

ГЭРИ КИСИ

ИНҚИЛОБИ

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## ҚУВВАТИ РИЗОИЯТ

ГЭРИ КИСИ

**Your Financial Revolution, The Power of Allegiance, Tajik**
Copyright © 2020 by Gary Keesee

Originally published in English
Copyright © 2015 by Gary Keesee
ISBN: 978-0-9729035-9-2

Gary Keesee Ministries,
P.O. Box 779, New Albany,
OH 43054, USA

GaryKeesee.com

This book is a FREE GIFT from Gary Keesee Ministries and is
NOT FOR SALE

**Инқилоби молиявии шумо, Қуввати ризоият, бо забони тоҷикӣ**
© 2020, Гари Киси

Бори аввал бо забони англисӣ нашр шудааст
© 2015, Гари Киси
ISBN : 978-0-9729035-9-2

Хидматгузории Гари Киси,
П/Я 779, Нью Албани,
Оҳайо 43054, ИМА

GaryKeesee.com

Ин китоб аз Хидматгузории Гари Киси тӯҳфа аст ва
ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

Гари Киси дар ин китоб дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ тавр ҳаёти ӯ баъд аз даврае, ки вай дар вазъияти мушкили молявӣ буд, босуръат дигар шуд. Дар ин китоб муаллиф аҳволи чоранопазири худро самимона тасвир карда, сипас дар бораи принсипҳои аҷоиби Китоби Муқаддас маълумот медиҳад. Маҳз ҳамин принсипҳо ба ҳаёти ӯ баракат ва комёбӣ оварданд.

# МУНДАРИЧА

САРСУХАН . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5

МУҚАДДИМА . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7

**БОБИ 1.** Подшоҳӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 21

**БОБИ 2.** Ҷилои кабудранг . . . . . . . . . . . . . . . . . . 65

**БОБИ 3.** Худоё, илтиҷо мекунам, ба ман раҳм кун! . . . 75

**БОБИ 4.** Моҳии азимҷусса . . . . . . . . . . . . . . . . . 109

**БОБИ 5.** Ин интихоби кӣ буд? . . . . . . . . . . . . . . . . 121

**БОБИ 6.** Баракати Худованд . . . . . . . . . . . . . . . . 161

**БОБИ 7.** Дар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 183

**БОБИ 8.** Қуввати ризоият . . . . . . . . . . . . . . . . . . 193

**БОБИ 9.** Шумо ба онҳо хӯрок диҳед! . . . . . . . . . . . . . . . 203

**Боби 10.** Ҷамъоварӣ намудан, на арақшор шудан! . . 219

**Боби 11.** Парвоз кардан аз роҳ гаштан осонтар аст! . . .227

# Сарсухан

Дар ман хоҳиш пайдо шуд, то дар бораи саёҳате бинависам, ки чанд сол қабл Худо ман ва ҳамсарам Дрендаро роҳнамоӣ кард. Ҳаёти мо хеле сахт дигар карда шуда буд! Мо шоҳиди он гардидем, ки чӣ тавр дар давоми чандин сол мӯъҷизоте, ки Исо дар Китоби Муқаддас ба амал оварда буд, дар пеши чашмони мо содир мешуд: одами мурда зинда шуд; мафлуҷ бархеста, роҳ рафт ва рӯзи дигар ба кор сар кард; шумораи зиёди одамон шифо ёфтанд, садҳо ҳазор шахсон ба некӯаҳволии молиявӣ ноил шуданд. Вале аз ҳама мӯъҷизаҳои калонтарин онҳое буданд, ки шахсан бо мо ва оилаи мо рӯй доданд.

Мақсади ман шуморо ба ин саёҳати пур аз кушоишҳо даъват кардан аст. Умедворам, ки он ҳаёти шуморо ба мисли ҳаёти ман дигар мегардонад. Ин саргузаштро дар як китоб ғунҷонидан ғайриимкон аст. Ин аввалин китоб аз силсилаи китобҳое мебошад, ки ба шумо шахсан барои ба амал баровардани инқилоби молиявиатон ёрӣ мерасонад ва асрори Подшоҳии Худоро, ки ҳаёти маро дигар кардааст, ошкор менамояд. Барои ман ин саёҳати хурсандибахш аст, ва он ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад. Мо доимо омӯзишро давом медиҳем! Умқи маърифати Подшоҳии Худо беохир аст.

Ман аз Худо сахт миннатдорам: раҳмати Ӯ ҳар рӯз нав мешавад, ва Ӯ пур аз сабр ва бахшоиш буда, моро ба роҳи наҷот раҳнамун месозад. Шуморо ба ин саёҳат таклиф карда истода, дар бораи

ҳамсари ҳайратангези худ Дренда ёдоварӣ накарда наметавонам. Фидокории ӯ ба Худо, муҳаббат ва сабри вай ба ман ҷасорат бахшид, то ки заъфро паси сар кунам ва аз Худо ҷавобҳоеро, ки барояшон хеле мӯҳтоҷ будам, дарёфт намоям. Бо шодии бузург ба шумо тақдим мекунам:

*Инқилоби молиявии ту.*

*Қуввати ризоият*



# МУҚАДДИМА

*Ва ҷонам аз осоиштагӣ дур шудааст; некрӯзиро фаромӯш кардаам.*

*Навҳаҳои Ирмиё 3:17*

Ман бо дарки он, ки чизе нодуруст аст, тамоман нодуруст аст, бедор шудам! Ақлу ҳуши маро тарси азиме фаро гирифта буд. Ман забони худро эҳсос намекардам; дастҳо, пойҳо ва як тарафи рӯям шах шуда буданд. Ман Дрендаро бедор кардам ва бо душворӣ гуфта тавонистам, ки бо ман чӣ ҳодиса рӯй дод, чунки рӯям ва забонам ба ман итоат намекарданд. Аҳволи худро барои баён кардан кӯшиш карда истода, ман фаҳмидам, ки дилам сахт сих мезанад ва нафас гирифтанам душвор аст. Вай бархоста, зуд ба дуо кардан шурӯъ намуд. Тадриҷан ин ҳиссиёти ғайриоддӣ ва даҳшатнок каме суст шуданд. Ман боз ба бистар дароз кашидам, ва Дренда барои хӯрдани ман овардани чизеро пешниҳод кард. Ман дароз кашида будам ва аз он чизе, ки бо бадани ман рӯй дод, тарсу изтиробро эҳсос намуда, дуо мекардам. Ман ба воҳима афтода будам; он тарсе, ки пештар ман дар ҳаёти худ ҳис накарда будам, ба ақли ман ҳамла мекард.

Қарзе, ки ман дар зери бораш зиндагӣ мекардам, ва ҳамчунин норасоии доимии пул тарсро як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти

ман гардонида буданд. Дар давоми чанд соли охир аз сабаби бад шудани вазъи молиявиам ман ба ҳолати бениҳоят пуризтироб афтода монда будам. Ман ба тиҷорат машғул ва ба фоизҳо вобаста будам, ва ман дар масъалаи молиявӣ ба ҳеҷ чиз муваффақ намешудам. Мо як хонаи фермерии соли 1800 сохташударо ба иҷора гирифтем, ва он ба назар чунин мерасид, ки аз ҳамон давраҳо инҷониб онро ҳеҷ гоҳ таъмир накардаанд. Ман, эҳтимол, каме муболиға мекунам, вале дар ҳақиқат ҳолати хона бад буд. Чорчӯбаи тирезаҳо роғҳое доштанд, ки растаниҳо ба воситаи онҳо рост ба меҳмонхонаи мо сабзида даромада буданд. Бисёр шишаҳояш шикаста буданд, ва мо онҳоро бо картон ва скотч часпонидем. Вале новобаста ба ин Дренда муваффақ шуд, ки бо ин ҳама аҳвол онро ба хонаи мо табдил диҳад. Аммо қобилиятҳои аҷоиби ӯ ин ҳақиқатро рӯпӯш карда наметавонистанд, ки ин хона камбудиҳои ҷиддӣ дошт.

Ҳама чизе, ки мо доштем, тақрибан дар ҳамон ҳолат - дар харобӣ буданд! Ҳар ду мошини мо кӯҳна буданд, онҳо 300 ҳазор километр роҳ паймуда ва базӯр ба ҳаракат медаромаданд. Ду писари мо дар бистарҳое, ки аз хонаи шафқат аз ҳисоб баровarda шуда буданд, хоб мекарданд, ва гилемчае, ки ба утоқи онҳо паҳн карда шуда буд, аз партовгоҳи сари роҳ ёфт шуда буд. Мо муштариёни доимии бонкҳои қарздиҳанда будем ва аз ҳама касоне, ки ақаллан каме ба мо кӯмак карда метавонистанд, қарз мегирифтем. Мо базӯр нӯг ба нӯг зиндагӣ мекардем, доимо чизеро меҷустем, ки фурӯхтан мумкин буд, бо умеди он, ки фардо ҳоламон беҳтар мешавад, як илоҷ карда, умр ба сар мебурдем.

Даҳ корти қарзиро, ки меъёри маро аз ҳад гузаронида буданд, чанд моҳе қабл манъ карда буданд, ва се намуд қарз бо 28 фоизи солона ба коллекторҳо фиристода шуда буданд. Пардохт барои мошинҳои ман (бале, ман боз барои ин мошинҳои кӯҳна қарздор будам) ба муддати 120 рӯз ба таъхир афтода буд, ва ба ман хавфи он таҳдид мекард, ки барои пардохт накардани қарз онҳоро

кашида гиранд. Ҳама ҳисобҳое, ки ман бояд пардохт мекардам, аз мӯҳлат гузашта буданд. Бар зидди ман қарорҳои судӣ бароварда шуда, моликияти ман ба ҳабс гирифта шуда буданд. Зангҳои телефонии коллекторҳо ҳар субҳ маро аз хоб бедор мекарданд. Ғайр аз ин, ман аз идораи андоз қарздор будам, ва онҳо низ барои пардохт накардани пули андоз маро ба суд супорида буданд. Мо бо Дренда ба волидайни худ 26 ҳазор доллар қарздор будем, ва онҳо аз кӯмак кардан ба мо хаста шуда буданд. Яхдони мо кам дар кам вақт аз хӯрок пур мешуд. Ба мо ҳамеша, қариб ҳар моҳ, таҳдид мекарданд, ки қувваи барқро қатъ мегардонанд. Ман ба ҳадди ниҳоӣ расидам.

Акнун стресс бо бадани ман ким-кадом як номаълум амалеро ба иҷро кардан сар кард. Ман ба қабули чандин табибон рафтам, онҳо гуфтанд, ки ман хуруҷи тарсу ваҳмро гирифтор шудаам, ва ба ман антидепрессантҳо таъин карданд. Мутаассифона, хуруҷи тарсу воҳимаҳо давом мекарданд ва он қадар зуд-зуд ба амал меомаданд, ки ман барои аз хона берун баромадан метарсидам. Дар давоми ин рӯзҳои тира ман ҷавоб ҷустанро давом медодам. Ман мушоҳида кардам, ки баъзе хӯроквориҳое, ки дар таркиби худ қанд, крахмал ё кофеин доштанд, ба хуруҷи воҳимаҳо мусоидат мекарданд. Акнун ман аз хӯрок хӯрдан метарсидам ва ба ҳар гуна хӯрок бо шубҳа муносибат мекардам. Дар натиҷа ба ҳадде расидам, ки акнун кор карда наметавонистам, ва ин албатта вазъи молиявии моро боз ҳам бештар коҳиш дод.

Ҳамсари ман хавотир аз он буд, ки шавҳари худро аз даст медиҳад: дертар вай дар бораи он нақл кард, ки аллакай айнан дар бораи чӣ тавр дасти танҳо ба воя расонидани фарзандонамон андеша мекард. Ман ба Худо нидо карда, илтиҷо кардам, ки ҷавоб диҳад, ва ман барои он чизе, ки мубориза мебурдам, на таҷриба ва на дониш доштам. Табибон истилоҳҳои мураккабро истифода мебурданд, то ки ҳолати маро шарҳ диҳанд, онҳо мегуфтанд, ки дардам даво надорад ва маро лозим аст, ки то фарҷоми умри худ

бояд дору истеъмол кунам. Табибони дигар мегуфтанд, ки ман дар остонаи касалии қанд истодаам ва бояд ҳамеша аз ташхиси духтур гузарам ва эҳтиёт бошам, ки бо мурури вақт касалӣ пурзӯр нашавад.

Гарчанде ман имондори масеҳӣ бошам ҳам, дар ҷанги рӯҳонӣ таҷриба надоштам ва намедонистам, ки ба душман чӣ тавр муқобилият кунам. Дар ҳамон давраи ҳаёт ман намефаҳмидам, ки девҳо ба ман ҳамла мекарданд. Ман гумон мекардам, ки ҳама мушкилӣ ба бадани ман алоқамандӣ дорад, ва аз Худо хоҳиш менамудам, ки маро шифо диҳад. Ҳамчун масеҳӣ, ман мефаҳмидам, ки Худо ҳалли мушкилоти ман аст, вале дар он давра ба назарам Худо аз ман хеле дур буд. Табибон ҳолати маро бо ташхисҳои гуногун фаҳмониданӣ мешуданд, ва ҳамаи онҳоро ба мушкилоти рӯҳонӣ, ки маҷмӯи зиёди доруворӣро талаб мекард, вобаста медонистанд. Чи тавре ки аллакай гуфтам, ин касали табобатнашаванда буд, ва доруворихо танҳо барои он лозим буданд, ки барои паси сар кардани ҳолати равонии ман кӯмак кунанд. Дар баробари ин доруҳо таъсири бад расониданд ва ҳеҷ фоида набахшиданд. Ба фикрам, онҳо, баръакс, аломатҳои нави касалиро илова карданд ва маро водор намуданд, ки худро дар байни туман ҳис кунам, ба тарсу ваҳм дода шуда, ба фикрҳое андармон шавам, ки сару нӯгашонро пайдо кардан барои ман ғайриимкон буд. Ман ҷавоб пайдо карда наметавонистам, ва ҳеҷ чиз ба ман ёрӣ намедод. Чанд ҳафта чунин давом кард, ва рӯҳафтодагии ман якҷоя бо нишонаҳои касалӣ зиёд мешуд, ва тарс бошад ҳаёти маро пурра ба итоати худ даровардa буд.

Вале боре бегоҳӣ ман, вақте ки бо умеди ҷавоб ҷӯёи Худо шудам, пешравиро эҳсос кардам. Ман калиди аз ҳама муҳимтаринро барои озодии худ дарёфт намудам. Ман дар калисо дар ҷамъомади бегоҳии рӯзи чоршанбе иштирок мекардам. Дар вақти парастиш маро тарсу воҳима пахш кард. Ман ошуфтаҳол будам ва медонистам, ки ба дуо эҳтиёҷ дорам, аз ин рӯ дар назди

тамоми калисо ба пеш баромадам. Новобаста ба он ки ман феълан ибодатро қатъ мекунонидам, барои ман фарқе надошт. Ман ба калисои хеле калон равубиё мекардам, ва шубон бо ман шахсан шинос набуд, вале маро як одам аз гурӯҳи парастиш мешинохт. Азбаски ман маъюсона ба саҳна қариб хазида баромадам, ҳама чиз якбора бозистод ва чашмони тамоми одамон ба ман нигаронида шуданд. Намояндагони хадамоти тартибот ба сӯи ман шитофтанд, то ки маро аз саҳна дур кунанд, вале ҳамон одам аз гурӯҳи парастиш, ки маро мешинохт, зуд вазъиятро ба дасти худ гирифт.

Ӯ ба шубон дар бораи ман нақл кард. Тарҳи рӯи шубон оҳиста нарм гардид. Шубон ба наздам омада, ба дуо кардан шурӯъ намуд. Дӯсти ман ба шубон дар бораи касалии ман нақл кард. Шубон ба ман нигоҳ кард ва гуфт: "Ӯ рӯҳи заъф дорад". Бо ин суханон ӯ дастонашро ба сари ман гузошт ва амр кард, ки рӯҳ берун равад. Дар ин вақт чизи боварнокардание рӯй дод: ман озод шудам! Аввалин бор дар давоми моҳҳои зиёд ман худамро хуб ҳис кардам – на тарс, на фикрҳои пуразоб, балки танҳо эҳсоси оромии комил. Агар гӯям, ки ман миннатдор будам, - ин ҳеҷ чиз нагуфтан аст. Агар гӯям, ки ман хурсанд будам, - ин ҳам ҳиссиёти маро ифода карда наметавонад. Ман худро ҳамчун пар сабук ҳис мекардам ва аз фараҳ лабрез шуда будам.

Баъд аз ҷамъомад Дренда ва ман бо чанд нафар дӯстони худ ба питсахонаи Pizza Hut рафтем, то ки ҷашн гирем. Ман дар он ҷо нишаста, питса мехӯрдам ва ногаҳон бо воситаи радио суруде ба гӯшам расид; якбора ҳиссиёти тарс ҳамчун кӯрпа боз маро пӯшонид, - он баргашт. Дар ҳамин лаҳза ман боз фаҳмидам, ки ин рӯҳи шайтонӣ буд. Шубон гуфт, ки ин рӯҳи заъф буд, вале ман намедонистам, ки ин чӣ маъно дорад, ва андаке ҳаросон шудам. Ман гумон доштам, ки дар вақти ҷамъомад шифо ёфтам, вале маълум шуд, ки не. Рӯзи дигар ман боз бо хуруҷи ваҳм ҷанг кардам, вале дар бораи он ки дар калисо ба наздикӣ чӣ рӯй дода

буд, фикр карданро бас намекардам. Вақте ки шубон ба ман дуо кард, вай дар бораи шифо дуо накард. Ӯ бар рӯҳи палид қудратро бар даст гирифт. Он далел, ки ҳолати ман баъд аз рафтори шубон дигар шуд, нишон медод, ки он ба рӯҳ вобаста аст, на ба беморӣ. (Бубинед, ман чӣ қадар дар Масеҳ нокомил будам, ки инро намефаҳмидам.) Дар он давра ман дар бораи ҷанги рӯҳонӣ хеле кам медонистам, вале ба ҳар ҳол мефаҳмидам, ки девҳо мавҷудоти воқеианд. Яке аз онҳоро ман дида будам.

Ҳамчун наврас, ман ба ҳайси менеҷер дар ду питсахона, ки ба падару модарам тааллуқ дошт, кор мекардам. Боре бегоҳирӯзӣ ба назди мо шахсе даромад ва гуфт, ки дар калисои методистии маҳаллӣ ҷамъомади бедорӣ мегузаронад. Вай маро ба он таклиф кард. Вай таклифоти худро бо чунин ҷумла ба охир расонд: «Исо он кореро, ки дар Китоби Муқаддас мекард, ҳоло ҳам мекунад». Ин диққати маро ҷалб намуд. Ман дар калисо калон шудаам. Ман дар вақти мактаби тобистонаи Китоби Муқаддас, вақте ки дар синфи панҷум мехондам, қалбамро ба Худованд супорида будам. Вале дар давоми ҳамин қадар солҳо боре ҳам надида будам, ки касе бо қудрати Худо шифо ёфта бошад, - чизе ҳамчун ин набуд, ки диққати маро ба худ ҷалб кунад ва аз рӯи донистанам, чизе набуд, ки аз тарафи Худо ба амал омада бошад. Тадриҷан ман дар вақти таҳсил дар мактаб аз Худованд дур шудам. Баъзе вақтҳо ман аз нав кӯшиш ба харҷ медодам, ки ба калисо равам, вале ин шавқ зуд гум мешуд. Аммо ҳамон ҷавон, ки ба ман муроҷиат кард, аз дигарон фарқ мекард. Исо он корҳоеро, ки дар Китоби Муқаддас мекард, ҳанӯз ҳам мекунад? Дидани он чизе, ки ӯ дар борааш мегӯяд, шавқовар буд. Баъзе аз ҳамкорони ман ба ин калисо ташриф меоварданд, онҳо низ аз ман бисёр хоҳиш карданд, ва ман азм кардам, ки равам.

Аллакай дар шоми аввал, ба он ҷо рафта, ҳузури Худоро чунон ҳис кардам, ки пештар ҳаргиз ҳис накарда будам. Ба назари ман чунин мерасид, ки ман ҷисман ҳузури Ӯро ҳис мекунам; он хеле

воқеӣ буд! Суханоне, ки он шахс мегуфт пур аз қувват буд, ва вақте ӯ пурсид, ки оё касе худро ба Исо супоридан ё сарсупурдагии худро навтар кардан мехоҳад, ман даст бардоштам. Ин корро бинед-а! Ин чӣ шоме буд! Ман чунон рӯҳбаланд шуда будам! Ман ба ҳама дар бораи он гуфтан мехостам, ки чӣ қадар Худо бузург аст.

Дар он рӯзҳо ҳанӯз Интернет, CD-дискҳо ё кассетаҳо мавҷуд набуд ва танҳо се шабакаи телевизионӣ фаъолият мекард. Шаҳр майда буд, ва шомгоҳон машғулияти хосе набуд. Бинобар ин наврасон барои хурсандӣ кардан дар назди питсахона то дер ҷамъ шуда менишастанд. Рӯзҳои ҷумъа ва шанбе мо соати яки шаб корро бас мекардем, ва истгоҳи мошинҳои назди питсахона аз наврасон пур мешуд. Бисёр вақт ба ман лозим мешуд, ки баромада онҳоро аз он ҷо дур созам, то ки барои мошинҳои муштариёни мо ҷой муҳайё бошад. Мо на як бор полисро даъват карда будем, то ки занозаниро боздорем ва ҷавононро ба хонаҳояшон ҳай кунем. Вале акнун дар ман фикре пайдо шуд. Ин наврасон бояд дар бораи Исо мешуниданд. Бинобар ин ман баромада гуфтам, ки агар онҳо дар ин ҷо мондан хоҳанд, баъд аз кор дар питсахона ман ба онҳо барои омӯзиши Китоби Муқаддас машғулият мегузаронам. Тасаввур кунед, ин соати якуними шаб мешуд, чунки баъд аз кор мо бояд рӯбучин мекардем, ва ман фаҳмида наметавонистам, ки оё касе хоҳиши омадан дошта метавонад ё не. Вале медонед, чанд нафаре омаданд, ҳамчунин якчанд ҳамкорон бимонданд. Дар шаби аввали машғулиятҳоямон як наврас гуфт, ки ба Масеҳ хизмат кардан мехоҳад, ва аз ман пурсид, ки барои ин чӣ коре бояд бикунад. Дар назди ман мушкилии ғайричашмдоште пайдо шуд, зеро ман чунин равиши корро фикр накарда будам. Фаромӯш накунед, ки худи ман феълан дар бораи Китоби Муқаддас ҳеҷ чизе намедонистам, вале як ҷои онро мехондам, ки ба назарам, барои ман ҷавоб буд.

*Ва чунин хоҳад шуд, ки ҳар кӣ исми Худовандро бихонад, наҷот хоҳад ёфт.*

*– Аъмол 2:21*

Ин хеле осон менамуд, бинобар ин ман азм кардам, ки айнан ҳамин тавр мекунам. Вақте ки ин наврас бо савол ба наздам омад, дигарон ҳама пароканда шуда рафта буданд, аз ин рӯ ман ӯро ба нишастан таклиф кардам ва хоҳиш кардам, ки номи Исоро даъват кунад. Ман фикр карда будам, ки ин кори осонтарин аст, вале ду дақиқа гузашта бошад ҳам, вай номи Исоро талаффуз карда наметавонист. Ман суханони худро бо андешаи он, ки шояд вай нашунида бошад, такрор кардам. Боз хомӯшӣ. Ва ман он гоҳ дидам, ки вай меларзад. Аз рӯи қиёфаи рӯяш фаҳмидам, ки талаффуз кардани номи Исо ба вай хеле мушкил аст. Сипас ӯ, гӯё сарбанди обро рахна зада бошад, якбора калимаи "Исо"-ро аз даҳон бароварда фиристод. Пас, ин кор дод! Ман ҳар дафъа, вақте ки касе қалби худро ба Худованд супориданӣ мешуд, ҳамин тавр мекардам. Ман онҳоро ба каткурсӣ мешинондам ва хоҳиш мекардам, ки номи Исоро даъват кунад. Қариб ба ҳеҷ кас ин якбора муяссар намешуд. Онҳо меларзиданд, ва танҳо баъд, бо мушкилии зиёд, ниҳоят, ин номро ба забон меоварданд, ва пас аз он оромӣ меомад.

Боре ман дар ҳуҷраи дуртар истода, хамир мекардам, ки овози тақ-тақи дарро шунидам. Дарро кушода, ду наврасеро дидам, ки пештар ба онҳо дар бораи Исо нақл карда будам. Ман онҳоро ба даромадан таклиф кардам, ва яке аз онҳо гуфт, ки қалби худро ба Худо супоридан мехоҳад. Ман ӯро ба курсӣ шинонидам, вай, чун пештара, ба ларзидан сар кард, ва сипас номи Исоро талаффуз кард. Рӯй гардонда, дидам, ки навраси дигар аз ман пуштнокӣ ба дигар тараф меравад, сипас ҳамчун ҳайвони рондашуда, ба кунҷ ҷафс шуд. Вай аз ман ҳар қадар бештар худро дур гирифтанӣ шуда, ба харошидани девор сар кард. Ин хеле ғайриоддӣ буд, ва ман инро фаҳмида наметавонистам.

Дар ҳоле ки истода, ба вай нигоҳ мекардам, дар ман фикре пайдо шуд: “Шояд ин дев бошад?” Ман дар ин соҳа таҷрибаи ба сифр баробар доштам, вале дар бораи девҳо ман дар Китоби Муқаддас хонда будам. Ман воқеан барои шарҳ додани ин рафтори ғайриоддӣ сухан намеёфтам. Ва ман пурсидам: “Исо, оё ин дев аст?” Ва ногаҳон касе гӯё пардаро бардошт: ман девро, ки дар паҳлӯи ин наврас овезон буд, дидам. Аз ман мепурсанд, ки ин дев чӣ гуна метобид. Он каме ба маймун шабоҳат дошт, бо вуҷуди ин фарқ мекард. Вай чун маймун пашмин буд, дастони дароз дошт, вале чашмонаш сурхи оташин буданд: вай бадбашара буд. Вақте ки ман ба ин чашмҳо назар андохтам, росташро гӯям, баланд фарёд кардам. Нафрате, ки аз онҳо ҷорӣ мешуд, тоқатфарсо буд. Тасвир кардани он, ки дар ин чашмҳо чиҳо ба назар мерасиданд, мушкил аст, вале ин нафрати ҳамаро фурӯбаранда – бадии сӯрохкунандае буд, ки феълан ламс кардан мумкин буд. Дар он сония ман фаҳмидам, ки ин махлуқ на танҳо маро бад мебинад – вай аз ғазаб пур аст.

Ва акнун чӣ кор бояд кард? Вақте ки ин махлуқи бадафтро дидам, чӣ кор карданро надонистам. Вале ман фикр кардам, ки агар бо номи Исо мо ба Подшоҳии Ӯ дохил мешуда бошем, пас ин ном бар ин дев ҳам қудрат дошта метавонад, бинобар ин бо овози баланд гуфтам: “Бо номи Исо!” Ҳамон замон парда пӯшида шуд. Шумо телевизорҳои сиёҳ-сафедро дар ёд доред: вақте ки онро хомӯш мекунед, дар экран шуъои сурати охирин боқӣ мемонад ва оҳиста нопадид мешавад. Бо ман чунин шуд: ман акнун на он махлуқро, балки сояи нопадидшавандаи онро медидам. Вақте ки парда пӯшида шуд, наврас нохост аз бино ба берун гурехт.

Инак, ман фаҳмидам, ки девҳо воқеианд. Ман гуфтан мехостам, ки ба рӯҳи шайтонӣ вобаста будани мушкилии худро фаҳмида, ҳамон лаҳза онро ҳаллу фасл кардам ва аз ҳамон вақт инҷониб дар озодӣ мезистам. Вале ин якбора рӯй надод. Таассуфовар аст, вале дар ҳақиқат, дар давоми ҳамаи ин солҳое, ки дар калисо

гузаронидам, ман барои фаҳмидани он, ки дар Масеҳ кӣ ҳастам, вақт ҷудо накардам; ман истифода бурдани ҳуқуқҳои қонунии худро бар зидди душман ёд нагирифтам. Вале дар он лаҳза, бо рӯҳи шайтонӣ сарукор доштани худро фаҳмида ё ҳадди ақал пайхас карда, хеле рӯҳбаланд аз он шуда будам, ки бар вай ғолиб омаданро омӯхта метавонам. Ман пурра медонистам, ки девҳо бояд ба ҳукми ман итоат кунанд, вале ин рӯй намедод, ва ман ба ташвиш афтода будам. Чанд рӯзе баъдтар боз як воқеаеро аз сар гузаронидам, ки бо таъсири девҳо сар задани мушкилии маро тасдиқ мекард.

Ман дар хонаи хоби худ будам ва бо азми қавӣ дар рӯҳ дуо карда, фаҳмидан мехостам, ки бо ман чӣ рӯй дода истодааст. Вақте ки дуо мекардам, чуноне ки дар калисо баъд аз дуои шубон ба вуқӯъ омада буд, ногаҳон сабукӣ ва озодиро эҳсос кардам. Аммо акнун боварӣ доштам, ки ман бо дев сарукор дорам, модоме ки вай аз дуои ман мутаассир мешавад. Ман кӯшиш кардам, ки боз дуо хонданро сар кунам, вале ҳеҷ чиз рӯй надод. Он гоҳ ман ба хондани ҳар чизе, ки дар бораи ҷанги рӯҳонӣ буд, сар кардам ва эълон мекардам, ки дар Масеҳ кӣ ҳастам, вале ҳолат дигар намешуд. Он дафъа аввалин бор буд, ки ман аз болои дев қудратро ба кор бурда тавонистам. Ман гумроҳ шуда будам ва сахт аз Худо талаб карданро сар кардам, ки ба ман роҳ нишон диҳад. Гарчанде ман озодии комилро соҳиб нашуда будам, вале дигар хуруҷи воҳима ва карахтшавӣ набуд! Ман ғалаба ба даст оварданро сар кардам. Ман бо фикрҳои дилгиркунанда ва депрессия мубориза бурданро давом медодам, вале дилпур будам, ки қавитар шуда истодаам. Ҳар рӯз вақти худро барои омӯзиши Китоби Муқаддас сарф мекардам ва аз рӯи он дар бораи қудрати Масеҳ, ки дар мо амал мекунад, бештар мефаҳмидам.

Рӯзе ман ҳангоми кор дар дафтари кориам боз бо эҳсоси тарс ва даҳшат мубориза бурдам. Ман кӯшиш кардам, ки дуо хонам ва ба рӯҳи тарс амр кунам, ки аз ман дур шавад, вале чун ҳарвақта

бенатиҷа буд. Ва ногаҳон ман овози Худовандро шунидам. Ӯ ба ман гуфт, ки ба ин рӯҳ фармон диҳам, то дур шавад ва ин корро бо овози баланд ва бо қудрат кунам. Сипас Ӯ ба ман чизе гуфт, ки нигоҳи маро нисбат ба қудрати рӯҳонӣ пурра дигар кард. Ӯ ба ман гуфт, ки дар вақти амр кардан ба дев ба ҳиссиёти худ диққат надиҳам, балки дар каломи Ӯ қоим бошам, на дар он, ки ҳис мекунам ё мебинам. Дар ин вақт ман дар дафтари корӣ будам ва дар атрофам ҳамкоронам буданд, бинобар ин ман наметавонистам, ки бархезаму бо овози баланд ба шайтон дод занам. Бинобар ин ман ба мабраз рафтам ва бо овози шунаво гуфтам: “Ба номи Исо, рӯҳи тарс ман туро банд месозам, коре, ки ту мекунӣ ғайриқонунӣ аст, ва ман ба ту амр мекунам, ки зуд дур шавӣ, ба номи Исо”. Ман ягон хел тағйиротро ҳис накардам. Вале он чиро, ки Худованд гуфта буд, дар ёд доштам: “Ба ҳиссиёти худ диққат надеҳ”. Он гоҳ ман Худоро барои қудрате, ки бар ин рӯҳ додааст, шукргузорӣ кардам, ва барои озодии худ Ӯро парастиш карданро сар кардам. Ман ба утоқи корӣ баргаштам ва ба кор шурӯъ намудам. Ман дар назди миз нишаста будам ва, новобаста ба он ки дигаргуниро ҳис намекардам, ҳар дафъае, ки тарс ба ақли ман ҳамла меовард, ҳамту Худоро барои озодӣ шукргузорӣ мекардам. Ман аз болои файли муштариамон кор мебурдам, ки ногоҳ ҳузури Худоро ҳис кардам ва дидам, ки чӣ тавр абри сиёҳи нимшаффоф аз ман меравад ва аз шифти дафтари кории ман гузашта, нопадид мешавад.

Ман озодӣ пайдо кардам!

Рӯҳи шайтонии тарс бирафт, ва, агар вай бармегашт, ман медонистам, ки чӣ тавр вайро мағлуб кунам. Ин чунон фараҳбахш буд! Ман ба Дренда занг задам ва дар бораи ҳодисае, ки рӯй дод, нақл кардам. Вай гуфт, ки худи ҳозир меояд ва мо барои ҷашн гирифтани озодии ман ба тарабхонаи чинӣ меравем. Гуфтан мехоҳам, ки аз ҳамон рӯз инҷониб ман боз маротибаи бисёр маҷбур будам, ки бар зидди ин рӯҳи тарс мубориза барам, чунки

девҳо осонакак таслим намешаванд. Гарчанде ин рӯҳ рафт, дар ҳаёти ман бесарусомонии молиявӣ ҳукмфармоиро давом медод. Бинобар ин тарс барои соҳаи молия ҳамеша кӯшиш мекард, ки дар ҳаёти ман ҷойгир шавад, ва ман мебоистам, ки дар ақли худ ҳифз кардани оромиро ёд гирам.

Дигар муҳорибаҳое низ буданд, ки дарсҳои рӯҳониро дар бораи Подшоҳии Худо омӯхта, ман бояд аз сар мегузаронидам. Ман барои он мехостам ин саргузаштро нақл кунам, то шумо бифаҳмед, ки ман аз таҷрибаи шахсии худ медонам, ки чӣ тавр мушкилоти молиявӣ ба одамон таъсир мерасонад ва қалби онҳоро аз тарси ҷонкоҳ пур месозад.

Ман мехоҳам, то шумо бидонед, ки ман дар он ҷо будам.

Бинобар ин қатъи назар аз он ки бо кадом мушкилӣ рӯ ба рӯ шудаед, бидонед, ки умед ҳаст. Ман чӣ қадар мехостам, ки дар бораи Подшоҳии Худо хеле барвақттар бидонам! Чӣ қадар таассуфангез аст фаҳмидани он, ки мо бо Дренда давоми ҳамаи ин нӯҳ сол дар бесарусомонии молиявӣ зиндагӣ мекардем, дар ҳоле ки пурра метавонистем аз он раҳоӣ ёбем!

Мутаассифона, бесарусомонии мо сигнали радар набуд – он худи радар буд. Он инъикоси ҳаёти мо буд. Нӯҳ соли қарзҳои доимӣ ва ёддоштҳо дар бораи шароитҳо ва ҳодисаҳои таҳқиромез... Ҳамаи инро зудтар фаромӯш кардан мехоҳам. Ҳамсари мубораки ман! Вай дар давоми ин солҳо бисёр ранҷ кашид, бинобар ин ҳоло ман кӯшиш мекунам, ки ӯро бо ҳар чизе, ки метавонам баракат диҳам.

Дар баробари он ки Худованд ба ман бар зидди рӯҳи шайтонӣ мубориза бурданро ёд дод, Ӯ ба ман аз ҷиҳати рӯҳонӣ бо пул муносибат карданро омӯхт. Он чизе, ки Худо дар бораи молия ба ман ва Дренда ошкор намуд, қатъиян ҳаёти моро дигар кард – ба он дараҷае, ки тамоми умри боқимондаро барои кӯмак кардан ба одамон дар фаҳмидани ин принсипҳо бахшидем.

Мо бо Дренда аз ҳолати тоқатфарсои бепулӣ ба он дараҷа расидем, ки тавонистем бо пули нақд мошин бихарем, бе ягон қарз хонаи орзукардаи худро бисозем, бисёр ширкатҳо бунёд кунем ва барномаи ҳаррӯзаи телевизиониро бо номи "Ҳалли масъалаи пул" (Fixing the Money Thing), ки дар тамоми ҷаҳон намоиш дода мешавад, ба роҳ монем. Ғайр аз ин, Дренда дар шабакаи ABC Family барномаи ҳарҳафтаинаро таҳти унвони "Дренда ТВ", ки ба масъалаи кӯмак ба оилаҳо ва пуштибонӣ ба занон нигаронида шудааст, таҳия мекунад. Мо барои сар кардани калисои "Ҳаёт бо имон" (Faith Life Church) роҳнамоии Худоро ҳис кардем, ки дар он ҳар ҳафта ҳазорҳо одамонро дар бораи Подшоҳии Худо таълим медиҳем. Имрӯзҳо мо ба фаъолияти худ миллионҳо доллар сарф мекунем; беш аз 200 ҳазор доллар - танҳо ба телевизион. Агар Худо моро дар бораи он чизҳое, ки ба шумо дар ин китоб ёд додан мехоҳем, таълим намедод, ба ҳеҷ чизе аз ин муваффақиятҳо ноил намешудем. Ман намехоҳам, ки шумо ин китобро ҳамчун боз як дарстурамали молиявӣ баррасӣ кунед. Ин таълимоти навбатие дар бораи чӣ тавр тартиб додани буҷа намебошад, гарчанде ки ин ҳам зарур ва муҳим аст. Ин мавзӯи кӯҳнаи аз навислоҳшудае оиди норасоии даромадҳо ва зарурати кам кардани хароҷот нест.

Ин китоб дар бораи инқилоб, оиди бархестан ба муқобили салтанати зулмат ва қашшоқии буғикунанда мебошад. Ин китоб дар бораи чӣ тавр сарнагун кардани юғи ғуломӣ ва сар кардани ҳаёти нав аст. Ҷавоби ман на ким-кадом маслиҳати ҳамаҷонибаи молиявӣ гардид. Ман фаҳмидам, ки ба ман табаддулоти пурраи молиявӣ лозим буд –

**ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВӢ!**

БОБИ 1

# ПОДШОҲӢ

Дар муқаддима ман дар бораи он нақл кардам, ки чӣ тавр тарс маро асири худ гардонид ва ҳаёти маро фурӯ бурд, бинобар ин ман фикр мекунам, ки саёҳати якҷояи худро мо бо шумо аз як изҳороти муҳиме сар карданамон лозим аст, ки шумо бояд дар ҳақиқат дарк намоед: БО ТАРС ЗИНДАГӢ КАРДАНРО ОДАТ НАКУНЕД! Тарс ба ҳама гуна таъсири рӯҳҳои шайтонӣ, изтироб, афсурдаҳолӣ роҳ мекушояд, чуноне ки дар ҳаёти ман ва миллионҳо одамон шудааст. Ман чунин меҳисобам, ки изтироби молиявӣ яке аз ҷиддитарин мушкилотҳост, ба воситаи он ба ҳаёти одамон тарс меояд. Ман шахсан дар давоми 34 сол ба туфайли ширкати худ оид ба нақшагирии молиявӣ ба одамон дар масъалаи молия кӯмак мерасонам, ва мушоҳида кардам, ки ман бе ҳеҷ ваҷҳ ягона касе набудаам, ки бо мушкилоти молиявӣ мубориза бурдааст.

Ман ин мавзӯъро тадқиқ намудам ва ошкор кардам, ки аз рӯи далелҳо 23 фоизи аҳолии Амрико ҳатто камтарин маблағро барои пӯшонидани қарзҳои худ пардохт намекунанд ва бо ҳамин тариқ оҳиста ба муфлисии пурраи молиявӣ ғелида мераванд. Ин бошад, чоряки тамоми аҳолии кишварро дар бар мегирад! Чилу ҳафт миллион – шашяки аҳолӣ – аз рӯи таъминот бо талонҳои маҳсулоти озуқаворӣ зиндагӣ мекунанд, ва аз даҳ оила ҳашттояш

аз маош то маош умр ба сар мебаранд. Ҳол он ки дар бораи қарзи берунаи кишвар, ки аз 18 триллион доллар иборат буда, акнун ҳеҷ гоҳ соф карда наметавонем, гап назадем. Ман ҳамчунин дар бораи 120 триллион доллар ӯҳдадориҳои қарзӣ, ки кишвари мо бидуни ягон хел механизмҳои пардохткунӣ ба зимма гирифтааст, намегӯям[1]. Мо дар мамлакате зиндагӣ мекунем, ки мушкилоти ҷиддии молиявӣ дорад! Дар мисоли ҳаёти худам ман медонам, ки масъалаҳои пулии ҳалнашуда ва стресси молиявӣ тарсро ба тарзи ҳаёт табдил медиҳанд.

Вале ҷавобҳо ҳастанд! Шумо озод буда метавонед! Китоби Муқаддас дар ин бора равшан мегӯяд: Исо омад, то ки ба мискинон башорат диҳад!

> *Рӯҳи Худованд Худо бар Ман аст, зеро ки Худованд Маро тадҳин намудааст: Маро фиристодааст, то ки ба мискинон башорат диҳам.*
>
> *– Ишаъё 61:1*

Барои мискин чӣ хабари хуш шуда метавонад? Ин, ки вай озод буда метавонад! Имрӯз ту, шояд, тасаввур карда наметавонӣ, ки чӣ тавр ин метавонад рӯй диҳад. Ман ҳам дар давраи муайяни ҳаёти худ комилан ночор будам. Фикр дар бораи он, ки дар ҷайби худ доштани сад долларе, ки ба ягон кас қарздор нестам, барои ман он қадар ғайривоқеӣ буд, ки агар аҳволам ба дараҷае афгору ғамовар намебуд, хандида мефиристондам. Нӯҳ соли мӯҳтоҷӣ ва машаққати рӯзгор барои ман изтироби бузурги эмотсионалӣ гардиданд.

Стресси молиявӣ моро аз ҳама чиз маҳрум месозад. Вақте сабти наворҳои ҳамон солҳоро тамошо кунам, шармам меояд.

---

1 Glenn Kessler. Does the Nation have 128 Trillion in Unfunded Liabilities // Washington Post. 2013.

**РӮҲИ ХУДОВАНД ХУДО БАР МАН АСТ, ЗЕРО КИ ХУДОВАНД МАРО ТАДҲИН НАМУДААСТ: МАРО ФИРИСТОДААСТ, ТО КИ БА МИСКИНОН БАШОРАТ ДИҲАМ.**

**– ИШАЪЁ 61:1**

Дар навор ман ба хона савори мошин наздик мешавам, пас аз рӯзи тӯлонии корӣ аз мошин мебароям, ва фарзандони маҳбуби ман ба наздам медаванд, пойҳои маро бо дастҳояшон маҳкам дошта, фарёд мекунанд: “Додо! Салом!” Ман бошам ҳатто ба онҳо ҷавоб намедиҳам ва нигоҳ ҳам намекунам. Ман чунон афсурдаҳол ва асабонӣ ҳастам, ки ҳатто намефаҳмам, ки дар асл чӣ муҳим аст.

Тарзи тафаккури ман дар он давраҳо он чиро, ки боре ман дар машғулиятҳо оид ба шиноварӣ ёд гирифта будам, ба хотир меорад. Агар касе ғарқ шуда истода бошад ва ба ёрӣ даъват кунад, хеле эҳтиёткор будан лозим аст. Барои чӣ? Чунки ғарқшаванда ончунон бо тарси марг фаро гирифта шудааст, ки худаш нахоста, шуморо ғарқ карда метавонад. Дар ҳамин аҳвол ман низ будам – ҳамчун зомби, ки чӣ дар атроф рӯй дода истоданашро пай намебарад, коре мекунад, вале дар баробари ин чизеро ҳис намекунад. Ҳамчун шавҳар ман ноком шудам. Ҳамчун падар ман ноком шудам. Ҳамчун таъмингари оила ман ноком шудам. Ҳаёти ман берангу мазмун буд – бе шодӣ, бе орзу, бе дурнамо ва комилан афсурдаҳол.

Дар он рӯзҳо дар Колумбус, иёлати Оҳайо, сохтмон дар авҷ буд. Дар ҳама ҷо биноҳо қомат афрохтанд, ва дар шаҳри мо низ солҳои зиёд Намоиши хонаҳо гузаронида мешуд. Агар шумо намедонед, ки ин чӣ аст, ман ба шумо мефаҳмонам. Намоиши хонаҳо ба маърази намоиш гузоштани хонаҳоеро дар бар мегирад, ки аз тарафи бинокорони гуногун сохта шудаанд. Онҳо мехоҳанд, ки усулҳои нодир ва имкониятҳои худро нишон диҳанд, ва ҳамчунин технологияҳои нави сохтмонӣ ва ороиширо пешниҳод кунанд.

Дар маҳалли мо ин чорабинӣ хеле оммавӣ ва барои ҳазорҳо одамон шавқовар буд. Вале маро Намоиши хонаҳо ба даҳшат меовард. Қашшоқона зиндагӣ карда истода, ман намехостам, ки Дренда ба он ҷо равад ва ҳамаи он хонаҳоро бинад. Аҳволи ман аз сабаби нокомиҳои молиявӣ бе ин ҳам хеле бад буд, ва, ман, бешубҳа, намехостам, ки ҳамсарам дарк кунад, ки ҳама чиз ҳақиқатан то кадом дараҷа бад аст. Ман ҳозир мефаҳмам, ки ин ахмақона буд, вале дар он давра назари ман ба ҳаёт ҳамин гуна буд. Ман медонистам, ки агар вай ба он ҷо равад, соҳиби чунин хона шуданро орзу мекунад. Бинобар ин сол аз сол ман мегуфтам: “Не!” – вале ниҳоят, таслим шудам ва қарор додам, ки мо меравем.

Чуноне ки шумо тасаввур карда метавонед, хонаҳо хеле бошаҳомат буданд. Дар манзари онҳо хоначаи фермерии соли 1800 сохташудаи мо барои зиндагӣ ношоям ва барои вайрон кардан муқарраршуда ба назар мерасид. Чанд хонаи аввалро аз назар гузаронида, мо ба поёни кӯча қадам задем, ва он гоҳ ман дидам, ки Дренда дар паҳлӯям нест. Ман ба ақиб нигоҳ кардам, ки вай дар куҷо бошад, ва, мутаассифона, дидам, ки вай дар назди ҳамон хонае, ки аз он ҳозиракак баромадем, истодааст, ва ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешавад. Ман ба ӯ наздик шуда саволи ахмақона додам: “Ба ту чӣ шуд?” Гӯё ки ман намедонистам, ки сабаб чист. Вай ба ман нигоҳ карду гуфт: “Кай ман соҳиби хона мешавам?” Дар майнаи ман фикрҳо чарх заданд: “Хона? Ана ҳамин гуна? Охир, ҳамаи онҳо аз 500 то 700 ҳазор доллар меистанд. Барои ман 300 доллар барои иҷорапулии хонаи вайронаи худ ҷамъ кардан чӣ қадар мушкил асту ту чиҳо мегӯӣ”. Мутаассифона, ман ягон илоҷи аз ин вазъият баромаданро намедидам ва ба ҳамсари азизу меҳрубони худ чизе пешниҳод карда наметавонистам. Тарс ва нокомӣ ақл ва рафтори маро банд карда буданд. Ин ман набудам; куҷост шодию хушбахтии ман? Ман ба ҳама чиз аз нуқтаи назари стресси молиявӣ нигоҳ мекардам.

Соат ду ё сеи шаб буд, ва ман хоб карда наметавонистам. Дард ҳамчун сӯзан ба рӯям ва манаҳам сих мезад, ва ман сахт ба сабукӣ мӯҳтоҷ будам. Сию шаш соат қабл бехи дандони маро тоза карда буданд, то инфексияро, ки аз он рӯи ман чун кура варам карда буд, боздоранд. Дард ва нороҳатӣ тоқатфарсо буд. Барои дардро суст кардан ман дар ҳар чор соат тайленол мехӯрдам, лекин ин он қадар ҳам ёрдам намекард. Ва ана ман дар меҳмонхонаи худ нишастаам, хоб карда наметавонам, боз як миқдор дору мехӯрам, нигоҳи ман ба бастаи тайленол бармехӯрад, ва ман нишондодро мехонам. На барои он ки чӣ тавр истеъмол кардани тайленолро намедонам, - чӣ кор карданро надониста мехондам, чуноне ки ҳангоми наҳорӣ кардан навиштаҳоро дар қуттии патароқи ҷав мехонем. На барои он ки ба касе ин шавқовар аст, балки аз он сабаб ки қуттӣ ҳамту дар он ҷо истодааст. Ва ана ман хонда истодаам... Бале, бале, ду ҳабро дар ҳар чор соат, боз дар ин ҷо чӣ навишта шудааст? На зиёдтар аз даҳ ҳаб (таблетка) дар як шабонарӯз. Чӣ? На зиёдтар аз даҳ ҳаб дар 24 соат. Майнаи ман зуд миқдори ҳабҳоро, ки одам қабул мекунад, ҳисоб кард, агар дар ҳар чор соат, чуноне ки ман ду рӯзи охир истеъмол мекардам, қабул кунад, - дувоздаҳ ҳаб дар як рӯз, яъне ду ҳаб зиёд аз меъёр мешавад. Ногаҳон меъдаи ман фишурда шуд ва маро тарс фаро гирифт.

Нӯҳ соли ҳаёт дар мӯҳтоҷӣ, ки дар давоми он ман на ҳамчун шавҳар, на ҳамчун падар, на ҳамчун таъмингари оила ба камол нарасидам, маро ба вайронаи эмотсионалӣ табдил доданд. Табибон маро ба антидепрессантҳо гирифтор карданд, то ки каме ҳам бошад тақвият диҳанд, вале доруворихо тамоман фоида набахшиданд. Ва ана ман бо инфексия дар дандон менишастам, ду шаб хоб накарда будам, ва дард онҷунон тоқатфарсо буд, ки боз хоб рафта наметавонистам. Акнун нишондодро оид ба тайленол хонда, ман фаҳмидам, ки ба ман боз як сабаб барои ғаму ташвиш зам шуд – эҳтимоли аз меъёр зиёд истеъмол кардани дору. Ман

намедонистам, ки оқибати аз меъёр зиёд истеъмол кардани тайленол ба ман чӣ гуна хавф оварда мерасонад, вале ман дилпур будам, ки ин чиз, модоме ки дар гӯшаи ҳар дорухона мефурӯшанд, безарар аст. Ман фикр кардам, ки истеҳсолкунандагон барои он дар бастаи дору ин огоҳиро навиштаанд, то ки қоидаҳои ҳуқуқиро риоя кунанд. Ман ҳаргиз тасаввур карда наметавонистам, ки аз меъёр зиёд истеъмол кардани ду ҳаб мушкилии ҷиддиеро ба бор оварда метавонад. Вале рӯҳи тарс ба ақли ман ҳамла мекард ва, ин маълумотро истифода бурда, бо фикрҳое ба монанди "Чӣ мешавад, агар..." ба ман ҳамла карданро шурӯъ намуд. Бинобар ин, ман танҳо барои ором шудан қарор кардам, ки ба Маркази назорат оид ба заҳролудшавӣ занг занам ва ҳама чизро аниқ кунам. Ман дилпур будам, ки онҳо ҳамту мегӯянд, ки ҳеҷ чизи баде рӯй надодааст.

Ҷавондухтаре дар он тарафи ноқил дар кори худ таассуроти соҳибтаҷрибагии худро зоҳир намуд, вай пурсид, ки чӣ гуна кӯмак карда метавонад. Ман фаҳмонидам, ки дар давоми 36 соати охир дар ҳар чор соат тайленол қабул кардам, ин дар натиҷа дар як рӯз ба ҷои даҳ ҳаб дувоздаҳ ҳабро ташкил дод, ки шумораашон, чуноне ки навишта шудааст, бояд аз меъёр зиёд нашавад. Ҳамчунин ман гуфтам, ки танҳо барои он занг мезанам, то боварӣ ҳосил кунам, ки ду ҳаби зиёдатӣ ба саломатии ман зарари ҷиддӣ намерасонад. Фосилае ба миён омад, ман садои ҳуруфчиниро аз клавиатураи компютер шунидам. Сипас суханоне садо доданд, ки ба шумо айнан иқтибос меорам: "Сэр, мо ҳолатҳоеро намедонем, ки одам бо истеъмоли аз меъёр ҳамин қадар зиёд зинда монда бошад". Чӣ? Ман шуморо дуруст фаҳмидам? Бале албатта не! Ман боз ба вай фаҳмонидам, ки меъёри 24-соата танҳо бо ду ҳаб ва ҳамагӣ дар давоми ду рӯз зиёд карда шудааст.

Ин дафъа вай бо овози қатъитар ҷавоб дод: "Сэр, ман такрор мекунам, дар мо ҳолатҳое набуданд, ки одам бо истеъмоли аз меъёр ҳамин қадар зиёд зинда монда бошад. Шумо бояд ба

шӯъбаи ёрии таъҷилӣ ЗУД биёед!” Ман боз барои фаҳмонидан кӯшиш кардам, ки чӣ рӯй дод, чунки дилпур будам, ки вай маро нодуруст фаҳмид, вале ӯ гапи маро бо суханони зайл бурид: “Ё худи шумо ба беморхона меоед, ё ман барои шумо мошини ёрии таъҷилиро мефиристам”. Ман дар ҳайрат мондам! “Ман худам меравам” – ҳама чизе, ки базӯр гуфта тавонистам, ҳамин буд. “Ба кадом беморхона меравед?” Ман ҷавоб додам ва ҷавондухтар гӯшаки телефонро овехт.

Ман шах шуда мондам. Ман дар соати нӯҳи саҳар вохӯрии хеле муҳим доштам, ҳоло бошад соат сеюними шаб буд. Ман базӯр ба хонаи хоб даромадам, Дрендаро бедор кардам ва воқеаи рухдодаро ба вай гуфтам. Вай ба ман бо изтироб ва таассуф нигоҳ кард. Шавҳари ӯ мана аллакай якчанд моҳ ба таври аҷиб рафтор мекунад, ва ӯ аллакай аз он ки худро ҳамеша бояд ба даст мегирифт, хаста шудааст, акнун боз инаш? “Гэри, ҳамагӣ ду ҳаб зиёд аст халос. Ту медонӣ, ки ин туро намекушад. Ба онҳо аз нав занг зан”, – гуфт ҳамсарам. Вале тарс тиракунандаи ақл ва пуразоб мебошад. “Ҷавондухтар гуфт, ки ин маро кушта метавонад. Ман бояд ба беморхона равам”. – “Ту, шояд шӯхӣ мекунӣ”, – дар чашмони ҳамсарам хондам ман ва аз хонаи хоб баромадам.

Ба беморхона расида, ман дидам, ки дар даромадгоҳ ду ҷавон бо хилъати сафед аллакай маро интизор буданд. Вақте ки ман мошинамро дар таваққуфгоҳ мондам, онҳо ба назди ман омада, пурсиданд: “Шумо Гэри Киси?” – ва шитобон маро барои азназаргузаронӣ ба назди табиб бурданд. Аз қабулгоҳ гузашта истода, ман тахтаеро, ки дар он номи ман навишта шуда буд дидам: “Гэри Киси – аз меъёр зиёд”. Ман ба ин бовар карда наметавонистам. Ман саргузашти худро кӯтоҳ мекунам: хулоса, духтур аз ман барои ташхис хун гирифт, сипас баргашта омад ва гуфт: “Шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед? Дараҷаи тайленол дар бадани шумо ҳатто барои паст кардани дарди сар кифоя нест”. Вақте ки ман дар бораи муроҷиат кардани худам ба Маркази

назорат оид ба заҳролудшавӣ нақл кардам, вай хандид. Ин барои ман хандаовар набуд. Ва махсусан, вақте ки тавассути почта ба мо ба миқдори ду ҳазор доллар ҳисоб омад, ҳеҷ ҷои ханда набуд. Шайтон боз маро фиреб дод ва ғорат кард.

Ман ин саргузаштро ба шумо барои он мегӯям, то бифаҳмед, ки ҳаёти ман то фаҳмидани Подшоҳии Худо чӣ гуна буд. Бале, ман масеҳӣ будам. Бале, ман ба калисо даҳяк медодам. Бале, чандин вақт дар калисо парастишро роҳнамоӣ мекардам. Бале, ман Худоро дӯст медоштам. Вале чизе нодуруст буд, тамоман нодуруст!

Ман аллакай дар бораи он навиштам, ки чӣ тавр Худо ба ман бар зидди рӯҳи тарс мубориза бурданро ёд дод, чӣ тавр ман аз антидепрессантҳо ва хуруҷи ваҳм озод шудам. Вале дар навбати аввал ман аз вазъиятҳое, ки тавассути онҳо рӯҳи тарс мегузашт, яъне аз аҳволи чоранопазири молиявии худ озод, набудам! Ман ҳоло ҳам ҳар рӯз, бо мақсади пардохтани ҳисобҳо, илова бар ин барои соф кардани қарзҳо аз рӯи даҳ корти қатъ кардашуда, пардохтани се намуди қарз, супоридани пули андоз, баргардонидани қарзҳо ба хешовандон ва қонеъ кардани талабҳои зиёди коллекторҳо ва коркунони суд пул пайдо кардани шуда, фишори азимро аз сар мегузаронидам.

**ВА ХУДОИ МАН ҲАР ЭҲТИЁҶИ ШУМОРО БА ҲАСБИ САРВАТИ ҶАЛОЛИ ХУД ДАР ИСОИ МАСЕҲ ПУР ХОҲАД КАРД.**

**– ФИЛИППИЁН 4:19**

Чуноне ки аллакай гуфтам, ҳаёти мо дар ҳолати харҷумарҷи молиявӣ буд. Стресс ва изтироби эмотсионалӣ ошнои ҳаррӯзаи ман буд. Мо масеҳӣ будем, вале аз лиҳози молиявӣ мемурдем; кортҳои қарзии маро пай дар пай қатъ мекарданд.

Ба ман қарорҳои судиро месупориданд, моликиятамро ҳабс мекарданд, дигар қарз намедоданд, қарздиҳандагон доимо

занг мезаданд. Дар лаҳзаи бадтарини нокомиҳои молиявии мо, вақте ки бизнес фоидаи кофӣ намеовард, чунин мешуд, ки барои харидани хӯрок пул намерасид.

Мо бо аҳли оила маҷбур будем, ки барои ягон илоҷ карда гарм шудан дар гирди оташдони ҳезумӣ ҷамъ оем, чунки бо сӯзишвории моеъ гарм кардани хонаро ба худ раво намедидем. Мо кӯшиш мекардем, ки тангаҳои гумшударо дар роғҳои диван ва каткурсиҳо пайдо кунем, то барои Happy Meal дар "Макдоналдс" ғун намоем ва онро дар байни бачаҳо тақсим кунем.

Ман аллакай аз қарздиҳандагон, вақте ки онҳо занг мезаданд, раҳо шуданро ёд гирифтам, вале боре ширкате, ки ман ба он қарздор будам, ҳуқуқшиносро киро кард, то ки пулҳои худро баргардонад. Шахсе занг зад ва, худро шинос накарда, ҳамту гуфт: "Пулро пас аз се рӯз баргардон ё ман ба суд аз номи мизоҷам ариза менависам". Ман рӯҳафтода шудам. Ман илоҷе надоштам. Ба ман эътимод кардан номумкин буд.

Ман аллакай аз ҳамаи дӯстонам қарздор будам ва маҳз дар ҳамон лаҳза фаҳмидам, ки ба ҳадди охир расидаам. Ман ба хонаи хоб хазидам, ба таври кӯндаланг дароз кашидам ва ба Худо нидо баровардам. Ҳамон лаҳза ман овози Ӯро шунидам. Матни Навиштаҷот, ки бисёр маротиба шунида будам, дар ақли ман зуҳур кард.

> *Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард.*
>
> *– Филиппиён 4:19*

Ман ба Худованд гуфтам, ки ин оятро дер боз медонам, вале бо вуҷуди ин эҳтиёҷоти ман пур карда нашуданд! Ӯ зуд ба саволи ман ҷавоб дод: "Бале, аммо ин айби Ман нест. Ту ҳеҷ гоҳ барои фаҳмидани он, ки Подшоҳии Ман чӣ тавр бунёд карда шудааст, вақт ҷудо накардӣ. Аксари имондорон ҳамчун Исроил дар Аҳди

Қадим зиндагӣ мекунанд – ҳамчун ғуломон. Онҳо дар қарздорӣ ва ғуломии молиявӣ зиндагӣ мекунанд. Ман мехоҳам, ки халқи Ман озод бошад”.

Ман зуд ба поён фаромадам, то ки ба Дренда ҳар чизе, ки Худованд ба ман гуфт, нақл кунам. Ман дар назди вай барои Худоро ҷустуҷӯ накарданам ва чӣ тавр сохта шудани Подшоҳии Ӯро наомӯхтанам тавба кардам. Рости гап, мо дар он лаҳза ҳатто намефаҳмидем, ки Худо, вақте ки дар бораи бунёди Подшоҳии Худ гап мезад, чиро дар назар дошт. Дар ниҳояти кор, мо дар калисо будем, қариб ҳамеша даҳяк медодем ва Худоро дӯст медоштем. Мо фикр мекардем, ки аллакай дар бораи Подшоҳии Худо медонем. Аммо ба ман лозим буд донам, ки ҳа, мо дар роҳи Осмон будем, вале фаҳмише надоштем, ки чӣ тавр қувват ва қудрати Осмонро ба ҳаёти худ биёрем ва ба шароитҳои заминӣ таъсир расонем. Инак, мо ба омӯзиши Китоби Муқаддас сар кардем, ва Худо бо мо сӯҳбат кард ва нишон дод, ки Ӯ, вақте ки дар бораи Подшоҳӣ гап мезад, чиро дар назар дошт. Он чизе, ки мо фаҳмидем, моро ба ҳайрат овард! Мо гӯё дар хонаи торик чароғро даргирондем. Аввалин бор дар умрамон барои ҳалли мушкилоти молиявии худ ҷавоб пайдо кардем.

**Худо, Ту дар бораи Подшоҳӣ гуфта истода, чиро дар назар дорӣ?**

Вақте Худо ба ман гуфт, ки ман ҳеҷ гоҳ таркиби Подшоҳии Ӯро наомӯхтаам, гуфтан мумкин, ман ҳадди ақал музтариб шудам. Подшоҳӣ? Мо бо Дренда дар ин бора ҳеҷ чиз намедонистем. Мо дуо кардем ва талаб намудем, то Худо он чиро, ки дар назар дошт, ба мо фаҳмонад: “Худовандо, моро биомӯз, ки Подшоҳии Ту чӣ маъно дорад!” Ва аввалин чизе, ки ман бояд мефаҳмидам – ин чӣ гуна Подшоҳӣ аст.

Ман фикр мекунам, ки ин консепсия барои фаҳму идроки одами ғарбӣ мушкил аст, чунки мо дар замони демократия ва озодии амрикоӣ зиндагӣ мекунем. Подшоҳии Худо ин демократия нест;

ин Подшоҳӣ аст ва дар он Шоҳ ҳукмронӣ мекунад. Ҳукми Шоҳ бо ёрии шахсони ваколатдор ва шахсоне, ки дар чаҳорчӯбаи ин ҳокимият амал мекунанд, дар тамоми Шоҳигарӣ паҳн мешавад. Ба гирди худ ҷамъ овардани гурӯҳи одамон ин Подшоҳӣ нест. Дар атрофи ту миллион нафар одамон ҷамъ шуда метавонанд, вале ин подшоҳӣ намешавад. Подшоҳӣ ин гурӯҳи якҷоя ҷамъомадаи одамоне мебошанд, ки ба як қонун ва ҳокимият итоат мекунанд. Луғат подшоҳиро чунин шарҳ медиҳад: “Подшоҳӣ ин давлат ё ҳокимияте мебошад, ки дар он шоҳ ё малика ҳукмронӣ мекунад”.

Ҳар Рӯзи Мавлуд мо омадани Исоро ба замин ҷашн мегирем, вале бисёриҳо намефаҳманд, ки Ӯ ба замми ин бо Худ ҳокимияти Худро низ овардааст. Китоби Муқаддас дар ин бора чунин мегӯяд:

*Зеро ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт,*
*Писаре ба мо дода шуд, ва салтанат бар дӯши*
*Ӯ хоҳад буд, ва номи Ӯ Аҷиб, Мушовир,*
*Худои Ҷаббор, Падари ҷовид,*
*Мири осоиштагӣ хонда хоҳад шуд.*
*Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ бар тахти*
*Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт,*
*то ки онро бо инсоф ва адолат, минбаъд ва то*
*абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд; рашки*
*Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард.*

*– Ишаъё 9:6-7*

Исо сарвари ин ҳокимият аст, ва, Ӯро ҳамчун Наҷотбахши худ қабул карда, мо як қисми Подшоҳии Ӯ, шаҳрвандони Ӯ, мегардем. Мо на танҳо унвони шаҳрвандиро мегирем, вале боз ба замми ин узви оилаи Ӯ – писарон ва духтарони Ӯ мегардем.

*Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд, ки*

*на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши марде, балки аз Худо таваллуд ёфтаанд.*

*– Юҳанно 1:12-13*

*Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо.*

*– Эфсӯсиён 2:19*

Аъзои оилаи Худо шуда, мо, мувофиқан, соҳиб ё як қисми ҳама он чизе мегардем, ки Худо дорад. Ҳамчунин мо шаҳрвандони ҳокимияти бузурги Ӯ мегардем. Ин моро дорои ҳуқуқ ва афзалиятҳое мекунад, ки дар доираи ин ҳокимият амал менамоянд.

Барои беҳтар фаҳмидани он, ки ман чӣ гуфта истодаам, биёед дида мебароем, ки шаҳрванди ИМА будан чӣ маъно дорад. Шумо, ҳамчун шаҳрванди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ҳуқуқҳои қонунӣ доред. Ҳуқуқҳои қонунии шумо дар Сарқонун ва дар қонунҳое, ки ҳукумат қабул кардааст, навишта шудаанд. Ин қонунҳо ва ҳуқуқҳо ба ҳамаи шаҳрвандон, новобаста ба он ки кӣ ҳастанд, дахл доранд. Ин ҳуқуқҳо аз ҳиссиёт ва қобилиятҳои ақлонии мо вобаста нестанд. Не, онҳо бо қонун тасдиқ карда шудаанд ва аз рӯи ҳуқуқ ба ҳамаи шаҳрвандоне, ки Амрикоро хонаи худ медонанд, дастрас мебошанд. Ҳатто агар шаҳрванд дар бораи ҳуқуқҳои худ надонад ҳам, дар ӯ ин ҳуқуқҳо ҳастанд, чунки ӯ шаҳрванди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад.

Дар ин бора дурустакак фикр кардан лозим аст, ва ман умедворам, ки ин тасаввуроти шуморо дар бораи Худо дигар мекунад ва ба қобилияти аз Худо қабул карда тавонистан таъсир мегузорад. Агар дар ин ҷо, дар Иёлоти Муттаҳида, касе ё чизе ҳуқуқи шуморо поймол кунад ё ба шумо ғайриқонунӣ рафтор кунад, мо ба сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ (ҳифзи ҳуқуқ маънои ба

амал овардани қонун, риояи ҳуқуқро дорад) – ба ҷараёни таъмингардонии риояи ҳуқуқҳои шумо муроҷиат мекунем. Мо ба суд меравем, ва довар ба намуди зоҳирии шумо, ба он, ки сарватманд ҳастед ё камбағал, нигоҳ намекунад. Ӯ ба қонун нигоҳ мекунад. Вазифаи ӯ ба амал баровардани қонун дар ҳар як ҳолати мушаххас мебошад. Ва ана дар ҳамин аст бехатарии мо: мо ҳуқуқҳои қонунии худро дорем ва ҳукумат ба воситаи соҳаи ҳифзи ҳуқуқ дар тамоми қаламрави ИМА риояи ин ҳуқуқҳоро назорат мекунад. Акнун дар ин бора андеша карда истода, биёед ба боби 9-уми Китоби Ишаъёи набӣ бармегардем, ки дар он ҷо сухан дар бораи он меравад, ки Исо ҳокимияти Худро ба замин овардааст:

> *Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт, то ки онро бо инсоф ва адолат, минбаъд ва то абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд; рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард.*
>
> *– Ишаъё 9:7*

Дар ин порчаи каломи Худо гуфта шудааст, ки Подшоҳии Худо бо инсоф ва адолат, яъне бо суд - мақоми ба амал ҷорикунандаи қонун тавассути корбурд ва амалигардонии ҳуқуқҳои қонунии мо мустаҳкам карда мешавад. Ҳуқуқҳои қонунии шумо ин он чизе аст, ки Худо қудсият ном бурдааст, ё он чизе, ки Ӯ дуруст мешуморад, яъне шариати Ӯ. Худо пешбинӣ намудааст, ки шумо, он чиро, ки Худо аз нигоҳи Подшоҳии Ӯ дуруст мешуморад, он чиро, ки ба шаҳрвандони ин Подшоҳӣ тааллуқ дорад, дошта бошед. Ӯ аз рӯи адолати Худ ба шумо кафолат додааст, то он чизҳоеро, ки Ӯ ба шумо ваъда кардааст, гирифта тавонед. Иродаи Худро Худо дар Каломи Худ – Китоби Муқаддас, ки дар он ҳуқуқҳои шумо дар Подшоҳии Ӯ навишта шудаанд, ошкор кардааст. Ин хабари хуш аст! Ҳамаи суханоне, ки дар бораи ваъдаҳои Худо дар Китоби

Муқаддас гуфта шудааст, аз они шумо мебошанд, чунки шумо шаҳрвандони Подшоҳии Ӯ мебошед!

Дар номаи Дуввуми Ҳаввории Павлус ба Қӯринтиён 1:20 возеҳ гуфта шудааст, ки ҳар як ваъдаи Худо (ҳар як ваъда!) – ин “оре” ва “омин” аст. Ин аллакай ҳал ва тасдиқ карда шудааст ва ба шумо тааллуқ дорад.

> *Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ «оре» буд ва дар Ӯ «омин» буд, — барои ҷалоли Худо, ба воситаи мо.*
>
> *– 2 Қӯринтиён 1:20*

Худи рукни Подшоҳии Худо – ин инсоф ва адолат. Он устувор аст. Акнун дар ин бора бо ин тарз фикр кунед: “Агар ман қонуни Подшоҳии Худоро донам (иродаи Ӯро) ва донам, ки ба адолати Ӯ, ки ҳуқуқҳои маро кафолат медиҳад, роҳ ёфтаам, пас ман бояд дилпур бошам ва аз ҳеҷ чиз натарсам”.

> *Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад; ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.*
>
> *– 1 Юҳанно 5:14-15*

Дар ин матн гуфта шудааст, ки Худо моро мешунавад, ва ин ҷо гап дар сари он нест, ки мавҷи садоҳои калимаҳои ба забон овардаи мо шунида мешавад; дар ин ҷо гуфта шудааст, ки Ӯ ба кори ман диққат медиҳад. Ба худ довареро тасаввур кунед, ки дар вақти мурофиаи судӣ адолатро ба амал меорад. Суд ва довар барои он таъин карда шудаанд, ки нисбат ба ҳар як шаҳрванд адолатро ба амал оранд. Қарорҳои довар ба ҳиссиёт не, балки ба қонун асос меёбанд, ва ӯ бояд назорат барад, ки қонун нисбат ба

ҳар як шаҳрванд риоя шавад. Доварон барои он гузошта шудаанд, ки тибқи қонунгузорӣ адолат таъмин карда шавад.

Дар мавриди Худо тахт (ҷои қудрат) ва қудрати Ӯ адолатро (иҷро шудани иродаи Ӯро) барои ҳамаи одамоне, ки ба назди Исо меоянд ва шаҳрвандони Подшоҳии Ӯ мегарданд, таъмин мекунанд.

Лутфан, боз як маротиба ин фикрро оҳиста хонед ва имкон диҳед, ки он бо нуқтаи назари ҳозираи шумо оид ба Худо рӯ ба рӯ шавад. Ба назари бисёр одамон Худо вобаста ба ҳолат қарор қабул мекунад, аммо ин нодуруст аст. Ӯ Шоҳ дар Подшоҳие аст, ки қонунҳояш дигар намешаванд. Ӯ берун аз доираи қонунҳои Худ қарор қабул намекунад ва нахоҳад кард. Бо ҳамин тариқ, пеш аз он ки дар бораи чизе талаб мекунем, мо медонем, ки ҷавоби Ӯ чӣ гуна мешавад, ва дилпур буда метавонем, ки он чизеро, ки дар қонун гуфта шудааст, ҳанӯз пеш аз он, ки бо чашмони худамон бубинем, мегирем, чунки Ӯ қудрат дорад, ки қонуни Худро ба амал орад.

Вақте ки мо бо Дренда омӯзиши ҳуқуқҳои қонунии худро дар Подшоҳӣ сар кардем, ин тасаввуроти моро дар бораи Худо ва Китоби Муқаддас комилан дигар кард. Натиҷаи ин фаҳмиши нав зиндагии таҳаввулёфта буд. Мо аз Худо чиз талаб кардан ва аз Ӯ илтиҷо карданро бас кардем. Мо донистем, ки мувофиқи Китоби Муқаддас ба мо ҳамчун шаҳрвандони Подшоҳии Ӯ аллакай дода шудааст. Акнун ба мо лозим буд, то гирифтани он чиро, ки аз рӯи қонун мутааллиқ ба мо буд, ёд гирем ва онро ба воқеияти ҳаёт роҳандозӣ кунем. Дар ин бора ҳамчун нақдгардонии чек фикр кунед. Ҳарчанд дар ҳисоби бонкиатон пули бисёр дошта бошед ҳам, шумо бояд тартиби муқарраршударо, ки бо ёрии он барои гирифтани пул ва нақдгардонии чек талабнома имзо мекунед, риоя кунед. Дар ҳама гуна система тартиби муқарраршуда ҳаст, ки мувофиқи он мо ҳуқуқҳои худро ба он чизҳое, ки ҳатто дар даст дорем, арз мекунем.

*Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст, ба воситаи шинохтани Ӯ, ки моро бо ҷалол ва камоли Худ даъват намудааст.*

*– 2 Петрус 1:3*

Ин Подшоҳии Худо аст! Одаме, ки шаҳрванди Подшоҳӣ аст, ҳамон ҳуқуқҳоеро дорад, ки шаҳрвандони он доранд. Мо бояд як чизро хуб дарк кунем: Подшоҳии Худо бо қонунҳо идора карда мешаванд ва ин қонунҳо тағйир намеёбанд. Барои чӣ ин муҳим аст? Чунки дар Подшоҳӣ, ки бо қонунҳои тағйирнопазир идора карда мешавад, рӯйбинӣ нест. Дар ин гуна Подшоҳӣ ҳама ҳуқуқҳои баробар доранд ва ба мисли ҳама гуна шахси дигаре дар ин Подшоҳӣ барои дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳои худ ҳақ доранд.

Вале дар калисо як қадар нофаҳмӣ мавҷуд мебошад. Бисёр масеҳиҳо фикр мекунанд, ки Худо дар ҳаёти одам худсарона амал мекунад. Бо ибораи дигар, онҳо фикр мекунанд, ки Худо қарор мекунад, ки як одамро баракат диҳад ва дигарашро не. Онҳо гумон мекунанд, ки Худо иҷозат медиҳад, ки дар ҳаёти одамон чизҳое ба амал ояд, ки дар зери назорати онҳо нест. Онҳо фикр мекунанд, ки Худо як одамро шифо дода метавонад, вале дигарашро – не . Бисёр масеҳиён ба Худо илтиҷо мекунанд, ки ба онҳо кӯмак кунад, ҳол он ки Худо аллакай ҳар кореро, ки барои ёрдам додан ба онҳо лозим аст, иҷро кардааст. Ӯ ба онҳо Подшоҳиро додааст! Тамоми Подшоҳиро!

Дар бораи молия гап зада истода ва дар бораи Подшоҳӣ таълим дода, Худо ин матнро аз Навиштаҷот ба ман дод:

*Хушо шумо, эй мискинон, зеро ки Малакути Худо аз они шумост.*

*– Луқо 6:20*

Худо ба ман гуфт, ки ҷавобҳо барои дуоҳои ман ин Подшоҳии Ӯ мебошад ва ман ба монанди Исо чӣ тавр истифода бурдани қонунҳои онро дар замин фаҳмида, метавонам ба он «ҳамроҳ» шавам. Иқрор мешавам, дар аввал ман комилан намефаҳмидам, ки сухан дар бораи чӣ рафта истодааст. Вале дар бораи суханони Худо бисёр фикррониӣ мекардам ва ба дарк кардани он шурӯъ кардам, ки ҳақиқатан ҳам подшоҳиҳо бо қонунҳо идора карда мешаванд. Амал ва таъсири қонуни муайян дар он фаҳмида мешавад, ки он ҳар дафъа бо худи ҳамон тарз кор мекунад, чунки қонунҳо дигар намешаванд. Пештар ман дар ин бора аз нуқтаи назари рӯҳонӣ фикр намекардам. Аммо агар ҳамин тавр бошад ва Подшоҳии Худо дар ҳақиқат бо ҳамин тарз кор мекунад, он гоҳ фаҳмидам, ки ин қонунҳоро омӯхта, истифода бурда ва аз афзалиятҳои амалии ин қонунҳо дар ҳаёти худ баҳраманд шуда метавонам.

Ман фаҳмидам, ки қонунҳое, ки заминро идора мекунанд, тағйирнопазиранд. Ва, воқеан мо ба амалкарди доимӣ ва бетағйир будани он такя карда метавонем, ки ин ба мо имкон медиҳад, то ба Моҳ одам фиристонем ва бо ҳавопаймоҳо парвоз кунем. Вале бисёр масеҳиён ин фаҳмишро дар муносибат ба Худо истифода намебаранд. Ба ҷои ин онҳо ба Худо гиряю зорӣ мекунанд, ва бо ин амалашон бовар кунонидан мехоҳанд, ки ба чизе мӯҳтоҷанд, гӯё ки Худо бояд интихоб кунад, ки ба онҳо ёрӣ расонад ё не.

Тасаввур кунед, ки ман бояд дар анҷумани калисо мавъиза кунам. Оё тамоми калисо дар бораи он, ки дар вақти ин чорабинӣ равшанӣ бошад, дуо мекунанд? Оё онҳо рӯза дошта, илтиҷо мекунанд: «Худоё, ту медонӣ, ки ин чӣ қадар чорабинии муҳим аст ва ба мо равшанӣ чӣ қадар зарур аст», ва дар вақти дуо навҳаю зорӣ мекунанд? Ман ин тавр фикр намекунам. Илова бар ин, дар вақти ба нақша гирифтани ин хидматгузорӣ ба ёди ҳеҷ кас фикри ташвиш кашидан барои равшанӣ намеояд. Агар бо ягон сабаб ҳамон бегоҳӣ онҳо биёянду равшанӣ набошад, оё онҳо ба идораи

қувваи барқ занг зада, аз коргарони он хоҳиш мекунанд, ки омада чароғро даргиронанд? Не. Вале агар занг зананд, ман боварӣ дорам, шахсе, ки гӯшакро ба дасташ мегирад, ду-се сония гӯш карда, сипас ба ҳамкораш нигоҳ мекунад ва мегӯяд: «Ким-кадом як девона занг мезанад». Ва баъд ба шумо мегуфт: «Гӯш кунед, қувваи барқ ба шумо дода мешавад. Проблема дар худи шумоён аст».

Вақте ки ман дар анҷуманҳо ин мисолро меорам, одатан ҳама ханда мекунанд. Медонед, барои чӣ? Чунки ба ширкати таъминкунандаи қувваи барқ занг зада, бо гиряю зорӣ илтиҷо кардан, ки чароғро барои шумо даргиронанд – ин ахмақӣ аст. Аксарияти мардум медонанд, чӣ мебояд кард, – тугмачаи васлкуниро пахш кардан лозим аст. Ин чӣ қадар осон аст! На ягон хел ташвиши зиёдатӣ, на ягон хел стресс – танҳо пахш кардани тугмача. Медонед, чаро дар вақти даргиронидани чароғ одамон ба стресс дучор намешаванд? Чунки онҳо МУНТАЗИРАНД, ки чароғ дармегирад. Онҳо мунтазир мешаванд, ки чароғ дармегирад, чунки чӣ тавр кор кардани қувваи барқро медонанд. Онҳо ҚОНУНЕРО, ки қувваи барқро идора мекунад, мефаҳманд, ва медонанд, ки ин қонун ҳеҷ гоҳ дигар намешавад.

Вале агар шумо ба давраи ҳазор сол пеш гузаред ва гӯед, ки тамоми шаҳрро бо чароғакҳои шишагин равшан кардан мумкин аст, шуморо девона мепиндоштанд. Ва агар ниёгони шумо медиданд, ки тамоми маҳалла бо чароғакҳо равшан мешавад, он гоҳ инро мӯъҷиза гумон мекарданд. Одамон ҳама чизеро, ки шарҳ дода наметавонанд, мӯъҷиза меҳисобанд. Вале дар асл ин мӯъҷиза нест, ин ҳамту амалкарди қонуни энергия аст, ки барои ҳар касе, ки ягон вақт онро омӯхтааст, кор мекунад.

Инак, мо мефаҳмем, ки қувваи барқ чӣ тавр таркиб ёфтааст, ё, гуфтан мумкин, мо ақли худро дар муносибат ба қонунҳое, ки энергияи электрикиро идора мекунанд, нав кардем. Мо акнун бештар аз ногаҳон хомӯш шудани қувваи барқ ҳайрон мешавем.

Қонунҳоро омӯхта ва онҳоро сабт карда, мо акнун аз рӯи он ба тамоми ҷаҳон қувваи барқ гузаронида метавонем. Чӣ тавр? Ба одамон ин қонунҳоро омӯзонида ва ба онҳо аз афзалиятҳои энергияи электрикӣ лаззат бурданро фароҳам оварда. Ҳамаи ин имконпазир аст, чунки мо қонунҳоеро омӯхтем, ки энергияи электрикиро идора мекунанд. Барои қонунҳои рӯҳонӣ низ ин принсип кор мекунад. Агар мо онҳоро фаҳмем, имкон меёбем, ки дар вақти зарурӣ онҳоро истифода барем.

Вақте ки мо ҳавопаймои парвоз кардаистодаро бинем, намегӯем: «Ба ин нигоҳ кун, ин чӣ мӯъҷизаест!». Не, мо медонем, ки ҳавопаймоҳо парвоз мекунанд, чунки мо медонем, ки онҳо чӣ тавр ва барои чӣ парвоз мекунанд. Вале агар ба муддати ҳазор сол пеш қафо равем ва аз болои сари одамон ҳавопаймои дупалубагии реактивии Airbus A380 парида мегузашт, одамон чӣ мегуфтанд? Онҳо мегуфтанд, ки ин мӯъҷиза аст! Ман розиям, ки Airbus A380 ҳам бо вазни беш аз 500 тонна, ҳам бо ғунҷоиши беш аз 800 нафар одам, ва ҳам бо суръати 900 км дар як соат ва қобилияти парвози беист ба 15 ҳазор километр ҳайратовар аст. Он ин қадар аҷоиб, ки худ фикр мекунӣ, ки ин мӯъҷиза аст! Вале ин мӯъҷиза нест. Мо ба муҳандисҳое, ки ин ҳавопайморо сохтаанд, муроҷиат карда метавонем, ва онҳо мегӯянд, ки қонунҳои физикиро истифода бурда, чӣ тавр онро ба парвоз кардан маҷбур намудан мумкин аст. Ҳамчунин онҳо дар бораи ҳар як винтчаи истифода бурдашуда ва ҳар як ҷузъ нақл мекунанд. Ягон нафар муҳандис ҳангоми парвози аввал дар ҳавопаймо нишаста, намегӯяд: «Инро бинед-а! Бовар карда наметавонам, вале ин чиз дар ҳақиқат мепаррад!» Такрор мекунам, мо дилпурона ба ҳавопаймо мешинем, зеро медонем, ки он дар асоси қонунҳои тағйирнопазири физикӣ парвоз мекунад. То он дам ки мо дар доираи ин қонунҳо мемонем, ҳавопаймо парвоз мекунад. Инро дар хотир дошта бошед: ин қонунҳо иваз намешаванд!

Агар қонунҳои физикӣ тағйирёбанда мебуданд, мо ҳеҷ гоҳ ба

ҳавопаймо наменишастем. Тасаввур кунед: шумо ба ҳавопаймо чипта харидед, ва дар чипта дар радифи дигар чизҳо навишта шудааст: «Азбаски қонуни аэродинамика доимӣ нест, шумо дар ин ҳавопаймо бо хавфу хатар парвоз мекунед. Ҳеҷ кас оқибати онро намедонад, яқинан. Шумо ҳис мекунед, ки зинда мемонед? Бароятон парвози хуш хоҳонем». Ё мисоли дигар: Кай шумо бори охир аз болои каткурсии худ парвоз кардед? Ин тавр нашуда буд? Барои чӣ? Чунки қонуни қувваи ҷозиба бетағйир аст.

Ҳамаи ин қонунҳои физикии табиат мебошанд, ки Худо офаридааст. Вале медонед-чӣ? Қонунҳои рӯҳонии Подшоҳии Ӯ бо ҳамин тарз кор мекунанд – онҳо иваз намешаванд!

То даме ки Худо дар бораи Подшоҳии Худ ба ман нагуфт, ман албатта, медонистам, ки қонунҳои заминӣ чӣ тавр кор мекунанд, вале фикр мекардам, ки дар Подшоҳии Худо ҳама чиз дигар аст. Ман чунин мешуморидам, ки Худо ҳар кореро дар кадом вақте, ки мехоҳад, иҷро мекунад. Вале ман пай бурдам, ки ин тавр нест. Вақте ман фаҳмидам, ки қонунҳои рӯҳонии Подшоҳии Ӯ иваз намешаванд ва онҳоро омӯхтан, фаҳмидан ва ба кор бурдан мумкин аст, он гоҳ фаҳмидам, ки барои чӣ Исо пайваста мегуфт: "Подшоҳии Худо ана ба чӣ монанд аст". Ӯ Подшоҳии Худоро бо ким-кадом падидаи заминӣ муқоиса мекард, то ки чӣ тавр кор кардани онро одамон фаҳмида тавонанд. Ногаҳон гӯё дар майнаи ман чароғак даргирифт. Чунин фикр ба сарам омад: "Агар Худо ба мо Подшоҳӣ дода бошад, ва Ӯ дар ҳақиқат ҳам додааст, ва Подшоҳӣ бо қонунҳое идора карда мешавад, ки ҳеҷ гоҳ иваз намешаванд, пас ман ин қонунҳоро омӯхта ва дар ҳаёти худ истифода бурда метавонам".

> *Натарс, эй рамаи хурд! Зеро ки Падари шумо таваҷҷӯҳ намудааст, ки Малакутро ба шумо ато кунад.*
>
> *– Луқо 12:32*

Ҳамон рӯз ман муҳаққиқи рӯҳонӣ гардидам! Ман Китоби Муқаддасро комилан дар партави дигар дидам. Онро хонда, ман ба савол додан сар кардам: “Барои чӣ моҳӣ зиёд шуд? Барои чӣ одам шифо ёфт? Барои чӣ нон ин қадар бисёр шуд?” ва ғайра. Вақте ки ман омӯзиши Китоби Муқаддасро бо чунин тарз сар кардам, ва аз Худо хоҳиш намудам, ки қонунҳои дар он ниҳонро ба ман ошкор кунад, ин хеле аҷоиб буд!

Оё дар ёд доред, ки чӣ тавр Худованд ба ман гап зад, вақте ки ҳуқуқшинос занг зад, ва чӣ тавр Худо гуфт, ки мушкилии ман дар он буд, ки ман барои омӯзиши Подшоҳии Ӯ вақт ҷудо накардам; чӣ тавр ман ба замин афтода, дар назди ҳамсарам тавба кардам, ки Худовандро наҷустам ва оилаамонро то ба чунин дараҷаи ғамангез овардам? Мо намедонистем, ки дар Подшоҳии Худо барои мо ҷавобҳо ҳастанд. Боз такроран мегӯям, ки мо узви калисо сӯи Осмон равона будем, Худоро дӯст медоштем, вале тамоман намефаҳмидем, ки “Подшоҳӣ” гуфта, Худо чиро дар назар дорад. Вақте ки ҳуқуқшинос гуфт, ки пас аз се рӯз пул бояд ба вай баргардонда шавад, вагарна кор ба суд супорида мешавад, мо бо мушкилии воқеӣ рӯ ба рӯ шудем ва чӣ кор карданро намедонистем.

Ана он гоҳ лаҳзаи имтиҳон кардани Худо фаро расид. Ин аввалин таҷрибаи ман оид ба ҳал кардани мушкилии молиявӣ буд, ва ман хеле мехостам, то Худованд ба ман фаҳмонад, ки “Подшоҳӣ” гуфта, Ӯ чиро дар назар дорад. Оё дар ёд доред, ҳуқуқшинос гуфт, ки ба ман се рӯз мӯҳлат медиҳад, ва ман як тин ҳам надоштам! Маъюсона ба хонаи хоб даромада, ба Худо нидо бароварданро шурӯъ намудам. Ман дар бало монда будам! Ана он гоҳ Ӯ ба ман гуфт, ки ҷавоби ман Подшоҳии Ӯ аст, вале ман намефаҳмидам, ки гап дар бораи чӣ меравад, аммо ба омӯхтан тайёр будам.

Ду рӯз пас аз он ман ба вохӯрӣ бо мизоҷ оид ба суғуртаи ӯ

рафтам. Дар он вақтҳо ман мошинамро баъд аз гардиш дар пушти хонаи мизоҷам мегузоштам, чунки ҳолати он хуб набуд. Вақте ки ман онро ба кор даровардании мешудам, тамоми кӯча аз дуди сафед пур мешуд. Ман медонистам, ки агар ҳангоми аз назди мизоҷ рафтан тамоми кӯчаро аз дуди сафед пур кунам, ин ба бизнеси ман мусоидат намекунад. Ман гумон мекардам, ки ин ба обрӯи молиявии ман доғ меорад, зеро ман ба мизоҷон маблағгузорӣ кардани садҳо ҳазор долларро пешниҳод мекунам ва умуман ман менеҷери хеле олидараҷа ҳастам, вале дар баробари ин ба мошине савор шуда мегардам, ки базӯр ба кор медарояд. Ҳамон бегоҳ низ истисно набуд.

Вале, аз назди мизоҷ рафта истода, ман бо ҳайрат мушоҳида кардам, ки вай аз ақиби ман ба назди мошинам меояд. Ӯ аз ман ҳеҷ чиз намехост, мо ҳамту гуфтугӯ мекардем. Вале маро андаке он масъала мушавваш мекард, ки оё ҳангоми ба кор даровардани мошин ӯ дар наздикии ман меистад? Вақте ки ман ба мошинам нишастам, мо гуфтугӯро давом медодем. Ман шишаи мошинро поён карда, бо умеди он ки ҳозир вай бо ман хайрухуш мекунад ва ман чунин вонамуд мекунам, ки то вай рафтан боз ду дақиқа ба коре андармон мешавам, ман гуфтугӯро давом медодам. Вале ӯ намерафт. Ниҳоят вай ба ман шоми хуш таманно кард, ду қадам аз мошин ба қафо рафт ва рост истод. Ба дом афтиданамро фаҳмида, ман бо умеди он, ки шояд маҳз ҳамин дафъа дуди сафед фаввора зада намебарояд, муҳаррики мошинро ба кор даровардам, вале умедам беҳуда буд. Кӯча дар як лаҳза аз дуди ғализи чашмсӯз пур шуд. Мардак зуд ба ман ишора кард, ки муҳаррикро хомӯш кунам. Ӯ наздик омад ва аз тиреза нигоҳ карда, хоҳиш намуд, ки капоти мошинро кушоям, ва фаҳмонид, ки пештар ҳамчун устои таъмиргари мошинҳо барилова кор мекард ва мехоҳад чизеро тафтиш кунад. Пас аз дақиқае ӯ гуфт: “Гумонам дуруст баромад: қабати резинии сарпӯши силиндрҳо зарар дидааст. Шумо бояд мошинро ба хона бурда, зуд онро таъмир кунед”. Ман ӯро

сипосгузорӣ кардам, вале ин ташхис барои ман ягон аҳамияте надошт. Аздусар ман барои таъмир пул надоштам.

**ДАР ҲАМОН ВАҚТ МО БА ХУД ИСБОТ КАРДЕМ, КИ СИСТЕМАИ ХУДО КОР МЕКУНАД, ВА АЗМ КАРДЕМ, КИ ОМӮЗИШ ВА ИСТИФОДА БУРДАНИ СИСТЕМАИ ИЛОҲИИ ПОДШОҲИРО ДАВОМ МЕДИҲЕМ.**

Дафтари кории ман дар масофаи ҳамагӣ нӯҳ километр аз хонаи мизоҷ ҷойгир буд, ва то ба он ҷо расидан, кӯрпаи шиноси афсурдаҳолӣ боз маро пӯшонид. Вале ман мерафтаму суханони Худоро, ки ба ман гуфта буд, ба ёд меовардам ва бо Ӯ сӯҳбат карданро сар кардам. “Худовандо, – гуфтам ман, – барои таъмир кардани ин мошин ман пул надорам. Ман то ҳол барои он қарздор ҳастам ва дар ин ҳолат онро фурӯхта наметавонам. Ман тамоман намедонам, ки чӣ кор кунам. Шояд, агар он даргирифта месӯхт, беҳтар мебуд? Он гоҳ ширкати суғуртавӣ бар ивази он пул медод, ва ман аз он халос мешудам”.

Панҷ километр дуртар аз дафтари кориам ман дар капоти мошин ҳубобе дидам. Пештар ин хел набуд. Ҳубоб калонтару калонтар шудан мегирифт, ва дар ҳамон лаҳзае, ки ман дар таваққуфгоҳи назди дафтари кориам мошинро боздоштам, ҳубоб ба сутуни оташ табдил ёфт. Ман ба даҳшат афтодам: оташ тамоми қисми пеши мошинро фаро гирифт, забонаи оташ ба ду метр боло баромад. Ман зуд ба дафтари корӣ давида сӯхторхомӯшкунандагонро даъват кардам. Рӯзи дигар ширкати суғуртавӣ ба ман пули суғуртаро пардохт кард. Онҳо ба ман ҳамон қадар маблағ доданд, ки қарзи мошинро пурра пӯшонид ва боз пули боқимонда барои пардохтани талаби ҳуқуқшинос, ки се рӯз пеш аз ин ба ман занг зада буд, кифоягӣ кард. Мо бо Дренда дар ҳайрат мондем. Мо чӣ фикр карданро ҳам намедонистем. Мо мефаҳмидем, ки Худо бо мо кор карда истодааст ва чизе

ба ивазшавӣ сар кардааст. Вале сарсупурдагии мо ба Подшоҳӣ бояд ба таври нав имтиҳон карда мешуд, ки барои ҳамаи солҳои боқимонда моро ба роҳи рост раҳнамоӣ кард.

Баъд аз он ки мошинам оташ гирифт, мо, албатта, хурсанд шудем, вале ногаҳон фаҳмидем, ки бе мошин мондаем. Гарчанде мо барои он пул пардохт кардем ва мо дар пеши ҳуқуқшинос қарздор набудем, ҳамчунин барои харидани мошини дигар пул надоштем. Аз мошин маҳрум мондани моро падарам шунида, занг зад ва гуфт, ки ӯ ба мо мошини нав харидан мехоҳад. Мо аз ин хабар хурсанд шудем. Мо бо падарам ба назди дилери маҳаллӣ рафтем ва мошини дигареро интихоб кардем, ки ба ман ва ба Дренда маъқул афтод. Падарам гуфт, ки омода аст ба мо 5 ҳазор доллар диҳад, мошин бошад 17 ҳазор меистод. Мо бояд 12 ҳазори дигар пардохт мекардем. Ман бо дили хоҳам-нохоҳам барои қарз ариза пур кардам, ва падарам низ имзо кард. Иҷозатро барои қарз бояд субҳи оянда имзо мекарданд.

Ҳамон шаб аз фаҳмидани он, ки ин қарзро ба зиммаи худ гирифта наметавонем, мо хоб карда натавонистем. Худованд ҳозиракак маҳз дар бораи ҳамин гап зада буд. Вале, бе мошин монда, ман ба худ фишорро ҳис кардам ва ба таслим шудан розӣ будам. Баъд аз шаби вазнини бехобӣ мо бо Дренда ҳамфикр шудем, ки ҳуҷҷатҳоро барои ба расмият даровардани қарз имзо намекунем. Ман ба падарам занг зада, барои саховатмандиаш миннатдорӣ кардам, вале гуфтам, ки мо маҷбур ҳастем, ки аз қарз гирифтан худдорӣ кунем. Сипас ба дилерҳо низ занг зада, айни ҳамин гапро гуфтам. Онҳо хеле хафа шуданд, чунки ариза барои қарз ба тасвиб расида буд ва мошинро гирифта бурдан лозим буд. Гарчанде мо тасаввуроте надоштем, ки Худо ба мо дар ин вазъият чӣ тавр ёрдам кардан мехоҳад, мо оромӣ эҳсос мекардем.

Дар ҳамон давра Дренда якчанд ашёи антиқиеро мефурӯхт, ки аз кӯҳнафурӯшҳо дарёфт карда буд. Вай ба як шахсе паёмак

навишта буд, ки як моҳ пеш аз оташ гирифтани мошинамон омода буд, ки якчанд маҷмӯи мебелҳоро бифурӯшад. Вале ӯ ба алоқа намебаромад. Пас аз ду рӯзи саргузашти мо бо мошин вай занг зад ва розӣ шуд, ки се устохонаи пур аз мебелҳои қадимаро бо нархи камтар аз ҳазор доллар ба фурӯш гузорад. Дренда бо ширкате, ки музояда мегузаронад, дар бораи фурӯши ин мебелҳо аҳд баст ва ба сифати комиссия ба ҷои пул аз онҳо гирифтани мошини истифодашуда, вале ҳолаташ хубро пешниҳод кард. Бо ин тариқ, мо соҳиби мошини хушсифат гардидем, ки барояш пул додан лозим набуд, ва аз қарз низ халос шудем.

Ана кору мана кор! Ана Подшоҳӣ чӣ тавр кор мекардаст! Дар ҳамон лаҳза мо барои худ исбот кардем, ки системаи Худо кор мекунад, ва қарор қабул кардем, ки омӯхтан ва истифода бурдани системаи Илоҳии Подшоҳиро давом диҳем. Шумо пурсида метавонед: “Кадом принсипро шумо истифода бурдед?” Принсипи аз ҳама асоситарин – ба қарз нағӯтидан, вале эҳтиёҷи худро ба Худо арз кардан ва ба Ӯ имкон додан, то ки чӣ тавр ҷавоб ёфтанро ба мо нишон диҳад.

Ҳодисае, ки бо мошин рух дод, шавқи маро бедор кард ва боз як воқеаеро ба хотирам овард, ки ду моҳ пештар аз ин рӯй дода буд. Вале он вақт намефаҳмидам, ки Худо ба ман чиро нишон додан мехост. Ҳанӯз порчаҳои алоҳидаи тасаввуроти ман ба як манзараи ягонаи принсипҳои Подшоҳии Худо фароҳам намешуд.

Ман шикор кардани оҳуҳоро дӯст медоштам, вале ҳар дафъа ба хона бо дасти холӣ бармегаштам. Ман ба шикор мерафтам, дар ҳавои сард менишастам, ва ҳар дафъа ҳама чиз бо нокомӣ меанҷомид. Гап дар он набуд, ки ман шикорро дӯст медоштам, ман ҳамту фарзандонамро бо гӯшт таъмин кардан мехостам, ва оҳуҳо айни муддао буданд. Гарчанде пештар ман дар шикори оҳу комёб будам, аз он рӯзҳое, ки ман ба хона гӯшт меовардам, солҳои зиёд сипарӣ шуданд. Боре, дар бораи фаро расидани мавсими

шикор фикр карда истода, ман овози Худовандро шунидам: "Ба ман иҷозат деҳ, ки ба ту чӣ тавр шикор кардани оҳуро нишон диҳам". Ман ҳайрон шудам: "Чӣ тавр шикор кардани оҳуро ба ту нишон диҳам? Ин ҳама чӣ маъно дорад?" Вақте ки ман дар бораи ин суханон фикррони мекардам, ман сахт хоҳиш доштам, ки тухмии молиявӣ ё ҳадя кишт кунам, то ки баъд дар намуди оҳу бидаравам. Ман ҳис кардам, ки Худованд ба ман мегӯяд, ки кишт карда, ман бояд бовар мекардам, ки чизи талабкардаамро мутобиқ ба Инҷили Марқӯс 11:24, пеш аз он ки дар воқеият мебинам, аллакай гирифтаам:

> *Ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед бовар кунед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд.*
>
> *– Марқӯс 11:24 (Тарҷумаи нави русӣ)*

Гарчанде, ҳамчун масеҳӣ, ман ҳамеша қурбонӣ медодам ва калисоро дастгирӣ мекардам, бо ин тарз, мақсаднок, бо боварии он, ки ҳар он чиро ки талаб намудаам, аллакай пайдо кардаам, барои ман чизи наве буд. Ман чек гирифтам ва дар он навиштам: "Барои оҳу дар соли 1987". Сипас ман ба он чек даст гузоштам ва ҳамчун ионат ба яке аз хидматгузориҳо, ки бовар доштам, бо эътирофи имон, ки ман оҳуи худро қабул мекунам, фиристондам.

Вақте ки ман дар шаҳри Талса, иёлати Оклаҳома, зиндагӣ мекардам, барои шикор ҷое набуд, вале як дӯстам аз калисо маро ба ҷашни Шукргузорӣ ба хонаи модаркалонаш, ки берун аз шаҳр ҷойгир буд, даъват кард. Ӯ гуфт, ки дар ҷои на он қадар дур аз фермаи онҳо оҳуҳо парвариш карда мешаванд. Инак, мо бо аҳли оила саҳарии Рӯзи Шукргузорӣ бо умеди лаззат бурдан аз хӯрок ва сӯҳбат ва, ниҳоят, аз шикори оҳу ба он ҷо раҳсипор шудем.

Дӯсти ман намедонист, ки маро ба кадом самт фиристонад, вале дар он тараф дар иҳотаи ҷангал чарогоҳе буд, бинобар ин

ман пешниҳод кардам, ки ба он ҷо равам ва дар назди дарахти калон бишинам. Ва акнун манзараеро ба худ тасаввур кунед. Ман дар чарогоҳи алафҳояш даравида, ки дар марказаш дарахти азим мерӯяд, нишастаам. Ман ба ин дарахт пуштнокӣ такя карда, ба ҷангал, ки аз ман сад метр дуртар аст, рӯ оварда, нишастаам. Ҳоло инро ба хотир оварда, мефаҳмам, ки дар ҷои кушод дар паҳлӯи дарахт нишастан барои шикорчӣ мавқеи мувофиқ нест.

Пас аз сӣ ё чил дақиқа ба майдон оҳу давида баромад, вай аз ақиби ман ба ҷангал рӯ оварда медавид. Ман дар ин бора гумон накарда будам. Дар байни ман ва оҳу ҳамон дарахт буд, бинобар ин ман вайро надидам. Ба ҷангал рӯ оварда, оҳу рост ба сӯи дарахт медавид ва надид, ки ман дар он ҷо нишастаам. Ба дарахт наздик омада, вай бӯи маро фаҳмид ва бозистод. Вай дарахтро давр зада гузашт, ва мо дар масофаи панҷ метр чашм ба чашм вохӯрдем. Намедонам, ман бисёртар ҳайрон шудам ё вай, вале оҳу фурсатро бой надода, баланд фиққос зада, ба сӯи ҷангал давид. Ҳанӯз ҳам нишаста, ман милтиқро бардошта, барои ба нишон гирифтан кӯшиш кардам, вале оҳу бошад аз ман бо суръати баланд гурехт. Дарҳол мегӯям, ки ба нишон гирифтани оҳуи думсафеди бо суръати баланд давидаистода ва аз дур парронидан кори осон нест. Росташро мегӯям, ман пештар ба оҳуи давидаистода тир наандохта будам. Дар ёд дорам, ки ба ман базӯр муяссар мешуд, ки онро дар нишон нигоҳ дорам, чунки вай доимо ба боло меҷаҳид, чуноне ки оҳуҳои думсафед дар вақти бо суръати баланд давидан чунин мекунанд. Вале вақте ки ман тир холӣ кардам, оҳу ба замин афтид. Ман дар ҳайрат мондам! Ҳамаи ин дар чанд сония ба амал омад. Масофа қариб сад метр буд, ва ман хато накардам.

Садои тирро шунида дӯстам омад ва оҳуи дар паҳлӯям афтодаро дида, маро табрик кард. Ман ҳамоно ба вай нақл кардам, ки Худованд ба ман дар бораи чӣ тавр шикор кардани оҳу гап зада буд; ман ба вай нигоҳ кардам ва гуфтам: “Ман фикр

намекунам, ки ин оҳу дар ин ҷо ба туфайли маҳорати шикорчигии ман хобидааст". Ман аз киссаи камзӯли худ варақчаеро гирифтам, ки дар ҳамон рӯз, вақти пур кардани чек, навишта будам: "Ман бовар дорам, ки соли 1987 ман оҳуро пайдо мекунам, ба номи Исо". Дар поёнаш сана ва вақти бо ҳамон суханон дуо кардашуда навишта шуда буд. Ман ин варақчаро ба дӯстам нишон додам ва нақл кардам, ки Худованд ба ман дар бораи он ки чӣ кор бояд кунам, чӣ гуфта буд.

Ин воқеа диққати маро ҷалб кард. Ман бе ягон шубҳа медонистам, ки ин кори Худо буд. Вале бо ким-кадом сабабе ман намефаҳмидам, ки ман ба амалкарди қонуни Подшоҳӣ ҳамроҳ шудаам. Дар асл ман ҳанӯз ҳатто дар бораи мафҳуми "Подшоҳӣ" фикррронӣ накарда будам. Шикор кардани оҳу кори хеле зӯр буд, вале оё ин бори дигар кор медода бошад? Амалкарди принсипҳои қонуни Подшоҳиро нафаҳмида истода, ман намедонистам, ки чӣ оҳуро водор кард, ки ба майдони кушод барояд. Бинобар ин ман барои худ қарор кардам, ки ин кори Худо буд, ва бо шавқ интизор шудам, ки дар мавсимиояндаи шикор инро боз аз сар гузаронам. Вале то саршавии ин мошини мо оташ мегирад. Баъд мошини дигар пайдо мешавад, ки барояш пул додан лозим нест. Худо диққати маро пурра ҷалб кард. Акнун ман бесаброна мавсимиояндаи шикорро интизор мешудам. Ман мехостам, ки назарияи худро имтиҳон кунам ва дар бораи Подшоҳии Худо бисёртар донам. Мавсими шикори оҳуҳо он қадар дур набуд!

Ҳамон оҳуи аввалинро ман дар Оклаҳома тирамоҳи соли 1987 сайд кардам. Вале дар моҳи июли соли 1988 мо ба Оҳайо, ба ҷое, ки ман ба воя расида будам, кӯчидем. Гарчанде ман дар он ҷо айёми бачагиамро гузаронида бошам ҳам, дувоздаҳ сол боз ба он ҷо нарафта будам. Вақте ки ман дар он ҷо зиндагӣ мекардам, ба ман ҳеҷ гоҳ муяссар нашуда буд, ки дар он ҷойҳо ба шикори оҳу муваффақ шавам. Гарчанде ман чандин бор ба шикор баромада будам, боре ҳам ҳатто ягон оҳуро сайд накарда будам. Мо дар

Оҳайо хонаеро иҷора гирифта, дар он сокин шудем, вале ман фаҳмидам, ки ҳатто ба куҷо ба шикор рафтанамро намедонам. Дар айёми бачагӣ дар соҳили дарёчаи он тарафи роҳи хонаи падарам харгӯшҳоро шикор мекардам. Ман дар он ҷойҳо солҳои пайдарҳам домҳо мемондам, вале боре ҳам на ягон оҳу, на аломатҳои дар он ҷо будани онҳоро надида будам. Боре, вақте ки ман дар коллеҷ таҳсил мекардам, ба ман бародарам занг зад ва бо шодии бузург хабар дод, ки дар соҳили дарёча на он қадар дуртар аз хонаи падар оҳуеро дидааст. Мо хеле ҳайрон шудем.

Ҳамон гуфтугӯро ба ёд оварда, ман қарор додам, ки дар рӯзи кушода шудани мавсими шикор ба лаби дарёча равам. Ман ба бародарам занг зада пурсидам, ки маҳз ба куҷо рафтан беҳтар аст. Гарчанде вай аллакай чандин солҳо дар он ҷойҳо набуд, вале ӯ дар сарҳади дарёча ва ҷангал заранги калонеро дар ёд дошт ва гуфт, ки ин ҷои хуб мешавад. Азбаски ман дар лаби ин дарёча калон шудаам ва он ҷойҳоро саросар медонистам, барои ман ёфтани ҳамон заранг ҳеҷ мушкил набуд.

Мо бо Дренда дар хотир доштем, ки Худованд як сол қабл дар Оклаҳома ба мо чиро ёд дод – тухмӣ кишт кардан, қайд кардан ва боварӣ доштан, ки аллакай, вақте ки мувофиқи Инҷили Марқӯс 11:24 дуо хондем, ҷавоб гирифтаем. Дар он давра дар Оҳайо маҳдудият буд: ду оҳуи ҳар гуна ҷинс, вале мо фикр кардем, ки аввал Худоро барои як оҳу хоҳиш мекунем, сипас барои дуюмаш. Мо бо Дренда барои оҳу тухмӣ коштем ва зимни дуо бовар кардем, ки онро пайдо кардем. Мутааҷҷибона, вале пас аз чил дақиқа дар ҳамон субҳи кушода шудани мавсим ман на як, балки ду оҳуро шикор кардам. Ана кору мана кор! Мо дар ҳақиқат чизеро ошкор кардем.

Пас аз як моҳ ман дар бораи як идеяи бизнес хоб дидам. Ин бизнес доро буданро ба тамоми донишҳо ва таҷрибаҳо оид ба молия, ки ман дар соҳаи суғурта пайдо карда будам, талаб

мекард, вале дар хобам он мақсади дигарро мефаҳмонд. Ман ин хобро то охир нафаҳмидам, вале дилпур будам, ки Худо маро ба кушодани бизнеси шахсӣ ва тарк кардани ширкате, ки ҳашт сол боз дар он кор мекардам, роҳнамоӣ мекунад. Дар он давра, вақте ки ман хоб дидам, ман ҳанӯз ҳам ба фурӯши суғуртаҳо ва коғазҳои қиматбаҳо машғул будам.

**МАН ҲАЙРОН АЗ ОН БУДАМ, КИ ДАРОМАДҲОИ ХУДРО ИВАЗ НАКАРДА, ДАР ДАВОМИ ҲАФТ СОЛ АЗ ТАМОМИ ҚАРЗҲО, АЗ ҶУМЛА ИПОТЕКА, ХАЛОС ШУДАН МУМКИН АСТ.**

Ҳамон ҳафтае, ки ман хоб дидам, мо аз рӯи нақша бояд ба як оилае ташриф меовардем, ки бо он мо бояд дар бораи суғуртаи ҳаёт сӯҳбат мекардем.

Ман медонистам, ки ба даст овардани суғурта барои онҳо эҳтиёҷи воқеӣ ё мушкилӣ набуд. Онҳо қарздор буданд, ва буҷаи ҳармоҳаи онҳо тамоман ночиз буд. Одатан, бо мизоҷон кор карда истода, ман аз онҳо хоҳиш мекунам, ки ариза пур кунанд ва тамоми маълумотҳои молиявиро нишон диҳанд, то дар асоси он бидонам, ки кадом намуди суғурта ба онҳо мувофиқ меояд. Ҳамон бегоҳӣ ман зиқ будам, чунки ба ин оила раҳмам меомад. Ман ба онҳо ёрдам кардан мехостам, вале намедонистам, ки чӣ тавр ёрдам кунам. Ман аризаи онҳоро ба даст гирифта нишастам ва баъзе вариантҳоро аз назар гузаронидам. Ҳисобу китоб карда, ман аз мавзӯи суғурта дур рафтам ва нигоҳ кардам, ки оё андаке пул аз буҷаи ҳармоҳаи онҳо ҷудо кардан мумкин аст ё не. Баъзе нишондодҳоро ба тартиб оварда ва ба таври осон ҳисоббарорӣ карда, фаҳмидам, ки ин оила дар давоми ҳафт сол бе иваз кардани даромадҳои худ, аз қарзҳо, аз ҷумла ипотека, халос шуда метавонад. Ин маро ба ҳайрат овард.

Дар он давра ман дар соҳаи молия ҳашт сол боз кор мекардам, вале ҳеҷ гоҳ нашунида будам, то касе гуфта бошад, ки ин

имконпазир аст. Ман такрор ба такрор ҳисоб карда, коғазҳоро дида мебаромадам ва ба ҳамон як ҷавоб меомадам: шаш солу ду моҳ – ва онҳо аз қарзҳо озод мешаванд. Он гоҳ ман ба назди ҷевоне рафтам, ки ҷузъгири мизоҷон дар он буд ва анкетаҳои дигар одамонро гирифтам. Ман ба ҳамон тарз ҳисобу китоб кардам ва ба ҳамон хулоса омадам: камтар аз ҳафт моҳ – ва халосӣ аз тамоми қарзҳо. Росташро гӯям, ман аз ин рақамҳо дар ҳайрат мондам. Ман хеле мехостам, ки мизоҷони худро шод гардонам, бинобар ин қарор кардам, ки маърӯзаи зебое ташкил кунам, то дар он ҳангоми сӯҳбат дар бораи суғурта роҳи ҳалли мушкилиро фаҳмонам. Ман ба ин оила хеле раҳм мехӯрдам. Ман аз таҷрибаи худ медонистам, ки стресси молиявӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёт таъсир мерасонад, ва нишон додан мехостам, ки ҳолати онҳо чоранопазир нест. Ҳамин тариқ, ман маърӯзаи на он қадар калони худро ба онҳо тақдим намудам ва, вақте ки бо рақамҳо онро исбот кардам, онҳо дар ҳайрат монда менишастанд. Вақте ки ман ба онҳо нишон додам, ки аз қарзҳо зуд халос шуда метавонанд, шавҳараш наздик омада, ашкрезон маро миннатдорӣ кард. Ин ба ман барномаҳои телевизиониро ба хотирам овард, ки дар он одамон лотерея бурд мекунанд ё дар ким-кадом намоиш бурди асосиро ба даст меоранд. Онҳо ба он чизҳое, ки ман ба онҳо нақл кардам, бовар карда наметавонистанд. Ин хеле пуртаъсир буд – ҳам барои онҳо ва ҳам барои ман.

Вақте ки ман дар бораи ин воҳӯрӣ фикрронӣ мекардам, аз фикри он, ки ҳамту даромадҳои мизоҷонро аз нав тақсимот карда ва бо рақамҳо кор бурда, ман ба одамон нишон дода тавонистам, ки чӣ тавр онҳо дар давоми ҳафт сол аз мушкилоти молиявӣ халос шуда метавонанд, ман дидам, ки ин ба онҳо чӣ қадар таъсир расонд ва чӣ гуна умед бахшид. Он гоҳ ман ба азназаргузаронии файли мизоҷони дигар шурӯъ кардам, то муайян кунам, ки оё онҳо низ ба категорияи онҳое, ки дар муддати камтар аз ҳафт сол аз қарзҳо халос шуда метавонанд, дохил мешаванд ё не, ва бо

ҳайрат пай бурдам, ки ин 85 фоиз одамонро ташкил медиҳад. Вале кӣ ба онҳо инро мефаҳмонад? Ана ҳамин тавр фикрронӣ карда ва файли мизоҷони худро аз назар гузаронида, ман фаҳмидам, ки бизнеси шахсиамро сар карда ва ба одамон ёрӣ дода метавонам, ки мутобиқи нақшаи пешниҳодкардаи ман аз қарзҳояшон халос шаванд.

Дар он давра ман худам ҳоло қарздор будам ва, бешак, ба одамоне, ки аз стресси молиявӣ азоб мекашиданд, раҳмам меомад. Рисолати нави ман, аз фурӯши суғуртаҳо дида, ба ман бештар маъқул буд. Ман барои ҳамаи мизоҷони худ оид ба суғурта намоишҳо ташкил кардам, ва ҳамаи онҳо, беистисно, дар ҳайрат монда буданд.

Вале пеш аз он ки онро ҳамчун бизнес-лоиҳа ҳисоб кунам, ба ман лозим буд, ки якчанд мушкилиҳоро ҳал кунам. Аввалан, баҳисобгирӣ ва тайёрӣ ба намоиш вақти зиёд талаб мекарданд, чунки ман ҳама корро дастӣ мекардам. Дуюм, ман чӣ тавр бо ин роҳ пул кор мекунам? Дар натиҷа ман бо таҳиягари барномаҳои компютерӣ аҳд кардам, ва ӯ барномаи ба ман зарурро барои босуръаттар тайёр намудани нақшаҳои молиявӣ таҳия кард. Мушкилии дуюм бошад, ман медонистам, ки аз одамон барои халос кардан аз қарзҳо пул гирифта наметавонистам, зеро бе ин ҳам онҳо пул надоштанд. Ман дуо карданро сар кардам.

Ва рӯзе фикрам равшан шуд. Ман аниқ фаҳмидам, ки ба ман Худо идеяе дод, ки чӣ тавр аз одамон ҳаққи меҳнат нагирифта ва дар баробари он барои худ пул кор карда, ба онҳо ёрӣ дода метавонам. Тибқи нақша ман метавонистам, чизеро, ки “пулҳои гумшуда” ном медиҳам, ошкор кунам, яъне пулҳоеро, ки мизоҷ аллакай дорад, вале онҳоро намебинад. Мисол, фоизҳоеро, ки барои моликияти мизоҷ пардохт карда мешавад, бо мақсади пайдо кардани имкони сарфакорӣ бо ҳамдигар андоза карда мебинам: автомобил, хона, суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ. Одатан,

ман фоизҳоро аз ипотека тафтиш мекунам ва мебинам, ки оё аз нав маблағгузорӣ ба фоизи камтар фоида дорад ё не. Ман бисёр чизро бо ин тарз тафтиш мекунам, гарчанде ман дар ҳамаи ин соҳаи бизнес мутахассис нестам. Сипас ман ба мизоҷ имкониятҳоро барои сарфакорӣ нишон медиҳам ва тавсия медиҳам, ки ё мустақилона ба ширкате, ки барои амалӣ кардани идеяҳои ман қодир аст, муроҷиат кунад, ё намояндаеро барои ширкате, ки ман ёфтам ва хидматрасониаш арзонтар аст, пайдо кунад. Ва дар ин лаҳза ногаҳон ман фаҳмидам, ки барои мизоҷонам аз ин ширкатҳо подош гирифта метавонам.

Аслан, ман ба мизоҷони худ ин ё он ширкат ё маҳсулотро тавсия карда, ҳамаи ин корро иҷро мекардам. Ҳама коре, ки онҳо бояд мекарданд, – ин танҳо ба кор гирифтани мизоҷони ман буд. Ба ҳамин тариқ, ман ба таъминкунандагони хидматрасонӣ, намояндагони ширкатҳо ва дигар мутахассисон, ки баъдтар ба мизоҷони худ тавсия медодам, муроҷиат карданро сар кардам: ман ба онҳо маҳз чӣ кор карданро мефаҳмонидам, ва сипас мепурсидам, оё ман барои корам ягон миқдор инъоме мегирам. Ҳамаи онҳо мегуфтанд: “Бале”. Ва ман ба ин кор машғул шудан гирифтам. Ман ширкати пештараро тарк карда, ба одамон барои аз қарзҳо халос шудан ёрдамкунон, барои худам кор карданро сар кардам. Бизнес пеш рафт ва фоида оварданро шурӯъ намуд, ва дар натиҷа мо бо Дренда дар муддати дуввуним сол аз қарзҳо озод шудем! Мо хеле рӯҳбаланд шуда будем! (Агар шумо барои сохтани нақшаи бепули раҳоӣ аз қарзҳо шавқ дошта бошед, ба телефони 1-800-815-0818 занг занед. Ҳоло, 28 сол инҷониб, мо ҳанӯз ба ин кор машғул ҳастем!)

То ба он дараҷае ки Худованд бештару бештар сохтори Подшоҳии Худро ба мо нишон медод, мо ҳар рӯз аз ягон чизи наве бохабар мешудем. Ҳангоми вохӯрӣ бо як мизоҷ Худо ба ман гап зад, ки ман коргар киро карда, бизнесро ба сатҳи баландтар бароварда метавонам. Ман коргар гирифтам, ва бизнес ба тараққӣ кардан

сар кард. Чуноне ки ман дар сарсухан гуфтам, мо бо пули нақд мошин мехаридагӣ шудем ва хонаи орзукардаи худро сохтем. Дар вақти бизнес-вохӯриҳои ҳармоҳа бо коргарони нав ман дар бораи Подшоҳии Худо ба онҳо нақл кардам, ки ин одамонро ба ширкати ман ҷалб намудан гирифт – на фақат аз боиси имкониятҳо барои бизнес, балки ҳам барои шунидан оиди Подшоҳии Худо ва оид ба кор бурдани ин принсипҳо дар ҳаёти худ.

Худо ба ман дарсҳои аҷоиб медод, ва, албатта ҳам, бисёре аз ин дарсҳоро ман дар вақти шикор мегирифтам. Агар ман онҳоро бо чашмони худам намедидам, бовар намекардам. Ҳар як саргузашт ба ман паҳлӯҳои нави Подшоҳиро меомӯхт, ки пештар ман намедонистам. Дар ин китоб ман танҳо баъзе аз онҳоро нақл мекунам, вале агар ин мавзӯъ ба шумо дар ҳақиқат шавқовар бошад, дар вебсайти ман шумо китоби маро бо номи “Шикор бо имон” пайдо мекунед (Faith Hunt).

Як саргузашт пас аз ду соли он, ки ман ба кор бурдани донишҳои навро оид ба Подшоҳӣ сар кардам, рӯй дод. Чуноне ки ман аллакай навиштам, Худо ба ман нишон дод, ки барои оҳу тухмӣ кишт кардан ва дар дуо онро ҳамчун амали содиршуда қабул намудан лозим аст, – ва ман доимо, бе истисно, дар давоми 35-40 дақиқа ҳосилро дар намуди оҳу ба даст меовардам. Ин, воқеан, аллакай 28 сол боз рӯй медиҳад. Ана ҳамин тавр, ҳамон сол ман, аз рӯи одат, бе ягон шубҳа ба шикор рафтам. Пас аз чанд дақиқа ман оҳуеро дидам, ки дусад метр дуртар аз ман ба самти бешазори ҳамсоя равон аст. Ман медонистам, ки ҳамон лаҳзае ки оҳу дар беша пинҳон шавад, ман онро аз даст медиҳам. Вале дар баробари ин медонистам, ки ин оҳу аз они ман аст. Ин саргузашт ҳанӯз пеш аз он, ки ман нозукиҳои шикорро бо камонғӯлак ё қапқонҳои овозӣ донистам, рӯй дод. Вале оҳу қариб дар бешазори ҳамсояи ман пинҳон шуд, ва ман бошам, ноилоҷ рост меистодам, гарчанде медонистам, ки ин оҳу ҳосили ман буд. Ва ногаҳон ман дар рӯҳи худ шунидам: “Ба оҳу гӯй, ки ба назди ту биёяд”. “Чӣ? Ба оҳу гӯям, ки назди ман биёяд? Ин чӣ

маъно дорад?” Вале ба ҳар ҳол ман бо овози шунаво , вале на он қадар баланд, ки оҳу маро шунида тавонад, гуфтам: “Оҳу, ман ба ту амр мекунам, ки бозистӣ, тоб хӯрда, биёӣ ва дар назди дарахте, ки камингоҳи ман аст, истода бошӣ”.

Шумо ҳайрон мешавед, вале баъд аз суханони ман оҳу бозистод, тоб хӯрд ва ба тарафи ман, рост ба самти дарахт, ки дар он камингоҳи ман буд, равона шуд. Ман дар ҳайрат монда будам, аммо вай дусад метрро тай кард ва рост дар таги дарахт, се метр аз ман поёнтар истод. Ман на камуфляж, на домҳои тазвири хушбӯй ё овозӣ доштам – танҳо ман ва Худо, бо вуҷуди ин оҳу рост дар назди ман меистод. Гумон намекунам, ки тири касе дар ин ҳолат хато равад. Ман бо хурсандии зиёд оҳуро ба хона овардам, ва аз фикри ман дур намешуд, ки ман шоҳиди чӣ гуна воқеае гаштам. Наход аз боиси он, ки ман амр кардам, оҳу ба назди ман омад? Айнан чунин ба назар мерасид.

Мо дар Оҳайо 40 гектар фермаро ба иҷора гирифтем – дар он ҷо киштзорҳо, камтар беша ва дарёчаҳои сербутта буданд. Дар фасли зимистон, махсусан, вақте ки барф меборид, мо ба шикори харгӯшҳо машғул шуданро дӯст медоштем. Дар Оҳайо дар баробари мавсими шикори харгӯшҳо мавсими шикори тазарв сар мешавад, вале дар фермаи худамон онҳоро ҳеҷ гоҳ надидаем.

Ҳамон рӯз мо ба шикори харгӯшҳо рафтем ва, вақте ки дар лаби дарёча истода будем, тазарверо ба тарс овардем. Ман зуд ба нишон гирифтам ва тир андохтам. Тир андохта, ман фаҳмидам, ки пари паррандаро захмдор кардам. Тазарв ба замин афтод, ва ҳамон замон ба пой хеста, фирор карданӣ шуд. Тазарвҳо бо суръати 50 км дар як соат ҳаракат карда метавонанд, ва ин йигити мо бо тамоми қувват инро исбот карданӣ мешуд. Замин аз барфи навборида пӯшонида шуда буд, ва парранда дар замини кушод медавид, бинобар ин ман ҳар қадами онро ба сӯи наҷот мушоҳида карда метавонистам.

Ман чанд лаҳза ночор фикркунон меистодам, ки тазарвро аз даст додам, вале дар рӯҳ чизи баръаксеро ҳис кардам. Ман ба ёд овардам, ки чӣ тавр ман он вақт ҳангоми шикор ба оҳу амр кардам, ки ба назди ман биёяд. Ман эҳсос кардам, ки айни ҳамонро боз ин дафъа бояд такрор кунам, бинобар ин бо овози баланд фарёд кардам: «Тазарв, ба номи Исо БИИСТ!» Ногаҳон ман паррандаро аз мадди назари худ гум кардам, ман надидам, ки он ба пеш ё ба қафо ҳаракат карда истода бошад. Киштзор хуб наззора карда мешуд ва тазарв дар айни ҳамон вақте, ки ман фарёд задам, аз ҳаракат бозмонд. Писарам Тим ҳамроҳи ман буд, ва ӯ гуфт: «Падар, ҳамон вақте ки ту садо баровардӣ, тазарв бозистод». Вале он ба куҷо гум шуд? Мо бо Тим аз пояш рафтем ва онро рост дар рӯи барф дидем. Вай сарашро ба барф халонида буд, вале танаш пурра намоён. Дар он ҷо каме алаф буд, ки вай дар рӯяш нишаста буд, аз ин рӯ мо онро дида наметавонистем. Чӣ, вай мурд? Ман вайро бардоштам, ва он зуд болу пар зада, овози гӯшхарош баровард. Вай зинда буд! Баъдтар паррандаро пар канда истода, ман мушоҳида кардам, ки ҷароҳаташ аз тири ман он қадар калон нест. Мо бо Тим бо ҳайрати бузург ба якдигар нигоҳ карда мондем. Он чиро ки мо бо чашмони худ дидем, ҳеҷ кас бовар карда наметавонист.

Чуноне ки ман аллакай гуфтам, дар Оҳайо барои шикори оҳуҳо маҳдудият вуҷуд дошт: ду оҳуи ҳар ҷинс, вале нарина – танҳо як сар дар як сол. Ҳокимони иёлат бештар ба шикори модинаҳо иҷозат дода, шумораи оҳуҳоро камтар кардан мехостанд. Бинобар ин ман бо умеди ба даст овардани модина ва нарина тухмӣ кишт кардам. Ва дар 30-40 дақиқа, аниқ аз рӯи соат, нарина пайдо шуд. Фикрам равшан шуд: «Дақиқае сабр кун, оҳуҳо бо тартибе пайдо мешаванд, ки ман дар коғаз навиштаам, вақте ки тухмӣ кошта будам. Наход ин рост бошад? Агар ман бо тартиби дигар менавистам-чӣ?” Одатан ман барои як нарина ва як модина тухмӣ мекоштам, ва онҳо маҳз бо ҳамон тартиб меомаданд. Вале

ин дафъа ман барои модина ва барои нарина тухмӣ коштам, ва аввал шуда модина омад, ва баъдтар нарина омад. Ман барои санҷидани ақидаи худ тартибро чандин бор дигар кардам, ва ҳар дафъа он кор медод. Вақте ман дидам, ки ҳамаи ин чизҳо рӯй медиҳанд, иззату эҳтироми Худо дар қалби ман зиёд шуд ва фаҳмидам, ки ман дар бораи Ӯ чӣ қадар кам медонам. Ба як чиз шакку шубҳае набуд: Худованд ба ман нишон медод, ки ман, назар ба он ки пештар тасаввур мекардам, дорои қудрати бештаре ҳастам, ки дар ҳаёти худ ба кор бурда метавонистам.

Ҳамту ба сифати эзоҳ мегӯям, ки ҳоло мавсими шикори оҳуҳо – 2015 рафта истодааст. Ман барои оҳуи шохдори чоршохагӣ ё бештар, ҳамчунин барои наринаи яксола ва модинаи яксола – барои гӯшт тухмӣ кишт кардам. Ва ана, аз рӯи соат, рост ба самти дарахте, ки ман дар наздаш камин гирифтаам, оҳуи шохдори шашшохагӣ меояд, сипас пас аз чанд лаҳза модинаи яксола пайдо мешавад. Ва ман аниқ медонам, ки дар навбати оянда наринаи ҷавонро ба даст меорам. Ман мефаҳмам, ки ин ҳамчун беақлӣ садо медиҳад, ман танҳо ба шумо нақл кардан мехоҳам, ки дар вақти шикор бо ман воқеан чӣ рӯй медиҳад.

Вале як воқеа он қадар равшану возеҳ буд, ки ин маро ҳатто ба тарс овард. Ман барои оҳуи шохдори чоршохагӣ ё бештар, ва ҳамчунин барои оҳуи ҷавони бешох (оҳуи ҷавон то он дам, ки шохҳояш майда ва дар зери пашм пинҳон ҳастанд, ҳамчун модина ба назар мерасад) тухмӣ коштам. Ман чун ҳарвақта ба шикор баромадам ва пас аз понздаҳ дақиқа оҳуи шохдори ҳаштшохагиро задам. Ман дилпур будам, ки дафъаи оянда, вақте ки ба шикор мебароям, оҳуи ҷавон пайдо мешавад.

Пас аз ду ҳафта ман ба шикор баромадам, чун пештара ба камингоҳи худ дар болои дарахт нишастам ва оҳуи зебои шохдори ҳаштшохагиро дидам, ки дар чарогоҳ сесад метр дуртар аз ман равон аст. Вай рост ба сӯи дарахти ман меомад. Самти худро

дигар накарда, вай аз киштзор гузашт, ба назди дарахт омад ва дар он ҷо бист сония истод. Сипас вай тоб хӯрд ва бо ҳамон роҳе, ки омада буд, ба қафо равон шуд. Дар ёд доред, ки дар Оҳайо танҳо як нарина иҷозат аст, ва ман аллакай дар ин сол оҳуи шохдори шашшохагиро ба даст оварда будам. Бинобар ин ман ҳамту ба ин зебояк нигоҳ кардам ва тир наандохтам. Ин комилан маро гаранг кард. Аввалин бор бо ман чунин ҳодиса рӯй дод, ки дар вақти шикор оҳу ҳамин қадар наздик ба назди ман омад, вале ин на он оҳуе буд, ки ман барояш тухмӣ кишт карда будам. Чӣ тавр киштзорро гузашта, ба назди дарахте, ки ман дар он камин гирифтаам, омадан, дар назди дарахт андаке истода, сипас бо ҳамон роҳе, ки омада буд, рафтани оҳу маро ба тарс овард. Чунин ҳиссиёте дар ман пайдо шуд, ки гӯё ин оҳу амреро иҷро мекард. Ман оҳуи ҷавонро то субҳ интизор шуда нишастам, вале он пайдо нашуд.

Бегоҳирӯзӣ ман дар утоқи кории худ менишастам ва аз ин ҳодиса дар ташвиш будам. Чизе нодуруст буд. Бояд оҳуи ҷавони бешох меомад. Барои чӣ наринаи шохдори ҳаштшохагӣ омад? Ман дар рӯҳ дуо карда истода, дар бораи ин вазъият аз Худо пурсидам. Ман Ӯро шунидам, Ӯ гуфт: «Ба тухмии худ нигар». Ба тухмӣ нигоҳ кунам? Ман медонам, ки барои чӣ кишт кардаам. Бонк тамоми чекҳои маро нусхабардорӣ мекунад, бинобар ин ман нусхаи даркориро ба даст гирифтам ва ба хат нигоҳ кардам. Ман фикр карда будам, ки барои ду оҳу тухмӣ кишта кардам: як оҳуи наринаи шохдори чоршохагӣ ё бештар ва оҳуи ҷавони бешох, ки ҳамчун модина ба назар гирифта мешавад. Вале ана дар чек чӣ навишта шуда буд: «Ду оҳуи шохдори чоршохагӣ ё бештар, як оҳуи бешох». Вақте ки ман навишта будам, танҳо ду оҳуро дар назар доштам: якеаш шохдор, дигараш бешох, вале дигар хел шудааст. Ман навиштаам: «Ду оҳуи шохдори чоршохагӣ ё бештар ва як оҳуи бешох». Ҳамагӣ чандто мешавад? Се, ва бармеояд, ки дуввуминаш ба мисли якуминаш шохдори чоршохагӣ ё бештар будааст. Вақте ки ман инро дидам,

ба ҳайрат афтодам. Ҳамон оҳуи шохдори ҳаштшохагӣ дар ҳақиқат амрро иҷро мекард. Ӯ ба туфайли амалкарди қонуни Подшоҳӣ пайдо мешуд. Ман хез задам, аз шодӣ фарёд зада, рӯ-рӯи хона давидам. Ана кору мана кор!!!

Дар баробари ин ин воқеа маро ба тарс овард. Агар Подшоҳии Худо ҳамин қадар аниқ ва мушаххас бошад, пас ман бояд хеле покизакор бошам. Ман беихтиёрона ҳодисаҳоеро ба вуқӯъ овардам, ки аслан намехостам, вале онҳо рӯй доданд, чунки ман қонуни рӯҳониро ба кор бурдам. Акнун ман ба фаҳмидани он сар кардам, ки бисёр одамон, аз ҷумла ман, чизҳоеро аз сар мегузаронанд, ки худашон намехоҳанд, вале аз рӯи нофаҳмӣ он чизҳоро ба сари худ меоранд. Ба хотир оред, чӣ тавр Исо дарахти анҷирро хушконид, вале дар ҳолати дигар Лаъзорро аз гӯр зинда карда баровард. Дар ҳар ду вазъият ҳамон як қонунро ба кор бурд, вале бо мақсадҳои дигар. Вақте ки ман дафъаи дигар ба шикор баромадам, оҳуи ҷавон омад – маҳз ҳамон гунае, ки ман барояш тухмӣ кишт карда будам.

Ҳамаи ин ҳодисаҳои пайдарҳам маро ҳайрон кард ва ба тасаввуроти ман оид ба Подшоҳӣ таъсири бузург расонид. Акнун ман бе шубҳа медонистам, ки Подшоҳии Худо хеле дақиқ кор мекунад. Оё мо аз ин ҳайрон шавем? Ҳама гуна қонуни табиат, ки дар замин амал мекунад, хеле дақиқ мебошад. Ман, шояд, ҳеҷ гоҳ дарк накарда будам, ки қонунҳои рӯҳонӣ ба монанди қонунҳои физикӣ, ки аз олами рӯҳонӣ оварда шуда буданд, бо ҳамин тарз кор мекунанд. Ман бояд дар ин бора медонистам, вале ман намедонистам. Аммо акнун ман фаҳмидам, ки қонунҳои Подшоҳӣ чӣ қадар дақиқ мебошанд.

Ба шумо боз як ҳикояро нақл мекунам, ки бо ман дар вақти шикор рӯй дода буд (ба ман он дарсҳое, ки дар вақти шикор мегирам, хеле писанд ҳастанд, бинобар ин ба шумо лозим мешавад, ки тоқат кунед). Вақте ман донистам, ки қонунҳои Подшоҳӣ чӣ қадар

дақиқ кор мекунанд, он гоҳ барои гузаронидани боз як таҷрибаи хеле дақиқтар азм кардам. Дар он сол ман қарор кардам, ки барои оҳуи шохдори шашшохагӣ тухмӣ кишт кунам. Одатан оҳуҳо дар ҳар ду шохашон миқдори баробари шохаҳо доранд. Чор шоха – ин чунин маъно дорад, ки ду шохагӣ дар ҳар ду тараф мавҷуд мебошанд; ҳаштшохагӣ – ин маънои онро дорад, ки чоршохагӣ дар ҳар ду тараф вуҷуд дорад ва ғ. Вале чунин мешавад, ки бо сабабҳои гуногун оҳуҳо дар шохҳояшон миқдори нобаробари шохаҳоро дошта метавонанд. Ман мехостам, ки имони худро дар ягон чизи мушаххас, ки аз меъёр берун аст, ба кор андозам, бинобар ин барои санҷида дидан азм кардам. Ман аллакай ёд гирифтам, ки ту чӣ қадар мушаххастар бошӣ, ҳамон қадар ба ту лозим мешавад, ки интизор бошӣ ва роҳнамоии Рӯҳи Муқаддас барои амалӣ кардани он ҳамон қадар дақиқтар мешавад. Инак, мавсими шикор бо камонғӯлак сар шуд, вале ман медонистам, ки ҳоло ман набояд ба шикор бароям. Ман медонистам, ки оҳуи ман дар он ҷо нест.

**МАН БА ОН ШУБҲА НАДОШТАМ, КИ ҚОНУНҲОИ ПОДШОҲӢ ХЕЛЕ ДАҚИҚ АМАЛ МЕКУНАНД.**

Ман тамоми моҳи октябр интизор шудам ва дар рӯҳи худ медонистам: «Ҳоло вай дар он ҷо нест». Ин маро камтар ғамгин кард: бешазор ранги тирамоҳӣ дошт, ва ман хеле муштоқи ба шикор баромадан будам. Вале ман сабр мекардам.

Давоми қисса чунин шуд. Як рӯз бегоҳӣ ман дар меҳмонхона нишаста, бо волидайни ҳамсарам, ки аз Ҷорҷия ба хонаи мо барои меҳмонӣ омада буданд, сӯҳбат мекардам. Ва ҳамон лаҳза дар қалбам шунидам, ки субҳи фардо соати ман фаро мерасад. Наринаи шохдори ҳафтшохагӣ дар он ҷо хоҳад буд! Ман ба оилаам гуфтам, ки оҳуи худро ба даст меорам.

Ман рӯҳбаландона бедор шудам ва аллакай то дамидани субҳ

аз хона баромадам. Ман дар камингоҳи худ дар болои дарахт бо камонғӯлак менишастам ва панҷ гектар замини ботлоқии бо бешазори ман ҳамсарҳадро аз назар мегузаронидам. Ин ҷои хеле зебо аст. Ту метавонӣ дар он ҷо истода, тамошо кунӣ, ки чӣ тавр ӯрдакҳо парида мегузаранд, ба канори ботлоқзор мушобиҳо ва ҳатто баъзе вақт вашақҳо мебароянд. Дар гирди ботлоқзор буттазорҳое ҳастанд, ва дар он ҷо бисёр вақт оҳуҳо истироҳат мекунанд. Ва инак, ман дар камингоҳи худ менишастам, вале ҳеҷ чиз рӯй намедод. Ман 45 дақиқа, як соат, интизор шудам, вале ҳеҷ чизе нест.

Ман шунидам, ки чӣ тавр дар тарафи дигари киштзор дари мошинҳо кушода ва боз пӯшида шуданд, – ман медонистам, ки волидайни Дренда барои бозгашт ба Ҷорҷия тайёрӣ мебинанд. Ман ваъда дода будам, ки пеш аз ба сафар баромаданашон ман бо онҳо наҳорӣ мекунам, ва наҳорӣ тайёр карданӣ будам. Дар аввал ман ба нақша гирифта будам, ки саҳарии барвақт оҳу шикор кунам, сипас барои наҳорӣ ба хона баргардам. Вале оҳу ҳамоно пайдо нашуд, ва ман бо дили нохоҳам аз камингоҳи худ, яъне аз дарахт фаромадам ва ба хона рафтам. Аз рӯи таҷриба ман медонистам, ки оҳуҳо ба ботлоқзор саҳарии дер меоянд, чунки ин ҷои писандидаи онҳо барои истироҳат буд, чуноне ки ман аллакай гуфтам. О, ман мефаҳмидам, ки оҳу дар ҳама гуна вақт пайдо шуданаш мумкин буд, вале ман дигар беш аз ин дар он ҷо буда наметавонистам. Ин чунин маъно дошт, ки ман мебоист субҳи дигар ба шикор равам. Ман дар хона ҳамаро аҳволпурсӣ кардам ва ба тайёр кардани наҳорӣ машғул шудам. Дар хонаи мо танҳо ман наҳорӣ тайёр мекунам, ва чуноне ки худро дар хотир дорам, ин ҳама вақт ҳамин хел буд. Ман бо тарзи махсус аз орди гандум нони қандин тайёр карда метавонам, бовар кунед, ман онро хеле хушмаза омода мекунам. Тухм, ҳасиб ва панир дастархонро бой мегардонанд, вале бомазатарин хӯрише, ки наҳории моро ҷозибанок мегардонад, албатта, шарбати табиии

зарангӣ мебошад. Оҳайо – ин минтақаест, ки шарбати зарангиро истеҳсол мекунанд ва ба фурӯш мебароранд. Ман ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳам, ки дар хонаи ман шарбати сунъии зарангӣ пайдо шавад – танҳо ҳақиқиаш! Инак, ман машғули тайёр кардани наҳорӣ ҳастам, тирезаи хонаи мо бошад, ба тарафи беша ва ботлоқзор нигоҳ мекунад. Ва ҳамин лаҳза ман мебинам, ки чӣ тавр оҳу киштзорро гузашта, ба сӯи ботлоқ равона мешавад. Ман дод задам: "Оҳуи ман!" Ба аҳли хонавода ба анҷом расонидани омодакунии наҳориро фармуда, ман давидам!

Ман на як бор мушоҳида карда будам, ки оҳуҳо ин киштзорро бурида мегузаранд, ва аз ҳамин сабаб медонистам, ки вай ба кадом самт равона мешавад. Ман тахмин карда дидам, ки агар ман ба ҷои худ давида, то оҳу ба он ҷо рафтан ба камингоҳи худ бароям, вақте ки оҳу наздик мешавад, ман тир андохта метавонам. Вале пеш аз оҳу то он ҷо расидан ва ба камингоҳ баромадан кори осон нахоҳад буд. Ман ЗУДТАР бояд бидавам! Ман аз дар давида гузашта, камонғӯлакро гирифтам, гирдогирди киштзор давидам ва чи қадаре ки метавонистам, ҳамон қадар оромтар, эҳтиёткорона ба камингоҳ баромадам. То ба ҳол ҳама чиз хуб пеш мерафт, оҳу намудор набуд.

Ман ба камингоҳ баромадам ва, ҳамон лазҳа, ки нишастам, дидам, ки оҳу аз ботлоқ гузашта, ба тарафи ман ҳаракат мекунад. Оҳу ғайр аз оҳуи модинае, ки аз пояш мерафт, ба ҳеҷ чизи дигар диққат намедод; вай маро надид ва бӯи маро ҳис накард. Модина на он қадар дуртар аз ман чарида истода буд ва ба тарафи ботлоқ равона буд, оҳу низ бо ҳамон роҳ мерафт. Ман вазъияти аз ин беҳтарро тасаввур карда наметавонистам. Оҳу аз ман бист метр дуртар буд, ман бо диққат ба нишон гирифта, тирро аз камонғӯлак сар додам. Дар ҳамон сония, тирро сар дода, ман фаҳмидам, ки он хато рафт. Ҳақиқатро бояд тан гирифт: вақте ки бо мақсади аз оҳу пештар расидан гирдогирди киштзор медавидам, ботлоқро чарх зада гузаштам, нафастанг шуда будам.

Ман чун дидам, ки тирам хато рафт ва ягон узви ҳаётан муҳими оҳуро ба нишон гирифта натавонистам, зиқ шудам. Баъд аз тир паррондан оҳу ба буттаҳое, ки ботлоқро иҳота карда буданд, ҷаҳида, аз назар пинҳон шуд. Ман мушоҳида карда будам, ки вақте бо камонғӯлак шикор мекунӣ, баъзан пас аз тир андохтан оҳуҳо зуд намефаҳманд, ки чӣ рӯй дод. Бисёр вақт онҳо, вақте ки туро пайхас намекунанд ва бӯи туро намефаҳманд, ҳамту мераванд. Ҳамчунин ман медонистам, ки агар оҳу захмӣ шавад, вай одатан ба бутта панаҳ мешавад ва дур намеравад. Азбаски он оҳу маро надид, ман оҳиста аз камингоҳ фаромадам ва бо ҳамон роҳе, ки омада будам, ба хона омадам, – бо роҳи дароз давр зада гузаштам, то ки оҳуро нарамонам.

Вақте ки ман ба хона омадам, ҳама пурсон шуданд, ки чӣ ҳодиса рӯй дод ва оё ман оҳуро шикор кардам ё не. Ман чи хеле ки буд, нақл кардам, ва аз писаронам хоҳиш кардам, ки бо ман рафта, барои аз байни буттаҳо бо ҳилла баровардани оҳу ёрӣ диҳанд, то ки ин дафъа ман онро зада афтонам. Мо буттаҳоро иҳота кардем ва оҳиста наздик шудан гирифтем. Ногаҳон ман дидам, ки писарам оҳуро рамонд ва он аз болои алафзори баланд ба ҷаҳидан сар кард. Вай аз ман панҷоҳ метр дуртар буд ва ба чапу рост ҳаракат мекард. Ногаҳон оҳу писари дуюмини маро дид. Фаҳмид истода, ки ин на ҳамон одаме аст, ки ҳозиракак ӯро рамонид, ва надониста, ки кадом роҳ аз ҳама бехатар аст, оҳу бозистод, то ки имконияти худро барои наҷот зуд баҳогузорӣ кунад. Оҳу маро ҳанӯз надид. Вай аз ман 60 метр дуртар истода буд ва ба писари ман нигоҳ мекард. Камонғӯлак тавоноии кофӣ дорад, ки аз ин масофа оҳуро бикушад, вале дурустии парвози тир гум мешавад. Ман ҳеҷ гоҳ аз чунин дурӣ аз камонғӯлак тир наандохта будам. Илова бар ин камонғӯлаки ман нав ва қимат набуд, ки ба масофаи 120 метр дар як сония тир андохта тавонад. Дақиқии камонғӯлаки ман аз 30-35 метр масофа иборат буд.

Азбаски оҳу ба ман паҳлӯяшро гардонда, ором меистод, ман

ба тир андохтан қарор кардам. Ман камонғӯлакро бардошта, ба нишон гирифтам ва тир андохтам. Ман медидам, ки чӣ тавр тир рост ба сӯи оҳу парвоз кард, ва мутааҷибона, аниқ ба гардани вай зад. Тир гардани оҳуро сӯрох карда (барои муфассал баён кардан маро бубахшед) ва акнун аз ду тараф намоён шуда меистод. Оҳу ба буттазор ҷаҳида, аз назар пинҳон шуд. Ман оҳиста ба назди буттаҳо омадам. Вай дар он ҷо буд! Тир кори худро ба анҷом расонида буд, ва оҳу аз они ман шуда буд!

Вақте ки писарам Тим ба назди ман омад, аз ҳама бештар диққати маро миқдори шохаҳо дар шохи оҳу ба худ ҷалб мекард. То ин фурсат ман имкон надоштам, ки онҳоро бишуморам, акнун бошад шуморидем: онҳо ҳафтто буданд. Бо диққат нигоҳ карда, мо дидем, ки дар асл ҳашт шохаҳо буданд, вале яке аз онҳо шикаста, ҳафттояш боқӣ монда буд. Мо бо Тим ба ҳайрат афтодем ва Худоро ситоиш кардем. Подшоҳии Худо аҷиб аст? Мо дар он ҷо истода будем ва фикр мекардем: "Аҷоиб, оё ягон кас ба мо бовар карда метавонад? Оё касе умуман медонад, ки Подшоҳии Худо чунин сохта шудааст?"

Фикр мекунам, ки шумо асли гапро фаҳмидед. Дар Подшоҳии Худо қонунҳои хеле дақиқ бароварда шудаанд, ва донистан зарур аст, ки онҳо ҳар дафъа бетағйир кор мекунанд. Вақте ман фаҳмидам, ки ин қонунҳо дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар масъалаи пул, амал мекунанд, хеле хурсанд шудам. Ман метавонистам, ки ин қонунҳоро биомӯзам. Ман бояд таҳқиқгари рӯҳонӣ мешудам ва ошкор мекардам, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр бунёд карда шудааст. Худоё, ба ман мадад кун!

## БОБИ 2

# ҶИЛОИ КАБУДРАНГ

Вақте ки Дренда ва ман кори Подшоҳиро дар ҳаёти худ дидем, мо пурра аз қарзҳои худ халос шудем, ва мо дар бораи он чизҳое, ки фаҳмидем, ба дигарон нақл кардан мехостем. Мо дар ин бора ба ҳамаи шахсоне, ки барои шунидан тайёр буданд, нақл кардем; он гоҳ мо калисо кушодем, ҳамчунин ман ба соҳибкорӣ машғул шуданро давом медодам. Вале дар рӯҳ ҳис мекардам, ки аз ин дида як чизи бузургтаре мавҷуд мебошад; намедонистам, ки маҳз чӣ аст, вале мефаҳмидам, ки Худо маро минбаъд низ роҳнамоӣ мекунад, то ки ман ба одамон дар бораи Подшоҳии Худо нақл кунам.

Тамоми соли 2005 ман барои баргузор кардани конфронсе, ки "Инқилоби рӯҳонӣ" номгузорӣ кардан мехостам, илҳом пайдо кардам. Он силсилаи панҷ ҷамъомадро дар бар мегирифт. Ҳангоми он ман принсипҳои молиявии Подшоҳиро, ки ҳаёти маро дигар карда буд, ба одамон фаҳмонида метавонистам. Ман дар калисои методистӣ ба воя расидаам, ва дар мо баъзан анҷуманҳои илҳомбахши ба ин монанд доир мешуданд. Маҳз чунин намунаро ман дар рӯҳ дидам – панҷ ҷамъомад, ки ҳангоми онҳо ман имкон пайдо мекунам, то нуқтаи назар ва принсипҳое, ки Худо алоқамандона ба молиёт ба ман ошкор карда буд, ба

одамон нақл кунам. То ин дам ман кӯшиш накарда будам, ки ин принсипҳоро якҷоя кунам ва мураттаб гардонам. Вале дар рӯҳ ман худро ҳамчун як воизе медидам, ки дар панҷ ҷамъомад оиди молиёт мавъиза мекунад.

Дар ҳоле ки ман дар ин бора дуо мекардам, боре ман бо дӯсти худ Лэрри, ки хеле дер боз вонахӯрда будем, рӯ ба рӯ шудам. Ӯ гуфт, ки дар Албаниё анҷуман гузаронидан мехоҳад ва маро таклиф кард, ки дар он сухангӯ бошам. Лэрри дар Албаниё аллакай қариб 12 сол боз ҳамчун таблиғгар хидмат мекард ва дар ин кишвар нуфузи калон дошт. Саёҳат ба ҳамин қадар масофаи дур барои ман як чизи нав буд. Ман боре ҳам ба кишвари дур сафар накарда будам, боре ҳам дар Албаниё набудам, ва ҳам намедонистам, ки ин мамлакат дар куҷо ҷойгир шудааст. Лэрри маро рӯҳбаланд кард, ки ин чорабинии фарогири миллӣ хоҳад буд, ки аз тамоми мамлакат шубонҳо ҷамъ меоянд ва барои онҳо мавъизаи ман оиди Подшоҳӣ ва молиёт хеле фоидабахш мешавад. Гарчанде сухан дар бораи панҷ ҷамъомад намерафт, бо вуҷуди ин ман аз пайдо шудани имконият барои нақл кардани он чизҳое, ки дар бораашон гуфтан мехостам, рӯҳбаланд шудам. Бинобар ин ман гуфтам, ки аз имкони чунин сафар хеле хурсанд мебудам.

Вақте ки ман дар Албаниё аз ҳавопаймо фаромадам, Лэрри бо ин суханон маро пешвоз гирифт: “Гэри, яке аз сухангӯҳои мо дар лаҳзаи ҳозир сафари худро бекор кард, бинобар ин ту дар панҷ ҷамъомад сухан мегӯӣ”. Дили ман ба ларза афтод. Ана инро бинед! Ман медонистам, ки ҳамаи ин корро Худо карда истодааст, ва ба амал омадани он чизҳоеро, ки дар рӯҳ ҳис карда будам, хеле дидан мехостам. Ман бо худ қайдҳои худро доштам, вале ман онҳоро барои панҷ хидматгузорӣ тақсим накарда будам. Бинобар ин ҳар рӯз ман таълим медодам, сипас баргашта, дар рӯҳ дуо мекардам ва барои мавъизаи навбатӣ конспект тайёр мекардам. Ҳар ҷамъомад пур аз тадҳини аҷоибе буд.

Қабл аз он ки ба пеш гузарам, ба шумо гуфтан мехоҳам, ки ҳамон вақт Албаниё кишвари хеле камбағал буд. Даромади ҳармоҳаи одам 500 долларро ташкил медод, ва порахӯрӣ одати зиндагии ин одамон буд. Дар бораи он ки чӣ тавр ман оиди молиёт ба онҳо суханронӣ мекунам, фикр карда истода, ман дилпур набудам, ки онҳо чӣ хел инро қабул мекунанд. Ман медонистам, ки Калом ба ҳар як одам таъсирбахш аст, вале ҳамаи ин барои ман таҷрибаи комилан наве буд. Вақте ки ман зимни хидматгузории аввал таълим медодам, ман дар байни худ ва шунавандагон девореро ҳис кардам. Ҳангоми хидматгузории дуюм ман гуруснагии рӯҳонии одамонро ҳис кардам ва аз қиёфаи онҳо дида метавонистам, ки ҳангоми шунидани хабари хуш дар бораи Подшоҳӣ имони онҳо месабзид. Бо ҳар рӯзи омӯзиш ин одамон беш аз беш рӯҳбаландтар мешуданд, ва ман бо боварӣ гуфта метавонам, ки онҳо аз Подшоҳии Худо ба ваҷд омада буданд.

Бегоҳӣ пеш аз дарси охирини ман Худованд гуфт, ки ба калисоҳои маҳаллӣ ионат ҷамъоварӣ кунем. Ман дар ин кор дилпур набудам, чунки, аввалан, ин ҷамъомади ман набуд; дуюмаш, ман намедонистам, ки одамон инро чӣ хел қабул мекунанд. Лэрри ва ман барои пӯшонидани хароҷоти роҳ ва истиқомати шубонҳои маҳаллӣ пули бисёр сарф карда будем, то фақат ин ки онҳо ба ин ҷамъомад омада тавонанд. Ман бо Лэрри гуфтугӯ кардам, ва ӯ гуфт, ки ман ионат ҷамъ кунам.

Ҳамин тариқ, ман ҳангоми хидматгузории охирин даъват ба амал овардам, ки барои ин анҷуман ионат ҷамъоварӣ карда шавад, ва ҳузури Худо он қадар пурқувват буд, ки ман базӯр рост истодам. Одамон ба пеш баромада ва ионатҳои худро тақдим карда истода, рақсу шодӣ менамуданд. Одамон пулҳои худро ба сабадҳо меандохтанд, ва хидматгузорону нозирони тартибот, ки ин сабадҳоро дошта меистоданд, гиря мекарданд ва дар пои худ базӯр рост меистоданд. Ман ҳеҷ гоҳ пештар чизи ба ин монандро

надида будам, ҳадди ақал ҳангоми ҷамъоварӣ кардани ионат. Ман медидам, ки бо чӣ гуна хурсандӣ одамон ҳадяҳои худро меоварданд, чӣ тавр онҳо мерақсиданд ва нидо мебароварданд, ва аз тадҳин ва аз имони самимонаи онҳое, ки чунин тухмиҳои қиматбаҳоро кишт мекарданд, ман ба ҳайрат омада будам. Лэрри аз дидани ин воқеа сахт таъсир бардошт. Вай ҳамчунин аз ду сумкаи пур аз ионатҳо, ки мо баъди хидматгузории бегоҳӣ ба хонаи ӯ бурдем, ҳайрон шуд. Лэрри гуфт, ки одатан онҳо танҳо бо як сумка ҷамъоварӣ мекарданд ва он ҳам пур намешуд. Мо бо эҳтиёт ин сумкаҳоро, аз кӯчаи серҳаракат гузашта, ба хонаи хурдакак, ки дар он Лэрри зиндагӣ мекард, бурдем.

Мо ба хонаи вай даромада, дар меҳмонхона нишастем ва сумкаҳоро кушодем, то ки пулҳоро ҳисоб кунем. Вақте ки Лэрри пулҳоро ба миз гузошт, чизе рӯй дод, ки бо сухан шарҳ додан мушкил аст. Ногаҳон ҳуҷраро равшанӣ пур кард ва моро дуди кабудранг ва ҳузури Худо фаро гирифт. Мо ҳамту дар зери тадҳине, ки хонаро пур мекард, менишастем. Он ба ягон тадҳини дигаре, ки пештар ман ҳангоми мавъиза ё дуо кардан ба одамон ҳис карда будам, монанд набуд. Ҳузури Худо дар даруни ин дуд буд. Ин таҷаллии қудсият буд; ман мефаҳмидам, ки дар худи маркази ҳузури Худи Худо нишастаам. Он қавитару қавитар шудан мегирифт. Ҳама коре, ки мо карда метавонистем, ин ҳамту нишастан ва гиристан буд. Сипас дар байни ин тӯдаи пулҳо дар мизи хурдакак ангуштарини мардонаи тӯёнаро дидам. Ман ҳайрон шудам, ки касе барои ионат пул пайдо накарда, чизи аз ҳама қиматтаринашро додааст.

Худованд дар ин лаҳза ба ман гап зад:

– Ман туро даъват мекунам, ки халқҳоро оиди принсипҳои Подшоҳӣ ва молиёт, ки Ман ба ту омӯзонидам, таълим диҳӣ. Ин ангуштарӣ имрӯз бо имони бузург оварда шуд. Ман мехоҳам, ки ту инро гирифта, ҳамчун ёдгорӣ аз ин воқеа маҳфуз дорӣ.

Бидон: чуноне ки ангуштарӣ рамзи ақди никоҳ аст, ҳамон тавр ту ҳам аҳди Маро бо халқи Ман эълон медорӣ, ки Ман онҳоро таъмин менамоям. Ҳамчунин бидон: ба ҳар ҷое, ки туро Ман мефиристонам, барои ин Ман ба ту пули кифоя медиҳам.

Тамоми он шаб ман хоб карда наметавонистам. Ман дар хонаи Лэрри барои шаб гузаронидан мондам ва тадҳин низ дар онҷо монд. Тамоми вақти парвоз ба хона аз болои Атлантика ман хоб карда наметавонистам. Ҳама чизе, ки ман карда метавонистам, – ин ба тиреза нигоҳ карда, дар давоми ҳашт соати вақти парвоз гиря кардан буд. Ман дар давоми 46 соат, пас аз он ки Худованд он вақт ба ман гап зад, хоб карда наметавонистам. Якчанд моҳ баъд аз ҳамон бегоҳӣ ҳар дафъа, он воқеаро ба ёд оварда, ман боз ҳамон ҳузури Худоро ҳис мекардам ва ашк мерехтам.

Ман ба Лэрри нагуфтам, ки Худованд ба ман дар бораи ангуштарӣ сӯҳбат кард. Пулҳои ҷамъоварӣ кардашуда ба калисоҳои Албаниё тааллуқ доштанд, ва ман медонистам, ки ангуштариро фурӯхта, ба ивазаш пул гирифтан мумкин буд, вале ман оиди ин ангуштарӣ Калом аз Худо доштам. Бинобар ин вақте ки Лэрри маро ҷеғ зада гуфт, ки Худованд ба вай гап зад, то ки он ангуштариро ба ман диҳад, хеле хурсанд шудам. Ман онро ба сутунча гузоштам, ва он акнун дар дафтари кории ман нигоҳ дошта мешавад. Вақтҳое буданд, ки ман, аз назари худам, бо мушкилиҳои ҷиддии молиявӣ рӯ ба рӯ мешудам. Он гоҳ ман ба ин ангуштарӣ нигоҳ мекардам ва суханони Худовандро, ки ҳамон бегоҳӣ ба ман гуфта шуда буд, ба ёд меовардам. Бе ҳеҷ гуна шакку шубҳа, Худо амин буд ва бо ҳар чизи зарур маро таъмин мекард, то ки ман ба самте, ки Ӯ нишон медод, раҳсипор шуда тавонам. Ҳамон бегоҳӣ дар Албаниё ҳаёти ман дигар шуд, вале ҳоло дар пеш бисёр чизҳое буданд, ки Худо ба ман нишон додан мехост.

Аз Албаниё ба хона омада, ман барои дар ҳар ҷо паҳн кардани паём оиди Подшоҳӣ майлу рағбати бештар пайдо кардам. Ман

барои ба дигар ҷойҳо бурда расонидани ин хабар шавқи зиёд ҳис кардам ва ман хеле мехостам, ки боз панҷ ҷамъомад гузаронам ва бубинам, ки оё ҳамон воқеа боз ба вуқӯъ меояд ё не. Ман то дер мунтазир нашудам. Як шубон аз Юта маро даъват кард, ки ҳамон панҷ ҷамъомадро гузаронам. Ӯ аз Лэрри шунид, ки онҳо тақдирсоз буданд, ва мехост, ки ман ба наздаш равам. Ӯ дар як калисои хурд ва хеле камбағали ҳиндуӣ шубон буд. Онҳо ба кӯмаки молиявӣ мӯҳтоҷ буданд, ва агар он чизе, ки Лэрри гуфт, рост бошад, пас ӯ эҳсос намуд, ки ман ба онҳо ёрдам карда метавонам.

Ҳамин тариқ, ман ба он ҷо парвоз кардам ва саҳарию бегоҳии рӯзи якшанбе ва сипас ҳар бегоҳӣ то рӯзи чоршанбе ҷамъомад гузаронидам. Ҳамон панҷ ҷамъомад, чуноне ки дар Албаниё буд, гузаронида шуд ва ҳамон гуна вокуниш рӯй дод. Дар бегоҳирӯзии охирини анҷуман, одамон дар вақти ҷамъоварии ионат дар зери таъсири тадҳини қавӣ монда, рақсу шодӣ мекарданд. Ман ин дафъа ҷилои кабудрангро надидам, вале дар вақти ҳар панҷ мавъиза тадҳини қавиеро ҳис кардам. Баъд аз ҷамъомади ҷамъбастӣ ман ба ҳайрат афтодам, чуноне ки Лэрри он вақт, дар Албаниё, он қадар ионати бисёр овардани ҳамагӣ 17 ҷуфти оилавиро дида, дар ҳайрат мондам. Ман пулҳоро ба сумкаи махсус гузоштам ва ба дафтари кории худ бурдам, то ки рӯзи дигар онро ҳисоб кунам.

Дертар, субҳи рӯзи дигар, ба ман аз дафтари корӣ занг заданд. Ин котиби ман буд, ва аз рӯи овози ӯ фаҳмидам, ки чизе рӯй додааст. Овози ӯ меларзид, шунида мешуд, ки ӯ гиря мекард. Суханони аввалини ӯ чунин буданд: “Шубон, бо ҳамон пулҳое, ки дирӯз оварда будед, чизе рӯй дода истодааст”. “Ту чиро дар назар дорӣ, Трэйси?” – пурсидам ман. Трэйси ба нақл кардан сар кард, ки вақте ӯ сумкаро кушод, то ки пулҳоро ҳисоб кунад, зуд тадҳини қавие омад ва ӯ ба фарш афтод. Котиби дигари ман садоро шунида, ба он ҷо шитобид, ва ӯ дар зери таъсири тадҳин ба ларзидан сар кард. Трэйси пурсид: “Бо ин пулҳое, ки аз Юта оварда шуд, чӣ рӯй дод?” Ман ба вай гуфтам, ки намедонам.

Ду ҳафта пас ман дар бораи ҳамон принсипҳо дар калисои хурд дар қисми ҷанубии Оҳайо таълим додам. Ба ин калисо пешакӣ мо бо сабти чор мавъиза DVD-дискҳо фиристодем, ва онҳо дар давоми чор ҳафтаи пешина онҳоро тамошо карданд. Ман бегоҳии рӯзи якшанбе омадам, то ки мавъизаи ҷамъбастии панҷумро ба самъи шунавандагон расонам.Тадҳин боз ҳамон қадар қавӣ буд, ки истодан мушкил буд. Ионатро ҷамъоварӣ карда истода, ман ҳамон гуна вокунишеро, ки дар ҷамъомадҳои гузашта рӯй дода буд, ҳис кардам. Одамон бо шодии бузург ҳадяҳои худро тақдим мекарданд. Барои ғун кардани ионатҳо ба пеш сабадеро гузоштанд, ва одамон ба назди он омада, ҳадяҳои худро ба он мегузоштанд. Ин дафъа боз ҷилои кабудранг зоҳир шуд. Сабади пур аз ионатҳоро кураи диаметраш якуним метр иҳота мекард. Тадҳин он қадар қавӣ буд, ки ба ман ёрдам лозим шуд, то баъд аз хидматгузорӣ то мошин рафта расам, чунки ман худам роҳ гашта наметавонистам.

**ИСО НА ТАНҲО ҲУҚУҚИ БА ПОДШОҲӢ ДОХИЛ ШУДАНИ МОРО ПАРДОХТ КАРД, Ӯ ҲАМЧУНИН ИМКОН ДОД, КИ ҲАМЧУН ПИСАРОН ВА ДУХТАРОНИ ХУДО ЗИНДАГӢ КУНЕМ ВА АЗ ИМТИЁЗҲОИ ПОДШОҲИИ Ӯ ДАР ИН ҶО, ДАР ИН ЗАМИН, ЛАЗЗАТ БАРЕМ.**

Дар он лаҳза ман намедонистам, ки чӣ рӯй дода истодааст, ман ҳеҷ гоҳ чизи ба ин монандро нашунида будам.

Ман гузаронидани анҷуманҳоро давом медодам, ва тадҳин қавитар шудан мегирифт. Дар якчанд анҷуманҳо боз ҷилои кабудранг зоҳир шуд. Чизи барои ман муаммо ин буд, ки барои чӣ ҷило маҳз дар болои пул зоҳир мешуд. Чун вақти ҳисоб кардани пул фаро мерасид, ба ҳамкорони ман осон набуд. Оё дар хотир доред, ки чӣ тавр Лэрри дар он ҷо, дар Албаниё, пулҳоро ба рӯи миз гузошт ва ҳузури Худо омад? Вақте ки мо яке аз пулҳоро аз

ионатҳо ба даст гирифтем, ҳамон лаҳза тадҳинро ҳис кардем ва ба ларза афтодем. Ман медонам, ки ин ғайриоддӣ менамояд, вале ин воқеан бо мо рӯй медод.

Маро, ҳамчун муҳаққиқи рӯҳонӣ, ин ҳодиса ба тааҷҷуб меовард, ва ман дар ин бора аз Худо пурсидам. Вай ба ман сухан ронд ва гуфт, ки барои чӣ ин гуна тадҳини қавӣ маҳз дар болои ҳадяҳо зоҳир мешуд. Ӯ гуфт, ки бисёр шахсон аз рӯи ҳисси вазифа ё пайравии шариат ионат медиҳанд. Баъзеҳо онро ҳамчун нишондод иҷро мекунанд, вале бо воситаи ҳадяҳои худ имони худро ба кор намеандозанд. Бисёриҳо аз тарс ҳадия медиҳанд, зеро фикр мекунанд, ки агар надиҳанд, Худо ба онҳо ғазаб мекунад. Дигарон, гӯё ки худро барои пардохт намудани ҳисобҳо қарздор ҳис карда истода бошанд, ҳадия медиҳанд. Худо ба ман гуфт, ки вақте ман дар бораи Подшоҳии Ӯ таълим медиҳам ва принсипҳои ноаёни молиявии Подшоҳиро ошкор менамоям, дар қалби одамон имон ба сабзидан сар мекунад. Он гоҳ онҳо бо имони самимӣ ионатҳои худро тақдим мекунанд, ва бо ин восита бо Подшоҳӣ робита барқарор месозанд, бинобар ин тадҳин фурӯ мерезад.

Баъд аз сафари ман ба Албаниё дар соли 2005 ҳаёти ман хеле сахт дигар шуд. Дар қалби ману Дренда хоҳиши ба одамон гуфтани хушхабар оиди Подшоҳӣ шӯъла зад, бинобар ин азм кардем, ки ба таҳия кардани барномаи телевизионӣ шурӯъ намоем, то бо ёрии он ҷонҳои бисёр одамонро барои наҷот дастрас кунем. Мо имрӯзҳо дар як сол айнан миллионҳо доллар сарф мекунем, то ба одамон оиди Подшоҳии Худо, ки барои худ бисёр сол пештар ошкор намудаем, шаҳодат диҳем. Вале, эҳтимол, шумо низ то ҳол хушхабарро оиди Подшоҳии Худо нашунидаед. Мо низ ҳамин гуна будем – бовар доштем, ки ба Осмон меравем, аммо намедонистем, ки чӣ тавр Осмонро ба замин биёрем.

Исо на танҳо ҳуқуқи ба Подшоҳӣ дохил шудани моро пардохт

кард, Ӯ ҳамчунин имкон дод, ки ҳамчун писарон ва духтарони Худо зиндагӣ кунем ва аз имтиёзҳои Подшоҳии Ӯ дар ин ҷо, дар ин замин, лаззат барем. Вале, муҳимтар аз ҳама, бисёр одамоне ҳастанд, ки мо бояд ба онҳо хабари хуши Инҷилро нақл кунем, вале барои ин кор пул лозим аст. Одамон ба мо нигоҳ мекунанд. Ҳаёти мо бояд аз дигарон фарқ кунад!

Ман худаш дар бораи чӣ дар он ҷо, дар Албаниё, таълим додам, ки он ҳамин қадар тадҳинро ба кор андохт? Маҳз дар ҳамин бобат ин китоб навишта шудааст, ва ман боварӣ дорам, ки ин ҳақиқат ҳаёти шуморо дигар мекунад, чуноне ки боре ҳаёти маро дигар карда буд.

## БОБИ 3

# ХУДОЁ, ИЛТИҶО МЕКУНАМ, БА МАН РАҲМ КУН!

Ҷерри ба дафтари кории ман занг зад ва дар ҳоле ки ман аз ӯ на он қадар дур будам, дар бораи имкони вохӯрдан ва бо ман хӯроки нисфирӯзӣ тановул кардан пурсон шуд. Ман дар телевизион дар шаҳраки ба ӯ наздик ба мусоҳиба машғул будам, ва ӯ ба ман нақл кардан мехост, ки чӣ тавр баъд аз омӯзиши маводҳо ва тамошои барномаҳои телевизионии ман ҳаёти вай дигар шуд. Мо бо Ҷерри пештар ҳеҷ гоҳ вонахӯрда будем, танҳо як-ду бор бо телефон гуфтугӯ карда будем. Ман гуфтам: “Албатта”. Моро ба ҳар ҳол лозим буд, ки хӯроки нисфирӯзӣ хӯрем, бинобар ин ман фикр кардам, ки то даме ки дар он ҷо ҳастам, хурсандона бо ӯ вомехӯрам ва нақли вайро гӯш мекунам.

Ҳамин тариқ, мо дар сари хӯроки нисфирӯзӣ вохӯрдем. Ҷерри ҳамроҳи писараш буд. Ӯ саргузашти худро ба нақл кардан сар кард. Ҷерри ҳамчун шубон 30 сол хидмат карда буд, вале баъд аз сактаи майна, ки қобилияти кории ӯро барҳам зад, маҷбур шуд, ки хидматро тарк кунад. Ҳаёти ӯ баъд аз сактаи майна ба вайрон шудан сар кард. Азбаски ӯ кор карда наметавонист, бардавомии молиявӣ дар гузашта монд, хонаи онҳоро ба фурӯш гузоштанд.

Пардохти хидматрасониҳои коммуналӣ ва хариди маҳсулоти хӯрока низ кори душвор гардиданд. Воқеан, чуноне ки Ҷерри гуфт, ҳама чиз он қадар бад буд, ки боре ӯ бо туфангчаи тирбанд карда шуда дар як даст, бо Китоби Муқаддас дар дасти дигар бо фикри худкушӣ нишаста монд.

Дар ин вазъияти чоранопазир Ҷерри барномаи телевизионии моро тамошо кард ва баъзе аз маводҳои таълимии маро фармоиш дод. Ӯ нақл кард, ки вақте маводҳои маро пайдо кард, вай ба ду ҳазор доллар мӯҳтоҷ буд, то ки ҳисобҳои асосиро пардохт кунад ва маҳсулоти хӯрока бихарад. Ӯ то даме ки имонаш ба сабзидан сар кард, маводҳои моро такрор ба такрор гӯш кард. Ӯ ба Худо барои ба даст овардани ҳамон ду ҳазор доллар, ки сахт эҳтиёҷ дошт, бовар кард, бинобар ин ӯ кореро иҷро кард, ки мо бо Дренда барои ба даст овардани оҳуи аввалин карда будем. Ӯ барои барои ба даст овардани ду ҳазор доллар тухмӣ кишт кард, дар варақ сабт кард, сана ва вақтеро, ки он лаҳза бовар карда буд, қайд кард, мутобиқ ба Инҷили Марқӯс 11:24 пулро гирифт, ва чекро ба хидматгузории мо фиристод.

Азбаски ман бо Ҷерри гуфтугӯ намекардам, дар бораи ин воқеа ҳеҷ чиз намедонистам. Ӯ гуфт, ки баъд аз якуним ҳафта ба назди дари хонаи ӯ марде омад ва пурсид, ки оё бо ӯ сӯҳбат кардан мумкин аст. Ҷерри бо ин одам дар гузашта шинос буд, вале онҳо дер боз сӯҳбат намекарданд. Онҳо андаке гуфтугӯ карданд, ва сипас ҳамон одам гуфт, ки дар асл ӯ барои он омад, то ба Ҷерри барои ду ҳазор доллар чек диҳад. Вай нақл кард, ки қариб якуним ҳафта пеш, дар ким-кадом рӯз, дар ким-кадом вақт, Рӯҳулқудс ҳарф зад, ки ба Ҷерри ҳамин миқдор пул бидиҳад.

Ҷерри дар ҳайрат монда буд. Ӯ зуд аз ҳамёни худ варақчаеро, ки дар он вақту санае, ки боварии худро барои пайдо кардани ду ҳазор доллари зарурӣ қайд карда буд, ба даст гирифт. Вақт ва санае, ки дар варақчаи Ҷерри навишта шуда буд, бо вақт ва санае,

ки ин одам эҳсос карда буд, то ба Ҷерри бояд ду ҳазор доллар диҳад, мувофиқ меомад. Ҷерри мефаҳмид, ки ин тасодуф нест, вале ӯ медонист, ки ин ҷавоби мустақим аз Подшоҳии Худо аст, ва маҳз амалкарди қонунҳои Подшоҳӣ мебошад.

Ҷерри ба нақл кардани саргузашти худ идома дод ва гуфт, ки ӯ соҳиби ҳафт фарзанд аст ва ҳамаашон ғайр аз як нафари онҳо оиладоранд. Ин ҷавони 16-сола дар сӯҳбати мо ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ иштирок мекард. Вай чӣ гуна азобҳоро паси сар кардани падари худро дида, амалан аз Худо дур шуд. Вай аз Худо ранҷида буд, чунки падари ӯ ба Худо дар давоми 30 сол содиқона хизмат кард, аммо ба назари он писар, Худо падари ӯро тарк намуд.

Ҷерри барои роҳ ёфтан ба қалби писараш кӯшиш мекард, ва ана дар ӯ фикре пайдо шуд. Аз маводҳои ман ӯ фаҳмид, ки чӣ тавр Худо ба ман аз рӯи имон сайд кардани оҳуро ёд дод. Писари ӯ низ шикорро дӯст медошт, ва Ҷерри ба вай нақл кард, ки чӣ тавр онҳо имсол қонунҳои Подшоҳиро донista, оҳу сайд карда метавонанд. Писар, андаке фикр карда, розӣ шуд, ва онҳо азм карданд, ки имони худро ба кор андозанд, чуноне ки Ҷерри аллакай барои пайдо кардани ду ҳазор доллар мекард. Ҷавон оҳуи худро пас аз ҳашт дақиқа дарёфт кард! Вақте ки Ҷерри бо писараш оҳуро ба дӯкони гӯшт мебурданд, дар мошини онҳо диске бо маводҳои таълимии ман буд. Ҷерри барои додани оҳу ба дӯкони гӯшт рафт, аммо писар гуфт, ки дар мошин нишаста, боз гӯш мекунад. Вақте ки Ҷерри баргашт, писар ба ӯ гуфт: “Падар, ман фикр мекунам, ки мо ин солҳо чизеро аз даст додаем. Ман медонам, ки ин оҳу натиҷаи Подшоҳии Худо аст”.

Писари ӯ қарор кард, ки аз нав ҳаёти худро ба Худо супорад ва гуфт, ки агар Худованд ба онҳо ду ҳазор доллар ва оҳуро дода бошад, пас Ӯ 17 ҳазор доллар, ки барои пардохт кардани гаравпулии хона зарур аст, дода метавонад. Маҳз дар ҳамин вақт

ман бо Ҷерри вохӯрдам. Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр аз Ҷерри мактуберо бо тухмие, ки барои пӯшонидани қарзи хона кишт карда буд, гирифтам. Ман дар хотир дорам, ки мактуб хеле кӯтоҳ буд, дар он танҳо ҳамон чизе навишта шуда буд, ки барояш мӯҳтоҷ буданд. Дар он ғайр аз хоҳиши пардохт кардани гаравпулии хона чизи дигаре набуд. Ман ҳамчунин дар ёд дорам, ки ба ин мактуб даст гузоштам ва дар дуо бо ӯ ҳамфикр шудам. Ман вақтеро, ки ин корро карда будам, аниқ медонам.

Ҷерри гуфт, ки воқеа боз аз нав такрор шуд. Тақрибан пас аз ду ҳафта ба назди онҳо шахси дигаре омад. Ҷерри ӯро низ ким-кайҳо дар гузашта мешинохт. Мард гуфт, ки хонаи онҳоро дар рӯйхати хонаҳое, барои пӯшонидани қарз ба фурӯш гузошта шудаанд, дид, ва аз Ҷерри пурсид, ки ба онҳо чанд пул лозим аст, то хонаро аз қарз халос кунанд. Ҷерри шумораи маблағро гуфт – 17 ҳазор доллар. Мардак барои ҳамаи ин миқдор пул чек навишта дод ва рафт. Ҷерри чашм наканда ба чек менигарист. Ҷерри дар вақти нақл кардани саргузашти худ ба ҳамин лаҳза расида, дар ҳоле ки дар тарабхона дар рӯ бар рӯи ман нишаста буд, гириста фиристонд, ва ба ман арзи сипос намуд, ки ба одамон дар бораи Подшоҳӣ таълим медиҳам. Ӯ гуфт, ки вай хеле хурсанд аст, чунки ҳамаи фарзандони ӯ дар ин воқеаҳо дасти Худоро диданд, ва ин ба вай имкон дод, ки бо онҳо дар бораи Подшоҳии Худо сӯҳбат кунад. Ин ба ман хеле писанд аст! Ин воқеияти Подшоҳии Худо мебошад, ва ман баракатёфта аз он ҳастам, ки дар бораи он ба одамон нақл карда ва сипас

**ЗЕРО БА РОСТӢ БА ШУМО МЕГӮЯМ: АГАР БА АНДОЗАИ ДОНАИ ХАРДАЛЕ ИМОН ДОШТА БОШЕД ВА БА ИН КӮҲ БИГӮЕД: “АЗ ИН ҶО БА ОН ҶО КӮЧ КУН”, ОН КӮЧ ХОҲАД КАРД; ВА ҲЕҶ ЧИЗ БАРОИ ШУМО ҒАЙРИИМКОН НАХОҲАД БУД.**

**– МАТТО 17:20**

саргузашти онҳоро шунида метавонам. Чуноне ки мебинед, Ҷерри ба дилсӯзӣ мӯҳтоҷ набуд, балки ба ҷавобҳо, ва ӯ онҳоро дар Подшоҳии Худо дарёфт кард.

Ман мехоҳам, ки боз чизеро алоқамандона ба саргузашти Ҷерри равшан созам.

Ҳатто агар чунин вонамуд шавад, ки одамон ҳамту ба хонаи ӯ меомаданд ва ба вай пул медоданд, ман намехоҳам, ки дар шумо тасаввуроти нодурусте дар бораи он пайдо шавад, ки мушкилоти молиявии шумо худ аз худ ҳал мегардад, дар ҳоле ки шумо дар диван нишаста, кока-кола менӯшед. Не, шумо бояд дар ғундоштани ҳосиле, ки барояш эҳтиёҷ доред, иштирок кунед. Дар ҳолати Ҷерри ӯ дар давоми сӣ сол шубон буд. Ӯ муддати зиёд дар қалби ин одамон тухмии имон мекошт. Ва дуюмаш, Ҷерри бар оқибати сактаи майна аз қобилияти кориаш маҳрум монда буд. Ҷерри аз ҳамон полиз ҳосил бардошт, ки кишт карда буд, – аз одамони калисои ӯ, ки ба ҳаёташон солҳои зиёд тухмӣ мекошт.

Ҳамчунин мехоҳам, то бидонед, ки Ҷерри пурра аз оқибати сактаи майна шифо ёфта буд. Ӯ то ҳамон вақте ки мо бо ҳам дар сари хӯроки нисфирӯзӣ вохӯрдем, аз сӣ килограмм вазни барзиёд халос шуда буд. Ҷалол ба Худо, ӯ ҳақиқатро дар бораи Подшоҳии Худо қабул кард. Шумо гуфта метавонед: “Албатта, Ҷерри шубон буд. Ӯ дар бораи Подшоҳии Худо ҳама чизро медонист”. Маълум мешавад, ки не, ва ман медонам, ки ӯ ягона касе нест. Мутаассифона, бисёр одамон дар калисоҳо намедонанд, ки чӣ тавр ба Подшоҳии Худо пайванд шаванд, ва чӣ тавр ҷавобҳо дарёфт кунанд. Воқеае аз Инҷили Матто тарзи тафаккури бисёр одамонро маънидод мекунад:

*Чун онҳо назди мардум омаданд, марде пеш омада,*
*назди Ӯ зону зад,*
*Ва гуфт: «Худовандо! Ба писари ман марҳамат кун;*
*вай масрӯъ аст ва сахт азият мекашад, зеро ки худро*

*дам ба дам дар оташ меандозад ва дам ба дам дар об;*
*Вайро ба шогирдони Ту овардам, онҳо шифо дода натавонистанд».*
*Исо дар ҷавоб гуфт: «Эй насли беимон ва каҷрафтор! То кай бо шумо бошам? То кай шуморо тоқат кунам? Вайро ин ҷо назди Ман биёред». Ва Исо ба вай амр фармуд; ва дев аз вай берун рафт; ва он писар дарҳол шифо ёфт.*
*Шогирдонаш назди Исо омада, ба танҳоӣ аз Ӯ пурсиданд: «Чаро мо онро берун карда натавонистем?» Исо ба онҳо гуфт: «Ба сабаби беимонии шумо; зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар ба андозаи донаи хардале имон дошта бошед ва ба ин кӯҳ бигӯед: “Аз ин ҷо ба он ҷо кӯч кун”, он кӯч хоҳад кард; ва ҳеҷ чиз барои шумо ғайриимкон нахоҳад буд»*

*– Матто 17:14-20*

Дар ин воқеа мо одами ноумедгаштаро мебинем: писари ӯ аз девҳо азоб мекашад ва дар дами марг аст. Дар бораи хидматгузории Исо, оиди ихроҷ кардани девҳо, шунида, мард ба хулоса меояд, ки писари худро ба назди Ӯ биёрад, то ки Ӯ вайро шифо диҳад. Аммо ба он ҷо омада, мушоҳида мекунад, ки Исо бо се нафар ҳамроҳонаш ба кӯҳ барои дуо кардан рафтааст. Шогирдони дигар, ки дар он ҷо буданд, гуфтанд, ки ин ҳеҷ мушкил нест, зеро онҳо аз ҳамон даврае, ки Исо ба онҳо бо номи Худ қудрати ихроҷ кардани девҳоро бахшид, онҳо ин корро мекунанд, бинобар ин онҳо ба писари ин одам ғамхорӣ зоҳир карда метавонистанд. Вале, барои ҷавон дуо карда, онҳо фаҳмиданд, ки девро ихроҷ карда наметавонанд. Ҳар қадаре ки бошад, кӯшиш карданд, вале дев берун намерафт. Падар зиқ шуда буд, ва ҳамаи издиҳоме, ки Исоро пайравӣ мекарданд, ба изтироб афтоданд.

Дар худи ҳамин лаҳза Исо бо се нафар ҳамроҳонаш аз кӯҳ мефароянд ва, изтироби онҳоро дида, мепурсад, ки чӣ рӯй додааст. Падари бача мефаҳмонад, ки писари худро ба назди шогирдон овард, вале онҳо аз ӯ деврo ихроҷ карда натавонистанд. Сипас падар он кореро мекунад, ки бисёр одамон бо мушкилӣ рӯ ба рӯ шуда ва чораи ҳалли вазъиятро наёфта, иҷро мекунанд, – ӯ ба Исо нидо мекунад, ки барояш раҳм кунад. Гарчанде ки зорию тавалло барои раҳму шафқат ҳамчун як чизи хуб ва дуруст садо медиҳад, махсусан вақте ки ту дар ночорӣ ҳастӣ, ин барои ин мард ва ҳамчунин барои ту роҳи ҳалли масъала нест. Падар дар Исо раҳму шафқатро бедор карданӣ шуда, дар бораи он нақл мекунад, ки дев бачаро азоб медиҳад, ӯро бо мақсади куштан ба оташ меандозад. Исо ӯро бозмедорад. Ба Ӯ лозим нест, ки дар бораи ранҷу азоби бачаи бечора шуниданро давом диҳад. Ӯ бо алам хитоб мекунад: "Эй насли беимон ва каҷрафтор! То кай бо шумо бошам? То кай шуморо тоқат кунам? Вайро ин ҷо назди Ман биёред". Бо як ҷумла Исо мефаҳмонад, ки чаро дев ихроҷ карда нашуд.

Пеш аз он ки ба умқи суханони Исо сарфаҳм равем, ба мо лозим аст, то он асосеро, ки дар он истодаем, бори дигар таъкид созем: ки Худо ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегӯяд ва гуфта наметавонад. Он чизе, ки Ӯ мегӯяд, ҳақиқат мебошад. Бо ин розӣ шуда, мо ба вазъият баҳо дода метавонем ва ба хулосаи зерин меоем: "Девҳо ВАЗИФАДОР ҳастанд, ки ихроҷ шаванд!" Агар онҳо ихроҷ нашаванд, пас чизе дуруст нест, ва гап дар Худо нест – гап дар мост. Дар хотир доред, ки агар мо аз Худо чизеро гирифта натавонем, проблема ҳамеша дар худи мо аст. Исо ошкоро гуфт, ки сабаби ихроҷ нашудани дев дар беимонию тафаккури фосиқона аст. Мо каме баъдтар дар бораи ин ду сабаб сӯҳбат мекунем. Ҳоло бошад, дар ин ҳикоя ман диққати шуморо ба падар ва писар ҷалб кардан мехоҳам.

Падар аз ҳоли писараш хеле рӯҳафтода шуда буд. Вақте ки шогирдон дуо карданд ва ҳеҷ чиз рӯй надод, дар вай умеде боқӣ

намонд. Ӯ ҷавоб нагирифт. Умеди ягонаи ӯ барбод рафт. Танҳо як чиз боқӣ монд – талаби раҳмат. Иборaи “талаби раҳмат” онро мефаҳмонад, ки барои мадад расонидан касе ҳаст, ки дорои қудрат ва қувват мебошад, вале ин корро кардан намехоҳад. Бинобар ин ягона чорае, ки боқӣ мондааст, – ин, барои дар Исо бедор кардани раҳму шафқат, азобҳои даҳшатноки бачаро номбар кардан аст.

Ошкоро гӯем, аксарияти одамон маҳз бо ин тарз дуо мекунанд: онҳо медонанд, ки Худо қудрати ба онҳо ёрӣ расониданро дорад, вале онҳо дилпур нестанд, ки Ӯ барои ин корро кардан хоҳиш дорад, бинобар ин аз Ӯ бо зорию тавалло марҳамат талаб мекунанд. Онҳо дуоҳои дуру дароз мегӯянд, ҷузъиётҳои азобҳояшонро ва вазъиятро шарҳ доданӣ шуда, бисёр калимаҳоро ба забон меоранд.

“Падар, охир Ту медонӣ: ба ман то рӯзи ҷумъа пул лозим аст; Худоё, илтимос, ёрдам кун”. Ё ин тавр: “Худоё, агар Ту фарзанди маро шифо диҳӣ, тамоми умри боқимондаи худ ба Ту хидмат мекунам. Илтимос, Худоё!” Фикр накунед, ки ман ҷиддӣ будани вазъиятҳоеро, ки бо онҳо одамон рӯ ба рӯ мешаванд, ба эътибор намегирам. Ман мехоҳам, то шумо бубинед, ки Исо чӣ тавр зуд вокуниш кард: ба Ӯ вақти зиёд лозим нашуд, то ки қудрати Худро зоҳир намуда, бачаро озод кунад. Ин аст қалби Худо, хоҳиши Ӯ. Вай дар раҳму шафқат, қувват ва қудрат норасоӣ надорад. Проблема тамоман дар ин нест, ва дар воқеаи зикршуда низ. Исо асли масъаларо нишон медиҳад – беимонӣ ва тафаккури вайрон. Бо суханони дигар, тафаккури нодуруст ва норасоии имон дар ҳолати додашуда ба зоҳир шудани Подшоҳии Худо монеа мешаванд.

Дар ин воқеа чизҳое ҳастанд, ки муҳокима кардан мумкин аст, он бисёр калидҳоро ба Подшоҳӣ ва ба принсипҳои кори он дар бар мегирад. Ман ҳоло он ҷиҳатҳоеро, ки дар ин ҷо донистанамон зарур аст, амиқ ҳаллу фасл кардан намехоҳам, вале ба ҳар ҳол,

онҳоро номбар мекунам, вале чӣ тавр кор кардани қонунҳои дар ин ҷо татбиқшавандаро мо дертар меомӯзем.

Барои фаҳмидани қонуни Подшоҳии Худо моро зарур аст, ки чизҳои аввалиндараҷа ва асосиро аз худ кунем. Худо дар замин ҳама гуна ваколатҳоро ба Одам дод. Одам бояд ҳукмронӣ мекард.

> *Ва Худо гуфт: «Одамро ба сурати Мо, ба шабоҳати Мо биофарем; ва онҳо бар моҳиёни баҳр, ва бар паррандагони осмон, ва бар чорпоён, ва бар тамоми замин, ва бар тамоми ҳайвоноте ки бар замин мехазад, ҳукм ронанд».*
>
> *– Ҳастӣ 1:26*

Ман фикр мекунам, ки дар Нома ба Ибриён 2:7-8 низ дар ин бора возеҳ гуфта шудааст:

> *Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ;*
>
> *Ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ». Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад.*

Ин лаҳза мо бояд як чизро дарк кунем: то даме ки мард ё зане, ки дар ин ҷо ваколатҳои қонунӣ доранд, қудрати Осмонро ба кор наандозанд, Худо қудрати Худро дар замин (дар подшоҳии одамон) амалӣ карда наметавонад.

Ана барои чӣ Исо ба шогирдони Худ дар Инҷили Матто 18:18 гуфтааст:

> *Ба ростӣ ба шумо мегӯям: он чи шумо бар замин бандед, дар осмон баста хоҳад шуд; ва он чи бар замин кушоед, дар осмон кушода хоҳад шуд.*

Такрор мекунам, Осмон танҳо бо воситаи одам ҳаққи қонунӣ дорад, ки дар воқеияти заминӣ зоҳир шавад, аммо одам дар ин ҷо ваколатҳои худро аз даст додаст.

Ана барои чӣ Исо гуфтааст, ки агар мард ё зан қудрати Осмонро ба кор андозанд, он гоҳ Осмон онҳоро дастгирӣ мекунад. Агар мо ин корро накунем, пас Осмон низ карда наметавонад. Агар ин фикр ба назари шумо аҷиб тобад, лутфан, бо он бознаистед. Дертар ман роҷеъ ба ин мавзӯъ ба таври муфассал гап мезанам. Вале ҳоло мо бояд ин ҳақиқатро қабул кунем, зеро аз он сабаб дев аз бача набаромад, ки: ӯ вазифадор набуд! Ӯ ҳаққи қонунӣ дошт, ки дар вай бимонад. Бори дигар такрор мекунам: Исо гуфт, ки дев аз сабаби норасоии имон ё набудани ҳаққи ҳукм ихроҷ нашуд. Вақте ки Одам дидаю дониста ба Худо беитоатӣ кард, Ӯ дар корҳои инсон ҳаққи ҳукмкунии худро гум кард. Маҳз дар ҳамин лаҳза Шайтон ҳаққи ҳукмкуниро аз болои инсон ба даст гирифт.

**ВАЛЕ ДАР ИН ҶО, ДӮСТАМ, НА ДАР БОРАИ ТУ ГУФТА ШУДААСТ! ТУ БА АДОЛАТИ ОСМОН РОҲ ЁФТАӢ. БА МУШКИЛИҲОИ ТУ ҶАВОБ ҲАСТ.**

> *Ва Ӯро (Исоро) ба кӯҳи баланде бардошта бароварда, ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод, ва иблис ба Ӯ гуфт: “Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам”.*
>
> *– Луқо 4:5-7*

Мутаносибан, Худо ҳукми қонунии Худро дар замин аз даст дод, зеро Одамро, ки вакили Ӯ буд, гум кард. Чуноне ки ман аллакай гуфтам, дертар мо ин мавзӯъро муфассалтар дида мебароем; сабаби асосие, ки ман ин воқеаро зикр кардам, –

ин нишон додани маъюсии падар аст, ки аз Исо талаби раҳмат мекунад. Лутфан, чанд ҷумлаи навбатиро хеле бо диққат хонед.

Агар ваколат ва қонун, ва ҳамчунин сохтори ба амал барорандаи адолат барои ҳалли масъалаи одами эҳтиёҷманд мавҷуд набошад, пас танҳо талаби раҳмат боқӣ мемонад. Ба таври дигар мегӯям: агар одам дар вазъияти мушкил барои ёрдам гирифтан воситаҳои қонунӣ надошта бошад, ва барои ҷорӣ кардани раванди адолат роҳ нест, он гоҳ вай дилпур нест, ки ҷавоб дарёфт мекунад. Ҳама чизе ӯ карда метавонад, – илтиҷо кардан аст.

Вале дар ин ҷо, дӯстам, на дар бораи ту гуфта шудааст. Ту ба адолати осмон роҳ ёфтаӣ. Ба мушкилиҳои ту ҷавоб ҳаст.

**АЗБАСКИ ДАР ЗАМИН БА ИНСОН ВАКОЛАТИ ҚОНУНӢ ДОДА ШУДААСТ, ТО МАРД Ё ЗАНЕ, КИ ДАР ЗАМИН ВАКОЛАТ ДОРАНД, БА ОН ЧИЗЕ, КИ ОСМОН МЕГӮЯД, ПУРРА МУТМАИН НАШАВАНД, ВА ИН ҚУДРАТРО ДАР ЗАМИН БА КОР НААНДОЗАНД, ҲОКИМИЯТ ВА ТАЪСИРИ ХУДОРО ДАР ЗАМИН БА АМАЛ ОВАРДАН НОМУМКИН АСТ.**

Фаромӯш накунед, ки Подшоҳии Худо бо қонунҳое идора карда мешавад, ки беғаразонаанд; ин қонунҳо ба ҳама касоне, ки шаҳрванди Подшоҳӣ мебошанд, дастрас ҳастанд ва дар зери қонунгузории Подшоҳӣ қарор гирифтаанд. Чуноне ки ман аллакай дар ин китоб гуфтам, Подшоҳии Худо аз рӯи адолат (раванди қонуние, ки ба қудрати Худо дастрасӣ дорад, то ки мутобиқ ба қонуни Ӯ ҳар чизе, ки дуруст ҳисобида мешавад, ба амал татбиқ карда шавад) ва инсоф бино карда шудааст. Дев аз бача ихроҷ нашуд, чунки сабаб дошт, ва он на аз сустии Худо ё иваз шудани иродаи Ӯ иборат буд. Исо инро бо он нишон медиҳад, ки Ӯ чи қадар

зуд шогирдонро мазаммат мекунад ва деврo ихроҷ менамояд.

Бисёр масеҳиён, зуҳуроти Подшоҳии Худоро надида, ақидаи худро дигар мекунанд: “На ҳамаи девҳо ихроҷ мешаванд”. Онҳо медонанд, ки тамоми қувват ва қудрат аз они Худост, аз ин рӯ гумон мекунанд, ки Худо, дар ин ҷо, дар замин, ҳар кореро, ки мехоҳад, иҷро карда метавонад, бинобар ин, агар дев набаромад, пас Худо қарор кард, ки вайро ихроҷ накунад. Дӯсти ман, ин гуна фаҳмиш комилан хато аст. Исо гуфтааст, ки ин тафаккури вайрон ва беимонии ОНҲО дар ин ҳолат нагузошт, ки қудрати Осмон зоҳир шавад. Ба таври дигар мегӯям: сабаби набаромадани дев ин масъалаи ҳуқуқӣ буд – ва нуқта. Дев вазифадор набуд, ки барояд, зеро касе набуд, ки дар ин вазъият қудрати Осмонро ба кор андозад ва қонуни Худоро татбиқ намояд. “Аммо, Гэри, охир онҳо кӯшиш карданд, ки вайро ихроҷ кунанд!” Бале, аммо чуноне ки ман гуфтам, аз нуқтаи назари қонун дев вазифадор набуд, ки барояд. Барои чӣ? Такрор мекунам, чунки Осмон ҳукми қонунӣ надошт, ки деврo ихроҷ намояд.

Айни ҳаминро бо суханони дигар мегӯям. Ин одамон тафаккури вайрон доштанд, чунки чизҳои аз нигоҳи каломи Худо нодуруст ва ноҷоизро оиди ин вазъият нек ва қобили қабул медонистанд. Беимонӣ низ проблемаи калон буд, зеро, барои он ки Осмон дар замин ҳукми қонунӣ пайдо кунад, имон лозим мешавад. Шогирдон боварӣ надоштанд ва комилан дилпур набуданд, ки дев мебарояд. Онҳо метарсиданд. Азбаски дар замин ба инсон ваколати қонунӣ дода шудааст, то мард ё зане, ки дар замин ваколат доранд, ба он чизе, ки Осмон мегӯяд, пурра мутмаин нашаванд, ва ин қудратро дар замин ба кор наандозанд, ҳокимият ва таъсири Худоро дар замин ба амал овардан номумкин аст. Ногуфта намонад, ки вақте дилҳои мо ба он чизҳое, ки Осмон мегӯяд, пурра бовар мекунанд, ин имон номида мешавад, ва ҳамон рӯз касе ҳозир набуд, ки имон дошта бошад. Онҳо дудила буданд ва шубҳа мекарданд ва дар ин ҳолат рафтори онҳо барои иҷро шудани ҳукми Осмон монеа шуд.

Вале Исо имон дошт, ва Ӯ аниқ медонист, ки дев ихроҷ мешавад! Исо қудратро ба кор андохт, ва дев баромада рафт. “Аммо Гэри, Исо девро ихроҷ карда тавонист, чунки Ӯ – Исо”. Наход? Биёед Инҷили Марқӯс 6:5-ро мехонем. Дар он навишта шудааст, ки чӣ тавр Исо ба зодгоҳи Худ барои хидмат кардан омад:

> *Ва дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист, ҷуз он ки дастҳояшро бар чанд беморе ниҳода, онҳоро шифо дод.*
>
> *– Марқӯс 6:5*

Шумо охир розӣ ҳастед, ки Исо қуввати шифобахшанда дошт, дуруст? Пас ба ман фаҳмонед, ки барои чӣ дар ин воқеа Ӯ ҳар кореро, ки мехост, иҷро карда натавонист? Дар он ҷо эҳтиёҷ мавҷуд буд, вале чизе ба Ӯ халал мерасонд. Мо эзоҳро дар ояти 6-ум пайдо мекунем: “Аз беимонии онҳо ба ҳайрат афтод”. Имон (ризоият бо Осмон) ба Осмон ҳуқуқи қонунӣ медиҳад, ки дар замин амал кунад. Масалан, шумо ин принсипро осон дар он дида метавонед, ки чӣ тавр шумо ба Исо бовар кардед ва наҷот ёфтед.

> *Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.*
>
> *– Румиён 10:10*

Шумо дар дили худ (ба он чизе, ки Осмон мегӯяд) бовар мекунед ва сафед мешавед. Сафедшавӣ – ин истилоҳи ҳуқуқӣ буда, амалӣ шудани адолатро дар назар дорад ва маънои онро дорад, ки акнун Осмон барои амал кардан дар воқеияти заминӣ ҳуқуқи қонунӣ дорад. Барои беҳтар фаҳмидани ин принсип, биёед ба хотир меорем, ки Одам барои ҳукмронӣ кардан дар

замин ваколати қонунӣ дошт ва ҳоло ҳам одамон ин ваколатро доранд. Инро бо он аралаш кардан дуруст нест, ки одам барои аз ҷиҳати рӯҳонӣ дар замин ҳукмронӣ кардан қодир нест, чунки ӯ ин ҳокимиятро дар боғи Адан ба Шайтон додааст. Худо мавқеи қонуниро, ки ҳоло одам дар воқеияти заминӣ дорад, вайрон карда наметавонад. Бинобар ин ба Худо мард ё зане лозим аст, ки бо Осмон ба мувофиқа мерасанд, то дар асоси қонун дастрасӣ ёбанд ва дар воқеияти заминӣ амал кунанд.

Дар Нома ба Румиён 10:10 шумо қайд кард метавонед, ки барои дар воқеияти заминӣ татбиқ намудани қувват ва қудрати Осмонӣ, ду шартро иҷро кардан зарур аст. Якумашро ман аллакай ёдрас кардам: мо бояд комилан дилпур бошем ва бо тамоми дил ба он чизе, ки Осмон мегӯяд, розӣ шавем; ин имон ном дорад. Дуввуминаш, ки мо бояд дарк намоем: имони мо худ аз худ Осмонро ба кор андохта наметавонад. Ҳайрон шудед? Ман мефаҳмонам. Калидаки электрро ба худ тасаввур кунед. Дар ноқилҳо аллакай қувваи барқ мавҷуд аст, вале ба ҳар ҳол ба шумо лозим мешавад, ки барои даргирондани чароғак калидакро пахш кунед. Вақте ки мо дар диламон ба чизе, ки Осмон мегӯяд, бовар мекунем, ин пайвастшавиро бо Осмон қонунӣ ва асоснок мегардонад. Вале баъд мо ин қудратро бояд дар замин амалӣ кунем. Чуноне ки мисол овардам, ба мо лозим аст, ки калидакро пахш кунем. Мо ин корро вақте иҷро мекунем, ки имони худро эътироф месозем ва дар асоси ҳукми Подшоҳӣ рафтор менамоем.

Ман медонам, ки суханони худро такрор ба такрор гуфта истодаам, вале агар он чизҳоеро, ки Осмон барои шумо тайёр кардааст, гирифтан хоҳед, фаҳмидани ин қонуни Подшоҳӣ барои шумо ҲАЁТАН МУҲИМ аст. Шумо ҳамаи он чизҳоеро, ки Подшоҳӣ барои шумо дорад, гирифта метавонед, айнан чуноне ки ба он чизҳое, ки Осмон мегӯяд, бо тамоми дил имон оварда, сипас эътироф карда ё мутобиқ ба ин рафтор намуда, наҷот ёфтед.

Подшоҳие, ки дар борааш Исо таълим додааст ва онро дар замин зоҳир намудааст, ба шогирдон комилан номаълум буд. Мо мебинем, ки маротибаи зиёд шогирдон аз чизҳои дидаашон дар изтироб буданд. Ба фикрам, дар ҳамон воқеае, ки бо бача рӯй додааст, шогирдон аз зуҳуроти шайтонӣ тарсиданд ва бинобар ин дар онҳо фикрҳои духела пайдо шуданд, ки ин имонро аз байн бурд. Ман гумон мекунам, ки вақте онҳо ба ихроҷ кардани дев рафтанд, вай худро маълум кард: шояд, бачаро ба замин андохт ва тамошои калон барпо кард. Ин, эҳтимол, тарсро ба вуҷуд овард. Аниқтараш, онҳо дар ҳақиқат тарсиданд. Ман ҳоло танҳо андешаронӣ мекунам, вале дар як чиз ман дилпур ҳастам: чизе бояд рӯй медод, ки дилҳои онҳоро барои баромадан аз ризоият бо Осмон ва афтодан ба беимонӣ водор мекард.

**БА ШУМО МЕГӮЯМ: ҲАР ЧӢ ДАР ДУО ХОҲИШ МЕКУНЕД, ЯҚИН БИДОНЕД, КИ ОНРО ПАЙДО ХОҲЕД КАРД, — ВА БА ШУМО АТО ХОҲАД ШУД.**

**–МАРҚӮС 11:24**
**(Тарҷумаи нави русӣ)**

Исо, баръакс, бо он чизе, ки Осмон дар ин ҳолат мегӯяд, пурра розӣ буд, ва ба дев фармон дод, ки ихроҷ шавад. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки сабаби набаромадани дев дар муҳити заминӣ буд, на Осмонӣ.

Агар ман имкон медоштам, ки барои маънидод кардани зуҳуроти Подшоҳии Худо дар воқеияти заминӣ танҳо як матни Китоби Муқаддасро интихоб кунам, пас ман Инҷили Марқӯс 11:22-24-ро интихоб мекардам. Барои фаҳмидани контекст, якчанд ояти болоиро дида баромадан лозим аст; дар он сухан оиди дарахти анҷир меравад, ки Исо ҳарф зад, ва он хушк шуд. Исо мева пайдо накарда, онро лаънат кард. Рӯзи дигар шогирдон, аз назди дарахт гузашта истода, диданд, ки он хушк шудааст. Петрус, аз ин ҳодиса ба ҳайрат афтода, дар ин бора ба Исо нидо кард.

*Исо ба ҷавоби онҳо гуфт:*

*“Ба Худо имон оваред. Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба ин кӯҳ гӯяд: “Бархоста, худро дар баҳр афкан“, ва дар дили худ шак надошта бошад, балки яқин дорад, ки он чи гӯяд мешавад, — ҳар чӣ гӯяд ба вай ато хоҳад шуд. Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд”.*

*– Марқӯс 11:22-24 (Тарҷумаи нави русӣ)*

Диққат кунед, ки Петрус аз ин воқеа дар ҳайрат монд. Ин чӣ тавр рӯй дода метавонист? Исо танҳо ба дарахт гап зад. Дар натиҷа, бешубҳа, дарахт мувофиқи суханони Исо хушк шуд. Сипас Исо ба Петрус ҳақиқатро, яъне қонуни Подшоҳии Худоро, баён кард. Таъбири Исо дар бораи он, ки чӣ тавр Подшоҳии Худо бо воқеияти заминӣ якҷоя амал мекунад, тасаввуроти беҳтар медиҳад. Дар ин мисол мо дар амал ҳамон қонунеро мебинем, ки қаблан гуфта будем: мард ва зане, ки дар замин комилан ба он чизҳое, ки Осмон мегӯяд, бовар мекунанд (яъне сафедшудагон), акнун қудрати осмониро эълон мекунанд ё ба кор меандозанд. Албатта, дар ҳолати додашуда мард – ин Худи Исо, вале Исо ба шогирдон аниқ фаҳмонид, ки он кореро, ки Ӯ кард, ҳар як кас карда метавонад.

Боварӣ дорам, шумо бо ман ҳамфикр мешавед, ки, агар одамон дар ҳақиқат инро медонистанд ва қонунеро, ки Исо таълим дод, мефаҳмиданд, ин ба таври ҷиддӣ ба ҳаёти онҳо таъсир мерасонд. Ман дидам, ки чӣ тавр Подшоҳӣ ба ҳаёти оилаи ман таъсир расонид, вале дидани он аз ҳама ҳайратовар буд, ки чӣ тавр ҳаёти одамони дигаре, ки мо чизҳои худамон омӯхтаро ба онҳо таълим додаем, тағйир меёбад. Иҷозат фармоед, ки як воқеаи дар калисои мо рӯйдодаро, ки дар он ин қонун намоён карда шуда буд, нақл кунам. Бисёр вақт мавҷуд будани донишҳо

оиди Подшоҳӣ ва амалкарди қонунҳои он масъалаи ҳаётан муҳим мегардад. Дар ин воқеа маҳз ҳамин хел буд.

Ҷеннифер ба калисои мо омадурафт карданро сар кард ва таълимотро оиди имон ва Подшоҳӣ шунид. Вай бо рӯҳбаландӣ истифода бурдани ваколат ва ҳуқуқҳои худро дар Подшоҳӣ ёд гирифт, чунки барои фарзанди дуввумаш ҳомиладор буд ва азм карда буд, ки дар хона таваллуд кунад. Инак, вай ба омӯхтани он сар кард, ки Каломи Худо дар бораи таваллуди кӯдак чӣ мегӯяд ва кадом ваъдаҳои Подшоҳиро барои фарзанди худ истифода бурда метавонад. Вай боварӣ дошт, ки таваллуд дар хона бомуваффақият мегузарад. Ӯ бо momодоя, ва ҳамчунин бо як зане аз калисо, ки чандин бор дар хона таваллуд карда буд, гапзанон кард, то ки онҳо дар вақти таваллуд кардан ба вай кӯмак кунанд.

Дар давраи то таваллуд Ҷеннифер дар ҳар хидматгузорӣ иштирок мекард ва принсипҳои Подшоҳиро аз худ мекард. Ин идеяҳо барои вай нав буданд, ва ба вай хеле маъқул буд, ки мо дар Подшоҳии Худо ҷавобҳои аниқ пайдо мекунем. Мутаассифона, шавҳари вай бояд рӯзҳои якшанбе ба кор мерафт ва на ҳама вақт бо Ҷеннифер ба калисо омада метавонист. Инак, вақти таваллуди кӯдак фаро расид. Онҳо момодоя ва хоҳари имондорро даъват карданд.

Соат ду ё сеи шаб буд, ки дар назди ҷойгоҳи ман телефон занг зад. Аз он тараф ман шунидам, ки чӣ тавр зани имондор фарёд мезанад: “Шубон, илтимос, дуо кунед! Кӯдак мурда таваллуд шуд!”. Ин хабар маро зуд бедор кард. Сипас зан ба ман гуфт, ки худи ҳозир мошини ёрии таъҷилӣ кӯдакро ба беморхона гирифта бурд. Ва табибон ба хона расида омада, тасдиқ карданд, ки кӯдак мурдааст.

Мо бо Дренда ҷаҳида хеста, зуд либосамонро пӯшидем. Ман гӯш андохта, ки чӣ кор бояд кунам, дар рӯҳ дуо карданро сар кардам. Ман мефаҳмидам, ки шайтон бо хурсандӣ калисои моро

аз сабаби ин воқеа бадном мекунад. Дар назди чашмони ман сарлавҳаҳо милт-милткунон намоён шудан гирифтанд: “Кӯдак мурд, чунки фирқа дар хона таваллуд карданро ташвиқ мекунад”. Дар асл мо ҳеҷ гоҳ дар масъалаи он, ки кӯдак дар куҷо бояд таваллуд шавад – дар хона ё таваллудхона мавқеи худро ифода накардаем, вале бисёр занҳои калисои мо дар хона таваллуд карданро афзал медонанд, ин рост аст. Ман ва Дренда, дар ҳоле ки бист дақиқа ба беморхона равон будем, дар рӯҳ дуо гуфтанро давом медодем. Дар ними роҳ ногаҳон ман ҳис кардам, ки Рӯҳи Худо маро пур кард, ва ман медонистам, ки бо кӯдак ҳама чиз хуб мешавад. Дар худи ҳамон сония завҷаам ба ман рӯ овард ва гуфт, ки худи ҳозир Худованд ба вай ҳарф зада, гуфт, ки бо кӯдак ҳама чиз хуб мешавад.

Ман медонистам, ки Худованд ба ман ва завҷаам гап зад, бинобар ин зудтар дидан мехостам, ки дар нуқтаи ёрии таъҷилӣ чӣ рӯй дода истодааст. Ба он ҷо даромада, ҳафт ё ҳашт ҳамшираи тиббиро дидам, ки дар гирди кӯдаки гирёни оддии гулгун меистоданд. Ман бо диққат синчакунон ба чеҳраҳои онҳо нигоҳ кардам. Одатан, вақте ки гурӯҳи занҳо дар гирди кӯдак рост истанд, дар чеҳраи онҳо хандаро мебинед. Вале ҳоло ханда дида намешуд. Ман дар чеҳраи ҳар яке ифодаи ҳайратро дидам.

Мо занеро, ки ба мо занг зада буд, дидем. Вай боз ба мо хабар дод, ки ҳанӯз дар хона, бист дақиқа пеш, духтури ёрии таъҷилӣ далели мурдани кӯдакро муайян карда буд. Вақте ки кӯдакро ба беморхона оварданд, дар он ҷо низ далели маргро қайд карданд, аммо ногаҳон, худ аз худ, кӯдак зинда шуд. Ҷалол ба Худо! Мо бо Дренда бо ҳаяҷон наздик омадем, то кӯдакро бубинем, – вай, чуноне ки Рӯҳулқудс гуфта буд, зинда ва саломат буд.

Зимнан мошини ёрии таъҷилии дигар модари кӯдак, Ҷенниферро, ба шӯъбаи занони таваллуд мекардагӣ гирифта бурд. Ҷеннифер дар бораи ҳолати духтарчаи нав таваллудшуда чизе

намедонист. Завҷаи ман ба қабати шӯъбаи таваллуд баромад, то бифаҳмад, ки аҳволи модар чӣ гуна аст. Ба ҳуҷра даромада, Дренда гуфт: "Ҷеннифер, саломатии духтарчаи ту хуб мебошад ва вай хеле хушрӯяк аст! Ҳамшираи тиббие, ки дар паҳлӯи Ҷеннифер меистод, суханони Дрендаро бурида, гуфт: "Не, он кӯдак аллакай бояд дар мурдахона бошад". Завҷаи ман қатъиёна гуфт, ки ҳамшираи тиббӣ хатои калон мекунад.

Имрӯз, барои ҷалоли Худо, ин духтарча, ки Хэйли ном дорад, аллакай духтари калон шудааст, ва ӯ ҳеҷ гуна осеби майна ё мушкилие бо саломатӣ надорад. Дар асоси қонуни рӯҳонӣ кор кардани Подшоҳии Худоро донист а истода, ман мефаҳмидам, ки ин натиҷа тасодуфӣ набуд. Бинобар ин, ҳамчун муҳаққиқи рӯҳонӣ (на муҳаққиқи илми масеҳӣ, балки муҳаққиқи принсипҳои Подшоҳии Худо), ман хеле мехостам бо ҷузъиётҳояш муайян кунам, ки дар он ҷо чӣ воқеа рӯй дод.

Ман медонистам, ки вақте мошини ёрии таъҷилӣ ба хонаи Ҷеннифер омад, табибон марги Хэйлиро муқаррар намуданд. Ман ҳамчунин медонистам, ки ба беморхона омада, боз як бори дигар далели маргро тасдиқ карданд. Худаш чӣ воқеа рӯй дод? Ман занеро, ки барои таваллуд кардан ёрӣ расонда буд, хоҳиш кардам, ки ҳама чизро ба ман муфассал баён кунад. Ман ҷавоби муамморо меҷустам. Вай гуфт, ки ҳама чиз то лаҳзаи таваллуди духтарча хуб ҷараён дошт. Дар ӯ аломатҳои ҳаёт мавҷуд набуд, тамоми баданаш кабуд шуда буд. Момодоя барои эҳё кардани кӯдак кӯшиш кард, вале натавонист. Дар хонаи Ҷеннифер якчанд нафар хешовандони ӯ буданд, онҳо ба воҳима афтоданд. Вале Ҷеннифер дилпурона ба онҳо гуфт, ки ором шаванд. Сипас вай ба шавҳари худ бо ангушташ тиққид: "Ҳарфе нагӯй! Бо кӯдак ҳама чиз хуб мешавад!"

Ман ин лаҳза ӯро аз сухан гуфтан боздоштам ва хоҳиш кардам, ки суханони Ҷенниферро ба шавҳараш такрор кунад.

Вай бори дигар айни ҳамон гапро гуфт: ки Ҷеннифер бо ангушташ шавҳарашро тиққида гуфт: “Ҳарфе нагӯй! Бо кӯдак ҳама чиз хуб мешавад!” Ин корро бинед-а! Ана гап дар куҷо будаст! Ин худи ҳамон лаҳзаи эълони имон буд, ки ҷони Хэйлиро наҷот дод! Ман худро муфаттише ҳис мекардам, ки худи ҳозир дар бораи парвандаи асосӣ маълумоти калидиро пайдо кард! Ман ба ваҷд омада будам. Ҳамаи ин он қадар осон, вале ҳамин қадар чуқур аст! Ҷеннифер дар ин вазъият қонуни рӯҳониро ба кор бурд, ва ин ҳаёти кӯдакро ҳифз кард. Ман дар бораи он чизе, ки худи ҳозир ёд гирифтам, андешаронӣ кардам, ва ҳама чиз ба маъно пайдо кардан сар кард.

Ҷеннифер медонист, ки имони шавҳари вай на он қадар мустаҳкам аст, чунки аз сабаби серкорӣ муддати дуру дароз имконияти ба калисо омаданро надошт. Ҷеннифер ҳамчунин медонист, ки шавҳараш, ҳамчун сардори оила, саҳнаи пуразоби таваллуди кӯдакро дида, бо розигии худ ҳукми марги кӯдакро тасдиқ карда метавонад. Бинобар ин аввалин коре, ки ӯ кард, – шавҳарашро аз розӣ шудан ба марги кӯдак боздошта, ба вай гап зад. Ба ҷои ин Ҷеннифер боварӣ дошт, ки кӯдак зинда ва саломат хоҳад буд, ва инро вай бо имон ва ҷуръат эълон кард.

Ҳамон лаҳза ки Ҷеннифер аз беморхона ҷавоб шуд, вай бо бригадаи ёрии таъҷилӣ вохӯрд ва пурсид, ки ҳамон шаб ҳангоми рафтан ба беморхона онҳо бо кӯдак чӣ кор карданд. Онҳо ба ҳайрат ба вай нигоҳ карданд.

Ҳеҷ кор, – дар охир яке аз онҳо базӯр овоз баровард.

“Ҳеҷ кор” гуфтани шумо чӣ маъно дорад? – пурсид Ҷеннифер. – Шумо реаниматсия нагузаронидед?

Не, – гуфтанд онҳо.

Шумо бо кӯдак ҳеҷ кор накардед?

Не, – гуфтанд боз онҳо.

Онҳо гуфтанд, ки духтарча ҳамту мурда буд ва ҳеҷ кас барои зинда кардани ӯ умед надошт. Аммо, вақте ки онҳо ба беморхона омаданд, духтарча ногаҳон ба худ омад! Гурӯҳи табибон аз тарафи маъмурият таҳсин карда шуданд ва барои аз вазъияти хатарнок бомуваффақият баромадан ба мукофоти ҳарсола ноил гардиданд. Вале онҳо иқрор шуданд, ки ҳеҷ коре накарданд.

Ба наздикӣ мо Хэйли ва Ҷенниферро ба барномаи телевизионии худ даъват кардем ва боз бо ашки шодӣ ғалабаи Подшоҳии Худоро ҷашн гирифтем. Мо шодӣ кардем, ки ба он вазъият шахсе дучор шуд, ки дар асоси қонунҳои рӯҳонии Подшоҳӣ чӣ тавр амал карданро медонист.

Дар ин воқеа мо мебинем, ки Ҷеннифер бо он чизе, ки Осмон мегӯяд, дар ризоияти комил буд, ва ба он бовар дошт, ва сипас бо суханони худ ин қудратро дар вазъияти худ ба кор андохт. Қонун кор мекунад!

Оилаи дигар аз калисои ман ҳамин гуна таҷрибаи амалии ҳамон қонуни Подшоҳии Худоро дошт. Ду хоҳар қарор доданд, ки якҷоя хӯроки пешин хӯранд, вале ин кори осон набуд, чунки ҳарду якҷоя дувоздаҳ ё сездаҳ фарзанд доштанд. Ҳангоми тановули хӯрок онҳо пай бурданд, ки Ҷоэли чорсола гум шудааст. Онҳо тамоми хонаро ҷустҷӯ карданд, вале ӯро пайдо карда натавонистанд. Онҳо фикр карданд, ки ӯ дар ким-куҷо пинҳон шудааст, вале бо вуҷуди бодиққатона ҷустуҷӯ кардан ӯ ёфт намешуд. Ногаҳон модари ӯ Тина бо изтироб ҳавзи пушти ҳавлиро ба ёд овард. Якҷоя бо хешбачааш, Кортнии 13-сола, вай ба ҳамон ҷо давид. Тина бо даҳшат нигоҳ кард, ки Ҷоэл дар ҳавз беҳаракат хобидааст. Ҳеҷ кас намедонист, ки чи қадар вақт вай дар он ҷо буд. Тина фарёд зад, ки 911-ро даъват кунанд, ва ба ҳавз ҷаҳид, то ки Ҷоэлро гирифта барорад. Бача нафас намекшид, ҳаракат намекард ва мурда барин рангпарида буд.

Кортнии 13-сола, ки ба назди мо барои иштирок дар

хидматгузории бачагона меомад, ба холаи худ гуфт: “Не, Тина-хола, мо ба 911 занг намезанем; мо қудрат дорем. Мо бояд дуо кунем”. Онҳо ҳарду дуо карданд, вале чизе рӯй намедод. Тина боз фарёд зад: “911-ро даъват кунед!” Кортни гуфт: “Тина-хола, моро зарур аст, ки барои вай ҳаёт талаб кунем”. Ва сипас изҳор кард: “Ҷоэл, ба номи Исо, бедор шав!” Ногаҳон Ҷоэл нафас кашид, аз даҳонаш об баровард ва ба ҳуш омад; вай комилан хуб шуд.

Вақте ки ман дар бораи ин воқеа фикр мекунам, доимо на барои он ҳайрон мешавам, ки ҳама чиз бо писарбача ба хубӣ анҷомид, – ман ба ин духтарчаи 13-сола ва ба худдории ӯ дар лаҳзаи ҳалкунанда ҳайрон мешавам. Дар вазъияти даҳшатнок, вақте ки масъалаи маргу зиндагӣ ҳал мешавад, вай ба тарс дода нашуд, вале тавонист, ки худро ба даст гирифта, чораҳои заруриро ба амал оварад. Кортни бори дигар исбот кард, ки донистани принсипҳои Подшоҳӣ, – ин афзалтар аз мавъизаи дилписанд аст, ин масъалаи маргу зиндагӣ аст!

Бори дигар диққат кунед, ки қонуни Подшоҳӣ чӣ тавр кор мекунад. Аввалан Кортни гуфт, ки онҳо бояд дуо кунанд, ва онҳо ҳамин тавр ҳам карданд, вале чизе рӯй надод. Аз он сабаб чунин шуд, ки мо дар дуо қудрат ва қуввати Худоро ба кор намеандозем. Вале мо дар бораи роҳнамоӣ дуо мекунем. Дар ҳамон вазъият маҳз ҳамин чиз лозим буд. Сипас Кортни гуфт, ки ба писарбача ҳаётро эълон кардан лозим аст. Вақте ки онҳо ин корро карданд, вай ба худ омад, бо вай ҳама чиз хуб шуд, чуноне ки то имрӯз хуб аст. Мо боз қалби пур аз имонро мебинем, ки ба он чизҳое, ки Осмон мегӯяд, комилан боварӣ дорад: аммо, то даме ки одами имондор дар замин қудратро ба кор наандозад, чизе рӯй намедиҳад.

Ба шумо боз як воқеаро, ки ба оилаи мо наздик аст, нақл мекунам. Бародари Дренда ҳамсари худ Кэндиро барои таваллуд кардани кӯдаки панҷуми онҳо ба беморхона бурд. Ману Дренда

низ ҳамон субҳ, вақте ки Кэнди дарди зоишро ҳис кард, ба беморхона рафтем; мо аъзои нави оиларо хеле дидан мехостем. Мо фикр кардем, ки то мо ба он ҷо рафтан, кӯдак аллакай таваллуд мешавад. Вале маълум шуд, ки ҳама чиз он қадар осон набуд ва таваллуд худи ҳозир ба охир расид. Вақте ки мо ба шӯъбаи таваллуд даромадем, кӯдак Ҳолландро дар айни вақт ба хонаи навзодон мебурданд. Чуноне ки шумо, эҳтимол, дидаед, дар ҳуҷраи навзодон девори шишагин ҳаст, ки ба воситаи он навзодонро дидан мумкин аст.

**ДАР ЁД ДОШТА БОШЕД, КИ ҚОНУНҲОИ ПОДШОҲӢ ҲАМЕША ВА БАРОИ ҲАМА КОР МЕКУНАНД!**

Вақте ки онҳо кӯдак Ҳолландро оварданд, ман пай бурдам, ки вай комилан сафед буд. Ҳамаи фарзандони Ҷонни малларанг ҳастанд, ва аз ҳамин сабаб ман фикр кардам, ки барои фарзандони ӯ баъд аз таваллуд ин табиӣ аст.

Вале ба ҳар ҳол чунин ба назар мерасид, ки чизе нодуруст аст. Ногаҳон ҳамаи табибон ба давидан сар карданд. Ҳамшираҳо зуд пардаро пӯшиданд, ва ман дигар ҳеҷ чизро дида наметавонистам, аммо мефаҳмидам, ки ин аломати бад аст. Гарчанде пардаҳо пӯшида буданд, дар байни онҳо роғ боқӣ монда буд, ки ба воситаи он ман давоми воқеаро дида метавонистам. Ҳамшираҳо таҷҳизотро ба даст гирифтанд, ва духтур ба амали эҳёкунӣ шурӯъ кард. Ман ба дари дигари ҳуҷраи навзодон омадам, то бишнавам, ки духтурҳо чӣ мегӯянд. Ман бо даҳшат шунидам, ки таппиши дил набуд ва духтурҳо онро барқарор карда наметавонистанд. Ман мешунидам, ки садои тартиби таппиши дил дар монитор хеле суст буд. Ман як зарбаро мешунидам, 15 ё 20 сония мегузашт, сипас зарбаи дигарро мешунидам. Дили Ҳолланд таппиш намекард.

Духтур аз ҳуҷра баромад ва ба назди Ҷонни омад: “Кор бад аст, Ҷонни. Афсӯс. Вале мо ҳоло ҳам кӯшиш карда истодаем, ки ягон

кор кунем”. Ба дарун даромадани мо мумкин набуд, бинобар ин Дренда ва Ҷонни дастони худро аз як тараф ва ман аз тарафи дигар ба дари ҳуҷра гузоштем. Мо ба дуо кардан шурӯъ кардем ва эълон намудем, ки Ҳолланд зиндагӣ хоҳад кард ва нахоҳад мурд ва бо ӯ ҳама чиз хуб мешавад, ба номи Исо.

Ногаҳон духтуре, ки бо Ҷонни сӯҳбат карда буд, хеле зуд аз ҳуҷра баромад. Вай аз назди мо сухане нагуфта, гузашта рафт. Пас аз чанд дақиқа вай бо ҳамшираи тиббие баргашт, ки бо овози баланд мегуфт: “Духтур, мо ин корро карда наметавонем. Беморхонаи мо барои гузаронидани ин тартиб ваколатдор нест. Ман ба шумо иҷозат намедиҳам, ки ин хунро гиред”. Духтур ба вай диққат надода, ба ҳуҷра даромад, дастурамалро гирифт ва, чуноне ки ман фаҳмидам, бодиққатона омӯхтани иҷрои тартиботро сар кард. Ман ба воситаи роғи парда нигоҳ мекардам ва дидам, ки баъд ӯ бархеста ба кӯдак гузоштани найчаи дарозро шурӯъ кард. Ман фаҳмидам, ки вай ба кӯдак хун мегузаронад. Ногаҳон ман садои мониторро шунидам, дил ба таппиш кардан сар кард. Ва он тезтар задан гирифт ва сипас ба меъёри навзодон расид. Пас аз як лаҳза духтур баромад ва гуфт: “Дар он ҷо фариштаҳо буданд. Худо ба хотири ин кӯдак ба ман мадад расонд!” Мо дидем, ки ӯ меларзид. Баъдтар мо фаҳмидем, ки он рӯз, умуман гӯем, на вақти навбатдории ӯ буд ва ӯ ба таваллудкунии Кэнди машғул набуд. Вай ҳамту ба беморхона даромада буд, то ки бемори дигарро аз назар гузаронад, ва иштирокчии ин вазъият гардид. Ӯ худ аз ин ҳодиса хеле дар ҳайрат монда буд, охир дили Ҳолланд дар давоми 36 дақиқа таппиш намекард!

Ҳоло Ҳолланд духтарчаи зебои солим аст. Ман боварӣ дорам, ки фаҳмиши мо оид ба Подшоҳӣ вазъияти мушкилро ҳал кард. Ман ҳоло ҳам ёд дорам, ки чӣ тавр дастонамро ба дар гузошта, худ ба худ гуфтам: “Мо хешбачаи хурдакакамонро дафн намекунем! Мо бо ин розӣ намешавем!”

Андешаронињҳои худро дар бораи таъсири Подшоҳии Худо дар ҳар як воқеае, ки ман нақл кардам, ба охир расонида, ман мехостам, ки шумо дар хотир дошта бошед: қонунҳои Подшоҳӣ ҳамеша ва барои ҳама кор мекунанд! Дар худи оғози китоб ман гуфтам, ки қонунҳои табиат дар замин айни ҳамон натиҷаҳоро ба вуҷуд меоранд. Онҳо беғаразонаанд ва барои ҳар як касе, ки онҳоро меомӯзанд ва истифода мебаранд, кор мекунанд. Қувваи барқ ҳам дар ИМА ва ҳам дар Африқо як хел кор мекунад, ҳеҷ фарқе надорад.

Вақте ман фаҳмидам, ки Подшоҳии Худо – ин Подшоҳиест бо қонунҳои аниқ, гарчанде ниҳон бошад ҳам, он гоҳ фаҳмидам, ки ба саволҳои худ ҷавоб пайдо кардам. Ман дарк намудам, ки ин на Худо баракатҳои Худро аз ман бозмедошт ё дар вақти мӯҳтоҷӣ ёрдам кардан намехост. Не, ман ба хулосае омадам, ки Худо ҳама гуна чизҳои барои зиндагӣ зарурро ба воситаи Исои Масеҳ ба ман додааст. Исои Масеҳ бо хуни гаронбаҳои Худ роҳро ба сӯи ҳама чизҳое, ки Осмон барои ман дорад, боз намудааст. Акнун ман мефаҳмам, ки Подшоҳӣ ба қонунҳои комилан мушаххасе, ки ман омӯхта ва истифода бурда метавонам, такя мекунад.

Ман калидҳоеро, ки қонунҳои дигари Подшоҳиро ба ман кушода метавонистанд, ҷустуҷӯ карда истода, бо тарзи нав хондани ҳар як ҳикояи Китоби Муқаддасро сар кардам. Ман худро ба омӯзиши олами рӯҳонӣ бахшидам, то бифаҳмам, ки чаро дар қонунҳои аллакай ба ман шиноси ҳикояҳои Китоби Муқаддас чизе рӯй медод.

Матни Навиштаҷот дар Номаи аввали Юҳанно ба бисёр одамон ғайриоддӣ ё аҷиб метобад. Ман медонам, ки шумо аллакай онро пештар хондаед, вале биёед ин матнро аз нав мехонем, чунки он ҳақиқатеро, ки ҷавоби мо мебошад, ошкор мекунад.

> *Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад;*

> *Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ МЕДОНЕМ, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.*
>
> *– 1 Юҳанно 5:14-15*

Ман ин оятро дӯст медорам, чунки дар ин ҷо дар бораи қонун гуфта шудааст, ва қонун ба мо дар татбиқ кардани адолат дилпурӣ медиҳад. Ана ҷуръати мо чӣ гуна аст: агар мо мувофиқи иродаи Худо чизе талаб кунем (мувофиқ ба қонун ё ба он чизе, ки Худо дуруст мешуморад), Ӯ моро мешунавад. Диққат диҳед, ки ҷумлаи “Ӯ моро мешунавад”, чунин маъно надорад, ки Худо суханони аз даҳони мо бароямдаро ҳамту мешунавад, гарчанде онҳоро Ӯ мешунавад ҳам. Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки Ӯ кори моро ҳаллу фасл мекунад. Агар дар бораи доваре фикр кунем, ки ба коре шурӯъ карда, аз рӯи нишондоди қонун, на аз рӯи ҳиссиёти шахсӣ онро ҳаллу фасл мекунад (ба ҳар ҳол, бояд чунин бошад), он гоҳ ба шумо ин оят фаҳмо мегардад. Худо моро мешунавад – кори моро ҳаллу фасл мекунад, ва мо ба таъмини адолат, ки аз рӯи қонун ба он ҳақ дорем, дилпур буда метавонем.

Дӯсти азиз, ба фикрам, ба ту зарур аст, ки таваққуф кунӣ ва аз нав оҳиста ин оятро бихонӣ. Агар он чизе, ки ту ҳозир хондӣ, ҳақиқат бошад, ва ҳамин тавр ҳам ҳаст, пас ҳаёти ту бояд аз шодӣ пур шавад! Одамоне, ки бе ин фаҳму идрок дуо мекунанд, эътимоди қавӣ надоранд; онҳо ҳамту калимаҳои дуоро такрор мекунанд. Исо дар Инҷили Матто 6:7-13 ба мо гуфтааст:

> *Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед; зеро онҳо гумон мекунанд, ки ба туфайли пургӯӣ дуояшон мустаҷоб мешавад.*
>
> *– Матто 6:7*

Маънои ибораи “пургӯӣ кардан”, яъне ин беёдона такрор

кардани калимаҳо ва овозҳо мебошад. Бисёр одамон маҳз ҳамин тавр дуо мекунанд. Онҳо дар бораи ҳуқуқҳои қонунии худ барои адолат ва оиди он чизҳое, ки Худо аллакай ба онҳо дар Подшоҳии Худо додааст, тасаввуроте надоранд. Барои он чизҳое, ки аллакай ба ту тааллуқ доранд, зарур нест, ки илтимосу илтиҷо кунӣ!

Полисеро ба худ тасаввур кунед, ки дар сари роҳ истодааст. Ӯ барои тафтиш кардан мошини боркашонро боздоштан мехоҳад ва гирякунон зорию тавалло мекунад: “Илтимос, бозист! Ба ман раҳм кун! Хоҳиш мекунам, азизам, охир бозист!” Чунин рафтор номақбул ҳисобида мешуд, Иёлоти Муттаҳида ва тамоми сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро беобрӯ мегардонид. Не, полис қомати худро рост мекунад ва ба мошини боркаш ба таври возеҳ мегӯяд, ки бозистад ва он бозмеистад, чунки вазифадор аст, ки ба афсар итоат кунад, чунки афсар намояндаи ҳукумати ин кишвар аст.

Одамоне, ки аз Худо бо зорию илтиҷо раҳм талаб мекунанд, дар бораи қонуни Подшоҳии Ӯ ё мақоми худ чизе намедонанд. Агар марди полис ба ронанда зорию илтиҷо мекард, ин барои кишвар шармандагӣ ҳисоб мешуд, зеро ин гувоҳи он буда метавонист, ки давлат на қонун ва на обрӯ дорад. Дар чунин давлат беҳокимиятӣ ҳукмфармо мешуд. Вақте ки масеҳиён такрор ба такрор ба Худо зорию илтиҷо мекунанд, ин Подшоҳии Худоро заиф нишон медиҳад ва шаҳодати он буда метавонад, ки Подшоҳии Худо ба эҳтиёҷоти онҳо таваҷҷӯҳ намекунад. Ин одамонро водор мекунад, ки ба кӯмаку дастгирии Худо шубҳа кунанд, гарчанде дар асл онҳо аллакай ҳуқуқи гирифтани ҳама он чизҳоеро доранд, ки талаб мекунанд. Исо муносибати Худро нисбат ба дуоҳое, ки барои ҳосил кардани раҳму дилсӯзӣ бо зорию тавалло гуфта мешаванд, возеҳона ба мо нишон медиҳад ва мегӯяд: “Ин корро накунед!”

*Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед; зеро онҳо гумон мекунанд, ки ба туфайли пургӯӣ дуояшон мустаҷоб мешавад; монанди онҳо набошед; зеро*

*Падари шумо тамоми эҳтиёҷоти шуморо, пеш аз он ки талаб кунед, медонад.*

*Пас ба ин мазмун дуо гӯед: “Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! исми Ту муқаддас бод; Малакути Ту биёяд; иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд; ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ; ва қарзҳои моро бибахш, чунон ки мо низ ба қарздорони худ мебахшем; ва моро ба озмоиш дучор накун, балки моро аз иблис раҳоӣ деҳ; зеро ки Малакут ва қувват ва ҷалол то абад аз они Туст. Омин“.*

*– Матто 6:7-13*

Фаромӯш накунед, дар ин оят Исо ба мо чӣ тавр дуо карданро ёд медиҳад. Мутаассифона, бисёр одамон ин суханонро ба чорчӯбаҳои зебо ҷо медиҳанд, дар хонаи худ ба девор меовезанд, вале маънои онҳоро тамоман намефаҳманд. Ин дуоро “Падари мо” меноманд, Исо бо ёрии он ба шогирдони Худ дуо карданро таълим додааст. Вай нагуфтааст, ки маҳз бо ҳамин суханон дуо кардан лозим аст, чуноне ки бисёр вақт дар калисо мекунанд. Ин суханон, агар хоҳед, роҳнамои амал аст, яъне намунаест барои чӣ тавр дуо кардан, то ки натиҷа ба даст ояд, на ин ки ҳамту суханонро қориазёд гуфтан ва такрор кардан аст.

“Малакути Ту биёяд; иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд” – ин дастурамал барои дуо. Дуо карда истода, мо бояд иродаи Худоро аз Осмон ба воқеияти заминӣ ва вазъиятҳои ҳаёти худ биёрем. Пас, посухи шумо чӣ аст? Бовар кардан ба он чизе, ки аз рӯи суханони Худо ба шумо тааллуқ дорад, ва дар Подшоҳии Худо қудрати худро ба кор бурдан, то ки Осмон ба воқеияти заминӣ оварда шавад ва ба ту додани чизҳое, ки ту ва одамони дигаре, ки дар гирду атрофи ту ҳастанд, мӯҳтоҷ мебошанд.

Биёед як лаҳза таваққуф менамоем ва дар ин бора андеша

мекунем. Агар бе ягон шакку шубҳа медонистед, ки дуои шумо самаранок аст ва онро тамоми Осмон дастгирӣ мекунад, оё ин дар дуо ба шумо дилпурӣ зам мекард? БАЛЕ!!! Вақте ки ту, ҳамчун шаҳрванди Осмон, ҳуқуқҳои қонунии худро хуб медонӣ, мефаҳмӣ, ки аллакай ба ту дода шудааст, ва равандеро, ки бо ёрии он инро қабул карда метавонӣ, дарк менамоӣ, он гоҳ ту аз бартариятҳои ин қонунҳо лаззат мебарӣ ва бо ҳаёти комилан нав – ҳаёти Подшоҳӣ зиндагӣ мекунӣ. Он гоҳ бо тарси ту чӣ воқеа рӯй медод? Ё бо дудилагӣ? Чӣ тавр ин донишҳо нисбат ба оянда ба ту дилпурӣ зам мекарданд ва ҳангоми тӯфон ба ту оромӣ медоданд? Подшоҳӣ ба ману Дренда маҳз ҳамин гуна таъсир расонидааст, ба андозае, ки мо онро барои худ ошкор мекардем. Мо бисёр вақт аз кашфиётҳои худ дар ҳайрат мемондем. Не, иҷозат диҳед, ки бо суханони дигар фаҳмонам: мо ҳамеша аз кашфиётҳои худ моту мабҳут мешудем ва дар ҳайрат мемондем! Илова бар ин, мо аз он қудрате дар ҳайрат мемондем, ки Худо ба калисо додааст, то ки ҳукмронии Худро дар воқеияти заминӣ ба амал орад.

> *Чунки ҚОНУНИ рӯҳи ҳаёт дар Исои Масеҳ маро аз ҚОНУНИ гуноҳ ва мамот фориғ кардааст.*
>
> *– Румиён 8:2*

Ҳақиқат дар он аст, ки мо аз “қонуни гуноҳ ва мамот” озод шудаем ва ба Подшоҳӣ ва “қонуни рӯҳи ҳаёт” роҳ ёфтаем. Он чиз боз ҳам бештар моро рӯҳбаланд кард, ки мо тавонистем мушоҳида кунем, ки чӣ тавр ин қонун аниқ дар ҳаёти мо қудсияти Подшоҳиро ба вуҷуд овард.

Подшоҳӣ имкон дод, ки ман шифои ҷисмонӣ пайдо кунам, ва ҳамчунин эмотсионалӣ – ман умеди нав ёфтам ва аз антидепрессантҳо халос шудам. Подшоҳӣ ба ман мусоидат кард, ки аз қашшоқӣ раҳо шавам. Пештар ман барои пайдо кардани 300 доллар ҷонбозӣ мекардам, то ки барои хонаи вайронаи соли

1800 иҷорапулӣ супорам, вале Подшоҳӣ имкон дод, ки хонаи нави масоҳаташ 700 метри квадратиро бо 23 гектар замини хеле зебо пурра бунёд кунам ва маблағашро пурра пардохт намоям. Завҷаам низ маро хеле зиёдтар дӯст медоштагӣ шуд. Имкони савор шудан дар мошинҳои арзанда, ки ҳар рӯз вайрон намешаванд, – ин бебаҳо аст! Ҳамагӣ якчанд сол пеш ман тасаввур ҳам карда наметавонистам, ки садҳо ҳазор доллар ба мавъизаи Инҷил месупорам. Ҳаёт ва нури Подшоҳӣ торикиро нобуд карданд; чуноне ки Худо дар Китоби Ҳастӣ ба офаридаи Худ нигоҳ карда гуфтааст: “Хеле хуб аст!” – ман ҳамчунон бо ҳайрат ба ҳаёти худ нигоҳ мекунам ва мегӯям: “Хуб аст! Хеле хуб аст!”

Дренда ва ман он қадар рӯҳбаланд шуда будем, ки дар бораи Подшоҳӣ ва саргузашти худамон ба ҳар касе, ки омодаи шунидан буд, нақл мекардем. Имондорони калисои мо низ “мавҷро қапиданд”, ва дар ҳаёти онҳо низ чунин натиҷаҳо буданд; яке аз онҳо духтари 12-солаи мо буд. Вай медид, ки Худо бисёр корҳоро ба амал меовард, ва доимо шоҳиди он мегардид, ки чӣ тавр қонунҳои безаволи Подшоҳӣ дар ҳаёти мо кор мекунанд. Ман медонам, ки вай ба мо нигоҳ мекард ва ин қонунҳоро меомӯхт, вале як воқеа нишон дод, ки вай бисёр чизҳоро ёд гирифтааст.

Боре ман ба ҳуҷраи духтарам даромадам, то ки ба вай хоби хуш орзу кунам ва чизи наверо дидам. Дар девори ҳуҷраи вай сурати саг, шпитси пакана, овезон буд. Барои ҳама гуна падару модар, ки ақаллан каме таҷриба дорад, ин аломат аст – тайёр бошед, ки ба наздикӣ аз шумо саг талаб мекунанд. Ман хостам, ки пешдастӣ кунам, зеро чунин меҳисобидам, ки боз як саги дигар дар хона ба мо лозим нест. Полли, хоҳари Кирстен, аллакай саг дошт, ва он дар ҳуҷраи умумӣ зиндагӣ мекард, яъне саги Полли ҳамеша бо Полли ва Кирстен якҷоя буд. Ман оҳиста ба Кирстен гуфтам, ки сурат хеле зебо аст, вале боз як саги дигар дар хона ба мо лозим нест. Агар ӯ бо саг бозӣ кардан хоҳад, вақти зиёди худро бо таксаи (навъи саг) хоҳараш гузаронида метавонад. Кристен он бегоҳ ба ман

чизе нагуфт, танҳо чизи шунидаашро ба назар гирифт. Ман фикр кардам, ки масъала ҳалли худро ёфт, вале ду рӯз пас аз вай дар бораи шпитс баъзе ибораҳоро шунидам, чунончи: “Хуб мешуд, агар шпитси пакана медоштам”, “Чи қадар онҳо нағзаку пахмоқак ҳастанд”. Сипас вай, албатта, ба ман суратҳои ин сагчаҳоро, ки аз интернет пайдо карда буд, нишон додан гирифт. Ман боз ҳамту гуфтам: “Не”. Ман сардори хона будам ва чунин меҳисобидам, ки мо боз як саги дигар намегирем.

Такрор мекунам, ман фикр мекардам, ки масъала ҳал шуд. Вале як моҳ пас мо аз калисо ба хона омадем ва Кирстен бо боварӣ ва бо чеҳраи хандон гуфт: “Падар, имрӯз ман бо имон шпитси худро пайдо кардам, чуноне ки ту ёд додӣ!” Ман маҷбур будам, ки қарори пештараи худамро дар бораи боз як саги дигар дар хона ба вай ёдрас кунам. Вай хандаро аз чеҳрааш дур накарда, гуфт: “Аммо, падар, модарам мегӯяд, ки Худо метавонад, ки дили шоҳро иваз кунад”. Суханони ӯ нисбат ба ман исёнкорона набуданд. Вай ҳамту бо суханони модари худ розӣ шуд ва дуо кард, то ки Худо дили маро дигар кунад. Ман ба даст афтодам. Акнун ман мефаҳмидам, ки онҳо бо модар дар бораи ҳама чиз сӯҳбат карданд ва модар онҳоро рӯҳбаланд кард, ки Худо дар ҳақиқат қарори маро дигар карда метавонад.

Аз ин дастгирӣ рӯҳбаланд шуда, духтари ман имони худро ҳамон субҳ дар калисо ба кор андохт, тухмӣ кишт кард ва эътироф кард, ки бо имон саг пайдо кард. Вале ман вайро ба муҳаббати худам бовар кунонида, якравӣ кардам, ман боз мавқеи худро ёдрас намудам ва гуфтам: “Дар хонаи мо як саги дигар нахоҳад буд”. Ман гуфтам, ки маъзарат мехоҳам, вале ин тавр намешавад. Ба назарам, суханони ман ӯро он қадар ҳам ба ташвиш наоварданд, вай хандакунон рафт. Ва ман боз фикр кардам, ки, ниҳоят, масъала ҳал шуд.

Тақрибан як моҳ пас маро ба калисои хурд дар Миссисипи

барои таълим додан даъват карданд. Ин калисои хурди деҳагӣ дар иҳотаи саҳроҳои васеъ ҷойгир шуда буд. Дар поёни шаби аввал шубон ба назди ман омад ва гуфт, ки Худованд дар вақти ҷамъомад гап зад. Ӯ гуфт: “Намедонам, шумо дар ин бора шунидаед ё не, аммо ман шпитсҳои паканаро парвариш мекунам, ва Худованд гуфт, ки ба шумо яке аз сагчаҳоро тақдим кунам. Онҳо ҳоло шашмоҳаанд, ва онҳо барои хонаи нав пайдо кардан тайёр ҳастанд”. Ман даҳонамро кушода, рост меистодам. Ман ҳанӯз ҳам дар қарори худ устувор будам, бинобар ин гуфтам: “Ман бояд фикр кунам”. Ман тасаввуроте надоштам, ки вай сагҳоро парвариш мекунад, ва, албатта, дар бораи он ки Кирстен сагча гирифтан мехоҳад, чизе нагуфтам.

Ниҳоятан ман тоқат карда натавонистам ва ба Дренда дар бораи ҳама чизе, ки рӯй дод, ва роҷеъ ба он ки ман хоҳиши саги навро ба хона овардан надорам, нақл кардам. Вай ба ман нигоҳ кард ва гуфт: “Ту имони духтари худатро рад кардан мехоҳӣ?” Дренда низ аз фикри саги дуюм гирифтан хурсанд набуд, вале Кирстенро бештар аз ҳама гуна ногуворӣ, ки боз як ҳайвон оварда метавонист, дӯст медошт. Ва ана Худо ҷавобан ба имони духтари мо саг медиҳад – чӣ хел ман рад кунам? Дар натиҷа ман ба ҳамон шубон гуфтам, ки сагчаро мегирам. Мо ба Кирстен ҳеҷ чиз нагуфтем, танҳо аз хоҳараш хоҳиш кардем, ки вақте барои пешвозгирӣ меояд, Кирстенро ҳамроҳи худ ба фурудгоҳ биёрад. Кирстен ба фурудгоҳ омад, мо аз ҳавопаймо баромадем ва ба ӯ қуттии на он қадар калонро, ки махсус барои овардани сагча харида будем, тақдим кардем. Вақте ки Кирстен шпитси майдаякро дид, вай гиря кард. Тамоми олами атрофро хомӯшӣ пахш кард. Ҳамаи касоне, ки дар паҳлӯи мо буданд, бозистоданд, то ки ин саҳнаро тамошо кунанд. Онҳо муддати дароз истоданд ва мутассир шуда, ба духтари ман, ки сагчаро дар дасташ дошта истода гиря мекард, нигоҳ мекарданд. Дренда ба ҳама нақл кард, ки чӣ тавр Худо ин сагчаро ҷавобан ба имони Кирстен ба мо дод.

Ва ин лаҳза ман фаҳмидам, ки агар сагчаи майдаякро дар даст дошта бошед, ҳатто дар фурудгоҳ ҷамъомади бедоршавӣ барпо кардан мумкин аст! Ҳама одамон сагчаро дидан мехостанд, ва тамоми ин издиҳом дар фурудгоҳ якҷоя бо Кирстен, ҳатто афсарони хадамоти бехатарӣ, гиря мекарданд. Дар он лаҳза ман худро падари бад ҳис кардам. Вақте ман дидам, ки сагча ба духтарам чи қадар хурсандӣ овард, ва ба хотир овардам, ки Худо чӣ тавр ба дуои духтари ман ҷавоб дод, он гоҳ ман фикр кардам: чӣ тавр ман зидди он чизе буда метавонистам, ки барояш ин қадар азиз аст! Шекспир – вай ба сагча чунин ном гузошт – хеле дилписанд буд. Вай аъзои ҳақиқии оилаи мо шуд. Гарчанде вай хеле сагчаи мустақил бошад ҳам, аз паси Кирстен шабу рӯз, ба ҳар ҷое, ки соҳибаш равон мешуд, мерафт.

Ин воқеаи таъсирбахшро баён карда истода, ман бояд саволе диҳам, ки ба он ҷавоб додан зарур аст ва дар асл ҳадафи ин китоб мебошад: **чӣ тавр ин сагча пайдо шуд?** Охир то ин дам ба ман ҳеҷ кас ва ҳеҷ вақт сагча пешниҳод накарда буд. Ва чӣ тавр чунин ҳолат рӯй дод, ки ба ман маҳз ҳамон зотеро пешниҳод карданд, ки дар бораааш духтарам орзу карда ва аз Худо пурсида буд? Ин тасодуфӣ буд? Албатта, не. Ин натиҷаи рӯирости амалкарди Подшоҳии Худо ва қонунҳои он буд, ки дар ҳаёти оилаи мо баръало зоҳир шуданд. Онҳо чун ҳарвақта ва дар ҳар ҷо барои ҳар касе, ки имон дорад ва қудрати Подшоҳиро дар воқеияти заминӣ ба кор меандозад, натиҷа доданд. Мо эътироф карда метавонем, ки маҳз Подшоҳии Худо ин сагро ба мо ҳадя кард. Вале ин чӣ тавр рӯй дод? Умедворам, ки ба андозаи хондани ин китоб шумо ҷавобҳои равшан пайдо мекунед, ки ба шумо барои лаззат бурдан аз Подшоҳии Худо ёрӣ мерасонанд. Фаромӯш накунед, ки шумо – шаҳрвандони ин Подшоҳӣ ҳастед ва шумо ҳуқуқҳои қонунӣ ва бартариятҳо доред! Вале дар аввал ба ман иҷозат диҳед, ки боз як воқеаеро дар бораи Подшоҳӣ аз ҳаёти оилаи мо нақл кунам.

БОБИ 4

# МОҲИИ АЗИМҶУССА

Ба андозаи он ки Дренда ва ман дар бораи Подшоҳӣ ва қудрате, ки мо дар рӯи замин дорем, мефаҳмидем, мо ҳамон қадар бештар боварӣ ҳосил мекардем, ки маҳз худи одамон муайян мекунанд, ки чӣ тавр зиндагӣ кунанд. Подшоҳии Худо ба ҳар як соҳаи ҳаёти мо таъсир расонид, вале маҳз мо ҳамон баракатҳое, ки барои мо зарур буд ё гирифтан мехостем, бояд ба воқеияти заминӣ ба кор меандохтем. Ин худ аз худ амалӣ нашуд. Воқеае, ки бо сагча ва духтари ман шуда гузашт, нишон дод: ҳеҷ чиз хеле камаҳамият ё ночиз ба ҳисоб намеравад, то ки ба ҳукми Подшоҳӣ супорида шавад. Вақте ки мо инро дарк кардем, барои мо ҳеҷ чизи имконнопазир ё дастнорас боқӣ намонд. Тамоми ҳаёти худ ман намедонистам ва намефаҳмидам, ки Худо ба мо Подшоҳӣ додааст – ТАМОМИ ПОДШОҲӢ – барои ҳаловат бурдан. Бинобар ин хеле хурсандибахш аст, ки Подшоҳии Худо ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти мо таъсир мерасонад, ҳатто ба соҳаҳои хурд ва камаҳамият. Барои шарҳу тавзеҳ додани ин, ман боз як воқеаро ба шумо нақл кардан мехоҳам. Ин воқеа дар бораи моҳии азимҷусса мебошад.

Ин воқеа вақте рӯй дод, ки мо бо аҳли оила барои истироҳат ба Аляска рафта будем. Худи далели рафтани мо ба он ҷо, ин амалӣ шудани орзуи ман буд. Мо бо ҳавопаймо ба Анкориҷ

омадем, барои се ҳафта як автофургонро ба иҷора гирифтем ва тамоми соҳилҳои ғарбиро тай карда гузаштем. Ин шавқовар буд! Боре, аз канори соҳилҳои нимҷазираи Кенай гузашта истода, мо мушоҳида кардем, ки дар болои яке аз қаиқҳо моҳии азимҷусса овезон буд. Дар бандаргоҳ бисёр қаиқҳои чартерӣ буданд, ва дар ҳар ҷо айни ҳамон гуна моҳиҳои азимҷусса овезон буданд. Аз рӯи намудашон онҳо ба камбалаҳои калон монанд буданд. То ин лаҳза ман палтусро надида будам, ҳеҷ чиз дар бораи он намедонистам, лекин ин моҳиҳо хеле калон буданд. Мо мошинсавор бо ҳайрат қаиқҳоро тамошо карда мерафтем, ва дар ҳама қаиқҳо барои сайди моҳии навъи палтус рекламаҳо овехта шуда буданд. Ногаҳон завҷаам ба ман рӯ оварда, мегӯяд: "Ман мехостам, ки палтусро ба даст орам, ва ба сайди моҳӣ бо ана ин капитан рафтан мехостам". Вай ба рекламае, ки дар он расми моҳӣ ҳамчун рамзи масеҳӣ намоён буд, ишора кард. Дар аввал ман ба ҳайрат афтодам: "Ту палтусро доштан мехоҳӣ?" Пештар вай ҳеҷ гоҳ хоҳиши худро барои сайди моҳӣ ифода накарда буд. Вале ӯ бо исрор хоҳиш мекард, бинобар ин мо таваққуф карда, ба офис даромадем. Коргарони офис бо дигар мизоҷ банд буданд, аз ин рӯ мо қарор кардем, ки камтар гирду атрофро аз назар гузаронем ва маълумотҳои дар тахтаҳо овехташударо хонем. Дар яке аз онҳо мо оиди дар айни вақт гузаронида шуда истодани мусобиқаҳо оид ба сайди палтус, "Палтус Дерби", хондем, ки ба анҷом мерасиданд. Мо намедонистем, ки ин чӣ аст, ва шумо низ, яқинан, намедонед, бинобар ин ман мефаҳмонам. "Палтус Дерби" – ин дар байни капитанҳои қаиқҳои чартерӣ мусобиқае мебошад, ки дар давоми як моҳ кӣ палтуси аз ҳама калонро қапида метавонад. Ба ғолиби мусобиқа чек медиҳанд ва сурати ӯро дар рӯзнома дарҷ мекунанд. Азбаски мо бо Дренда бе ин ҳам ба моҳидорӣ машғул шудан мехостем, байни худамон гуфтугӯ карда, қарор додем, ки дар мусобиқа иштирок менамоем. Моро лозим буд, ки барои иштирок кардан дар мусобиқа андаке пул

супорем, ана маҳз дар ҳамон вақт ҳамаи ин рӯй дод.

Дренда, он қадар дилрабо ва пурназокат, ба ман рӯ оварда, мегӯяд, ки дар мусобиқа ғолибиятро ба даст овардан мехоҳад, то ки бизнеси ин капитан шӯҳрат ёбад, чунки вай масеҳӣ аст ва Худо ба воситаи ӯ ҷалол меёбад. Ҳамин тариқ, вақте ки навбати сабти ном фаро расид, Дренда далерона гуфт, ки вай дар "Палтус Дерби" ғолиб омадан мехоҳад: ба воситаи ин ғалаба Худо ҷалол дода мешавад, ва ширкати ин капитан шӯҳрат пайдо мекунад, чунки вай масеҳӣ аст. Албатта, шумо ба худ тасаввур карда метавонед, ки дар сари ин капитан чӣ гуна фикрҳо буданд. Бешубҳа, ҳар кас дар ин мусобиқа пирӯз шудан мехост, ва ман боварӣ дорам, ки вай ин гуна изҳоротро, аз бисёр шахсон, агар на аз ҳамаи сайёҳоне, ки ба моҳидорӣ мебурд, шунида буд. Вале ҳамчунин ман боварӣ доштам, ки ин гуна шахсоне, ки барои ҷалоли Худо ба пирӯзӣ боварӣ доштанд, кам буданд. Ба ҳар ҳол, капитан дар бораи изҳороти Дренда ва мусобиқа бисёр ҳарф назад. Мо ба баҳр баромадем ва ба сайди моҳӣ шурӯъ кардем. Дренда ба капитан мунтазам савол медод, ки барои дар мусобиқа ғолиб омадан, ҳаҷми моҳи чи қадар бояд бошад. Вай танҳо гуфт, ки моҳӣ бояд калонтар аз оне бошад, ки худи ҳозир қапидем, ва ин ҷавоб Дрендаро водор кард, ки ҳар дафъа, вақте ки вай моҳии навбатиро медошт, боз ба капитан ин саволро диҳад. Вақте ки Дренда палтуси 20-килограммиро қапид, капитан гуфт, ки ин он қадар калон нест. Сипас завҷаам моҳии 30-килограммиро қапид, вале инаш ҳам кифоя набуд. Албатта, ҳама медонад, ки палтус моҳии хеле бомаза аст, ва мо мехостем, ки ин моҳиро ба хона фиристонем. Меъёр ба андозаи ду моҳӣ барои як сайёҳ муқаррар шуда буд, бинобар ин палтуси 30-килограммиро мо ба ҳисоби худ даровардем.

Бегоҳӣ наздик шуда, торикӣ фаро мерасид. Писари ман Том, духтарам Полли ва ман меъёри худро, ки аз дутогӣ моҳӣ иборат буд, пурра кардем. Ду фарзанди дигарамон, Эмми ва Тим, барвақттар

ба хона парвоз карданд, то ки ба анҷуман дер намонанд, ва онҳо бо мо набуданд. Дренда, албатта, соҳиби моҳии 30-килограммӣ шуд, вале ҳеҷ яке аз моҳиҳои сайдшуда дар мусобиқа пирӯзӣ наовард. Аммо Дренда шубҳа намекард, ки моҳии азимҷуссаи худро ба даст меорад. Шом фаро расид, ва капитан ба мо гуфт, ки ҷиҳозҳоро ғун кунем. Мо бояд ба бандаргоҳ бармегаштем. Дренда амри капитанро сарфи назар кард, дар ҳоле ки капитан шастҳои моро мепечонид ва ҷиҳозҳоро таҳ мекард. Дренда боз чанд дақиқа талаб кард ва эълони намуд, ки моҳии ғалабаовари мусобиқаи “Палтус Дерби”-ро ба даст меорад. Капитан чанд лаҳза интизор шуд, сипас ба назди вай омада гуфт: “Бубахшед, лекин мо дар ҳақиқат бояд баргардем”. Айнан пеш аз он ки вай шасти Дрендаро ба даст гирифт, шаст сахт кашида шуд. Аз рӯи он ки чӣ тавр шаст хам шуд ва ғалтак бо шиддат ғиҷиррос зад, маълум буд, ки ин моҳӣ калон аст. Капитан шастро ба даст гирифт, то ки вазни моҳиро ҳис кунад. Ва розӣ шуд, ки ин на танҳо моҳии калон, балки наҳанг буд. Ӯ гуфт, ки ин аз он маълум буд, ки чӣ тавр моҳӣ шастро мекашид. Барои Дренда чанд лаҳза ва тамоми қуввати ӯ лозим шуд, то моҳиро аз қаъри баҳр – қариб аз сад метр чуқурӣ кашида барорад. Вақте ки моҳӣ ба сатҳ баромад, мо ҳама дидем, ки ин палтуси бузург буд – калонтар аз худи Дренда.

Дар ҳоле ки моҳиро ба болои қаиқ мекашидем, капитан гуфт, ки он барои зинда ба даст овардан беҳад калон аст: вай барои раҳо шудан зӯр мезанад, ва бо ин ҳаҷми калон ба одамон ва ҳам ба қаиқ осеб расонида метавонад. Ӯ барои чунин моҳиҳои калонҳаҷм туфанги махсуси барқӣ (электрошокер) дошт. Капитан туфангро ба сари палтус нигаронид, вале дар ин лаҳза моҳӣ якбора худро ба як сӯ кашид, ва шиддат ба ҳадаф нарасид.

Аз шиддати қувваи барқ моҳӣ бо тамоми қувват худро кашида, ба таги об пинҳон шуд. Дар давоми ҳамаи ин вақт ғалтаки ресмони 100-метра ғиҷҷирросзанон тоб мехӯрд, ва мо тарсидем, ки ресмон дошт намедиҳад ё қалмоқ канда мешавад, чунки моҳӣ

дар таги об девонавор ҷаҳиш мекард. Дренда бо тамоми қувват ин азимҷуссаро дошта меистод. Вай хеле кӯшиш ба харҷ медод, ки сайди худро аз даст надиҳад; ман маҷбур шудам, ки ӯро аз пушт ба оғӯш гирам, то ки мо бо чаҳор даст шастро дошта, моҳиро оҳиста ба сатҳи об кашем. Ин дафъа ба капитан муяссар шуд, ки моҳиро ба болои қаиқ кашида барорад, ва мо аз ҳаҷми он ба ҳайрат афтодем.

Сайди худро ба майдони шаҳр бурдем, то дар тарозуҳои калонҳаҷм, ки дар он ҷо буданд, моҳии худро баркашем. Вазнаш 55 килограммро ташкил дод, ва дарозиаш аз худи Дренда зиёдтар буд. Марде, ки моҳии моро баркашид, гуфт, ки ин палтуси аз ҳама калоне аст, ки дар вақти мусобиқа оварда шуд. Вале “Палтус Дерби” бояд боз ду ҳафтаи дигар давом мекард, ва мо аниқ намедонистем, ки моҳии мо ғолиб меояд ё не. Шумо, албатта, пай бурдед, ки мо каме баъдтар ба номи Дренда чек ва ҳамчунин як нусхаи мақоларо бо сураташ гирифтем. Мо ба ваҷд омада будем!

Подшоҳии Худо боз дар амал буд! Ман боз савол медиҳам: “Чӣ тавр ӯ моҳиро ба даст овард?” Ман дар тамоми давраи ҳаёти оиладориамон Дрендаро ҳамагӣ ду бор ҳамроҳи худ ба сайди моҳӣ бурда будам, ва аниқ медонам, ки моҳигирӣ шуғли дӯстдоштаи ӯ набуд. Вақте ки ӯ ба моҳигирӣ рафта, ба даст овардани палтусро хоҳиш кард, ман ҳайрон шуда будам. Ҳамин қадараш кам буд, ки вай боз пирӯз шудан мехост! Ва ғолиб ҳам шуд! Вақте ки мо бо капитан, дар он ҷо, дар Аляска, хайрухуш мекардем, бояд дар бораи Подшоҳии Худо ва дар бораи он ки чӣ тавр мо моҳиро ба даст овардем, нақл менамудем. Гарчанде ғолиб ҳоло ба таври расмӣ эълон нашуда буд, моҳии мо ба андозае калонҳаҷм буд, то диққати ӯро ба худ ҷалб намояд. Ва албатта, дар натиҷа он пирӯз шуд!

Шумо гумон мекунед, ки бо ҳамин саргузашти мо бо моҳӣ, аниқтараш саргузашти Дренда бо моҳӣ, тамом шуд? Касе гуфта метавонад, ки ҳамту кори вай омад кард, вале ана баъдтар чӣ

шуд. Панҷ сол пас мо бо Дренда як дӯстамон, шубонро, барои бо ҳамроҳии мо рафтан ба Аляска – барои сайди озодмоҳӣ таклиф кардем. Мо ба он ҷо аз он даврае, ки бо аҳли оила бо автофургон саёҳат карда будем, сафар накарда будем, ва ҳеҷ сабаберо барои аз нав ба он ҷо баргаштан намеёфтем. Ва ана мо омадем, боз автофургонро ба иҷора гирифтем ва ба сайди моҳӣ рафтем, чунки гашти озодмоҳӣ дар авҷи аъло буд. Дар вақти моҳигирӣ мо ба дӯсти худ дар бораи он, ки чӣ тавр Дренда палтуси худро ба даст оварда буд, нақл кардем. Вай пештар ҳеҷ гоҳ палтусро сайд накарда буд, он гоҳ мо гуфтем: "Пас, вақташ расид". Мо қарор додем, ки ба айни ҳамон ҷо, ба назди ҳамон капитан равем, агар, албатта, ӯ ҳанӯз ҳам ба ин бизнес машғул бошад.

Вақте ки ба он ҷо расидем, фаҳмидем, ки ӯ дигар дар он ҷо набуд, ва мо фикр кардем, ки дигар капитанро бояд ёбем. Вале дар аввал маслиҳат кардем, ки номи капитани шиносро дар интернет як дида бароем, чунки номи қаиқ ё ширкати ӯро дар хотир надоштем. Пас аз андаке ҷустуҷӯ кардан ба мо муяссар шуд, ки нусхаи мақоларо дар бораи Дренда ва ғанимати ӯро бо сураташ пайдо кунем. Дар он номи қаиқ ва ширкат ёдрас карда шуда буд, бинобар ин барои мо мушкил набуд, ки рақами телефони ӯро ёфта, занг занем. Ширкат бизнеси худро давом медод, вале онҳо ба дигар ҷо, ҳафт километр дуртар, кӯчида буданд.

Вақте ки мо ба офис даромадем, зане, ки дар назди миз нишаста буд – завҷаи ҳамон капитан ва соҳиби ширкат, моро дида, гуфт: "Ғолиби сайди палтусҳо!" Мо бо хурсандӣ дар бораи он сӯҳбат кардем, ки чӣ таври ин воқеа рӯй дода буд ва дар панҷ соли гузашта кадом навигариҳо шуда гузаштанд. Дар он давра иқтисодиёт таназзул ёфта буд ва бизнес рӯзҳои бебарори худро аз сар мегузаронид. Он зан гуфт, ки акнун одамон саёҳат намекунанд ва барои моҳигирӣ пул харҷ кардан намехоҳанд, ва шавҳари ӯ зиқ аст. Мо ба вай дар бораи Подшоҳии Худо хотирнишон кардем, вале ӯ ҷавоб дод, ки шавҳари вай ҳоло аз хидмати Худо дур мондааст.

Вақте ки мо ба қаиқ баромадем, вай низ Дрендаро ва ҳам палтуси калонро ба хотир овард. Завҷаи ман пурсид, ки моҳидорӣ чӣ хел ҷараён дорад, ва ӯ ҷавоб дод, ки ҳоло онҳо дар муқоиса бо он моҳие, ки Дренда дар “Палтус Дерби” қапида буд, моҳиҳои хурдтарро сайд мекунанд. Вай гуфт, ки дар ин ҷо баҳр он қадар чуқур нест ва моҳии калон надорад, вале ӯ маҷбур шуд, ки бизнеси худро аз он ҷое кӯчонад, ки Дренда моҳии калонро сайд карда буд ва он ҷое, ки чуқуртар буд, чунки дар он ҷо наҳангҳо бисёр буданд. Наҳангҳо хӯрхӯракро пеш аз сар додан ба чуқурӣ мехӯрданд, бинобар ин барои хӯрхӯрак бисёртар сарф кардан лозим мешуд, ва ҳамчунин аз ҳамин сабаб вақт бештар сарф мегардид.

Мо пурсидем, дар ин ҷо моҳиҳои дорои кадом ҳаҷмро сайд мекунанд, ва ӯ гуфт, ки на бештар аз 10-15 килограммро. Он гоҳ Дренда ба ӯ нигоҳ кард ва гуфт: “Имрӯз ман моҳии калонро ба даст овардан мехоҳам – дар ин мавсим аз ҳама калонашро, то шумо бидонед, ки Худо амин аст”. Вале ӯ ба ин суханон ҳамту хандида монд. Тамоми рӯз мо семгаи 10-килограммиро сайд кардем, чуноне ки капитан гуфта буд, ва тамоми рӯз ба Дренда оиди моҳии калон писханд задан гирифт. Сенарияи моҳидории гузашта такрор мешуд.

Дар охири рӯз капитан ба мо фармоиш дод, ки ҷиҳозҳоро ҷамъ кунем ва Дренда, чун дафъаи гузашта, ба суханони ӯ диққат надод, ва гуфт, ки ба ӯ боз ду дақиқа лозим аст, то моҳии калонро ба даст орад. Маҳз дар ҳамон вақт ресмон сахт таранг кашида шуд, кӯтоҳ карда гӯям, Дренда моҳии 35-килограммиро ба даст овард. Капитан боз хеле ҳайрон шуд.

Вақте ки мо пас аз моҳидорӣ ба тарабхона рафтем, бо капитани дигаре, ки дар он ҷо хӯроки шом мехӯрд, сӯҳбат кардем. Вақте ӯ шунид, ки Дренда моҳии 35-килограммиро ба даст овардааст, вай бовар карда наметавонист. “Шумо дар куҷо сайд кардед? Дар

кадом чуқурӣ?” Ӯ донистан мехост, ки маҳз дар куҷо ин гуна моҳии калонро сайд кардан мумкин аст. Аз тарабхона баромада истода, мо қарор додем, ки аз паҳлӯи офиси ҳамон ширкате, ки якҷоя моҳидорӣ карда будем, гузашта равем ва барои фиристондани моҳӣ ба хона ариза пур кунем.

Пеш аз он ки аз назди капитан равем, мо боз як имконияти худро барои нақл кардан дар бораи Подшоҳии Худо истифода бурдем. Ман ба вай нигоҳ кардам ва гуфтам: “Шумо бояд дар ҳақиқат аниқ кунед, ки чӣ тавр Дренда ин ду моҳиро ба даст овард. Қонунҳои Подшоҳӣ дар масъалаи пул низ кор мекунад”. Ин маротиба мо диққати ӯро ҷалб кардем, ҳадди ақал, ӯ ба суханони мо мароқ зоҳир кард. Мо ба ӯ китоби ман “Ҳалли масъалаи пул”-ро тӯҳфа кардем ва рафтем.

Оё ин ду моҳие, ки Дренда ба даст овард, тасодуфӣ буд ё натиҷаи амалкарди қонуни Подшоҳӣ? Худатон хулоса бароред, вале мо бо Дренда аллакай бисёр сол пеш ба як қарор омадем. На танҳо саргузашти мо бо моҳидорӣ, вале ҳам аз бори гарони қарзҳо халос шудан, шифо ёфтан – ҳамаи саргузаштҳои мо алоқамандона ба Подшоҳии Худо ҳаяҷоновар ва дигаргунсозандаи ҳаёт буданд. Ҳоло бошад, мактуби як занеро, ки саргузашти Дрендаро шунида буд, ба диққати шумо ҳавола месозам.

> Салом, Гэри ва Дренда!
>
> Китоби шуморо дар бораи моҳии ғалабаовари Дренда хонда, ба хулоса омадам, ки ман бояд саргузашти худамро дар бораи моҳӣ ба шумо нақл кунам. Ба наздикӣ дар Коко-Бич, дар канори Канаверал, Флорида, истироҳати оилавӣ доштем. Шавҳари ман хост, ки ба ҷои чуқуроб барои моҳидорӣ равад, то ки ба қадри имкон моҳиро ба хона, ба Колорадо, барад. Мо чанд моҳ пештар сафарамонро ба нақша гирифтем, ва вақте ӯ гуфт, ки ба моҳидорӣ рафтан мехоҳад, ман хурсанд шудам: “Биё! Биё ба Худо бовар

мекунем, ки сайдамон бобарор мешавад!” Ман аз Боб пурсидам, кадом намуди моҳиҳо дар Флорида, дар он ҷое, ки мо моҳидорӣ кардан мехостем, мавҷуд мебошанд. Аз ҳамаи моҳиҳое, ки ӯ номбар кард, ман дар бораи лутсиани сурхи азимҷусса дуо гуфтам ва бовар кардам. Рӯзи дилхоҳамон фаро расид ва мо дар болои қаиқ истода будем, дар ҳоле ки капитан ва аъзои даста ба мо дастурҳо медоданд. Ман эътироф карданро давом медодам, ки лутсиани сурхи азимҷуссаро ба даст меорам, ва ба қадре ки капитан ҳарф мезад, изтироби ман зиёдтар мешуд. Чи қадар ман ноумед шудам, вақте ки капитан чанд намуди моҳиҳоро, ки ба қаиқ баровардан ва ҳамчун ғанимат гирифта мондан манъ буд, номбар кард! Инҳо намудҳои зерин буданд: окуни баҳрӣ, камбала ва лутсиани сурх! “Хайр акнун чӣ, – фикр кардам ман, – боз кадом моҳиҳо буданд, то ки ман бовар кунам?”

Ман имкони имтиҳон кардани имони худро аз даст додан намехостам. Ман гуфтам: “Худованд, ман боварӣ доштам, ки лутсиани сурхи азимҷуссаро ба даст меорам. Бигзор ҳамин хел шавад. Ба хона бошад моҳии дигарро мебарам!”

Дар саҳни киштӣ рост истода, ман ба духтари 8-солаам Рэйчел нигоҳ кардам ва гуфтам. Ту бовар дорӣ? Вай табассум кард ва чун аломати ризо сар ҷунбонид. Ман ҳамон суханони рӯҳбаландкунандаро ба духтари калониам, Ҷордани 21-сола, низ гуфтам. Вай ба ман бо ҳайрат нигоҳ кард, вале баъд розӣ шуд. Ман ба Боб нигоҳ кардам ва гуфтам: “Биёед ба сайди калон бовар мекунем!”

Чанд соат гузашт, ва ресмонҳои мо боре ҳам ба ҳаракат наомаданд. Вале ногаҳон ресмони Рэйчел якбора таранг шуд, вай хеле хурсанд шуд ва падарашро ба ёрӣ даъват кард. Пас аз чанд лаҳза онҳо наҳанги атлантикиро ба қаиқ

кашида баров止ланд! Ин корро бинед-а! Рэйчел ҷавоби худро пайдо кард! Мо ӯро таҳсин кардем. Ана инро сайд номидан мумкин!

Ман дар ёд дорам, аввал фикр кардам, ки, эҳтимол, чизеро сайд намекунам. Вале ман ин фикрҳоро аз худ дур кардам ва эътироф кардан гирифтам, ки аллакай моҳии худро ба даст овардаам. Ман нишастам, ором шудам ва шунидам, ки Худо чӣ гуфт: “Агар ту ором шавӣ ва иҷозат диҳӣ, ки ман ба назди ту моҳиро биёрам, ту онро мегирӣ”. Ман, албатта, медонистам, ки ман – моҳигир нестам ва ба ҳар ҳол ба қобилияти худ умед бастани ман фоида надорад. Ман нишастам, чуқур нафас кашидам, ба Худо эътимод кардам ва интизор шудам. Пас аз бист-сӣ дақиқа ресмони ман гӯё ба чизе дармонд, вале маълум шуд, ки ин моҳӣ будааст.

Шавҳарам ба ман мегуфт, ки чӣ кор бояд кунам, сипас капитан ҳамроҳ шуд. Вақте ки ман моҳиро ба боло кашидам, ӯ гуфт, ки ба қалмоқи ман моҳии калон дармондааст, аниқтараш, ин лутсиани сурхи азимҷусса аст. Ман хеле ҳайрон шудам, ки вай ҳанӯз пеш аз дидани моҳӣ, медонист, ки ин кадом намуди моҳӣ аст! Инак, ман кашиданро давом медодам, ва лутсиани сурхи азимҷуссаи 10-килограммӣ дар рӯи об намудор шуд! Ман бо шодии зиёд ва ҳаяҷон Худоро шуркгузорӣ кардам! Ман медонистам, ки дар имону эътиқоди ман пешравӣ ба амал омад. Ман дилпурии Дрендаро ба хотир меовардам ва фикр мекардам, ки ман низ чунин имон ва дилпуриро дар худ пайдо карда метавонам. Ва ана ман чизи дилхоҳамро ба даст овардам, ва он арзанда буд.

Ташаккур ба хидматгузории шумо, ва барои китобҳоятон, аз ҷумла “Шикор бо имон”. Ман хеле ба Худо сипосгузорам

ва барои хидматгузории шумо, ки ба ман барои расидан ба ҳадди бузурги баракатҳо ёрӣ расонид, шукр мегӯям. Ман ба оянда бо имон ва рӯҳбаландии боз ҳам бузургтар нигоҳ мекунам. Ман ҳамчунин медонам, ки чӣ тавр ин таҷриба ба оилаи мо ёрӣ расонид!

Бо эҳтиром,

С.Т.

БОБИ 5

# ИН ИНТИХОБИ КӢ БУД?

Дар ҳамаи воқеаҳои қаблӣ мо дидем, ки Подшоҳии Худо дар ин ҷо, дар воқеияти заминӣ, саг, моҳӣ, пул барои пӯшонидани қарз, пардохти мошину хона ва ғайраро, ки барои ҳаёти мову наҷоти се фарзандамон зарур буд, ба вуҷуд овард. Ҳамаи ин саргузаштҳоро Подшоҳии Худо, ё, иҷозат диҳед, ки инро мушаххастар карда гӯям, Подшоҳии Худои мо амалӣ кардааст. Мо набояд ҳайрон шавем, чунки Подшоҳии Ӯ бузург аст, он беинтиҳост.

> *Дар Номаи дуюми Петрус 1:3 гуфта шудааст:*
> *... қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт*
> *ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст.*

Дар ҳамаи саргузаштҳо, ки мо дида баромадем, ман мехоҳам, ки саволи муҳиме диҳам: “Ин интихоби кӣ буд?” Ман инро дар назар дорам: ин чӣ тавр рӯй дод, ки Худо ногаҳон қарор дод, то ба Кирстен саг ё ба завҷаам Дренда моҳӣ диҳад? Оё ин ҳодисаҳое буданд, ки Худо аз рӯи иродаи мутлақи Худ барои мо ба амал овардан хост? Ё дигар омилҳое буданд, ки тибқи онҳо ин ҳодисаҳо рӯй доданд? Ман фикр мекунам, ки ҷавоб бисёр одамонро ба ҳайрат меоварад. Ман медонам, чунки он маро ба ҳайрат оварда буд.

Барои ҷавоб додан ба ин масъала биёед воқеаеро аз Китоби

Муқаддас, ки дар Инҷили Луқо боби 8 навишта шудааст, дида мебароем.

> *Чунки духтари ягонаи вай, ки тақрибан дувоздаҳсола буд, ба ҳолати назъ расида буд. Вақте ки Ӯ ба он ҷо мерафт, мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд. Ва зане ки дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ буда, тамоми дороии худро ба табибон сарф карда буд, лекин ҳеҷ яке вайро шифо дода натавониста буд, — аз қафо наздик шуда, домани Ӯро ламс намуд, ва дарҳол хунравии вай қатъ шуд. Ва Исо гуфт: «Кист, ки Маро ламс кард?» Вақте ки ҳама инкор карданд, Петрус ва онҳое ки бо Ӯ буданд, гуфтанд: «Эй Устод, мардум Туро иҳота намуда, аз ҳар тараф фишор медиҳанд, — ва Ту мегӯӣ: “Кист, ки Маро ламс кард?“» Аммо Исо гуфт: «Касе Маро ламс кардааст; зеро Ман ҳис кардам, ки қуввате аз Ман берун рафт». Он зан чун дид, ки натавонист пинҳон монад, тарсону ларзон омада, пеши Ӯ афтод ва дар ҳузури тамоми мардум гуфт, ки аз чӣ сабаб Ӯро ламс намуд, ва чӣ гуна дарҳол шифо ёфт. Ба вай гуфт: «Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба саломатӣ бирав»*
>
> *– Луқо 8:42-48*

Дар Китоби Муқаддас возеҳ гуфта шудааст, ки Исоро аз ҳар тараф фишор медоданд ва ҳатто Петрус ба саволи Ӯ ҳайрон шуд: “Кист, ки маро ламс кард?” Ман, ҳамчун муҳаққиқи рӯҳонӣ, донистан мехоҳам, аниқтараш, ман бояд донам, ки чаро маҳз ин зан шифо ёфт ва дигар ҳеҷ кас не. Барои чӣ қуввати шифобахш ба вай ҷорӣ шуд, на ба ҳама касоне, ки Ӯро дар он лаҳза ламс карданд? Ҷавоб айнан дар ҳамин ҷо воқеъ гардидааст, вале пеш аз он ки онро ба шумо гӯям, ба ман иҷозат диҳед, ки боз як савол диҳам. Оё Исо он вақт танҳо ба вай хидмат кард? Оё ба вай дастонашро гузошт?

Ҷавоб: не; илова бар ин , Исо ҳатто намедонист, ки вай дар он ҷо буд. Ӯ маҷбур шуд бипурсад, ки қуввати шифобахшро кӣ ба худ ҷалб кард, чунки Ӯ он занро надид. Инак, ин интихоби кӣ буд, ки вай ҳамон рӯз шифо ёфт?

Ба ман иҷозат диҳед, ки саволро ба таври дигар ифода кунам. Ин Худо қарор дод, ки дар ҳамон лаҳза вайро шифо диҳад ё ин қарори ӯ буд, ки аз Худо шифо ёбад? Ин саволи хеле муҳим аст, чунки бисёр одамон интизор мешаванд, ки Худо дар ҳаёти онҳо коре мекунад. Ман бовар дорам: ин далел, ки Исо ҳатто дар он ҷо будани вайро намедонист, исбот мекунад, ки ин интихоби зан буд, то шифо ёбад, на қарори Исо барои шифо додани вай.

Ҳамин тариқ, ин ба мо кушоиши бениҳоят муҳимеро нишон медиҳад, ва он чунин аст: на Худо қарор медиҳад, ки вақт ба вақт як одамро шифо диҳаду дигаращро не. Ӯ аллакай ба ҳамаи мо барои шифо роҳ кушодааст ва дар Подшоҳии Худ ба таври қонунӣ сокин буданро имконпазир гардонидааст. Аз ин бармеояд, ки дар асл мо интихоб мекунем. Вале ман донистан мехоҳам, ки вай чӣ тавр ба ин қувва "пайванд" шуд? Исо ба мо ба таври мушаххас мегӯяд, ки чӣ тавр вай ба қувват ва қудрати Подшоҳӣ пайваст шуд. Ӯ гуфт: *"Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба саломатӣ бирав".* Дар ин ҷумла ҳама он чизҳое, ки мо бояд донем, гуфта шудааст; он ҷавоб ба саволест, ки чаро ин зан, на одамони дигар, ҳамон рӯз шифо ёфт. Биёед, ҳамчун муҳаққиқони рӯҳонӣ, бо диққат ин воқеаро дида мебароем ва барои ҷавоб ёфтан кӯшиш мекунем, ки худаш чӣ тавр вай аз Худо мӯъҷизаро қабул кард.

Аввалан, Исо ӯро духтар мехонад, ин чунин маъно дорад, ки вай исроилӣ буд. Яъне вай дар аҳди Худо буд. Ҳамчунин гуфтан мумкин аст, ки вай ҳамчун исроилӣ дар назди Осмон ҳуқуқи қонунӣ дошт, ки аз Худо чизе бигирад. Ин далел сабаби ягона буда наметавонад, чунки ҳамаи онҳое, ки ҳамон рӯз Исоро фишор медоданд, низ ҳамон ҳуқуқро доштанд.

Бояд боз чизи дигаре бошад, ки қуввати Худоро водор намуд, то ӯро ламс кунад. Исо сабаби дуюминро номбар мекунад, ки мутобиқи он маҳз он зан ҷавоб пайдо кард. Ӯ гуфт, ки имонаш ӯро шифо дод.

Инак, акнун мо медонем, ки ба туфайли чӣ зан шифоро қабул карда тавонист. Аввалан, ӯ ҳуқуқи қонунӣ дошт, ки аз Худо чизеро қабул кунад, чунки вай духтари Иброҳим буд; ва дуввум, имони ӯ он пайвандгаре буд, ки ба қувваи Худо имкон дод, то ҳамон лаҳза ба ҷисми ӯ ҷорӣ шавад. Он далел, ки вай духтари Иброҳим буд, чунин маъно дошт, ки ба туфайли аҳди Иброҳим бо Худо вай дар назди Тахти Осмон истода метавонист, ва инро метавон бо қувваи барқ муқоиса кард, ки ба воситаи ноқилҳо ба хонаи шумо бурда шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки чароғи шумо дармегирад. Барои даргирифтани чароғ шумо бояд калидакро пахш кунед. Яъне ҳама чизе, ки мо ҳоло бояд донем, – ин калидак дар куҷост ё ин калидак чӣ аст. Исо гуфт: ин имони вай буд, вале имон чӣ аст ва ман онро чӣ тавр ба кор меандозам? Ин саволи ҳаётан муҳимест, ки мо бояд ҷавоб ёбем.

## Имон чӣ аст?

Имон – ин калимае, ки масеҳиён беҳуда истифода мебаранд. Ман мӯътақидам, ки бисёриҳо, агар аксарият набошанд, намедонанд, ки имон чӣ аст ва онро чӣ тавр пайдо кардан мумкин аст. Агар имон пайвандгаре аст, ки занро шифо дод, пас мо бояд масъалаи имонро хеле бодиққат омӯзем! Мо таърифи имонро дар Нома ба Румиён 4:18-21 пайдо карда метавонем. О, ман медонам, шумо фикр мекунед: “Не, Гэри. Нома ба Ибриён 11:1 – ана таърифи имон дар куҷо аст”.

> *Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд.*
>
> *– Ибриён 11:1*

Бале, ин ҷавоби анъанавӣ аст, вале, агар шумо бодиққат хонед, дар Нома ба Ибриён 11:1 дар бораи афзалиятҳои имон гап рафтааст, на дар бораи он, ки он дар ҳақиқат чӣ аст. Ман фикр мекунам, ки порча аз Нома ба Румиён ба мо равшан мефаҳмонад, ки имон чӣ аст.

> *Дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳим умедвор шуда, имон овард, то ки падари халқҳои бисёр шавад, аз рӯи он чи гуфта шудааст: «Насли ту чунин хоҳад буд». Ва имонаш суст нашуд, ва ба он ҳам назар накард, ки ҷисми ӯ, дар синни қариб садсолагӣ, аллакай пир шудааст, ва батни Соро низ аз кор баромадааст; ва ба ваъдаи Худо аз беимонӣ шубҳа накард, балки дар имонаш устувор истода, Худоро ҳамду сано хонд, ва боварии комил дошт, ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст.*
>
> *– Румиён 4:18-21*

Биёед мебинем, ки ин воқеа чӣ тавр ҷараён гирифта буд. Иброҳим ва Соро фарзанддор шуда наметавонистанд. Ман намегӯям, ки онҳо кӯдак ба дунё оварда наметавонистанд ва ба онҳо танҳо зарур буд, ки кӯшиш ба харҷ доданро давом диҳанд. Ман онро дар назар дорам, ки онҳо қариб садсола буданд ва поезди онҳо аллакай рафта буд. Ҷисмҳои онҳо дигар кӯдак ба дунё оварда наметавонистанд; ин ғайриимкон буд! Вале бо вуҷуди ин Худо ба Иброҳим кӯдак ваъда карда буд, гарчанде табиист, ки ин тамоман воқеӣ набуд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Иброҳим пурра боварӣ дошт, ки Худо новобаста ба далелҳои табиӣ, ки тасдиқи дигар доранд, барои иҷрои ваъдаи Худ нерӯманд аст. Инак, мо имонро чунин таъриф мекунем: “Боварии комил, ки Худо ваъдаашро иҷро мекунад”. Ман инро чунин ифода мекунам: “Имон - ин ризоият бо Осмон; боварии қатъӣ бо тамоми пуррагӣ, на танҳо дар ақл; ҳолатест, ки дил дар оромӣ ва боварии

пурра ба он чизҳое қарор дорад, ки Худо гуфтааст, новобаста аз шароитҳои табиӣ, ки чизи дигарро тасдиқ мекунанд”.

## Таърифи мо ба имон:

Имон – ин бовари комил ба он чизе, ки Худо гуфтааст. Вақте ки дил ва ақли мо дар ризоият бо Осмон қарор дорад, ва дил пурра мӯътақид, мӯътамад аст ва дар оромӣ сокин мебошад.

Чаро имон зарур аст? Барои чӣ Худо, ҳар вақте ки мехоҳад, ҳар як одамро дар беморхона шифо дода наметавонад? Барои чӣ Ӯ ҷангҳоро боздошта наметавонад? Барои чӣ Ӯ фариштаҳоро намефиристад, то ки онҳо Инҷилро мавъиза кунанд? Ман боварӣ дорам, ки ҳамаи шумо ба ин монанд саволҳоро шунидаед. Ҷавоб ин аст, ки Ӯ наметавонад. Гап дар сари он нест, ки Худо барои ин кор қобилият надорад, не, Ӯ барои ин ҳуқуқ ё ваколат надорад. “Гэри, ту мегӯӣ, ки Худо ҳар кореро, ки мехоҳад, карда наметавонад?” Ман медонам, ин ҳоло хеле ғайриоддӣ садо медиҳад, вале ба Китоби Муқаддас нигоҳ мекунем ва дар он ҷавоб меёбем.

**ИМОН ЭЪТИҚОДИ ҚАВӢ БА ЧИЗҲОЕСТ, КИ МО БА ОНҲО УМЕД МЕБАНДЕМ, ВА БОВАРӢ БА ЧИЗҲОЕСТ, КИ НАМОЁН НЕСТАНД.**

**– ИБРИЁН 11:1**

*Балки касе дар ҷое шаҳодат дода, гуфтааст: «Чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ? Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; Ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ». Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад. Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад.*

*– Ибриён 2:6-8*

Аз ин ҷои Китоби Муқаддас мо мебинем, ки Худо ба одам дар замин ҷо дода, ба вай бар тамоми замин қудрат бахшид. Ҳеҷ чизе набуд, ки берун аз ҳукми ин қудрат бошад. Инсон дар замин ҳукмронӣ мекард, ӯ соҳиби қудрат ва дорои тамоми ваколатҳо буд. Қобилияти ҳукмронии ӯ аз тарафи ҳокимияте, ки дар ин ҷо барпо карда шуда буд, тақвият дода мешуд. Дар асл, ӯ намояндаи ваколатдори Подшоҳии Худо буд. Вай тоҷи ин ҳокимиятро дар сар дошт, ки ҷалол, қудрат ва қуввати Ӯро таҷассум мекард.

Барои тасаввуроти пурра доштан дар бораи он, ки ин чӣ тавр ба назар мерасид, дар бораи подшоҳи заминӣ фикр кунед. Гарчанде ин одами оддие аст, ки дар ҷисми табиии худ дорои қувваи воқеӣ намебошад, тоҷ дар сар дорад ва ин маънои онро дорад, бо он на танҳо худро, балки ҳам тамоми салтанат ва ҳокимияти худро муаррифӣ мекунад. Суханони ӯ танҳо ба туфайли он қудрат доранд, ки бо воситаи қувват ва воситаҳои муқаррар кардашудаи ҳамон ҳокимият ва подшоҳие, ки ӯ муаррифӣ мекунад, дастгирӣ карда мешаванд.

Корманди полисро, ки қоидаи ҳаракати роҳро танзим мекунад, тасаввур кунед. Ӯ бо фармони оддии “Ба номи қонун бозистед” мошини боркашони ядакдорро аз ҳаракат бозмедорад. Бале, ин ядак аз одам хеле калонтар аст, ва полис бо он муқоисанашаванда аст, вале бо вуҷуди ин ядак бозмеистад. Он на ба туфайли одам аз ҳаракат боздошта мешавад, балки ба туфайли нишонае, ки ӯ дар худ дорад ва ҳукуматро намояндагӣ мекунад. Дар ҳолати мазкур ҳукумат аз одаме, ки нишона дорад, хеле бузургтар аст. Ронанда аз одам тарсе надорад, вале аз ҳукумате метарсад, ки ин полис намояндагӣ мекунад, аз ҳамин сабаб ронанда маҷбур мешавад, ки мошини худро аз ҳаракат боздорад. Айни ҳамин чиз дар ин ҷо низ дуруст аст. Одам бар ҳама чизе, ки дар рӯи замин буд, ҳукмронӣ мекард. Қувват ва ҳокимияти Худо, ки бо тоҷи ҷалол ва шараф ифода карда мешуд, ба одам боварӣ мебахшид, ки суханони ӯ ҳукмрониро аз номи Подшоҳии Худо таъмин мекарданд.

Қайд кардан хеле зарур аст, ки вақте одам бар зидди ҳокимияти Худо хиёнат карда, қобилияти идора кардани заминро аз даст дод, вай аз тоҷи худ маҳрум шуд. Замин палид гардид ва тағйир ёфт. Ба муҳити замин марг дохил шуд, ва Шайтон барои ҳукмронӣ ва дахолат намудан ба ҳаёти инсон даъвои қонунӣ пайдо кард.

**ХУДО БАРОИ ИҶРО КАРДАНИ ИРОДАИ ХУД ДАР ҲАЁТИ ОДАМОН ХИДМАТГУЗОРОНЕРО, КИ БО РӮҲИ Ӯ ҲИДОЯТ КАРДА МЕШАВАНД, ИСТИФОДА МЕБАРАД.**

Ҳамчунин дарк кардан хеле зарур аст, ки одам ҳанӯз ҳам ҳокими қонунии замин боқӣ мемонад, чунки Худо ӯро ба ин мақом таъин намудааст, вале ӯ аллакай барои чун пештара ба амал овардани идоракунии рӯҳонӣ ҳуқуқ надорад. Аммо дар ҳолати афтодагӣ низ одам дар мақоми сарварӣ истодааст. Бале, вай акнун тоҷи ҳокимияти Худоро, ки ӯро пуштибонӣ мекард, дар сар надорад. Он аллакай бо қудрат ва ҷалоли Худо ҳукмронӣ карда наметавонад, вай мавқеи пуршарафи худро аз даст додааст. Аммо одам чун пештара ба муҳити заминӣ дари ягонаи қонунӣ мебошад. Ана барои чӣ Худо барои иҷро кардани иродаи Худ дар ҳаёти одамон хидматгузоронеро, ки бо Рӯҳи Ӯ ҳидоят карда мешаванд, истифода мебарад. Бо ҳамин тарз Шайтон барои таъсир расонидан ба замин одамонеро, ки девҳо роҳнамоӣ мекунанд, истифода мебарад ва нақшаҳои худашро ба амал меорад. Ин принсипи юрисдиксияи инсон дар рӯи замин барои фаҳмидани қонуни Подшоҳии Худо хеле муҳим аст, ва вақте ки шумо онро мефаҳмед, ба бисёр саволҳои худ, ки дар оянда пайдо мешаванд, ҷавоб пайдо мекунед. Масалан, чунин савол пайдо шуда метавонад, ки чаро ҳодисаҳои муайяни рӯҳонӣ рӯй медиҳанд ё рӯй намедиҳанд.

Шумо гуфта метавонистед: “Вале ман фикр мекардам, ки тамоми замин ва ҳар чизе, ки дар он аст, аз они Худованд мебошад”. Дуруст,

ҳамин тавр аст. Умедворам, ки ин мисол, ба шумо барои фаҳмидани он, ки ман дар бораи чӣ ҳарф зада истодаам, кӯмак мекунад. Агар ман хонаамро ба иҷора супорам, гарчанде аз рӯи қонун ман соҳиби ин хона бошам ҳам, ман дар асоси қонун аз ҳуқуқи дар вақти дилхоҳ ба ин хона даромадан даст мекашам. Одатан дар шартномаи иҷора нуқтае ҳаст, ки кай соҳиби хона ба бинои ба иҷора додашуда даромада метавонад, масалан, дар ҳолати рӯй додани вазъияти фавқулодда ё барои таъмир, ва дар ин ҳолатҳо ӯ вазифадор аст, ки иҷорагиронро хабардор кунад. Агар ман кӯшиш мекардам, ки ин шартномаро вайрон карда, ба хона дароям, бо вуҷуди он ки ман соҳиби ин хона ҳастам, чунин амал ғайриқонунӣ ҳисоб мешуд. Агар ман шартҳоеро, ки дар шартномаи иҷора навишта шудааст, вайрон кунам, гарчанде ки ман соҳиби хона ҳастам дар асоси қонун маро маҷбур мекарданд, ки аз хона бароям. Ин ба мо онро маънидод мекунад, ки барои чӣ Шайтон ба воситаи Одам амал кард, то ба муҳити замин роҳ ёбад. Танҳо одам калид дошт! Шайтон бояд ба воситаи дар дохил мешуд, ва он дар Одам буд. Агар Шайтон одамро давр зада мегузашт, пас ӯро дар асоси қонун дафъ кардан мумкин буд.

> *Ва Ӯро ба кӯҳи баланде бардошта баровarда, ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод, ва иблис ба Ӯ гуфт: «Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам; Пас, агар Ту ба ман саҷда кунӣ, ҳамааш аз они Ту мешавад».*
>
> *– Луқо 4:5-7*

Дар ин оят шумо дида метавонед, ки Шайтон даъво мекунад, ки қудрат ва ҷалоли (сарвати) салтанатҳои заминӣ ба вай дода шудаст. Кӣ ба вай ин қудратро дод? Он, ки соҳиби ин қудрат буд – Одам! Ҳамин тариқ, Худо бе роҳи қонунӣ ба ҳаёти инсон дахолат карда наметавонад. Агар Ӯ ин корро мекард, Шайтон амалҳои Ӯро

ғайриқонунӣ эълон мекард. Не, Худо бояд ба воситаи ҳамон дар дохил мешуд, ки Шайтон истифода бурд, ва ин дар одам буд. Вале оё дар замин чунин одам сокин буд?

> *Ва Худованд ба Абром гуфт: «Аз замини худ, аз ақрабои худ ва аз хонаи падари худ сӯи замине ки ба ту нишон диҳам, равона шав. Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд оварам, ва туро баракат диҳам, ва номи туро бузург созам: ва ту намунаи баракат хоҳӣ шуд. Ва баракат диҳам онҳоеро, ки туро муборак хонанд, ва лаънат гӯям ба онҳое ки туро малъун хонанд; ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост».*
>
> *– Ҳастӣ 12:1-3*

Иброҳим падари имони мо номида шудааст, чунки ӯ одаме буд, ки ба Худо барои дохил шудан ба воқеияти заминӣ дар кушодааст, ба туфайли ӯ тамоми қабилаҳои замин баракат ёфта метавонистанд. Албатта, вақте ки дар ин оят дар бораи баракат ёфтани тамоми қабилаҳои замин гуфта мешавад, сухан дар бораи Исои Масеҳ меравад, ки баъдтар роҳ мекушояд, то ҳокимияти Худо дар асоси қонун ба воситаи имони Иброҳим боз ба муҳити заминӣ роҳ ёбад. Имони Иброҳим ба Осмон роҳе кушод ва Худо бо Иброҳим ва насли ӯ , ё зурёти ӯ, шартномаи ҳуқуқӣ (аҳд) баста, он роҳро абадан кушода боқӣ гузошт.

Иҷозат диҳед, то он чиро, ки худи ҳозир гуфтам, ба таври дигар фаҳмонам. Ҳокимияти Осмон ба воқеияти заминӣ танҳо бо воситаи мард ё зан роҳ ёфта метавонад, чунки онҳо дар ин ҷо ҳуқуқи қонунӣ доранд.

Қонун ҳамон вақт риоя мегардад, ки агар мард ё зан ба он чиз, ки Худо мегӯяд, дар дили худ пурра бовар кунанд (ин имон аст).

Ман барои фаҳмонидани ин боз як усули дигар дорам: Осмон дар асоси қонун танҳо ба он мард ё зан таъсир расонида

метавонад, ки дар зери ҳокимияти Худо будан мехоҳанд ё ба ин розӣ мешаванд. Ин ҳамон принсип аст, ки Шайтон барои роҳ ёфтан ба замин онро ба кор андохта, одамро барои ин истифода бурда буд. Ӯ Одамро бовар кунонд, ки ба Худо эътимод кардан лозим нест, ва қалби одамро аз ризоият бо Худо берун кашид. Дар натиҷа Одам ба Шайтон бовар карда, қудрати Худоро рад кард.

**ПАС, ИМОН АЗ ШУНИДАНИ ВАЪЗ АСТ ВА ШУНИДАНИ ВАЪЗ БА ВОСИТАИ КАЛОМИ ХУДОСТ.**

**– РУМИЁН 10:17**

Ин айни ҳамон принсип аст, ки Худо истифода бурд, то ба воситаи Иброҳим қудрат ва ҳокимияти Худро ба замин баргардонад, ва Иброҳим ба Худо бовар кард, ва Худо розигии ӯро адолат ҳисоб кард ва ин маънои онро дошт, ки Ӯ қарордоди ҳуқуқии зарурӣ дорад. Ин ризоияти дутарафа дар байни Худо ва Иброҳим ба Худо имкон дод, ки қарордоди ҳуқуқӣ (аҳд) бандад, ки ин ба Осмон барои дохил шудан ба муҳити заминӣ роҳ мекушод, вале дар ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки ин қарордод танҳо ба Иброҳим ва насли ӯ дахл дошт. Аломати ин аҳд – хатна – ба ҳамаи ворисони Иброҳим дода мешуд. Хатна аз буридани ғилофаки мард иборат буд. Вақте ки мард нутфаи худро ба зан дохил мекард, ин нутфа бояд аз ҷисми хатнашуда мегузашт, ки ин ба Шайтон, ҳамчунин ба падар ва модари кӯдак, эълон мекард, ки ӯ дар назди тахти Осмон ҳамчун ворисi аҳди байни Худо ва Иброҳим ҳозир мешавад.

Аммо чуноне ки мо пештар хондем, мард ва зан, ҳатто ба ин аҳд дастрасӣ дошта истода, бо вуҷуди он бояд талаботро иҷро мекарданд – то ки қалби онҳо нисбат ба он чизҳое, ки Худо мегӯяд пурра боварӣ дошта бошад, ва то ки, бо ҳамин тарз, барои худ шахсан аз неъматҳои қарордоди байни Худо ва Иброҳим баҳра бардоранд. Дар асл, ин аҳд ба хонаи онҳо ноқилҳоро мекашид, вале ба ҳар ҳол ба онҳо лозим буд, то калидаки имон ва амалро,

ки дар Каломи Худо асос ёфтаанд, пахш кунанд.

Инак, мо медонем, ки имон чӣ аст ва барои чӣ он дар сатҳи қонунӣ зарур аст. Акнун ҳатман мо бояд фаҳмем, ки чӣ тавр имон пайдо кунем ва бо кадом тарз имтиҳон намоем, ки дар имон ҳастем ё не.

## Чӣ тавр имон пайдо кунем?

Мана калид: шумо барои имон дуо карда наметавонед. Ҳайрон шудед? Ман ҳамин тавр фикр карда будам.

> *Пас, имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи каломи Худост.*
>
> *– Румиён 10:17*

Чӣ тавр аз шунидани Каломи Худо имон пайдо мешавад? Магар танҳо ҳамин чиз лозим аст? Равандаш чӣ гуна аст? Магар шунидани Калом барои дар рӯҳи одам пайдо шудани имон чизи аз ҳама зарууртарин аст? Барои фаҳмидани он, ки чӣ тавр имон пайдо мешавад ва дар Нома ба Румиён оиди чӣ сухан меравад, мо ба боби 4-уми Инҷили Марқӯс нигоҳ карда метавонем. Агар шумо Китоби Муқаддаси худро ба боло ҳаво диҳед, баъди ба замин афтодани он, бояд боби 4-уми Инҷили Марқӯс кушода шавад: ин боб хеле муҳим аст! Дар Марқӯс 4:13 Исо мегӯяд, ки агар мо дар ин боб оиди чӣ таълим додани Ӯро нафаҳмем, пас ягон масали дигарро дар Китоби Муқаддас фаҳмида наметавонем. Ман хулоса мекунам, ки ин хеле муҳим аст!

Барои чӣ ин боб ҳамин қадар муҳим аст? Чунки дар ин ҷо гуфта шудааст, ки чӣ тавр Осмон бо воқеияти заминӣ якҷоя амал мекунад, чӣ тавр қонунияти чунин амалиёти якҷояро ҳосил мекунад ва он дар куҷо ба амал меояд. Ҳеҷ чиз дар ҳаёти мо муҳимтар аз фаҳмидани ҳақиқате нест, ки дар ин боб ифода карда

шудааст. Шумо мепурсед: “Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад?” Боби 4-уми Инҷили Марқӯсро хонед! Дар ин боб Исо дар бораи он, ки чӣ тавр дар рӯҳи инсон имон пайдо мешавад, се масалро нақл мекунад ва чуноне ки акнун шумо медонед, он, яъне имон, талаби ҳатмӣ барои дахолати қонунии Осмон ба корҳои заминӣ мебошад. Се ҳикоя дар ин боб масал дар бораи коранда, масал дар бораи марде, ки тухм мепошад, ва масал дар бораи хардалро дар бар мегирад.

Биёед аз ҳикояи дуюм сар мекунем, ки Исо дар боби 4-уми Инҷили Марқӯс гуфтааст, – аз масали корандаи тухм.

> *Ва гуфт: «Малакути Худо монанди касест, ки тухм бар замин пошад, ва шабу рӯз бихобаду бархезад, ва тухм чӣ гуна сабзаду нашъунамо ёбад, вай надонад; зеро замин худ аз худ бор меоварад, аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша; ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки вақти дарав расидааст».*
>
> *– Марқӯс 4:26-29*

Пеш аз он ки ба омӯхтани ин порча пардозем, биёед аввал истилоҳотро муайян мекунем. Исо дар бораи кадом тухм гап мезанад ва ин кадом хок аст? Исо, зимнан, ин истилоҳотро дар масали пештара роҷеъ ба коранда дар худи ҳамон боб мефаҳмонад. Тухм – ин Каломи Худо, ва хок – ин дили одам, ё рӯҳи ӯ. Инак, таърифҳоеро, ки Худи Исо додааст, истифода бурда, мо гуфта метавонем, ки Ӯ мегӯяд: одам ба дили худ Калом мекорад. Сипас хоки дили инсон худ аз худ дар замин имон (ризоият бо Осмон) ба вуҷуд меорад.

Пеш аз он ки ман давом диҳам, барои мо зарур аст, ки таърифи имонро донем: дили одам ба он чизе, ки Осмон мегӯяд, боварии қатъӣ дорад. Дар ин порча гуфта шудааст, ки гарчанде одам намедонад, ки ин чӣ тавр ҷараён мегирад, Каломе, ки ба дили

инсон кошта мешавад, ба сабзидан шурӯъ мекунад ва худ аз худ дар ин дил ризоиятро бо Калом ба вуҷуд меорад. Новобаста ба он ки одам хоб мекунад ё бедор аст, ҷараён ба амал меояд, ин муҳим аст: новобаста ба ҳеҷ чиз ҷараён давом мекунад. Азбаски одам Каломро дар дили худ маҳфуз медорад, оҳиста дил бо он чизе, ки Осмон мегӯяд, ба ризоият меояд, ва ин имонро ба вуҷуд меорад.

Матни Китоби Муқаддас дар боби 4-уми Инҷили Марқӯс мегӯяд, ки дил бо Осмон ба воситаи ҷараёни муайян ба ризоият меояд. Дар масал нақл карда мешавад, ки дар аввал дил Каломро қабул мекунад ва имон ба ташаккул ёфтан шурӯъ менамояд. Исо ин марҳиларо ба сабзиши майса монанд мекунад. Сипас майса сабзиданро идома дода, ба хӯша табдил меёбад. Дар охир дар хӯша дона ҳосил мешавад, вале дар ин марҳилаи дери инкишоф ҳосил ҳоло пухта нарасидааст – бо Осмон ризоият мавҷуд нест ва, мутаносибан, дар муҳити табиӣ тағйирот нест. Сипас Исо мегӯяд, ки ҷараён давом мекунад, ҳосил пухта мерасад ва дар натиҷа барои дарав кардан тайёр мешавад. Вақте ки ҷараён ба ин дараҷа мерасад ва дар хӯша дона пухта расидааст, ризоият ба вуҷуд меояд, имон пайдо мешавад, ки ба одам имкон медиҳад, то ҳосили тухмиеро, ки Осмон ба дили ӯ коштааст, ҷамъоварӣ кунад.

Акнун хеле бодиққат бошед. Биёед мебинем, ки дар ҳақиқат чӣ рӯй медиҳад. Осмон ба воқеияти заминӣ, ба дили мард ва зан, ки дар он бояд бо Осмон ризоият ҳосил карда шавад, Каломи Худоро мекорад. Дар ин лаҳза дили инсон дар ин ризоият қарор нагирифтааст, вале ҷараён роҳандозӣ карда мешавад, ки худ аз худ дилро ба он чизе, ки дар он кошта шудааст, ба ризоият меорад. Барои ба мо нишон додани ин ҷараён Исо мисоли зебоеро истифода мебарад. Ӯ ин ҷараёнро бо он муқоиса мекунад, ки чӣ тавр кишоварз тухм мекорад ва чӣ тавр растанӣ ҳосил медиҳад ва Ӯ бо ин восита рушди имонро тасвир мекунад. Дар муҳити табиӣ, вақте ки дона дар хӯша мепазад, он КОМИЛАН ҳамчун тухме, ки

пештар ба замин кошта шуда буд, ба назар мерасад. Ман инро бори дигар такрор мекунам.

## Вақте ки дона дар хӯша мепазад, он КОМИЛАН ҳамчун тухме, ки пештар ба замин кошта шуда буд, ба назар мерасад.

Вақте ки ҷуворимакка кишт мекунед, донаҳои дар сӯта пухтарасида айнан ба он донаҳое монанд мешаванд, ки пештар кошта будед. Намуд ва мазаи онҳо низ ба якдигар монанд мешаванд. Шумо якеро аз дигаре фарқ карда наметавонед, онҳо якхелаанд.

Инак, ба ман иҷозат диҳед, ки суханони Исоро ба таври дигар фаҳмонам. Вақте ки мо Калом мешунавем (Румиён 10:17), мо амалан ба одами рӯҳонии худамон, ба дил, Каломи Худо мекорем. Агар дар дилҳои худ ин Каломро маҳфуз дорем, он пухта мерасад, ва вақте ки он пухта мерасад, тимсолҳо дар дили мо (дар воқеияти заминӣ) бо он чизҳое, ки Осмон мегӯяд, мувофиқ мешаванд. Бо ибораи дигар гӯем, мо гуфта метавонем, ки вақте ки ту ваъдаҳои Осмонро ба қалби худ кишт мекунӣ, он худ аз худ ба он чизҳое, ки Худо гуфтааст, дилпурӣ мебахшад, ва дар шумо бо Осмон розигӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, шумо ба беморӣ дучор мешавед ва ҳолати ҷисмони шумо гувоҳӣ медиҳад, ки шумо касал ҳастед. Дар Калом гуфта шудааст, ки Худо ба туфайли фидокории Исо барои шифо пайдо кардани шумо нархро пардохт кардааст. Вақте ки шумо ин Каломи Худоро кишт мекунед, дил худ аз худ оҳиста ба он чизҳое, ки Худо гуфтааст, боварӣ ҳосил карданро шурӯъ менамояд.

Вақте ки ин калом дар дили шумо пухта мерасад, шифо ва боварӣ ба он чиз мубаддал мешавад, ки ШУМО ба он имон доред ва эътироф мекунед. Шумо акнун на фақат он чизеро, ки Осмон мегӯяд, иқтибос меоред, – дили шумо акнун ба ин боварии қатъӣ дорад. Вақте ки шумо “Ман шифо ёфтам” мегӯед, ин формулае

нест, ки шумо такрор менамоед, балки ростӣ аст, ки шумо ба он бовар доред ва ҳамчун амри воқеӣ медонед. Он чизе, ки Осмон мегӯяд, акнун амали воқеъбинонаи шумо мегардад.

Ана барои чӣ дар Нома ба Ибриён 11:1 гуфта шудааст:

> *Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд.*

Вақте ки имон ҳаст, нисбат ба он чизҳое, ки Худо мегӯяд, дилпурии фавқуттабиӣ пайдо мешавад, гарчанде дар ин раванд боз як қадам иҷроношуда боқӣ мемонад.

Акнун одам бояд досро барои дарав ба кор андозад, то он чизеро, ки барояш дар дили худ боварӣ дорад, ба воқеияти мавҷуда биёрад.

> *Ва чун ҳосил расид, фавран* **досро ба кор меандозад,** *зеро ки вақти дарав расидааст.*
>
> *– Марқӯс 4:29*

Аҳамият диҳед, ки ҳарчанд дил дар ризоият бо Осмон қарор дорад ва воқеияти Осмон воқеияти ин мард ё зан гардида бошад ҳам, ҳоло дар олами физикӣ тағйироти ҷиддӣ ба вуқӯъ наомадааст. Азбаски одам дар ин ҷо, дар замин, юрисдиксия дорад, маҳз ӯ бояд қудрати Осмонро дар воқеияти заминӣ ба кор андозад. Ман инро ба воситаи ҷои хеле маъруфи Навиштаҷот, ки мо пештар муҳокима кардем, ба шумо нишон медиҳам.

> *Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои* **адолати** *ӯст, ва бо даҳони худ* **эътироф мекунад,** *ки ин барои наҷоти ӯст.*
>
> *– Румиён 10:10*

Одам ба Калом бо дил бовар мекунад, ва бо ин кор имонро ба вуҷуд меорад ва сафед мешавад. Сафедшавӣ – ин истилоҳи ҳуқуқӣ, ки таъмини адолатро мефаҳмонад. Инак, вақте ки дили инсон бо Осмон ба ризоият меояд ва ба чизҳое, ки Осмон мегӯяд, комилан дилпур мешавад, одам сафед карда мешавад. Акнун Осмон дар асоси қонун ҳуқуқ пайдо мекунад, ки ба ҳаёти ӯ, ба воқеияти заминӣ, дахолат кунад. Вале танҳо як сафедшавӣ қуввати Худоро ба кор намеандозад. Ҳамчунин дар хонае, ки ба он аз шабакаи барқӣ қувваи барқ гузаронида шудааст, барои даргирондаи чароғ боз як қадам лозим аст – калидакро пахш кардан, то ки ин қувваи барқ сар дода шавад, ва он гоҳ чароғ дармегирад.

**ОСМОН БА ЗАМИН ҲАМОН ВАҚТ РОҲИ ҚОНУНӢ ПАЙДО МЕКУНАД, КИ АГАР ДИЛ НУҚТАИ ҲАМКОРИИ БАЙНИ ОСМОНУ ЗАМИН ГАРДАД, ВА СИПАС СУХАНОН ВА АМАЛҲОИ МО ПАЙВАСТКУНАНДАЕ МЕШАВАНД, КИ АМАЛАН ҚУВВАТИ ОСМОНРО БА КОР МЕАНДОЗАНД.**

Мард ё зане, ки дар пешорӯи Осмон ва замин сафед шудаанд, акнун бояд дар асоси қарордоде, ки ба даст омадааст, эътироф ё амал кунанд, то ки воқеан қувват ва тадҳини Худоро ба воқеияти заминӣ озод кунанд. Лутфан, ин ҷои Навиштаҷотро такрор ба такрор хонед, то он чиро ки ман мегӯям, пурра фаҳмед. Ана ин чӣ тавр кор мекунад! Ана чӣ тавр Осмон ба таври қонунӣ ба замин роҳ меёбад – вақте ки дил нуқтаи ҳамкории байни Осмону замин мегардад, ва сипас суханон ва амалҳои мо пайвасткунандае мешаванд, ки амалан қуввати Осмонро ба кор меандозанд. Лутфан, бори дигар ба қисми дуюми ин оят диққати махсус зоҳир кунед: маҳз мо бояд қудрати Осмонро дар замин ба кор андозем.

Консепсияи онро, ки Осмон интизор мешавад, то одам, аввалан, қонунӣ будани амалҳои худ ва, дуввум, ҳуқуқҳои худро

дар воқеияти заминӣ таъмин созад, мо дар таълимоти Исо, ки дар бобҳои 16 ва 18-уми Инҷили Матто навишта шудааст, дида метавонем.

> *Ба ростӣ ба шумо мегӯям: он чи шумо бар замин бандед, дар осмон баста хоҳад шуд; ва он чи бар замин кушоед, дар осмон кушода хоҳад шуд.*
>
> *– Матто 18:18*

Исо дар ин ҷо изҳор мекунад, ки калидҳои Подшоҳии Осмонро (яъне қудратро) дар замин ба калисо додан мехоҳад. Ӯ мегӯяд: “Он чизеро, ки шумо дар замин мебандед, Осмон дастгирӣ мекунад, ва он чизеро, ки дар замин мекушоед, он ҳам дар Осмон дастгирӣ меёбад”. Боз дар бораи марди полис фикр кунед: Ӯ қудрат дорад, вале қувват дар ҳокимият аст. Полис калидҳо, ё қудрати ҳокимиятро дорад, ва ҳамчун намояндаи ин ҳокимият савганд хӯрдааст. Чизеро, ки ӯ мегӯяд, ҳокимият дастгирӣ мекунад. Дар ёд дошта бошед, ки танҳо одам ҳуқуқи қонунӣ дар замин дорад ва бинобар ин танҳо одам онро ба Осмон пешкаш мекунад.

Боз як чизи муҳим аст, ки шумо бояд дар бораи имон донед. Ман боз боби 4-уми Инҷили Марқӯсро хотиррасон мекунам.

> *Зеро* **замин худ аз худ бор меоварад,** *аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша.*
>
> *– Марқӯс 4:28*

Оё дар хотир доред, Исо гуфтааст, ки замине, ки дар ин масал зикр шудааст, чуноне ки ман аллакай пештар гуфта будам, дили одамӣ ё рӯҳи инсонро дар худ таҷассум мекунад? Диққат диҳед, ки имон дар куҷо ба вуҷуд меояд. Шумо ҳайрон шудед? Ин на маҳсули Осмон аст, чуноне ки бисёр одамон чунин мешуморанд, он дар ин ҷо, дар замин, ба вуҷуд оварда мешавад, ва маҳсули

қалби шумо мебошад. Шумо дар бораи он дуо карда ва аз Худо талабида наметавонед. Имон дар Осмон лозим нест. Мо дар Осмон ба ризоият бо Калом эҳтиёҷ надорем. Не, онҳо танҳо дар замин лозиманд ва танҳо дар қалби одам пайдо мешаванд. Чуноне ки дар боби 4-уми Инҷили Марқӯс масал моро таълим медиҳад, танҳо як роҳи гирифтани он мавҷуд аст – Каломи Худоро ба дил гузошта, ба амал омадани ҷараёни ризоиятро таъмин кардан. Яъне агар ба ман имон лозим бошад, ман бояд чӣ кор кунам? Ман бояд Каломи Худоро ба дил ҷо кунам ва то он даме, ки имон пайдо мешавад, барои сабзидани он иҷозат диҳам. Ин усули ягонае аст, ки ба воситааш имон пайдо мешавад.

Пеш аз он ки дар бораи боби 4-уми Инҷили Марқӯс таълим доданро ба анҷом расонам, боз дар бораи досе, ки ёдрас кардем, гап задан мехоҳам.

> *Ва чун ҳосил расид,* **фавран досро ба кор меандозад,** *зеро ки вақти дарав расидааст.*
>
> *– Марқӯс 4:29*

Ман чунин меҳисобам, ки қисми зиёди имондорон истифода бурдани досро ёд нагирифтаанд; ман дар назар дорам, ки ба онҳо ҷамъоварӣ кардани ҳосилеро, ки ба он эҳтиёҷ доранд, наомӯзонидаанд. Калисо умуман кишт карданро омӯхтааст, вале парвариш ва ҷамъоварӣ кардани ҳосили тухмии кишт кардашударо наомӯхтааст. Исо дар ин оят хеле аниқ мегӯяд, ки кай ҳосили имон пухта мерасад. МО бояд досро ба кор андозем. Ҳатто агар мо тухми имонро кишт карда, ҳама корро дуруст анҷом дода бошем ҳам, то даме ки чӣ тавр истифода бурдани досро надонем, ҳосилро ҷамъоварӣ карда наметавонем. Ошкоро мегӯям: то даме ки Худованд таълим додани принсипҳои Подшоҳии Худоро ба ман сар накард, ман низ дар ин бора ҳеҷ чиз намедонистам. Иҷозат фармоед, ба шумо чанд мисоли онро нишон диҳам, ки чӣ

тавр ин намудор мешавад.

Маро ба калисои Атланта барои мавъиза кардан таклиф намуданд. Ин хидматгузории бегоҳирӯзӣ дар рӯзи чоршанбе буд. Калисо на он қадар калон буд, вале барои ман ин муҳим набуд. Ба ман фақат дар бораи Подшоҳии Худо таълим додани одамон писанд буд. Вақте ки ман ба калисо омадам, ба ман аҷиб намуд, ки дарҳо пӯшидаанд ва ҳеҷ касе нест. Сипас аз ақиби худ овози баланди мошинро шунидам; овозаш чунон баланд буд, ки он гӯё садонишонак надошт. Ман рӯ гардонда, як автомобили сабукрави боркашони болокушодаи кӯҳна, пачақ ва нимвайронро дидам, ки ба ҳавлии калисо медарояд. Ман ба ин аҳамият надодам, дар ниҳояти кор, ман дар маркази Атланта будам. Вақте ки ман интизор шуда менишастам, аз бинои калисо шахсе баромада, ба ман наздик шуд ва худро ҳамчун шубон муаррифӣ кард. Ӯ барои дер омаданаш узрхоҳӣ кард ва гуфт, ки мошини кӯҳнаи ӯ ба кор надаромад. Барои ба кор даровардани мошин ӯ маҷбур буд, ки онро аз баландӣ ғелонад, то ки каме суръат гирифта, баъд онро ба кор дарорад, чунки стартер кор намекард. Вай гуфт, ки бисёр вақт он тамоман кор намекунад ва ӯ маҷбур мешавад, ки ба масофаи ҳашт километр то калисо пиёда биёяд.

Дар бораи калисо нақл карда истода, ӯ фаҳмонид, ки гарчанде шубон бошад ҳам, хидмати асосии онҳо дар шаҳр хӯрок додани одамон буд. Онҳо дар як моҳ дар маҳалли худ ба миқдори 10 ҳазор хӯроки нисфирӯзӣ тақсим мекарданд. Мана марди Худо, ки 10 ҳазор хӯроки нисфирӯзӣ дар як моҳ тақсим мекунад, ва ӯ ҳатто як мошини дуруст надорад. Ӯ – тимсоли ягонаи Худо, ки ягон вақт бисёре аз одамон, ки ӯ бо хӯрок таъмин мекунад, дида метавонанд. Агар онҳо мебинанд, ки ӯ нӯг ба нӯг зиндагӣ мекунад ва маҷбур аст, ки дар ҳавои сӯзони сиюпанҷдараҷагӣ ҳашт километрро пиёда тай кунад, оё бовар карда метавонанд, ки Худо ба онҳо ёрдам мекунад? Ман ин проблемаро ҳал карда метавонистам. Дар хона ман мошини нисбатан навтаре бо 25 ҳазор

километр давиш доштам, ки онро ба вай дода метавонистам. Ман дар бораи нақшаҳои худ ба ӯ нақл кардам, ки ягон нафареро аз ҳамкорони худ ба Атланта мефиристам, то ки мошинро биёрад. Ӯ, албатта, хеле хурсанд шуд. Ман ҳамон шабро бо таълим додани ӯ ва калисои на он қадар калони ӯ гузаронидам. Ман дар бораи Подшоҳии Худо ва оиди он, ки чӣ тавр он алоқамандона ба пул амал мекунад, таълим додам. Ба хона омада, мошинро ба Атланта фиристодам. Вақте ки ҳамкори ман барои гирифтани мошин ба назди ман омад, ман медонистам, ки амали рӯҳониро дар Осмон иҷро мекунам. Ман медонистам, ки ин мошинро ба Подшоҳии Худо дода, ба Худо дар бораи автомобиле, ки дар ман низ эҳтиёҷ пайдо мешавад, бовар карда метавонам. Ман он қадар ба мошинҳо шавқ надорам, яъне гуфтан мумкин аст, ки ин шуғли асосии ман нест. Барои баъзе одамон мошин – ин ҳама чиз, барои ман ин тавр не. Барои ман ин ҳамту асбоб аст. Ба ман, албатта, мошинҳои нағз маъқул ҳастанд, вале ман онҳоро то фаро расидани вақти ивазкунии онҳо истифода мебарам.

Вақте ки ҳамкори мо омад, ман ба гараж даромада, дастонамро ба мошин гузоштам ва гуфтам: “Падар, ман ин мошинро ба кори хидматгузорӣ тақдим мекунам ва, онро дода истода, ба ивазаш... қабул мекунам” Ман дудила шудам. Ман медонистам, ки Подшоҳии Худо чи қадар аниқ аст, ва ҳамчунин медонистам, ки танҳо калимаи “автомобил” ба ин ҷо мувофиқ нест. Ман мефаҳмидам, ки бояд ба таври мушаххас кор барам ва дар бораи ҷузъиётҳои он, ки мо дар ҷавоб ба ин амал пайдо мекунем, бо Дренда маслиҳат кунам. Дар ними гап истода, ман ҳамчунин дарк кардам, ки дар бораи он, ки чӣ гуна мошинро қабул кардан мехоҳам, тасаввуроте надоштам. Бинобар ин ман боз сар кардам: “Худованд, ман имрӯз ин мошинро барои хидмати Ту медиҳам ва бовар дорам, ки кишт карда, ман мошини хеле хубро пайдо мекунам, вале дар бораи намуд ва навъу сохти он ба хулоса омада, бори дигар ба Ту муроҷиат мекунам”. Бо ҳамин тамом, мошинро

гирифта бурданд. Ва ман ба як қарор омада наметавонистам, ки кадом навъи мошинро гирифтан мехоҳам, то гуфта тавонам: “Бале, ман ҲАМИН ГУНА мошинро мехоҳам”.

Якчанд моҳ гузашт. Албатта, Дренда бо ман розӣ буд, ки ман мошинро диҳам, ва, ҳамчун ман, тасаввуроте надошт, ки чӣ гуна мошинро мехост. Дар давоми ду моҳи навбатӣ мо дар бораи мошинҳо сӯҳбат мекардем, ва ниҳоят, боре ӯ гуфт: “Медонӣ, ман фикр мекунам, ки ба ман кабриолет маъқул шуда метавонист”. Ман гуфтам, ки розӣ ҳастам, ин хуб ба гӯш мерасад, вале маҳз кадомаш? Мо ҳатто намедонистем, ки умуман чӣ гуна кабриолетҳо ҳастанд. Вале, боре мо барои хӯрдани хӯроки пешин мерафтем ва завҷаи ман ногаҳон гуфт: “Ана ин хелашро!” “Чӣ – ин хелашро?” – пурсидам ман. “Ана, ин хелашро”, – ба таваққуфгоҳи мошинҳои назди тарабхона, ки мо ба он наздик шудем, ишора карда, гуфт вай. “Ту чиҳо мегӯӣ?” – пурсидам ман. Ман ана ҳамин хел мошинро мехоҳам!” Он гоҳ ман кабриолети зебоеро дар тарафи дигари таваққуфгоҳ дидам. “Биё рафта мебинем, ки кадом навъаш бошад”, – гуфтам ман. Мо мошини худамонро ҳай карда, ба назди ҳамон мошин омадем ва дар ақиби он таваққуф кардем.

Хайр, боиси ҳайрон шудан нест, ки он ба мо маъқул шуд. Ин BMW 645Ci буд, албатта, кабриолети олӣ, аммо дар баробари ин хеле қимат. Рости гапро гӯям, вақте ки ман автомобили чунин дараҷаро дидам, он гоҳ фикр кардам: “Майлаш, Худованд, нишон деҳ, ки мо чи кор кунем”. Ман медонистам, ки барои 115 ҳазор доллар додан ба BMW-и нав тайёр нестам, вале ҳамчунин медонистам, ки Худо корҳои аҷоибро ба амал бароварда метавонад. Мо бо Дренда ба ҳеҷ кас дар бораи мошин нагуфтем ва ҳатто ба ёд наовардем, ки барои худамон автомобил ҷустуҷӯ кардем.

Тақрибан ду ҳафта пас бародари Дренда занг зад ва гуфт: “Ман барои Дренда мошин ёфтам!” “Ба Дренда мошин ёфтам гуфта, ту

чиро дар назар дорӣ?” – пурсидам ман. Ӯ гуфт: “Ман як мошинро барои фурӯш дидам ва ҳамту ҳис кардам, ки ин бояд мошини Дренда бошад ва ман фикр кардам, ки бояд дар ин бора ба шумо бигӯям”. “Ин чӣ хел мошин?” – пурсидам ман. Ин BMW 645Ci аст, ва ҳолаташ аъло, дар ҳақиқат аъло аст. Ду сол пештар бароварда шудааст, давишаш кам, ягон ҷояш харошида нашудааст. Он олӣ аст. Ғайр аз ин шахсеро, ки онро мефурӯшад, ту мешиносӣ”, – “Ман ӯро мешиносам?” – пурсидам ман. “Бале, – гуфт вай. – Ту бояд дар ин бора ба вай занг занӣ”. Ҳамон лаҳзае ки ӯ ба ман навъи мошинро гуфт, ман дониста истода, ки ду ҳафта пеш ману Дренда қарор дода будем, ки ҳарду маҳз ҳамин мошинро мехоҳем, фаҳмидам, ки Худо ягон нақшае дорад.

Ман ба соҳиби кабриолет занг задам. Бале, ман дар ҳақиқат ӯро мешинохтам, мо каме дар бораи мошин гап задем, ӯ гуфт, ки мошин дар ҳолати аъло қарор дорад. Сипас ӯ ба ман чунин гуфт: “Медонӣ, мо ҳозир бо телефон сӯҳбат карда истодаем ва дар ман ҳиссиёти аниқе пайдо мешавад, ки ин бояд мошини Дренда бошад. Ман ба ӯ дар бораи он, ки ба Дренда мошин ҷустуҷӯ кардем, ҳеҷ чиз нагуфтам. Ӯ суханашро давом медод: “Медонӣ, ман чӣ кор карданӣ ҳастам – мошинро ба ту бо нархи 28 ҳазор доллар мефурӯшам”. Инро шунида, бовариам намеомад. Мошин хеле қиматтар меистод. Вақте ки ман инро ба Дренда гуфтам, вай хеле хурсанд шуд. Мо барои мошин пули нақд супоридем, ва он то ҳол хуб кор мекунад ва ҳолаташ ҳам хуб аст. Чун пештара ҳеҷ ҷояш харошида нашудааст; мо дар он бо болои кушода, вақте ки офтоб баъд аз серкории рӯз ба мо ҳаёт мебахшид, аз садои мусиқии дилписанд лаззат бурда, хеле бисёр сафар кардем.

Сафари аз ҳама писандидатарини мо дар ин кабриолети зебо саёҳат ба кӯҳҳои Колорадо буд. Духтарамон Кирстен ҳамроҳи мо буд. Ҷиҳози сафарро мо ба бағоҷ гузоштем. Ёд дорам, ки чӣ тавр мо бо болои кушода аз Канзас гузашта рафтем. Кирстен дар қафо хоб буд. Ситораҳо дар болои сари мо хеле равшан ҷило

медоданд, ба истиснои як ё ду мошин роҳ озод буд. Ин яке аз шабҳои беҳтарине буд, ҳаво пур аз хушбӯиҳои форам ва ҳама чиз дар ин дунё олиҷаноб буд. Мо ду ҳафтаи минбаъдаро бо саёҳати кӯҳҳои Серхарсанг гузаронидем, ва ман фаҳмидам, ки ин мошин барои идора кардан аъло аст. Онро бо як калима тасвир карда метавонам: ҳайратангез!

Вале саволе дорам барои миллион доллар. Чӣ тавр ин мошин ба дасти мо афтод? Барои чӣ ин маҳз ҳамон мошине буд, ки Дренда гуфта буд: “Ана ҳамин гуна!”? Ман медонам, ки Подшоҳии Худо ин мошинро ба ҳаёти мо овард. Ман медонистам, ки ба шубон мошинро ҳадя карда, қонуни рӯҳониро ба кор андохтам. Ман дар ёд дорам, гуфта будам, ки бар ивази он мошини дигар мегирам, на мошини шоссибаланд, на ҷип, танҳо мошин. Ҳамчунин ман дар ёд дорам, гуфта будам, ки мошини хубро мехоҳам. Вале ману Дренда бояд досро ба кор меандохтем. Агар мо – “Ана ҳамин гуна мошин!”– намегуфтем, он пайдо намешуд. Вақте ки мошини худро медодам, гарчанде ман имон дошта бошам ҳам, то даме ки Дренда – “Ана ҳамин гуна мошинро ман мехоҳам!” – нагуфт, ҳанӯз досро ба кор наандохта будем.

Сипас боз як воқеа рӯй дод, ки ин принсипро бо андозаи бештар намоён кард. Чи тавре ки шумо, эҳтимол, аллакай фаҳмидед, ман шикорро дӯст медорам. Ман дар маҳалле, ки барои шикор хеле мувофиқ аст, зиндагӣ мекунам ва соҳиби шикоргоҳи шахсӣ ҳастам. Ман дар 60 акр замин 19 акр ҷангал ва қариб 10 акр замини ботлоқзор дорам. Ҳар сол ман бо муваффақияти калон ба сайди оҳуҳо ва санҷобҳо машғул мешавам. Дар он ҷо ҳамеша мурғобиҳо ва ғозҳо ҷамъ меоянд, вале бо кадом-як сабаб ман ҳеҷ гоҳ онҳоро шикор накарда будам. Шояд, як ё ду бор дар чандин сол мо бо писаронамон ба ботлоқ рафта, чанд ғозро барои хӯроки шом шикор карда будем.

Ва он ҷо, чандин сол пеш, чун дидам, ки пайиҳам селаи

мурғобиҳо ба ботлоқ парвоз мекунанд, ман фикр кардам, ки барои машғул шудан ба шикори онҳо кӯшиш мекунам. Оҳ, ин хеле шавқовар буд! Ман андармони ин кор шудам. Дар вақти шикор ҳамон тирамоҳ ман фаҳмидам, ки онҳо хеле бомаза ҳам ҳастанд. Ман мушоҳида кардам, ки мурғобиҳо бисёр вақт дар ҷои дастнорас ё дар ҳадди охири доираи дастрас барои милтиқи ман воқеъ мешуданд, ки ба назарам низ барои хато кардани ман саҳм мегузошт. Ман милтиқи оддии универсалӣ – "Ремингтон", навъи 11-87-ро истифода мекардам, ки онро барои намудҳои дигари шикор низ, аз харгӯшҳо сар карда то оҳуҳо, ба кор мебурдам. Маро дуруст фаҳмед, ин милтиқро дӯст медорам, он олиҷаноб аст. Вале ман фаҳмидам, ки намудҳои навтарини милтиқҳо ҳастанд, ки барои шикори мурғобиҳо сохта шудаанд. Онҳо камфулаҷ кунонидашуда ва бо тирҳои 3,5 дюймӣ, ки тавре маълум шуд, барои тирандозӣ ба масофаи дур мувофиқ мебошанд, ҷиҳозонида шудаанд. Ман ният доштам, ки яке аз ин гуна милтиқҳоро барои оғози мавсими навбатии шикор дида бароям.

Инак, мавсими шикори мурғобиҳо анҷом ёфт, январ фаро расид, ман дар мағозаи моҳидорӣ ва шикор Cabela равон будам ва фикр кардам, ки ба шӯъбаи милтиқҳо даромада, дидан лозим аст, ки умуман ин милтиқҳо чӣ гунаанд. Ба он ҷо даромада, ман дидам, ки онҳо як бахши пурраи милтиқҳоро барои шикори мурғобиҳо доранд. Ман чанде аз онҳоро тамошо кардам ва фикр кардам, ки милтиқи писандидаамро бихарам, аммо он ду ҳазор доллар меистод, мавсим бошад танҳо пас аз чанд моҳ бояд сар мешуд. "Ман интизор мешавам", – қарор додам ман, вале баромада истода, як кори ғайриоддие кардам. Ман, ба ростӣ, дарк намекардам, ки чӣ кор мекунам. Ҳамту, фикр накарда, ҳамин тавр кардам. Ман ба милтиқе, ки харидан мехостам, ишора кардам ва бо овози шунаво гуфтам: "Ин милтиқ аз они ман мешавад, ба номи Исо". Бори дигар мегӯям, ман ҳатто дар ин бора махсус фикр накардам, танҳо бо мақсади пайдо кардани чунин милтиқ эълон кардам. Дар қалби ман

акнун дар бораи милтиқи дилхоҳи ман, ки барои шикори мурғобиҳо мувофиқ аст, тасаввуроти равшан пайдо шуда буд.

Ду ҳафта пас ман барои баромад кардан дар бизнес-анҷуман даъват шуда будам, ва чизе рӯй дод, ки диққати маро ба худ ҷалб намуд. Баъд аз баромади ман ба наздам соҳиби ширкат омад ва гуфт, ки онҳо ҳамчун нишонаи миннатдорӣ барои ташриф ба ман тӯҳфа додан мехоҳанд. Ӯ гуфт: “Мо медонем, ки шумо шикорро дӯст медоред, бинобар ин барои шумо милтиқ харидем”. Ман дар ҳайрат монда будам, чунки онҳо ба ман милтиқи нимавтоматикии Benelli, ки барои шикори мурғобиҳост – маҳз ҳамон милтиқеро, ки дар мағоза дида, ба сӯяш бо ангуштам ишора карда будам, тақдим карданд! Шумо мефаҳмед? Чӣ тавр ин милтиқ пайдо шуд? Ман дар тамоми умр даҳҳо милтиқро тӯҳфа карда будам, вале ҳеҷ гоҳ досро истифода намебурдам. Ман ҳеҷ гоҳ намегуфтам: “Худованд, ана ин! Ана ҳамин гунаро мехоҳам!” Вале ҳамон лаҳза ки ин корро кардам, ҳосил ғундошта шуд.

**ВАҚТЕ КИ ХУДО ИСОРО БА ҶОИ МАН БА САЛИБ ФИРИСТОД ВА МАРО БА ПОДШОҲӢ РОҲ ДОД, Ӯ НИШОН ДОД, КИ МАРО ДӮСТ МЕДОРАД.**

Ман дар бораи милтиқ ба яке аз дӯстонам, ки низ ходим аст, нақл кардам. Ӯ гуфт: “Бале, ман гумон мекунам, баъзан Худо ин тавр мекунад. Ӯ ҳамту ба ту тӯҳфачаи махсуси хурдакак медиҳад, то гӯяд, ки Ӯ туро дӯст медорад”. Ман дар бораи суханони ӯ андеша кардам ва фаҳмидам: Не, ин тавр не. Бале, Худо маро дӯст медорад, вале Ӯ на ҳамту маро бо тӯҳфаи хурде ҳайрон кардан мехост”. Саг, моҳӣ, оҳуҳо, ки бо тартиби муайян меомаданд, мошинҳо – ҳамаи ин на барои он пайдо шуд, ки Худо ҳамту муҳаббати Худро нишон додан хост. Ӯ ҳамон вақте ки Исоро ба салиб фиристод ва маро ба Подшоҳӣ роҳ дод, нишон дод, ки Ӯ маро дӯст медорад!

Ба шумо боз як воқеаро дар бораи дарав нақл мекунам. Чунон ки аллакай гуфтам, ман дар асл он қадар ҳам муштоқи мошин нестам. То даме ки вақти иваз кардани мошин фаро мерасад, мо онро истифода мебарем. Ба ин Honda Pilot-и мо мисол шуда метавонад. Мо ин мошинро дӯст медорем, он бароҳат аст, идоракуниаш хуб, чун мошини нав ба назар мерасад, бинобар ин мо онро намефурӯшем. Вале мо бисёр вақт дар бораи харидани мошини калони шоссибаланд фикр мекардем, то меҳмонҳоямонро кашондан мумкин бошад. Якчанд вақт пештар мо барои чорабиниҳое, ки дар Now Center мегузаронидем, Cadillac Escalade-ро ба иҷора мегирифтем ва онро бо Дренда мерондем. Он ба мо таассуроти хуб бахшид. Ба мо ранги сафеди марворидии он маъқул шуд, нисбат ба он нусхаи кузоваш дароз, ки дар он Escalade ба бозор бароварда шуда буд, нусхаи кузоваш кӯтоҳтар, ки мо мерондем, писанд буд. Мо гуфтем: “Ана ҳамин гуна мошинро мо гирифтан мехоҳем – Cadillac Escalade, сафеди марворидӣ, бо кузови кӯтоҳ кардашуда. Барои худ чунин мошинро харидан лозим аст”. Сипас мо серкор шудем ва барои ҷустуҷӯ кардани мошин ва фикри харид вақт надоштем.

Тақрибан як моҳ пас барои гирифтани рӯзномаҳо ман аз хона ба берун баромадам, ва телефони мобилиам занг зад. Шахсе гуфт: “Шубон, ман мехоҳам, ки ба шумо Cadillac Escalade бихарам, кадом рангашро мехоҳед?” Ман ҳайрон шуда гуфтам: “Инро бинед-а, олиҷаноб. Ба Дренда ва ман сафеди марворидиаш маъқул аст”. “Хуб, – гуфт ӯ, – биёед ман бубинам ва бифаҳмам, ки дар фурӯш чӣ ҳаст”. Аз ҳаяҷон ман гуфтани онро фаромӯш кардам, ки ба мо нусхаи кузоваш кӯтоҳ маъқул аст. Ин одам мақсад дошт, ки мошини яксола ё дусолаи сифаташ аъло ва давишаш камтарро пайдо кунад.

Мо қариб як моҳ аз ин одам хабаре нашунидем, сипас ӯ, ниҳоят, занг зад ва гуфт: “Escalade-и шумо дар ман аст; биёед ана дар ҳамин ҷой ва ана дар ҳамин вақт вомехӯрем ва шумо онро ба хонаатон бурда метавонед. Мо вохӯрдем, ва ӯ Escalade –и рангаш

сафеди марворидии кузоваш кӯтоҳ дошт. Он хеле зебо буд! “Бубахшед, ки барои ин вақти зиёд лозим шуд, – гуфт ин одам, – ман хостам, ки нусхаи кузоваш дарозро пайдо кунам, вале ба он талабот чунон зиёд аст, ки якто ҳам нақдаш ёфт нашуд. Чизе, ки ман ёфта тавонистам, – ана ин нусхаи кӯтоҳаш. Умедворам, ки зид нестед”. Зид нестед? Ин маҳз ҳамоне, ки мо мехостем, ва маҳз ҳамоне, ки эълон карда будем.

Боз савол медиҳам: Чӣ тавр маҳз ҳамон Escalade, ки мо мехостем, пайдо шуд? Хайр, аввалан, ман ба ғайр аз он, ки ба шубон дода будам ва оиди он дар боло гуфта гузаштам, ҳашт мошин тӯҳфа кардаам. Вале ман боре ҳам дар бораи мошин “Ана ҳамин гуна” нагуфта будам, то вақте ки Дренда бо ҳамон BMW гуфта буд. Ва, боз ҳам, мо бо Дренда якҷоя ба ризоият омадем ва бо овози шунаво гуфтем: “Мо ана ҳамин гуна мошинро мехоҳем!” Ман бисёр сол мегӯям, ки калисо дар бораи додан таълим дода, корҳои зиёдро ба сомон расонидааст, аммо ҷамъоварӣ кардани ҳосилро ба одамон ёд надодааст. Инак, шумо гуфта метавонистед, ки дар воқеаҳои зикршуда дос чӣ аст? Умедворам, ин маълум аст! Ман бисёр мошинҳоро бо боварӣ ба подош тақдим кардаам, вале ман ва Дренда ҳеҷ гоҳ дар бораи мошини нав ба ризоият наомада будем. Такрор мекунам, мо барои чанд вақт мошинҳоро истифода мебурдем. Аммо дар он лаҳза ки гуфтем: “Ана ҳамин гуна!” – он пайдо шуд. Дос – ин суханони мо!

> *Мамот ва ҳаёт дар дасти забон аст, ва дӯстдорони он меваи онро мехӯранд.*
>
> *– Масалҳо 18:21*

Вақтҳое буданд, ки дар калисо оиди эътироф бисёр таълим медоданд. Ман бо одамоне ҳамнишин шуда будам, ки чизе ба забон меоварданд, ва сипас даҳонашонро бо даст пӯшида, мегуфтанд: “Ман бояд суханони худро назорат кунам”. Наҷибона

ба гӯш мерасад, ва ман розиам, ки ин ба мо барои дар дилҳоямон маҳфуз доштани Калом ёрӣ мерасонад. Аммо риояи эътирофи мо ба дос алоқамандие надорад. “Чӣ? Вале ту, зоҳиран, гуфта будӣ, ки дос – ин суханони мо”. Бале, гуфта будам, вале танҳо риояи формулаи истифодаи суханони дуруст худ аз худ калид намебошад.

> *Ба Худо имон оваред. Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба ин кӯҳ гӯяд: “Бархоста, худро дар баҳр афкан“, ва дар дили худ шак надошта бошад, балки яқин дорад, ки он чи гӯяд мешавад, — ҳар чӣ гӯяд ба вай ато хоҳад шуд.*
>
> *– Марқӯс 18:23*

Ман такрор мекунам, ки дос дар Инҷили Марқӯс – ин суханони шумоён аст! Дар баробари он ки дар Инҷили Марқӯс дар бораи дос сухан меравад, аллакай раванди имон ва пайдо кардани он баён карда шудааст. Дар он гуфта шудааст, ки вақте дона пухта мерасад, шумо досро ба кор меандозед, чунки вақти дарав фаро расидааст. Дарав фаро мерасад, чунки шумо дар имон ҳастед, ва дар дили шумо бо Осмон ризоият ба вуҷуд омадааст. Ояти боло аз Инҷили Марқӯс боби 11 ҳамин принсипро дар бар мегирад. Дили шумо ба Калом бовар мекунад, сипас шумо сухан меронед ва қудрати Осмонро ба кор меандозед. Вале ба ҷумлаи “... Яқин дорад, ки он чи гӯяд мешавад” диққат диҳед. Санҷиши имон – ин нишондиҳандаи он, ки оё шумо ба он чизе, ки мегӯед, бовар мекунед ё не. Танҳо гуфтан ё эътироф кардани Каломи Худо – ин худ аз худ имон намебошад. То даме ки дили шумо бо Осмон ба ризоият намеояд, шумо то мурдан эътироф кунед ҳам, ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Инак, мо бояд суханони худро назорат кунем ё дили худро?

> *Шахси нек аз ганҷинаи неки дилаш чизи нек берун меоварад, ва шахси бад аз ганҷинаи бади дилаш чизи*

*бад берун меоварад; зеро ки даҳони вай аз пурии дил сухан мегӯяд.*

*– Луқо 6:45*

*Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст. Кизбро аз даҳони худ рад намо, ва маломатро аз лабҳои худ дур соз.*

*– Масалҳо 4:23, 24*

Мо равшан дида метавонем, ки мо он чизҳоеро ба забон меорем, ки аз дили мо мебарояд ва он чизҳоеро мегӯем, ки ба он дил бовар мекунад. Равандеро, ки дар боби 4-уми Инҷили Марқӯс нишон дода шудааст, пайравӣ карда истода, мо мефаҳмем, ки чӣ тавр амалан он чиро, ки дил бовар мекунад, тағйир дода, онро ба Осмон ва имон мувофиқ кунонидан мумкин аст. Сипас, комилан дилпур шуда, сухан ва амалро ба кор бурда, мо досро қабул мекунем. Шумо мағзи гапро фаҳмидед? Хеле хуб, давом медиҳем.

Муҳокимарониро оиди имон давом дода, ман саволе додан мехоҳам, ки шумо бояд ба он ҷавоб диҳед.

Ман чӣ тавр фаҳмида метавонам, ки дар имон ҳастам ё не?

Ин саволи хубест, ки шумо БОЯД ҷавобашро донед, чунки имон надошта, бо имон дуо хондан ғайриимкон аст. Бисёр усулҳое ҳастанд, ки дар имон будан ё набуданро санҷидан мумкин аст, бисёр нишонаҳое ҳастанд, ки донистан ва ошкор карда тавонистан лозим аст. Вақте ки шумо дар имон нестед, қарорҳоеро қабул мекунед, ки дар асоси тарс пайдо мешаванд. Қарорҳое, ки дар асоси тарс қабул карда мешаванд, шуморо асири системаи малъуни заминӣ боқӣ мегузоранд ва аз он чизе, ки Худо ба шумо додан мехоҳад, маҳрум месозанд. Инак, шаҳодати дар имон будани шумо чӣ аст? Нишонаи аввал оддист: шумо таърифи моро оид ба имон дида ва фаҳмида метавонед, ки боварии пурра доштан дар дил – ин калид аст. Бисёр вақт мо фикр мекунем, ки

боварӣ дорем, вале аслан танҳо дар ақл розӣ мешавем, вале дар дил Калом сокин нест. Шумо барои дидани фарқият бояд қобил бошед. Вақте ки шумо пурра боварӣ доред, бешубҳа, дар ақли шумо бо он чизе, ки Каломи Худо мегӯяд, ризоият ҳаст, вале боз дарки боварӣ, эътимод низ мавҷуд мебошад, ки оромӣ ва умедворӣ меорад.

*Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд.*

*– Ибриён 11:1*

Агар шумо шаҳодат доред, ки дорои чизе ҳастед, оё боварӣ лозим аст, ки шумо инро доред? Албатта не. Бори дигар мегӯям: агар шумо дар имон ҳастед, шумо дониш, оромӣ доред ва дилпур ҳастед, ки шумо дорои он чизе мебошед, ки Каломи Худо мегӯяд, ҳатто агар шумо ҳанӯз онро намебинед. Бисёр одамон чунин мегӯянд: “Ман медонам, ки ман медонам, ки ман медонам, ман медонам, ки ман инро дорам”. Ин дониш аз дарун меояд, на аз шароитҳо. Ин дар одами рӯҳонии шумо ё дар дил аст. Ҳарос нест, ҳеҷ гуна фикрҳои ташвишовар ё изтироб, ки ба ақли шумо ҳуҷум мекунанд, мавҷуд нест; шумо медонед, ки ин аллакай амри воқеъшуда аст.

Боз як ҷиҳати дар имон будан – ин хурсандӣ ва умедворӣ. Ҷавоби шумо дар ҳамин аст. Шумо аллакай инро доред! Имон – ин бештар аз эҳсоси оромӣ ё дилпурӣ, гарчанде чунин ҳам ҳаст. Шумо ҳамчунин бояд барои ҳимоя кардани мавқеи худ рӯҳан қобил бошед. Вақте ки ман инро мегӯям, толори судро ба хотир биёред, ки дар он шумо – ҳимоятгар, барандаи пурсуҷӯи дутарафаи шоҳидон ҳастед. Барои чӣ шумо дар бораи ин вазъият чунин фикр мекунед? Шумо мавқеи худро чӣ тавр ҳимоя мекардед? Дар ин ҷо ҷавоб фақат якто – Каломи Худо.

Мисол, агар касе ба хонаи шумо омада, гӯяд: Эй, аз хонаи ман

дафъ шав!" – наход шумо гӯед: "Эҳ, мебахшед, ба мо як рӯз вақт диҳед, ва мо меравем"? Не, шумо ин тавр намегӯед, шумо аниқтараш механдед. Агар он одам гӯяд: "Не, ин хонаи ман аст. Дафъ шавед ё дар суд вомехӯрем", ҷавоби шумо чунин мешавад: "Бо хурсандӣ дар суд вомехӯрем!" Дар муҳокимаи судӣ шумо ба довар оромона вазъияти худро мефаҳмонед. Барои вай танҳо як назар андохтан кифоя мешавад, ки он одамро барои таъқибот ба ҳабс гирад ва ҳамаи хароҷоти судиро ба гардани ӯ бор кунад. Дар ин ҳолат дилпурии шумо на дар ҳиссиёт ва таассурот асос ёфтааст, балки дар қонун ва дар он далел, ки шумо соҳиби қонунии хона ҳастед. Вақте ки гап дар бораи дар имон будан меравад, ман пай мебарам, ки бисёр вақт одамоне, ки чӣ будани имонро намефаҳманд, осон гумроҳ мешаванд ва ба амалҳои худ бовар мекунанд, на ба сарчашмаи ягонаи имон, ки Каломи Худо аст. Ким-кадом амал ё тарзи рафторро, ки аз рӯи Каломи Худо аст, бо қуввати воқеии Подшоҳӣ, ки аз дили пурэътимод мебарояд, аралаш кардан мумкин аст. Мисол, агар шумо ба Подшоҳии Худо пул кишт кардед, ва ман шуморо мепурсам, ки чаро шумо чунин фикр доред, ки барои тухмии кишт кардаатон подош мегиред, ҷавоби шумо набояд чунин бошад: "Чунки ман дар фалон рӯз ҳамин қадар пул қурбонӣ карда будам". Ин эътирофи шумо танҳо дар амалҳои шумо, дар формула, асос меёбад, ва барои боварӣ дар дил асоси қавӣ надорад. Боварии шумо танҳо аз Каломи Худо баромада метавонад.

**ИМОН ЭЪТИҚОДИ ҚАВӢ БА ЧИЗҲОЕСТ, КИ МО БА ОНҲО УМЕД МЕБАНДЕМ, ВА БОВАРӢ БА ЧИЗҲОЕСТ, КИ НАМОЁН НЕСТАНД.**

**– ИБРИЁН 11:1**

Ман бисёр одамонеро, ки якҷоя дуо кардаам, пурсидаам, ки чаро онҳо бовар доранд, ки ба дуояшон ҷавоб мегиранд, онҳо бошанд чӣ гуфтанашонро надониста, ҳамту ба ман нигоҳ мекарданд. Ман ин саволро дода, имон ва ризоияти онҳоро бо Осмон пайдо кардан мехоҳам. Ман шунидан мехоҳам, ки онҳо

гӯянд: “Ман медонам, ки ҷавоб пайдо мекунам, чунки Худо дар фалон китоб, дар фалон оят ваъда додааст, ки ин ба ман тааллуқ дорад”. Агар одам ҷои Навиштаҷотро номбар карда наметавонад, эҳтимол, вай лангар ва фаҳмиши аниқ надорад, ки киштӣ ба куҷо равона аст.

Дар ёд дошта бошед: ҳамон вақт имон ҷой дошта метавонад, ки танҳо агар шумо иродаи Худоро донед. Барои чӣ? Чунки имон танҳо ҳамон вақт вуҷуд дошта метавонад, ки агар дил дар ризоият бо иродаи Худо қарор дошта бошад. Ман чунин меҳисобам, ки бисёр одамон фикр мекунанд, гӯё онҳо дар имон ҳастанд, вале дар асл не. Такрор мекунам, ақли онҳо бо Каломи Худо розӣ буда метавонад, ки он дуруст ва ҳаққонӣ аст, вале имон ҳамон вақт мавҷуд буда метавонад, ки дил боварии комил дошта бошад. Бисёриҳо бо ақлашон розӣ ҳастанд, вале дар дил боварии қатъӣ надоранд.

Барои маънидод кардани суханони ман мисоли хубе ҳаст, фикр мекунам, он нишон медиҳад, ки бисёриҳо дар имон сокин нестанд, гарчанде фикр мекунанд, ки дар имон ҳастанд. Чӣ мешуд, агар ман ба шумо мегуфтам, ки ба наздикӣ фаҳмидам: осмон кабуд нест, чуноне ки одамон мегӯянд, ва ранги кабуд дар асл кабуд нест? Бо суханони дигар, ман ба шумо мегуфтам, ки тамоми умр моро нодуруст таълим додаанд ва ранги кабуд дар асл кабуд нест, балки зард аст, шумо чӣ кор мекардед? Аз ҳайрат оҳ мекашидед, зуд телефони худро ба даст гирифта, ба муаллимаи аввалин занг мезадед ва ӯро айбдор мекардед, ки рангҳоро нодуруст омӯзонида, ҳаёти шуморо барбод додааст? Ман ин тавр фикр намекунам. Шумо ягон аксуламали эмотсионалӣ, ягон хел драма нишон намедодед. Шумо фақат қарор мекардед, ки ман аблаҳ ҳастам, маро девона ҳисобида, ба суханони ман аҳамият намедодед ва ба кори худ машғул мешудед. Барои чӣ? Чунки шумо боварии комил доред, ки кабуд – ин кабуд!

Биёед акнун мисоли маро бо муҳокимаронии мо оид ба масъалаи имон муқоиса мекунем. Чӣ мешавад, агар шумо боварии қатъӣ ба он доред, ки Худо дар бораи шифо гуфтааст, вале духтур ба шумо хабар медиҳад, ки аз касалии саратон мемиред? Шумо ба духтур нигоҳ мекунед ва фикр мекунед, ки вай аблаҳ аст, чунки медонед: ин тавр шуда наметавонад. Барои чӣ? Чунки шумо боварии қатъӣ доред, ки Исо нархи пурраро барои шифо пайдо кардани шумо пардохтааст. Мефаҳмед? Албатта. Бисёр одамон дуо мекунанд, аммо, таҳқиқ карда, ман дуоҳои онҳоро на ҳамчун дуоҳои имон, балки ҳамчун дуоҳои умедворона дарёфт мекунам, чунки онҳо ба натиҷаи кор дилпур нестанд. Дӯсти ман, ана барои чӣ худро бо Каломи Худо обод мебояд кард. Мо бояд донем, ки иродаи Худо чӣ гуна аст, то ки ба он чизҳое, ки Ӯ мегӯяд, боварии қатъӣ дошта бошем, ва ҳамчунин ҳар чизеро, ки аз рӯи иродаи Ӯ нест, рад кунем. Иҷозат диҳед, ки аз ҳаёти шахсии худ мисол биёрам, то фаҳмонам, ки чӣ тавр худро бо он чизе, ки Худо дар бораи ҳаёт мегӯяд, ғизо диҳем.

Ман хаста шуда будам, чун соҳиби бизнес чанд ҳафтаи мураккабро аз сар гузаронида будам (ин то шубони калисо шуданам рӯй дода буд). Нақшаи кории ман аз музокираҳо оид ба хариду фурӯш пур шуда буд, ва, албатта, аз сабаби вобастагии ман ба фоизҳо фишори молиявӣ мавҷуд буд. Ман ба назди духтури дандон рафтам, то ки пломбаи оддӣ монам. Ҳама чиз хуб пеш мерафт, то даме ки духтур ба равондани новокаин шурӯъ кард. Вақте ки ӯ сӯзанро халонд, ман ҳис кардам, ки якбора маро ҷунбонид, ва манаҳам зуд карахт шуд – ин на ба он монанд буд, ки одатан баъд аз сӯзанзанӣ оҳиста карахт мешавад. Ман ҳайрон шудам ва ба духтур гуфтам, ки чӣ рӯй дод. Вай гуфт: “Эҳтимол, ман ба тори асаб расидам”. Ман зуд пурсидам: “Аммо ин безарар аст?” Вай чунин гуфт: “Хайр, ин одатан табобатшаванда аст”. Чӣ? Ман ӯро дуруст шунидам? Духтур, шумо –“Ин одатан табобатшаванда аст” – гуфта, чиро дар назар доред?” Ӯ гуфт: “Хайр, дар 80-85 фоиз

ҳолатҳо инро пурра табобат кардан мумкин аст, бе оқибатҳои манфӣ”.

Чӣ? Дар ман ногаҳон тарс зиёд шудан гирифт. Ва акнун чӣ мешавад? Ин умуман гузашта меравад? Ақли маро фикрҳои даҳшатнок ҳуҷум мекарданд. Баъд аз муолиҷа рӯи ман карахт боқӣ монд, ва ин карахтӣ на ба он монанд буд, ки баъд аз ташриф ба духтури дандон ба амал омада, сипас оҳиста гум мешуд. Ман бо мизоҷ пас аз як соати муолиҷа бояд вомехӯрдам, бинобар ин ман вақти кифоя доштам, то ки фикр кунам, ки чӣ рӯй дод. Аммо тамоми роҳ ман дар азоб монда будам, аммо на аз дард, балки аз изтироб ва тарс, ки дар сари ман чун тундбод чарх мезад.

Баъдтар, аз ҳамон вохӯрӣ ба хона баргашта истода, ман ба назди як дӯстам даромадам. Рӯи ман ҳанӯз ҳам карахт буд, ва ба ман лозим буд, то касе маро бовар кунонад, ки ин гузашта меравад. Ба хатогии ман диққат диҳед: ман барои дастгирӣ на ба Каломи Худо, балки ба одаме муроҷиат кардам, ки ҳатто он қадар ҳам имондори мустаҳкам набуд. Ман ба дӯсти худ гуфтам, ки чӣ ҳодиса рӯй дод, ва дар ҷавоб шунидан хостам: “Натарс, ҳамааш хуб мешавад, Гэри, ту шифо меёбӣ”. Ба ҷои ин ман шунидам: “Оҳ, не! Ман як дӯсте дорам, ки айнан ҳамин воқеа бо вай рӯй дода буд, то ҳол рӯи ӯ карахт аст”. Ман ба гапи шунидаам бовар карда наметавонистам! Ақли маро тарс фаро гирифт. Ман чунин вонамуд кардам, ки гӯё ҳамааш хуб мешавад, ва ӯро барои вақти барои ман сарфкардааш миннатдорӣ намудам. Ман аз рӯҳафтодагӣ ба хонаи дигар дӯстонам рафтам, ва ҳамон саволро дода, аз ҷавоби шунидаам, дар ҳайрат мондам. “Оҳ не, – гуфтанд онҳо, – мо як дӯсте дорем, ки бо вай чунин ҳодиса рӯй дода буд, рӯи ӯ дигар сиҳат нашуд, он то ҳол карахт аст”.

Баъди ин ташриф ман ба шигифт афтодам. Ман медонистам, ки Худо шифо медиҳад (дар ақлам), аммо ҳеҷ аз тарс халос шуда наметавонистам.

Қалби ман аниқ боварӣ надошт. Ҳамон шабро ман бо машаққат гузаронидам! Ақли ман пур аз тарс буд, рӯям чун пештара, чуноне ки дар утоқи духтури дандон, ҳамоно карахт буд. Ба хоб кардан кӯшиш намуда, дар зери гӯши тарафи рост дард ҳис кардам. Ин тавр набояд шавад! Падари ман бо фалаҷи ғайримарказии асаби рӯй як ё ду сол то ин дам мубориза мебурд, ва ӯ гуфта буд, ки ҳамааш аз дарди на он қадар сахти зери гӯш сар шуд. Фалаҷи ғайримарказии асаби рӯй дар он ҳолат ба амал меояд, ки агар асабе, ки мушаки рӯйро танзим мекунад ва аз сӯрохии хурди устухони зери гӯш мегузарад, бо таъсири инфексия ё илтиҳоб зарар мебинад.

**ДАР ОН ЛАҲЗА МАН МЕДОНИСТАМ, КИ УМЕДИ ЯГОНАИ МАН КАЛОМИ ХУДО БУД.**

Ман дароз кашида, кӯшиш мекунам, ки хоб равам ва чунин суханонро айнан дар фикри худ мешунавам: “Шумо ба мисли падаратон фалаҷи ғайримарказии асаби рӯй доред”. Вақте ки ман саҳар хестам, дар ман фалаҷи асаби рӯй ба андозаи пурра буд! Акнун на танҳо манаҳи ман, балки тамоми рӯй аз тарафи рост карахт буд, ман на чашм ва на даҳонамро пӯшида метавонистам. Аҳволам хеле бад буд. Ман пурра шикаста шуда будам.

Ман ба назди духтури маҳаллӣ омадам, то ки ба тахминҳои худ боварӣ ҳосил кунам. Баъд аз муоина вай гуфт, ки ман дар ҳақиқат фалаҷи ҳаққонии асаби рӯй дорам. Ман пурсидам: “Пас, минбаъд чӣ мешавад?” Ӯ гуфт: дар 80-85 фоиз ҳолатҳо беморӣ бидуни гузоштани фалаҷ барои тамоми умр гузашта меравад”. Ин ба назарам чунин намуд ё ӯ аз ростӣ ҳозиракак инро гуфт?

Дар ҳамон лаҳза ман медонистам, ки дар бало гирифтор шуда будам. Ман медонистам, ки шайтон бо ин бас намекунад, ва ман ҳатто фикр кардан намехостам, ки маро минбаъд чӣ интизор буд. Ман ба қадри даркорӣ оиди ҷанги рӯҳонӣ медонистам, ва

мефаҳмидам, ки ба самти нодуруст равона будам. Дар ёд доред, ки ин воқеа чандин сол пештар аз он, ки дар бораи ин чизҳо кам медонистам, рӯй дода буд. Вале ман ба қадри даркорӣ дарк менамудам, ки агар ман бар ин ғолиб омадан хоҳам, пас ман бояд бо усулҳои рӯҳонӣ ҷанг кунам. Ман ҳамчунин медонистам, ки ин доми шайтонӣ буд, то ки маро ба таври ногаҳонӣ ба даст орад, чунки ман хеле хаста будам ва ҳеҷ гуна душвориро интизор набудам.

Дар он лаҳза ман медонистам, ки умеди ягонаи ман Каломи Худо буд. Ман худ аз худ ягон хел имконияти боздоштани тарсеро, ки ақли маро фаро гирифта буд, надоштам. Бинобар ин ба варақчаҳо оятҳои Навиштаҷотро оид ба шифо навиштам ва раванди рушди имонро дар дили худ сар кардам. Ман медонистам, ки бояд ба дили худ Каломро кишт кунам, то ки имонам ба сабзидан сар кунад, бинобар ин тамоми рӯз дар бораи Каломи Худо фикррронӣ кардам.

Дар аввал ҳеҷ чиз дигар намешуд. Рӯям карахт боқӣ мемонд, ва ман доимо бо рӯҳи тарс ҷанг мекардам. Тақрибан як ҳафта пас, вақте бо рӯям ҳеҷ гуна дигаргуние набуд, ин рӯй дод! Чуноне ки боби 4-уми Инҷили Марқӯс таълим медиҳад, азбаски ман ба дилам Калом кишт кардам, дар ман имон ба ташаккул ёфтан шурӯъ намуд: дар аввал майса, баъд хӯша ва сипас донаи пухтарасида дар хӯша.

Дар давоми ин ҳама вақт ҳанӯз ризоият ба даст наомада буд, пас имон ҳам набуд – то ҳол. Аммо дар ҳоле ки ман дигаргунӣ намедидам ва намедонистам, ки мутобиқи боби 4-уми Инҷили Марқӯс ин раванд чӣ тавр кор мекунад, ҳама чиз дар ҳақиқат дигар мешуд. Дигаргуние, ки ман дар бораaш мегӯям, на дар олами равшани физикӣ рӯй медод – ин дигаргунӣ дар дил ба амал меомад. Агар мо устуворан дар Калом қоим бошем, он оҳиста системаи эътиқоди қалби моро иваз мекунад, худ аз

худ моро аз беимонӣ ба ризоият бо Осмон мегузаронад. Дар воқеае, ки бо ман рӯй дод, ман Каломро маҳкам доштам, чун медонистам, ки он умеди ягонаи ман буд.

Боре ман дар хона гаштугузор мекардам, дар ҳама ҷо варақчаҳоро бо оятҳои Навиштаҷот часпонида будам, ва нигоҳи ман ба як оят афтод, ки сад маротиба дида будам. Вале ин дафъа ман ба он нигоҳ кардам – ва БАМ! Ногаҳон ба ман тадҳин фурӯ рехт, тарс зуд рафт, ва ман ДОНИСТАМ, ки шифо ёфтам. Бале, рӯям то ҳол карахт буд. Дигаргуниҳои зоҳирӣ набуданд, вале ман медонистам, ки шифо ёфтам. Дар давоми ду соат рӯям пурра сиҳат шуд, карахтӣ нопадид гардид. Ҷалол ба Худо! Калом кор мекунад!

Ман медонистам, ки аз сабаби беаҳамиятӣ ва серкорӣ ба суст шудани ҳаёти рӯҳониам роҳ додам, ва оқибат, иштибоҳи худро фаҳмида, барои нодониам тавба кардам. Ин хеле пештар, вақте ки ман акнун барои худ ошкор карда истода будам, ки дар асл имон чӣ тавр кор мекунад, воқеъ шуд буд, ва дар ин соҳа таҷрибаи калон надоштам. Ман ба ақиб нигоҳ карда, дар бораи рафтори худ фикр мекунам: ҳамчун шахси нодон аз одамон мепурсидам, ки бо ман чӣ хоҳад шуд, ба ҷои он ки зуд ба Каломи Худо муроҷиат кунам. Чӣ воқеъ шуда истоданро дарк карда, ман ба ҳар ҳол бо боварӣ ба Каломи Худо рӯ овардам. Мутаассифона, бисёр одамон дар ин раванд боварӣ надоранд, чунки ҳеҷ кас ба онҳо имон ва чӣ тавр сабзидани онро таълим надодааст. Ва азбаски ба онҳо ин раванд маълум нест, дар зери фишор монда, Каломро аз мадди назар гум мекунанд, ва фикр мекунанд, ки он кор намекунад.

## Ҳуҷумҳои ҷавобии Шайтонро фаҳмида истода

Кристин вақте ки ба калисои мо омад, дар бораи Худо дониши бисёр надошт. Ӯ дар яке аз ибодатҳои якшанбегӣ аз олами боло таваллуд шуда буд, ва ҳаёти ӯ ба куллӣ дигар шуд. Дар калисо

мо машғулияте мегузаронем, ки дар он одамонро бо Подшоҳии Худо шинос мекунем. Яке аз мавзӯъҳое, ки мо таълим медиҳем ва дар бораащ мегӯем – ин ҳуқуқи қонунӣ барои гирифтани шифо. Кристин солҳои зиёд бо ҳисси шунавоиаш мушкилӣ дошт. Зиёда аз ин, ӯ аллакай 40 сол таҷҳизоти шунавоӣ истифода мебурд ва 50 фоизи қобилияти шунавоиашро гум карда буд. Модари вай кар буд, бародараш низ аз мушкилиҳо бо шунавоӣ азоб мекашид. Вақте Кристин фаҳмид, ки ҳамчун имондор ӯ барои шифо ёфтан ҳуқуқи қонунӣ дорад, вай хеле хурсанд шуд!

Ҳангоми машғулият завҷаи ман ба ӯ даст гузошта дуо кард, то ки гӯшҳои вай кушода шаванд, ва дар як лаҳза – гум, ва ӯ ба таври аъло шунида тавонист! Кристин ба нидо кардану гиристану ҷалол додани Худо сар кард. Вақте ки завҷаам Дренда ва Кристин омада, ин хабари хушро ба ман нақл карданд, ман зарурияти онро ҳис кардам, ки Кристинро оиди ҳамлаҳои ҷавобии Шайтон огоҳ кунам. Ман ба Дренда гуфтам, ки ба Кристин таълим диҳад, то ки агар нишонаҳо аз нав зуҳур кунанд, вай боҷуръатона ба проблема фармон диҳад ва эълон кунад, ки вай шифо ёфтааст ва Шайтон бояд дафъ шавад. Саҳари дигар озмоиш омад. Шунавоӣ ба ҳолати пештарае баргашт, ки вай хуб шунида наметавонист. Бинобар ин вай маҳз ҳамон кореро, ки мо гуфта будем, ба амал овард, – эълон намуд: “НЕ, Шайтон, ман инро қабул намекунам. Ман ҳоло шифо ёфтаам, чуноне ки он вақт шифо ёфта будам, ба номи Исо!” Ҳамон замон гӯшҳояш кушода шуданд ва аз ҳамон вақт инҷониб кушода ҳастанд.

Дар хотир доред, ки Шайтон ҳуҷуми ҷавобӣ ба амал меорад ва кӯшиш мекунад, ки боз ҳудудро забт кунад. Ба вай имкон надиҳед. Дар Каломи Худо қоим бошед!

Як қисми ин боброро ман барои фаҳмонидани принсипҳои асосии имон бахшидам: чӣ тавр он кор мекунад, чӣ тавр фаҳмем, ки дар имон ҳастем ё не, ва имонро аз куҷо ёбем. Барои он ки Подшоҳии Худо дар ҳаёти шумо кор кунад, шумо бояд инро донед. Оё дар

ёд доред, ки Исо ба зан чӣ гуфта буд: “Имонат туро наҷот дод”? Барои шумо низ ҳамин тавр хоҳад шуд: имони шумо, қалби пур аз боварӣ ба он чизе, ки Осмон мегӯяд, ва ба кор андохтани дос ба ҳама гуна мушкилӣ ё мӯҳтоҷие, ки шумо дар ҳаёт бо он рӯ ба рӯ шуда метавонед, ҷавоб мешавад.

## БОБИ 6

# БАРАКАТИ ХУДОВАНД

Ман дар тарабхона бо завҷаам ва меҳмоне, ки барои дар калисоямон мавъиза кардан даъват карда будам, менишастам. Соат қариб даҳи шаб буд, ва мо ҳозиракак хидматгузории пурқуввати бегоҳирӯзӣ гузаронида будем. Ба назди мо пешхизмат омад, то ки фармоиш гирад, ва дар байни мо сӯҳбат авҷ гирифт. Меҳмонзани мо ба суханронӣ сар кард, ки хидматгузорӣ чи қадар хуб буд, ҳамчунин дар бораи калисо ҳарф зад. Сипас аз пешхизмат пурсид: “Шумо шикорро дӯст медоред?” Вай гуфт, ки дӯст медорад. Меҳмонзани мо ҳамеша аз саргузаштҳои ман оиди шикор ба шавқ меомад, ва ҳамон шаб, дарвоқеа, китоби “Шикор бо имон”-ро ба яке аз дӯстони ӯ тақдим кардам. Ин китоб маҳз дар назди ман хобида буд.

Пешхизмат ба нақли худ идома дода гуфт, ки борҳо ба шикор машғул шуд, вале ба ӯ муяссар нашудааст, ки оҳуи худро ба даст дарорад. Мо бо меҳмони худ ба ӯ фаҳмонидани онро сар кардем, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад ва боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки вақте ба шикор мебароӣ, оҳуро ҳар дафъа сайд карда метавонӣ. Вай моро он қадар хуб намефаҳмид. Аммо ман китоберо, ки дар паҳлӯи ман буд, ба хотир овардам ва ба вай чун тӯҳфа пешниҳод кардам. Ман ба меҳмони худ гуфтам, ки

ба вай нусхаи дигарашро медиҳам. Вай розӣ шуд. Пешхизмат ба ман миннатдорӣ баён кард ва ваъда дод, ки онро аз назар мегузаронад, вале ман фикр кардам, ки, шояд, ӯро бори охирин дида истода бошам. Вале маълум шуд, ки не.

Як сол пас ҳамон меҳмонзан дар калисои мо мавъиза кард, ва ба хотир оварда гуфт, ки ҳамон тарабхонае, ки соли гузашта рафта будем, ба вай хеле писанд омада буд, ва пурсид, ки оё боз ба он ҷо рафта метавонем ё не.

Мо ба он ҷо рафтем. Ба назди миз нишаста, мо ҳайрон шудем, ки ба мо ҳамон пешхизмате, ки соли гузашта дида будем, хизмат мекард. Ӯ наздик омада гуфт: “Салом, шумо соли гузашта дар ҳамин ҷо будед, ва мо дар бораи шикори оҳу сӯҳбат карда будем”. Мо гуфтем: “Бале, дар хотир дорем”. Ӯ гуфт: “Китоберо, ки ба ман дода будед, хондам ва чуноне ки дар он гуфта шудааст, ҳамон тавр кардам. Соли гузашта ман ду оҳу шикор кардам ва имсол боз яктои дигарашро ба даст овардан мехоҳам”. Мо аз шунидани саргузашти ӯ хеле хурсанд шудем, вале ҳайрон нашудем. Подшоҳии Худо ҳамеша кор мекунад!

Ман бо 25 нафар шубон вохӯрӣ мегузаронидам ва ба онҳо мефаҳмонидам, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад. Ин вохӯрии хеле хуб буд. Вақте ман аз толоре, ки дар он вохӯрӣ гузаронида шуд, баромада рафтанӣ шудам, ва ҳамкорони ман ба рӯбучин кардани он ҷо сар карданд, яке аз шубонҳо бо завҷааш баргашта омад. Онҳо ба назди Дренда омада, пурсиданд, ки оё онҳо бо мо сӯҳбат карда метавонанд ё не. Шубон ба нақл кардан сар кард, ки агар онҳо то охири ҳафта 6900 доллар пардохт накунанд, хонаи онҳоро аз сабаби қарз гирифтан мехоҳанд. Ӯ гуфт, ки ба ғайр аз 100 доллар, ки дар даст дошта меистод, ӯ дигар пул надорад. “Ин ҳама чизе, ки ман дорам, – гуфт ӯ, – аммо ман онро коштан мехоҳам, чуноне ки шумо имрӯз таълим додед, ва аз шумо ва завҷаатон илтимос мекунам, ки бо ман розӣ шавед, ки ин ҳафта пули лозимаро пайдо

карда метавонем”. Мо ҳама дастони якдигарро дошта дуо кардем ва барои пул Худоро шукргузорӣ намудем.

Тақрибан як моҳ пас ман ин шубонро дар дигар чорабинӣ вохӯрдам, ӯ ба назди ман бо хурсандӣ давида омад. “Ман бояд дар бораи он чизе, ки рӯй дод ба шумо нақл кунам, – гуфт ӯ. – Ман инро дафъаи гузашта хотиррасон накарда будам, вале мо бо завҷаам оид ба гардабардорӣ дар футболкаҳо бизнеси иловагӣ дорем, ки баъзе вақт дар гаражи худ ба он машғул мешавем. Ҳаҷми кори мо ин қадар калон набуд, мо гоҳо баъзе фармоишҳо мегирифтем. Хулоса, як рӯз пас аз сӯҳбат бо шумо ба мо чанд миқдор фармоиш доданд, ки ҷамъаш ба 8900 доллар баробар шуд. Ҳамон ҳафта ба мо лозим шуд, ки бисёртар кор кунем, вале то рӯзи ҷумъа мо 6900 долларе, ки бояд барои хона пардохт мекардем, ба даст овардем. Ташаккур ба шумо!”

Ман дар Каролинаи Шимолӣ дар анҷумани шубонҳо бо 500 нафар шубонҳои дигар иштирок кардам. Ман сухангӯ набудам – ҳамту иштирокчӣ. Ба назди ман марде омад ва гуфт: “Ман бо шумо гуфтугӯ кардан мехоҳам”. Ин мард шубоне аз Олмон буд, ва ӯ гуфт, ки барои ман вай ҳикояи шавқоваре дорад.

Писари навраси ӯ бо кадом як роҳ CD-дискҳои маро пайдо менамояд. Онҳоро гӯш карда, қарор мекунад, ки бо имон PlayStation 3 гирифтан мехоҳад, чунки ӯ пул надоштаст. Ба фикрам, ҳама медонанд, ки PlayStation 3 чӣ аст (ба ҳар ҳол, агар надонед, ин асбоби бозӣ аст). Шубон ба ман гуфт, ки боре писараш ба дафтари кории ӯ омада, пурсид, ки оё вай дар бораи PlayStation 3 якҷоя бо вай бо имон розӣ мешавад. Падар гуфт, ки дар ин бора ин қадар ҳам фикр накардааст, аммо, ҳамчун шубон, тухмии писари худро ҳамчун ҳадяи пулӣ барои калисо қабул кард. Онҳо бо писар якҷоя дуо карданд, ва розӣ шуданд, ки айни ҳамон лаҳза писар PlayStation 3-ро ба даст овард, ва ин корро ҳамчун тадбири иҷрошуда ҳисоб карданд.

Рӯзи дигар як шахс аз калисо ба шубон занг зад ва пурсид, ки

оё писари ӯ каме пул кор кардан мехоҳад ё не, чунки ӯ лоиҳаи кӯтоҳмуддате дорад, ки дар он ӯ ба кӯмак мӯҳтоҷ аст. Писар хеле хурсанд буд ва дар давоми ду рӯз пули кифоя ба даст овард, то ки PlayStation 3 харида тавонад.

Ин диққати писарро ба худ ҷалб кард, ва ду ҳафта пас ӯ боз ба дафтари кории падараш омад ва пурсид, ки оё вай боз дар бораи чизе якҷоя розӣ шуда метавонад. Шубон ба ӯ ҷавоб дод: “Албатта”, аммо вақте писараш аз ӯ хоҳиш кард, ки бо вай розӣ шавад, то Худо ба ӯ мушакҳои боз ҳам пурқувваттар диҳад, шубон ҳайрон шуд. Шубон гуфт, ки аниқ намедонист, ки ба хоҳиши писараш чӣ ҷавоб диҳад. Ниҳоят, ӯ ҷавоб дод, ки агар писараш хоҳад, ки мушакҳои пурқувваттар дошта бошад, ӯ бояд як қисми корро худаш иҷро кунад ва агар писараш инро бифаҳмад, пас ӯ розӣ аст, ки якҷоя бо ӯ дуо кунад. Инак, ӯ барои мушакҳои пурқувват кишт кард, ва онҳо бо ризоият дуо карданд.

Рӯзи дигар ба назди хонаи шубон мошин омад. Ин як оила аз калисо буд. Вақте ки шубон барои гуфтугӯ кардан бо онҳо ба берун баромад, онҳо гуфтанд, ки гаражи худро тоза карданд ва як даста штангаҳоро пайдо намуданд ва фикр карданд, ки шояд ба писари шубон лозим бошад. Агар не, шубон метавонист бифаҳмад, ки дар калисо кӣ инро гирифтан мехоҳад. Шубон ба ман гуфт, ки ҳеҷ кас дар бораи хоҳиши писараш оиди машқи мушакҳо ва оиди он ки ба наздикӣ онҳо дар ин бора дуо карда буданд, хабар надошт. Шубон дар ҳайрат монда буд! Вай ба хона даромад ва ба писараш гуфт: “CD-дискҳо дар куҷост?”

Чунин воқеаҳо барои ман одатӣ ҳастанд. Ман ҳамеша онҳоро мешунавам ва мехоҳам, ки онҳо барои шумо низ одатӣ шаванд. То ин лаҳза мо якчанд принсипҳоеро, ки Подшоҳии Худо аз рӯи онҳо кор мекунад, муҳокимаронӣ кардем, ва ҳамчунин дар бораи он сӯҳбат кардем, ки барои дар воқеияти заминӣ пайдо кардани ҳуқуқи қонунӣ ё юрисдиксия, барои Осмон зарур аст, ки

мо дар имон ризоият ҳосил кунем. Биёед акнун ба пеш ҳаракат мекунем ва дида мебароем, ки ин қонунҳо маҳз чӣ гуна ба мо дар масъалаҳои эҳтиёҷоти молиявӣ кӯмак карда метавонанд.

*Баракати Худованд сарватманд мекунад, ва ғаму ғуссае бо худ намеоварад.*

*– Масалҳо 10:22*

Вақте ки ман аввалин бор ин ҷои Навиштаҷотро дидам, фикр кардам: “Албатта, он чизе, ки дар ин ҷо навишта шудааст, маҳз ҳамон чизро дар назар надорад”. Аммо ман фаҳмидам, ки он маҳз ҳамон чизро дар назар дорад! Барои фаҳмидани он, ки дар ин порча чӣ гуфта шудааст, мо ба худи ибтидо, ба лаҳзаи офариниши одам бояд баргардем.

*Балки касе дар ҷое шаҳодат дода, гуфтааст: «Чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ? Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; Ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ». Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад. Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад...*

*– Ибриён 2:6-8*

Мо ин порчаро аллакай пештар хонда будем, вале он ҳоло ҳам барои муҳокимаронии мо муҳим аст. Вақте ки одам офарида шуд, ҳама чиз дар замин ба зери ҳокимияти ӯ гузошта шуда буд. Ҳеҷ чизе набуд, ки ба вай итоат накунад. Ӯ дар воқеияти заминӣ дар мақоми қудрати ваколатдор истода, ҳукмронӣ мекард, ва аз тарафи ҳокимияте, ки ӯ намояндагӣ мекард, тоҷ бар сараш гузошта шуда буд. Ба ӯ тадҳин ва шараф ато шуда ва ӯ ба мақоми

сарварӣ гузошта шуда буд. Шайтон, ки бар зидди Худо қиём карда буд, ҳанӯз пеш аз пайдоиши Одам ба замин ронда шуда буд. Шайтон ба одам нафрат дошт, зеро медонист, ки ӯ барои ҳукмронӣ кардан бар вай, ҳамчун шахси ваколатдори Худо, таъин карда шудааст. Шайтон акнун мебоист ба ин махлуқ, ки аз лиҳози офариниши табиию физикӣ аз худи вай хеле заифтар буд, таслим шавад. Аммо ҳар як сухани Одам ҳамон қудратеро дошт, ки гӯё худи Худо гуфта бошад. Одам, писари Худо, дар замин бо ҳамон мақоми пуршукӯҳи қудрат ва азамат ҳукмронӣ мекард.

**БАРАКАТИ ХУДОВАНД САРВАТМАНД МЕКУНАД, ВА ҒАМУ ҒУССАЕ БО ХУД НАМЕОВАРАД.**

**– МАСАЛҲО 10:22**

Хулоса, Шайтон одамро бад медид ва барои ба даст даровардани қудрате, ки дар Одам буд, сахт хоҳиш дошт.

Бо ягон тарз ба даст даровардани тоҷи одам ва аз чунин мақоми муҳим маҳрум кардани ӯ илоҷи ягонаи ӯ ба ҳисоб мерафт. Танҳо як мушкилӣ вуҷуд дошт. Шайтон барои гирифтани тоҷи Одам қудрат надошт; умеди ягонаи ӯ бо ягон тарз фиреб додани Одам буд, то ки худи вай тоҷро аз сар гирад. Шайтон Ҳавворо бовар кунонд, ки ба Худо эътимод кардан нашояд ва ҳаёт нисбат ба он, ки Худо пешниҳод мекунад, хеле зиёдтар дода метавонад, ва Одам ва Ҳавво аз Худо дида, бештар ба Шайтон бовар карданро афзал донистанд, ва ба Худо хиёнат карданд. Дар ниҳояти кор Одам ва Ҳавво дар Подшоҳии Худо қудрати қонунии худро аз даст доданд ва чуноне ки Павлус дар боби 4-уми Номаи дуюм ба Қӯринтиён мегӯяд, Шайтон худои ин ҷаҳон гардид:

> *Барои беимонҳое ки худои ин дунё зеҳнашонро кунд кардааст, то ки нури башорати ҷалоли Масеҳ, ки Ӯ сурати Худост, барои онҳо надурахшад.*
>
> *– 2 Қӯринтиён 4:4*

Пеш аз он ки Одам исён бардошт, ӯ аз афзалиятҳои он ки писари Худо буд, лаззат мебурд. Ҳар чизе ки аз они Худо буд, барои баҳрабардории Одам дастрас буд, ва ӯ дар ҳаёти худ ҳеҷ гоҳ ягон рӯзи мӯҳтоҷӣ ва ягон хел фикри тарс надошт. Ҳама чизе, ки дар сайёраи Замин барои зиндагӣ кардани ӯ лозим буд, аллакай дар он ҷо муҳайё карда шуда буд.

Агар мо дар Китоби Муқаддас рӯзи шашуми офаринишро ба хотир орем, мебинем, ки одам дар рӯзи шашум, яъне дар қисми хотимавии нақшаи офариниши Худо, офарида шуда буд. Зиндагӣ кардан дар рӯзи ҳафтум тақдири ӯ буд, рӯзе, ки Худо рӯзи оромӣ эълон карда буд. Ин на аз он сабаб рӯзи оромӣ буд, ки Худо хаста шуда бошад, балки Ӯ кори худро ба охир расонида буд ва ҳама чиз ба анҷом расида буд. Як лаҳза дар бораи он ки Худо чӣ кор кард ва роҷеъ ба нақшаи Ӯ, ки барои Одам дошт, фикр кунед. Мутаассифона, Одам ҳамаи инро аз даст дод ва дар натиҷа аз мақоми қонунии худ дар Подшоҳӣ маҳрум шуд.

Вақте ки Худо ба Одам баъд аз итоат накардан ба Ӯ муроҷиат кард, чунин гуфт:

> *...Замин аз боиси ту малъун шуд; тамоми айёми умрат аз он* **бо ранҷ** *хоҳӣ хӯрд; хору хас бароят хоҳад рӯёнид; ва алафи саҳроро хоҳӣ хӯрд;* **ба арақи ҷабинат** *нон хоҳӣ хӯрд, то даме ки ба хок баргардӣ, ки аз он гирифта шудаӣ; зеро ки ту хок ҳастӣ, ва ба хок хоҳӣ баргашт».*
>
> *– Ҳастӣ 3:17-19*

Аввалин чизе, ки ман мехоҳам, то шумо бинед, – ин на Худо заминро лаънат кард – балки чунин Одам кард. Ӯ барои ҳукмронӣ кардан дар замин қудрати комил дошт. Вай дар замин вакили Худо буд. Одам дорои ҳокимияти пурра ва мутлақ буда истода, нисбат ба ҳокимияти Худо хиёнат кард ва Худоро амалан аз эътибори худ соқит намуд. Ин амал на танҳо барои Одам, балки ҳамчунин

барои ҳар як мард ва зан, ки мебоист аз ҳамон рӯз сар карда, дар замин зиндагӣ кунанд, оқибати фоҷиабор дошт. Гарчанде Одам ҳанӯз ҳам дар воқеияти заминӣ юрисдиксияи худро, ки Худо ба вай дода буд, нигоҳ медошт, акнун барои ҳукмронӣ кардан аз мавқеи ҳамон ҳокимияте, ки ӯ пештар намояндагӣ мекард ва ҳукмронии ӯро дастгирӣ менамуд, заиф шуда буд. Одам аз худи ҳаёт ҷудо гардида буд – акнун марг, ки барои вай бегона буд, ба ҳукмронӣ сар кард.

Худо гуноҳи Одамро фош намуд, ва гуфт, ки акнун аз боиси гуноҳ, дар навбати аввал, ӯ мақоми қонунии худро дар ҳокимияти Худо аз даст дод. Ва азбаски Одам намояндаи ин ҳокимият дар сайёраи Замин буд, Осмон аз намояндагии қонунии худ, ки ба воситаи он дар воқеияти заминӣ юрисдиксияи худро ба амал меовард, маҳрум шуд. Акнун, барои он ки замин ба Одам меваи зарурирро диҳад ва барои он ки ӯ зиндагӣ кунад, аз худи ӯ меҳнати вазнин бо арақи ҷабин талаб карда мешавад. Дар саҳроҳо хору хас мерӯянд, ва ҳаёт пуразоб мегардад, ва зинда мондан ба тарзи ҳаёт табдил меёбад.

Ман инро тарзи ҳаёти пурмашаққат ва тарзи тафаккури зиндамонӣ меҳисобам, ки бо рӯҳи тарс ва марг палид карда шудаасту дар дӯши ҳар инсоне, ки баъд аз Одам таваллуд шудааст, ҳамчун бори гарон овезон аст, – ин системаи лаънатшудаи заминӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин система ману шумо ба воя расидаем, ва маҳз ҳамин системаи зиндамонӣ ба ҳамаи мо хуб маълум аст. Довуд онро дар таронаи 22-юми Забур водии марг ном мебарад.

> *Дар водии зулмот роҳ равам ҳам, аз бадӣ наметарсам, чунки Ту бо ман ҳастӣ; асо ва чӯбдасти Ту маро тасаллӣ медиҳад.*
>
> *– Забур 22:4*

Тарси марг дар тамоми замин паҳн шудааст. Вале боз оқибати

дигари манфӣ мавҷуд аст. Одам муносибати худро бо Худо гум кард, ва бо ин тариқ, ӯ дигар худро намешиносад – ӯ аз мадди назар ҳадаф ва моҳияте, ки барояш офарида шуда буд, гум кард. Вақте ки одам офарида шуд, ба ӯ таъиноти пешакӣ, супориш, дода шуда буд. Ӯ мебоист аз номи Худо дар замин ҳукмронӣ кунад. Бо суханони дигар, вай аз Худо супориш гирифта буд, ва дар ҳаёт мақсад дошт. Вале акнун тамоми тарзи тафаккур ба зинда мондан мубаддал шуд. Зиндамонӣ мақсад ва рисолати одам гардид.

Акнун ҳар як қароре, ки одам қабул мекунад, бо воситаи ин тарзи тафаккури лаънатшуда ҳаллу фасл карда мешавад, то ки воситаи зиндагиашро ё ҷустуҷӯ кунад ва ё ғун намояд.

**ДАР СИСТЕМАИ ЗИНДАМОНИИ ЗАМИНӢ ҲАР ЯК КАС АЗ ДАВУТОЗ ХАСТА ШУДААСТ.**

Акнун барои оромӣ ҷой нест ва ҳар як рӯз бо меҳнати пуразобе, ки бо арақи ҷабин карда мешавад, гузарон аст. Ягона илоҷи халосӣ аз ин ҳаёти зиндамонӣ, ё давутози калламушҳо, чуноне ки мо ҳоло мегӯем, – илоҷе карда, бисёртар сарват ҷамъ кардан аст, то ки ниҳоят давутозро бас кунад.

Ин орзуи ҳар як мард ва зан аз давраи гуноҳ кардани Одам мебошад, мақсади аввалин – давутозро бас кардан.

Акнун вазифаи ҳар касе, ки ба таъминоти иловагӣ муваффақ гардидааст, бо эҳтиёткории зиёд ба ҳифз ва нигоҳдорӣ кардани он машғул шудан мебошад. Одамон аз маҳрум мондан аз боигарии худ тарсида, онро маҳкам медоранд, чунки агар онро аз даст диҳанд, маҷбур мешаванд, ки боз аз андӯҳ пур шуда, давутоз кунанд ва бо арақи ҷабин ранҷ кашанд.

Орзуи одам, мақсади зиндагии ӯ, чуноне ки ман аллакай гуфтам, – ин бо ягон тарзе таъминоти кофӣ ба даст овардан аст, то ки ҳамчун ғуломи зиндагӣ, дар ҷустҷӯи оромӣ, дигар давтутоз

накунанд. Ман боварӣ ҳосил кардан мехоҳам, ки шумо фаҳмиши аниқи ин далелро доред: дар системаи малъуни заминӣ ҳар як кас барои зиндамонӣ аз давутоз хаста шудааст.

Дар ёд дорам, ки боре дар вақти субҳ бо як шубон нишаста будам. Ӯ ҳар саҳар бармехест ва ба хидматгузорӣ машғул шуданро хеле дӯст медошт, то даме ки дар бораи ҳисобҳои худ ва қарзҳо ва норасоии пул ба фикр фурӯ мерафт. Ӯ гуфт, ки проблемаҳои молиявии ӯ ҳаёташро заҳролуд мекарданд ва аз хурсандие, ки кори иҷро карда истодааш дода метавонист, маҳрум менамуданд. Бо ин камбизоатӣ на танҳо шубонҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Ин тарзи ҳаёти бисёр оилаҳо мебошад, чунки онҳо, аз моҳона то моҳона, дар қарздорӣ зиндагӣ мекунанд.

Ҳар як кас илоҷ меҷӯяд, ва илоҷи ягона – ин сарватмандӣ, яъне нисбат ба ҳадди кифоя бештар ҷамъоварӣ кардан мебошад. Мутобиқи системаи малъуни заминӣ шахсияти одам вобаста ба он, ки чи қадар боигарӣ дорад ва вобаста ба миқдори пуле, ки ӯ ҷамъ карда метавонад, баҳо дода мешавад. Аввалан, одам бо ҳар роҳ бараҳнагии худро пӯшидан мехоҳад, яъне чунин вонамуд мекунад, ки мақсад ва моҳияти аслии ҳаётро аз даст надодааст, ва ба чизи қалбакӣ даст мезанад. Акнун ӯ тадҳини Худоро, ки ӯро бо ҷалолаш саршор мекард, бо боигарӣ иваз мекунад. Дуввум, ӯ ҳамчунин кӯшиш менамояд, ки мавқеи пурифтихору шарафмандонаи худро, ки бо он дар Подшоҳии Худо ҳукмронӣ мекард, ба ғурури зиндагонӣ ва ҳирси ҳукмронӣ бар одамон иваз кунад. Акнун одам бо як мақсад фаро гирифта шудааст – сарват ёфта, ғун кардан. Акнун ҷавҳари ӯ аз он вобаста аст, ки ӯ чи қадар сарватманд аст ва бар одамони дигар чи қадар қудрат дорад. Дар ҷамъият барои худбаҳодиҳии одами гуноҳкор мавқеъ ва мақом хеле муҳим аст.

Дар ин бора фикр кунед. Одатан одамон ба якдигар аввалан кадом саволро медиҳанд? “Шумо ба кадом кор машғул ҳастед?”

Барои чӣ? Оё ин моро ҳамин қадар ба ташвиш овардааст ё ба мо ҳамин қадар шавқовар аст? Тамоман не, аммо ин савол дараҷаи эҳтироми моро ба ин шахс муайян мекунад. Бо суханони дигар, мо аз худ мепурсем: ин одам кӣ аст? ӯ дар воқеияти заминӣ кадом мақом ё мавқеъро ишғол кардааст? ман нисбат ба ин одам кадом дараҷа ҳурмату иззатро бояд нишон диҳам? Занон, ман ҳоло аз нуқтаи назари мардон гап мезанам. Ман мефаҳмам, ки занон аз мавқеи тамоман дигари қабули шахсият якҷоя амал мекунанд.

Имрӯз ҳоло ҳам системаи малъуни заминӣ пурқувват аст! Одамон тамоми қарорҳои худро аз нуқтаи назари ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии пул қабул мекунанд. Одамон ҳатто дар бораи рисолати худ фикр накарда, барои пайдо кардани кори сермуздтар ба дигар иёлат мекӯчанд. Ҳар кас ситораи санъат будан мехоҳад. Барои чӣ? Аз сабаби мақом ва сарват.

Дар байни якчанд ҳазор талабагони синфҳои миёнаи мактабҳо дар бораи он, ки онҳо ба воя расида, ба кадом фаъолияти касбӣ машғул шудан мехоҳанд, тадқиқот гузаронида шуда буд. 65 фоизи пурсидашудагон гуфтанд, ки мақсади касбии онҳо - машҳур шудан мебошад. Машҳур шудан? Аз ҷое ки ман медонам, машҳур шудан тамоман касб ҳисоб намешавад.

Боз як тадқиқот нишон дод, ки 30 фоизи коргарон кори худро бад мебинанд ва боз 40 фоизашон онро дӯст намедоранд. Дар натиҷа мо дар ИМА 70 фоиз одамони касбу кори гуногунро мебинем, ки шуғли худро дӯст намедоранд. Пас чаро онҳо дар он ҷо кор мекунанд? Чунки онҳо ғуломи мубориза барои зиндамонӣ ҳастанд, ки бо арақи ҷабин азоб кашида меҳнат мекунанд, то ки зинда монанд. Ин одамон мақсад ва рисолатро тамоман ба назар намегиранд; пардохтани ҳисобҳо – ин аст далели пешбаранда. Вақте ки ту ғуломи мӯҳтоҷии молиявӣ ҳастӣ, барои интихоб кардан имкони камтар дорӣ. Ва он касе доимо ғолиб меояд, ки бисёртар пул харҷ мекунад. Инро давутози калламушҳо мегӯянд!

Ва ана маҳз бо ҳамин гуна давутоз тану шумо зиндагӣ мекунем. Ба худ миримушонро тасаввур кунед, ки дар чархи худ ҳар қадаре ки метавонад, ҳамон қадар тезтар медавад, вале бо вуҷуди он ба ҳеҷ ҷо намерасад. Мо механдем ва фикр мекунем, ки ин чи қадар дилкаш аст. Вале дар олами воқеӣ тамоман дилкаш нест, мутлақо не. Одамон дар ин чарх мемиранд, ва ба ҳеҷ чиз муваффақ намешаванд.

> *Ва шумо дар ҷустуҷӯи он набошед, ки чӣ бихӯред ё чӣ бипӯшед, ва аз ғам осуда бошед, чунки* **қавмҳои ҷаҳон дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд;** *лекин Падари шумо медонад, ки шумо ба ин чизҳо эҳтиёҷ доред; балки Малакути Худоро биталабед, ва ҳамаи ин барои шумо илова хоҳад шуд.*
>
> *– Луқо 12:29-31*

Кори пурандӯҳ бо арақи ҷабин – ин системаи ягонае, ки мо медонем. Агар ман мегуфтам, ки барои шумо зарур аст, ки аз қарзҳо халос шавед, яъне шумо БОЯД дар давоми сол аз қарзҳо халос шавед, вагарна оилаи шумо барои вақти доимӣ ба қутби шимол фиристода мешавад (ин ман барои мисол ифротро ба кор мебарам, то ки фикри худамро ба шумо фаҳмо гардонам), шумо чӣ кор мекардед? Ман мегӯям, ки шумо чӣ кор мекардед. Шумо дарҳол ба тартиб додани нақша шурӯъ мекардед, ки боз чи қадар бештар арақ рехтан ва зудтар давидан мумкин аст. Шумо мегуфтед: "Ман боз ба ду ҷои дигар барои рӯзи кории нопурра ба кор ҷойгир шуда метавонам. Завҷаам низ ба чанд ҷои дигар барои ҷадвали нопурра рафта метавонад, ва бачаҳо низ ёрӣ расонида метавонанд". Мефаҳмед, ин ягона системаи таъминот аст, ки шумо медонед,– арақ рехта, бо ғам меҳнат кардан. Иҷозат диҳед, ки мисоли дигари ин системаро ба шумо нишон диҳам.

Фарз кардем, ки ман дар кӯчаи шумо давида рафта истодаам

ва дар он тарафи роҳи хонаи шумо коғазхалтаеро бо даҳ миллион доллар пайдо мекунам. Ман хеле хурсанд мешавам, вале медонам, ки бояд дар бораи бозёфти худ хабар диҳам. Азбаски ман бо шумо шинос ҳастам, ба назди шумо давида рафта, илтимос мекунам, ки аз телефони шумо истифода барам. Дар ҳоле ки ман ба полис занг мезанам, шумо дар паҳлӯи ман истодаед ва ба суханони ман гӯш меандозед. Ман ба онҳо хабар медиҳам, ки чӣ рӯй додааст. Баъд аз фосилаи кӯтоҳ онҳо қайдҳои худро тафтиш мекунанд ва хабар медиҳанд, ки дар бораи гум шудани пул касе арз накардааст, бинобар ин ман онро худам гирифта метавонам (гумон намекунам, ки онҳо ҳамин хел мегуфтанд, вале барои мисоли ман ҳамин вариант мувофиқ аст). Вақте ки онҳо ба ман чунин мегӯянд, ман аз хурсандӣ ба қаҳидану фарёд кардан сар мекунам. Сипас ман ба шумо ҷавоби онҳоро нақл мекунам ва аз хурсандӣ ба ваҷд меоям.

Дар ҳоле ки ман хурсандии худро ифода менамоям, шумо ба ман бо мулоимат табассум мекунед. Вале шумо чӣ фикр доред, ҳангоми хӯроки шом, вақте ки тамоми ин воқеаро нақл мекунед, ба завҷаи худ чӣ мегӯед? Шумо табассум мекунед? Шумо мегӯед: “ИН ____________________!” Шумо ин ҷои холигиро аллакай пур кардед, ҳамин тавр не? Шумо аз куҷо медонистед, ки калимаи БЕАДОЛАТӢ – ин ҷавоби дуруст аст? Ман ба шумо мегӯям аз куҷо: айнан ҳамин тавр тарбия шудаед. Маҳз дар ҳамин гуна система ба воя расидаед. Арақ рехта, бо ғам меҳнат кардан – ана ҳамин тавр бояд ҳама чиз иҷро карда шавад.

Дар мисоли ман, ягон зарра меҳнат накарда, ман пул ёфтам, аммо ин фиреби системаи мавҷуда аст. Ин беадолатӣ аст. Аз он сабаб беадолатӣ аст, ки ман барои пул меҳнат накардам, ман онро ҳамту ёфтам. Шумо медонед, ки шояд ба шумо ҳеҷ гоҳ ин бахт муяссар нагардад, ва шуморо ҳасад ва кина фаро мегирад ва мефаҳмед, ки тамоми умри шумо дар зери бори ғуломии маҷбурӣ бо мақсади зиндамонӣ гузашта меравад.

Барои муқоиса: агар ман боре ба калисо бо либоси кӯҳна ва фарсуда меомадам, ва ба пеш баромада, мегуфтам: “Мо ин корро кардем! Даҳ соли охир мо бо Дренда дар як рӯз 22 соат кор кардем ва ниҳоят қарзи хонаро пӯшонидем”, он гоҳ дар толор нидоҳои хурсандӣ ва садои кафкӯбиҳо баланд мешуд. Барои чӣ? Чунки касе ин корро иҷро кард ва дигаронро рӯҳбаланд намуд. Касе аз ӯҳдаи ин кор баромад, пас илоҷ ҳаст! Зоҳиран, мо бояд дандонҳоро ғич карда, камарбандро маҳкам баста, нархро пардохт кунем, он гоҳ мо низ озод хоҳем буд. Вале барои чӣ, агар ман пулеро, ки дар канори роҳ афтодааст, меёфтам, ҳеҷ кас кафкӯбӣ намекард ва аз хурсандӣ хитоб намекард? Ва барои чӣ ба шумо пур кардани ҳамон ҷои холигӣ ин қадар осон буд? Чунки шумо маҳз ҳамин тавр фикр мекунед ва маҳз дар бораи ҳамин орзу менамоед. Боадолатона – ин системаи меҳнати вазнин бо арақи ҷабин аст, ки бо он мо хеле хуб шинос ҳастем. Пуле, ки бе меҳнати сахт ёфт шудааст, ин беадолатӣ аст.

Вале раҳоӣ ёфтан аз ин системаи меҳнати вазнин, ки бо арақи ҷабин карда мешавад, орзуи ҳар як инсон аст. Сарватманд шудан, миллионер будан – ин фикру хаёли аксари одамон аст. Миллион доллар аллакай ҳозир на он миқдор пули зиёдест, ки пештар буд, аммо ин ибора худ аз худ дар бораи сарват гап мезанад. Сарват ба мо барои озодӣ пайдо кардан имконият пешниҳод мекунад ва ба ҳаёти рӯзмаррае, ки дар он аксарияти одамон зиндагӣ мекунанд, тазод пешкаш мекунад. Шумо аз давутоз хаста шудед, ва дорои миллион доллар будан маънои онро дошта метавонист, ки давутозро бас карда, ниҳоят ба кори дилхоҳ машғул шудан мумкин мебуд. Дар ин бора фикр кунед: ҷолибияти лотерея аз чӣ иборат аст? Дар ОЗОДӢ! Дар озодии интихоб доштан, қарор қабул кардан аст, ки дар онҳо пардохти ҳисобҳо ё нӯг ба нӯг зиндагӣ кардан дар ҷои аввал намеистад.

Намоиши “Кӣ миллионер шудан мехоҳад?” хеле оммавӣ аст. Он бисёриҳоро ба худ ҷалб мекунад, чунки ҳама дар бораи

ин гуна озодӣ орзу мекунанд. Одамон намоишро тамошо менамоянд, онҳо ба таври эмотсионалӣ ҷалб карда шудаанд, барои иштирокдорон ҳаводорӣ мекунанд, умед мекунанд, ки онҳо ба бурд кардан ноил мешаванд.

Барои андак вақт мавзӯъро дигар карда, мегӯям, ки дуздӣ – ин ҳам дарёфти маблағ бе машғул шудан ба меҳнат мебошад. Бо маънои ғалат дуздӣ низ аз системаи малъуни заминӣ озод шуданро пешниҳод мекунад. Пас биёед ҳамту розӣ мешавем, ки ҳама аз давутоз халос шудан мехоҳанд! Вале оё барои ин илоҷ ҳаст? Ҳоло нақшаҳои пулӣ ба таври фаровон мавҷуд ҳастанд. Ман аз одамони тамоми дунё дар як рӯз ҳадди ақал даҳҳо мактуб мегирам, ки дар он ба ман ҳикояҳои риққатоварро нақл мекунанд, ки чӣ тавр онҳо 20 миллион доллар ба мерос гирифтанд ва ба онҳо шахсе лозим аст, ки барои дар ҷои бехавф таъмин кардани бехатарии ин пулҳо ёрӣ расонад. Агар ман танҳо розӣ шавам, ки пулҳои онҳоро гирифта, муҳофизат кунам, онҳо ними пулҳояшонро ба ман пешниҳод мекунанд. Албатта, сипас онҳо суроғаи электронии маро донистан мехоҳанд ва хоҳиш мекунанд, ки як миқдор пулро барои ҳуҷҷатгузорӣ, ирсолкунӣ, суғурта, чи тавре ки ин хароҷотро онҳо чунин ном медиҳанд, дохил кунам, то ки онҳо пулҳои меросии худро гирифта тавонанд. Шумо чиҳо мегӯед? Чӣ, магар ман ба аблаҳ монанд ҳастам?

Боре ба ман мизоҷе занг зад, ӯ мехост, ки дар бораи маблағгузорӣ маслиҳат гирад. Ман саволҳои барои худ одатӣ додам ва фаҳмидам, ки ӯ қариб 5 миллион доллар маблағгузорӣ кардан мехоҳад. Ӯ гуфт, ки дар ҳамон лаҳза ӯ пул надорад, вале онҳо бояд баъди ба расмият даровардани мерос биёянд. Ман пурсидам, ки ӯ кай масъалаи меросро ҳал кардан мехоҳад, ӯ ҷавоб дод, ки қариб пас аз ду ҳафта. Бинобар ин пас аз ду ҳафта ман ба ӯ занг задам, ва ӯ гуфт, ки ин каме вақти зиёдтар талаб мекунад.

Ин одам барои ба воситаи бонки аврупоӣ гирифтани пулҳое, ки

онҳоро дар он ҷо нигоҳ медошт, мушкилӣ пайдо кард. Ин диққати маро ҷалб намуд, бинобар ман саволдиҳиро сар кардам. Воқеа аз он иборат буд, ки ӯ дар бораи амаки эҳтимолиаш хабардор шуд, ки дар Фаронса вафот кардааст. Ин амак ба ӯ панҷ миллион долларро ба мерос гузоштааст. Аммо барои гирифтани он мерос ба миқдори 50 ҳазор доллар андоз супоридан лозим будааст, ва ин миқдор пулро то гирифтани мерос бояд пардохт мекардааст. Ӯ гуфт, ки то ҳол пул дарёфт кардан мехоҳад ва хонаашро ба гарав монда, барои гирифтани қарз ариза додааст.

Ман пурсидам, ки оё ӯ барои ин кор ҳуқуқшиносро ҷалб кардааст, ӯ ҷавоб дод: “Бале, бо ин кор ҳуқуқшиносе, ки аз Фаронса ба ман занг зад, машғул аст”. – Яъне ту дар Амрико ҳуқуқшиносе надорӣ, ки ба ин кор машғул шавад?” Ӯ ҷавоб дод: “Не, танҳо ҳамоне, ки ҳозир ба ман аз Фаронса занг зад”. Сипас ӯ фаҳмонид, ки, азбаски ӯ барои дарёфти 50 ҳазор доллар мушкилӣ кашид, ҳуқуқшинос аз Фаронса пешниҳод кард, ки ними пулро худи ӯ ба сифати қарз пардохт мекунад ва ҳамон лаҳза ки мизоҷи ман пули меросро ба даст орад, он қарзро баргардонда метавонад”. “Не, – гуфтам ман, – ин қаллобӣ аст!” Ин шахс боре ҳам дар бораи амаки эҳтимолӣ нашунида буд, вале бовар мекард, ки ӯ дар ҳақиқат вуҷуд дорад. Ман боз пас аз ду ҳафта ба ӯ занг задам, ва ӯ гуфт, ки тамоми пулро ҷамъ овардааст, то бо воситаи бонк интиқол диҳад. Ман боз ба ӯ гуфтам: “Охир дар ихтиёри онҳо панҷ миллион доллар мавҷуд аст. Агар ба онҳо пул хеле зарур мебуд, онҳо ҳамту метавонистанд бо воситаи почтаи электронӣ ё экспресс ҳуҷҷатеро фиристонанд, то ту тасдиқ карда тавонӣ, ки онҳо аз ҳамон миқдор пуле, ки доранд, барои гирифтани 50 ҳазор доллар ҳуқуқ пайдо кунанд”. Вале ӯ ба ман бовар накард ва мутмаин буд, ки ба ӯ рост мегӯянд.

Айнан ҳафтаи гузашта дар калисои ман ба ҳамин монанд воқеа шуд. Ҷавоне барои маслиҳат гирифтан оид ба маблағгузорӣ ба назди ман омад. Ӯ бояд ба наздикӣ аз Аврупо пул ба мерос

мегирифт. Ман ҳатто ба вай барои тамом кардани ҷумлааш имкон надодам. Ман гуфтам: “Медонам, медонам. Онҳо мехоҳанд, ки ту ба онҳо як миқдор пул фиристонӣ, то ки он пулҳо ба ту интиқол дода шавад, дуруст мегӯям?” – “Умуман дуруст мегӯед, шумо чӣ тавр фаҳмидед?” Ман ба ӯ айни ҳамон гапро гуфтам: ки онҳо фиребгар ҳастанд. Ӯ низ ҳамон хешовандро, ки эҳтимолан мурда буд, намешинохт, ӯ дар ИМА ҳуқуқшинос надошт, вале бо вуҷуди он ӯ бо ман дар бораи воқеияти ин пулҳо баҳс мекард. Ва барои чӣ одамон ба ин гуна чизҳо чунин ҳарис ҳастанд? Чунки озод будан мехоҳанд. Онҳо намехоҳанд, ки инро аз даст диҳанд, чунки ҳатто агар дар шуури онҳо аз миллиард ҳатто даҳяк имкон дошта бошад ҳам, ки ин рост аст, онҳо мехоҳанд, ки онро истифода баранд.

Иҷозат диҳед, ки ба шумо боз як мисол биёрам. Бизнес оид ба хидмати молиявӣ, ки ману Дренда дорем, тамоми Иёлоти Муттаҳидаро фаро гирифтааст. Ин хеле бизнеси олӣ аст! Имкониятҳое, ки ширкати мо пешниҳод мекунад, воқеӣ мебошанд, одамон дар як сол ҳазорҳо доллар кор мекунанд. Вале ҳамчунин дар бизнеси ман чизҳое ҳастанд, ки метавон омӯхт. Ту пули одамони бегонаро идора мекунӣ. Қонунҳое ҳастанд, ки бояд донӣ, ва санъати ба нақша даровардани маблағҳо мавҷуданд, ки бояд дошта бошӣ.

Ман дар радиои Колумбус, иёлати Оҳайо, дар радиостансияи масеҳии маҳаллӣ эълоне интишор намудам, ки резюме қабул карда мешавад, чунки чанд номзади навро пайдо кардан мехостам. Тақрибан 50 нафар одамон омаданд. Ба ҷои он ки якбора ба сӯҳбатҳо машғул шавам, ман қарор кардам, ки дар меҳмонхонаи наздиктарин вохӯрии шиносоӣ гузаронам ва бо ин восита якбора як қисми номзадҳоро ҷавоб диҳам. Дар вохӯрӣ оиди имконоти бузурге, ки ширкат дар бозор дорад, дар бораи ҳолати мо, ки на танҳо дар бораи принсипҳои кор бо молиёт таълим медиҳад, балки ҳамчунин инро аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии масеҳӣ пешниҳод мекунад, сухан рафт.

Ҳамчунин мо дар бораи мавқеи ширкат алоқамандона ба расму қоида, ҷубронҳо, омӯзишҳо ва талабот барои литсензиякунонӣ ҳарф задем. Ман аз рӯи таҷриба медонистам, ки бисёр номзадҳо, вақте мебинанд, ки даромади 200 ҳазор доллар дар як сол чи қадар ҳаҷми корро дар бар мегирад, пароканда мешаванд. Баъд аз вохӯрӣ ман аз толори меҳмонхона мегузаштам ва дидам, ки як толори ҷашнӣ қариб аз ҳазор нафар одам пур шуда буд. Ҳама ба он ҷо бо як мақсад омад буданд: ширкати машҳури бисёрсатҳае барои шахсоне, ки ба бизнес машғул шудан мехостанд, намоиш мегузаронид. Аммо барои чӣ дар муқоиса бо панҷоҳ нафари ман хоҳишмандон ин қадар бисёр ҳастанд? Ҷавоб оддӣ аст: Пул! Мутаассифона, гарчанде ҳамон ширкати бисёрсатҳа инро изҳор намекард, аммо тарзи қабули фаъолияти ӯ чунин буд: “Агар ман ба онҳо ҳамроҳ шавам, ва баъд се нафари дигарро биёрам, – бам, ва ман миллионер мешавам”. Вале ман, ки муддати зиёд дар доираи молиёт тоб хӯрдаам, медонам, нафароне, ки дар бизнеси бисёрсатҳа пули бисёр ба даст меоранд, ҳамчунин сахт меҳнат мекунанд! Бале, дар ин соҳа имконият мавҷуд мебошад, вале ин пулҳо ҳамчун даромади сабук қабул карда мешаванд: “Агари ман ин имкониятро истифода набарам, пас – фақат ба ҳамаи ин одамон нигоҳ кунед – ман имкони тамоми ҳаётамро аз даст дода медиҳам!” Лутфан, маро нодуруст нафаҳмед. Ман дӯстони бисёре дорам, ки дар ин гуна ширкатҳо миллионҳо доллар кор мекунанд, ва MLM-ширкатҳои хубе ҳастанд. Ман танҳо ба тарзи тафаккури аъзои миёнаҳоли MLM-ширкатҳо ишора мекунам. Ваъдаи даромади осон дар системаи заминии зиндамонӣ пули бисёр меорад.

**МАСЪАЛАИ ПУЛРО ҲАЛ НАКАРДА, ШУМО ТО ОХИРИ ҲАЁТ БАРОИ РОҲНАМОӢ ШУДАН БО ТАРЗИ ТАФАККУРИ СИСТЕМАИ МАЛЪУНИ ЗАМИНИИ ЗИНДАМОНӢ МАҲКУМ МЕШАВЕД.**

Агар шумо як лаҳза таваққуф карда, аз худ бипурсед, ки чи қадар зиёд дар бораи пул, дар бораи он ки чӣ тавр дарёфт кардан ё чӣ тавр нигоҳ доштани он чизе, ки шумо доред, фикр мекунед, дар ҳайрат мемонед. Танҳо барои он ки шумо фикри маро бифаҳмед, такрор мекунам: ҳар як кас давутозро бас кардан мехоҳад, ҳама одамон аз ҳаёте, ки ба хотири зиндамонӣ ба сар мебаранд, хаста шудаанд.

Зебоии рӯзи истироҳат дар он аст, ки таваққуф кардан мумкин аст. Зебоии рухсатӣ дар он аст, ки таваққуф кардан мумкин аст. Зебоии нафақа дар он аст, ки ниҳоят таваққуф кардан ва он кореро ба иҷро расонидан мумкин аст, ки дилхоҳ мебошад. Маро нодуруст нафаҳмед. Нигоҳи бисёр одамон ба ҳаёт на аз он иборат аст, ки ҳамту биншинанд ва ҳеҷ коре накунанд. Ва ман ҳам чунин намегӯям, ки иродаи Худо барои мо аз ҳамин иборат аст. Не, мо офарида шудаем, то баҳри иҷрои супориш, мақсаде, ки махсус барои мо таъин карда шудааст, фаъол бошем. Мутаассифона, бисёр одамон он қадар банд ҳастанд, ки давутоз карда ва ба коре андармон шуда, орзуҳои худро аз хотир баровардаанд.

Ман боварӣ дорам, шумо шунидаед, ки касе гуфтааст, ё шояд, худи шумо гуфта бошед: “Ман бояд ба кор равам”. Чуноне ки шумо, шояд, аллакай фаҳмидед, вақте ки одамон коре кардани бошанд, эмотсияҳои мусбӣ ҳис намекунанд. Аммо агар онҳо бо шавқу ҳавас ба кор раванд ва бо ҷидду ҷаҳд ба шуғли худ муносибат кунанд, гул-гул мешукуфанд. Аммо дар ҳаёти бисёр одамон, одатан, аҳвол чунин нест. Ба ҷои ин онҳо ба мисли пештара мегӯянд: “Ман бояд ба кор равам”. Ҳамту барои маош гирифтан, ҳамту боз як рӯзро дар ҷои кор гузаронидан, боз як рӯз барои зиндамонӣ, танҳо барои як илоҷ карда тоб овардан, ба кор мераванд. Бисёриҳо хуб оғоз мекунанд, ҳаёти онҳо дар болоравӣ аст. Коре, ки онҳо машғул ҳастанд, фақат барои пардохтани ҳисобҳо аст, то даме ки ба баъзе хулосаҳо меоянд, он ҳамчун чизи муваққатӣ дониста мешавад. Хулосаҳое, ки онҳо баровардаанд, – ин аст, ки ҳаёт бо

нодонӣ гузашт, ва аз чилсолагӣ гузашта мефаҳманд, ки аз ин кӯчаи сарбаста илоҷи баромадан нест. Инро боз бӯҳрони миёнсолӣ меноманд – вақте аввалин бор одамон мефаҳманд, ки ба дом афтодаанд.

Дӯстони ман, ин на он ҳаётест, ки Худо барои шумо таъин кардааст. Шумо аллакай инро медонед. Чунин ояндаи раҳмоварро пешгирӣ намуда, мо бо Дренда солҳои бисёр мегӯем, ки агар масъалаи пулро ҳал накунед, ҳеҷ гоҳ рисолати худро пайдо карда наметавонед, мақсадҳои нодири ҳаёти худро дарк намекунед. Масъалаи пулро ҳал накарда, шумо то охири ҳаёт барои роҳнамоӣ шудан бо тарзи тафаккури системаи малъуни заминии зиндамонӣ маҳкум мешавед.

Агар шумо масъалаи пулро ҳал накунед, ҳеҷ гоҳ ҳадафи офарида шудани худро ошкор намекунед!

Барои муқоиса биёед дар бораи он сӯҳбат мекунем, ки ҳаёти шумо чӣ тавр намудор шуда метавонист. Дар бораи машғулияти дӯстдоштаи худ фикр кунед. Масалан, бозии голф. Оё шунидаед, ки касе гуфта бошад: “Оббо, ман имрӯз бояд ба бозии голф равам”? Ё шунидаед, ки касе гӯяд: “Оббо, имрӯз шаби ҷумъа аст. Шаби ҷумъаро бад мебинам. Агар имрӯз шаби душанбе мешуд, ман боз ба кор рафта метавонистам”? Ё, гӯем, шуғли писандидаи шумо моҳидорӣ аст. Эҳтимол ман аз шумо шунавам: “Оббо, ман чӣ, имрӯз боз ба моҳидорӣ равам?” Не, шубҳа дорам, ки инро мешунавам, чунки шумо ба моҳидорӣ иштиёқ доред. Чӣ мешуд, агар шумо нисбат ба коре машғул ҳастед, бо чунин иштиёқ ва ғайрат муносибат мекардед, ва ба иштиёқи худ тамаркуз карда, дар он лаҳзаҳои лаззатбахшро пайдо мекардед, на азобро? Чӣ мешуд, агар шумо барои таъминоти оила пули кифоя медоштед, ва аз мушкилоти молиявӣ озод зиндагӣ мекардед? Оё дар ҳақиқат чунин имконият мавҷуд ҳаст? Ман ва Дренда ошкор кардем, ки ҳаст!

> *Баракати Худованд сарватманд мекунад, ва ғаму ғуссае бо худ намеоварад.*
>
> *– Масалҳо 10:22*

Ҳоло ин ҷои Навиштаҷотро оҳиста ва бодиққат хонед. Дар тарҷумаи ибронии қадимӣ он айнан инро мефамонад: “Баракати Худованд боигарие меорад, ки меҳнати вазнин талаб намекунад”. Шумо инро мебинед? Подшоҳии Худо аз системаи меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин, ки Одам ба мо боқӣ гузоштааст, роҳи халосиро муҳайё месозад. Оё ин оят аз ростӣ маънои онро дорад, ки дар он гуфта мешавад? Агар шумо розӣ шавед, ки ҳа, пас шумо ҳозиракак дар муддати зиёд аз ҳама беҳтарин хабарро шунидед. Маҳз ҳамин тавр аст! Ана барои чӣ дар боби 61-уми Китоби Ишаъё, ки дар бораи Исо ва хидматгузории Ӯ нубувват карда шудааст, гуфта мешавад:

> *Рӯҳи Худованд Худо бар Ман аст, зеро ки Худованд Маро тадҳин намудааст: Маро фиристодааст,* **то ки ба мискинон башорат диҳам...**
>
> *– Ишаъё 61:1*

Барои одаме, ки дар доми системаи малъуни заминии зиндамонӣ зиндагӣ мекунад, хабари хуш аз чӣ иборат аст? Озодии молиявӣ, албатта! Исо айнан мегӯяд, ки Подшоҳии Худо ба мо некӯаҳволие ато мекунад, ки аз чаҳорчӯбаи маҳдуди ин системаи меҳнати пурмашаққат, ки бо арақи ҷабин карда мешавад, берун аст. Биёед рӯирост гап мезанем. Шумо метавонед танҳо бо суръати муайян бидавед, ва аксари одамон, хеле сахт давида, мефаҳманд, ки ин ҳоло ҳам барои ба даст овардани озодӣ кифоя нест. Он нӯҳ соле, ки мо бо Дренда бо қарзҳои гарон умр ба сар мебурдем, ман ҳар қадаре ки метавонистам, сахт медавидам. Тӯдаи мизоҷони бешумори мо, ки дар 27 соли охир ба ширкати

мо меоянд, низ ҳар қадаре ки метавонистанд, ҳамон қадар сахттар медавиданд. Аммо бо вуҷуди кӯшишҳои зиёд, ба ҳар ҳол онҳо дар доми ғуломии молиявӣ буданд. Ҳамаи онҳо ба мо занг мезаданд, зеро ба хулосаҳои даҳшатнок меомаданд, ки дар масъалаи молиявӣ беилоҷ ҳастанд, орзуҳои онҳо барои ба даст овардани озодии молиявӣ мушкилтару мушкилтар гардидааст, ва биниш бо зиндамонӣ иваз шудааст.

Биёед калимаи “таъминот”-ро дида мебароем. Таъминот ба мо имконият медиҳад, ки бинишамонро ба амал барорем. Бидуни таъминот одамон биниши худро барои ҳаёт аз даст медиҳанд, чунки бе таъминот худи ҳамин таъминот биниши асосӣ мегардад. Ва бисёр одамон маҳз бо ҳамин тарз зиндагӣ мекунанд – бо ҳаёти бе биниш. Ин шакли фиребандатарини ғуломӣ аст.

## БОБИ 7

# ДАР

Биёед ба шарҳи мухтасари он чизҳое, ки дар бораи Подшоҳии Худо фаҳмидем, диққат мекунем. Аввалан, мо фаҳмидем, ки одам дар замин ҷойгир карда шуд, то ки бар он ҳукмронӣ кунад. Мо дар Нома ба Ибриён 2:7-8 дидем, ки дар замин ҳеҷ чизе нест, ки ба одам тобеъ накарда шуда бошад. Мутобиқ ба ин мо пай мебарем, ки одам ба воқеияти заминӣ калид ё дар гардид. Шайтон инро медонист, ана барои ҳамин, бо мақсади ба даст гирифтани қудрати ҳукмронӣ бар замин, вай ба Одам ва Ҳавво ҳамла кард. Вақте ки Одам ва Ҳавво ба нақшаи фиреби вай таслим шуданд, онҳо гуноҳ содир карданд ва худро аз татбиқи амалии ҳокимияти қонунии Худо дар ҳаёташон маҳрум сохтанд. Рӯҳи Худо, ки аз лаҳзаи офариниш онҳоро фаро гирифта буд, маҷбур шуд, ки ақибнишинӣ кунад. Онҳо на фақат аз лиҳози физикӣ, балки аз лиҳози рӯҳонӣ низ бараҳна шуданд. Вақте ки Рӯҳи Худо аз онҳо дур шуд, метавонам он ҳолати шокро, ки ба он онҳо дучор шуданд, тасаввур кунам. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки онҳо зуд ба дӯхтани барги анҷир сар карданд, то ки худро бо он пӯшонанд, чунки худро бараҳна диданд.

Гарчанде одам ҳоло ҳам дар мавқеи идоракунандаи замин, ки ба ӯ аз лаҳзаи офариниш дода шуда буд, боқӣ монда бошад

ҳам, ӯ аз ҷиҳати рӯҳонӣ қудрат ва қуввати дар замин ҳукмронӣ карданро аз даст дод. Азбаски ӯ интихоб намуд ва бар зидди Худо қиём кард, ва ба Шайтон бовар карда ба ҷои Худо ба ӯ розигӣ дод, ӯ дар зери ҳукмронии Шайтон монд ва мувофиқан ӯ низ ба ҳамон маҳкумияте гирифтор шуд, ки Шайтон (Лютсифер) ҳангоми ронда шуданаш аз Осмон дучор шуда буд. Ин маҳкумият дӯзах буд – макони азоб ва маҳрумияти абадӣ аз ҳузури Худо. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дӯзах на барои инсон бунёд карда шуда ва на барои вай таъин карда шуда буд. Мақсади Худо ин набуд, ки касе ба онҷо афканда шавад.

> *Он гоҳ ба онҳое ки ба тарафи чапи Ӯ ҳастанд, хоҳад гуфт: «Эй малъунон, аз Ман дур шавед ва ба оташи ҷовидоние ки барои иблис ва фариштагони вай муҳайё шудааст, биравед».*
>
> *– Матто 25:41*

Барои аз сарнавишти ҳалокатбор раҳо кардани одам, Худо лозим донист, ки ҳокимияти Худро дар замин барқарор кунад. Ӯро лозим буд, то усули бозпас гирифтани қудратеро, ки Шайтон ба даст оварда буд, пайдо намояд. Дар ин ҷо танҳо як усулро ба кор бурдан мумкин буд. Ягон каси бегуноҳ бояд ба таври ихтиёрӣ ҷои Одамро мегирифт ва ҷазои маргро ба худ қабул мекард. Вале барои иҷрои эҳтимолии ин нақша як проблема халал мерасонид. Ҳар як инсоне, ки ҳамчун насли Одам дар рӯи замин зиндагӣ мекард, гуноҳкор ҳисоб мешуд, бинобар ин ҳеҷ кас қодир набуд, ки Рӯҳи Худо ва қудрати Ӯро дар худ дошта бошад. Вале Худо барои ҳалли ин проблема нақша дошт. Ин нақша талаб мекард, ки стандартҳо ва қонунҳои одилонаи Ӯ дар воқеияти заминӣ тасдиқ ва сабт карда шаванд, ва агар ин умуман имконпазир мебуд одаме, ки мутобиқи ин қонун дар замин зиндагӣ мекард, беайб ҳисоб карда мешуд. Он гоҳ ва танҳо он гоҳ ин шахс даъват шуда

ва ба ҷои Одам гузашта, ҷазо ва подоши Одамро ба гардани худ гирифта метавонист.

Аммо бо ин идея проблемаи воқеие пайдо шуд, зеро одаме, ки бояд қурбон мешуд, мебоист аз зоти Одам набошад, чунки насли ӯ гуноҳкор ва аз ҳузури Худо ҷудо шуда буд. Пас, бо кадом роҳ ин нақшаи наҷот имкони иҷро шуданро дошт? Барои он ки ин нақша ба амал оварда шавад, ба Худо лозим шуд, ки шахсеро ба замин ҷойгир кунад, ки аз насли Одам набошад, то омода бошад, ки барои одамон ҷони худро фидо кунад. Вале муҳити заминӣ ба дасти Одам ва насли ӯ супурда шуда буд, бинобар ин мутобиқ ба мақоми расмӣ ин ғайриқонунӣ буд. Танҳо як усули иҷро кардани он мавҷуд буд, усули ягона. Одам бояд дар ин ҷо, дар замин, таваллуд мешуд, вале мебоист аз насли Одам набошад.

Дар назари аввал ин ғайриимкон менамояд. Вале аз лиҳози техникӣ ин гуна усул мавҷуд буд. Худо дар асоси қонун дар ин ҷо, дар замин, ба зан тухми мардро ҷойгир карда метавонист, агар Ӯ мардеро пайдо мекард, то вай бовар карда тавонад, ки Худо ин корро ба амал оварда метавонад, ва, бо ҳамин тариқ, ба Ӯ ҳуқуқи қонунӣ дода мешуд. Дар ёд дошта бошед, ки калид барои муҳити заминӣ маҳз дар дасти одам буд. Шайтон айни ҳамон калидро истифода бурд, то ба воқеияти заминӣ роҳ ёбад ва мавқеи рӯҳонии қудрати ҳукмрониро бар замин аз одам бидуздад. Барои он ки нақшаи Худо ба кор ояд ва ба Шайтон, ки албатта ба Худо даъвогарӣ карда метавонист, қонунӣ будани ин нақша исбот карда шавад, ба Худо лозим буд, ки марде ва занеро пайдо бикунад, то онҳо ба Ӯ роҷеъ ба кӯдак боварӣ кунанд, дар ҳоле ки барои онҳо соҳиби ин кӯдак шудан тамоман ғайриимкон буда метавонист. Онҳо бояд дар чизи имконнопазир ба Худо бовар мекарданд.

Таваллуди ин кӯдак ҳамчунин ваъдаҳоро оид ба қисмати ӯ амалӣ мекард, то ба воситаи ин насл ҳамаи халқҳо баракат дода мешуданд ва маҳз бо воситаи насли ӯ Худо асоси қонунӣ ва ҳуқуқи

ба ин ҷаҳон овардани Исоро дошта метавонист. Агар ҷуфте ёфт мешуд, то бовар кунад, ки Худо ин корро карда метавонад – дар батни фарсуда кӯдак ба вуҷуд орад, ва ҳамчунин бовар кунад, ки ба воситаи ин кӯдак халқҳо баракат меёбанд ва таваллуди ӯ ба онҳо, дар муқоиса бо реги баҳр, зиёдтар насл меорад, он гоҳ Худо асоси қонунии ба Худаш зарурро пайдо мекард, то дертар тухми Худро ба Марям, модари Исо, ҷойгир кунад. Оё ба Худо муяссар шуд, ки чунин одамро пайдо кунад? Ӯро Иброҳим меномиданд – падари имони мо.

> *Дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳим умедвор шуда, имон овард, то ки падари халқҳои бисёр шавад, аз рӯи он чи гуфта шудааст: «Насли ту чунин хоҳад буд». Ва имонаш суст нашуд, ва ба он ҳам назар накард, ки ҷисми ӯ, дар синни қариб садсолагӣ, аллакай пир шудааст, ва батни Соро низ аз кор баромадааст; ва ба ваъдаи Худо аз беимонӣ шубҳа накард, балки дар имонаш устувор истода, Худоро ҳамду сано хонд, ва боварии комил дошт, ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст.*
>
> *– Румиён 4:18-21*

Иброҳим ва Соро ба Худо имон оварданд ва гарчанде ки ҳар ду пир шуда буданд ва барои фарзанд таваллуд кардан қодир набуданд, Исҳоқро таваллуд карданд. Азбаски Иброҳим ба Худо бовар кард, ваъда маҳз бо ҳамин дари кушода омада тавонист. Исо бояд аз насли Иброҳим таваллуд мешуд. Иҷозат диҳед, ки ҳамаашро фаҳмонам. Барои он ки Худо Исоро ба ин ҷаҳон биёрад, Ӯ мебоист аз насли Иброҳим таваллуд мешуд. Ӯ мебоист! Ба воситаи Иброҳим омадани Ӯ ин ягона роҳи қонунӣ буд. Ана барои чӣ, агар шумо боби 1-уми Инҷили Матторо нигоҳ кунед, рӯйхати дилтангкунандаеро мебинед, ки дар он ким-кӣ дар ким-

куҷо ким-кадомро аз ким-кӣ таваллуд кард, навишта шудааст. Ин боб бо сабаби муайян дар аввал ҷой дода шудааст. Ин он далелро тасдиқ мекунад, ки дар ин ҷо, дар замин, Исо аз насли Иброҳим буд. Ин нуқтаро дар ин ҷо, дар замин, ки Шайтон барои қудрат ва ҳокимияти қонунии худ даъвогарӣ мекунад, қайд кардан зарур буд. Агар ин рӯйхат нодуруст мебуд ё Исо дар асл ба воситаи насли Иброҳим намеомад, он гоҳ Шайтон арз карда метавонист, ки таваллуд ва зиндагии Исо қаллобӣ буд ва Ӯ наметавонист, ки асосе барои пардохт кардани музди гуноҳи моро дошта бошад.

Агар шумо дар ёд дошта бошед, ба Исроил бисёр қонунҳое дода шуда буд, ки бо ғайрияҳудиён оила барпо карданро манъ мекарданд. Агар исроилӣ ба никоҳи шахсе, ки аз қавми бегона аст, дарояд, ҷазояш марг буд. Акнун шумо мефаҳмед, ки барои чӣ ин насабнома пок бояд мемонд ва барои чӣ онро ҳамин қадар бодиққат мушоҳида мекарданд. Бале, шумо барои занони қавми дигар, ки ба мардони исроилӣ ба шавҳар баромадаанд, истисноро мебинед, масалан, Роҳоб, ки дар Ериҳӯ зиндагӣ мекард ва ҷосусонеро, ки барои аз назар гузаронидани замин фиристода шуда буданд, пинҳон карда буд. Бале, вай дар боби 1-уми Инҷили Матто ёдоварӣ карда шудааст, ва вай ба марди исроилӣ ба шавҳар баромад. Вале дар ин ҷо фаҳмидан зарур аст, ки дар фарҳанги ибриён шаҷара ба воситаи мард бурда мешуд.

**ИБРОҲИМ ВА ВОРИСОНИ Ӯ БЕРУН АЗ ЛАЪНАТИ МЕҲНАТИ САНГИН, КИ БО АРАҚИ ҶАБИН БА АМАЛ ОВАРДА МЕШУД, ЗИНДАГӢ МЕКАРДАНД.**

Ба ман иҷозат диҳед, ки як лаҳза аз мавзӯъ берун шавам. Имрӯз дар бораи он, ки одам дар замин аз кай боз зиндагӣ мекунад, бисёр муҳокимарониҳо гузаронида мешаванд. Оё мо умуман имкони ёфтани ҷавобро дорем? Бале! Ман шуморо дар як чиз бовар мекунонам: он рӯйхат, ки дар боби 1-уми Инҷили

Матто омадааст, бояд дақиқ бошад. Касе аз эътибор берун намондааст, вагарна мо аз наҷоте, ки ҳоло дорем, лаззат бурда наметавонистем. Шайтон ба даъво кардан шурӯъ мекард. Ин рӯйхат бояд комил мешуд! Инро асос карда, мо вақти умумии сукунати одамро дар рӯи замин тақрибан ҳисоб карда метавонем. Ман ҳамту фикр кардам, ки аз ин шуморо хабардор кунам.

> *Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд оварам, ва туро баракат диҳам, ва номи туро бузург созам: ва ту намунаи баракат хоҳӣ шуд; ва баракат диҳам онҳоеро, ки туро муборак хонанд, ва лаънат гӯям ба онҳое ки туро малъун хонанд; ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост.*
>
> *– Ҳастӣ 12:2, 3*

Чуноне ки шумо дар ин ҷои Навиштаҷот дида метавонед, даре, ки ба воситаи Иброҳим ба воқеияти заминӣ кушода шуд, роҳи қонуние гардид, ки Исои Масеҳ дертар дохил шуда ва тамоми қабилаҳои заминро баракат дода тавонист. Гарчанде Иброҳим ва насли ӯ ба Худо асоси қонунӣ ва юрисдиксияи заруриро фароҳам оварданд, то ки боз ба замин қудрат ва таъсири ҳокимияти Ӯ оварда шавад, то даме ки Худо Исоро ба ин ҷаҳон наовард ва Ӯ нархи гуноҳи Одамро насупорид, одам ҳанӯз ҳам дар дом, дар зери бори гуноҳ ва марги рӯҳонӣ монда буд. Дар масъалаи таъминот бошад, мо мебинем, ки Иброҳим ва насли ӯ, ки мӯҳри хатнаро дар худ доштанд, комёб мешуданд. Акнун онҳо берун аз меҳнати сангин, ки бо арақи ҷабин ба амал оварда мешуд, зиндагӣ мекарданд.

> *Ва Абром аз чорво, ва нуқра, ва тилло хеле бой буд.*
>
> *– Ҳастӣ 13:2*

Дар ин ҷои Навиштаҷот мо тағйиротҳои ҷиддиеро мушоҳида мекунем, ки ин аҳд алоқамандона ба таъминот ба вуҷуд овард. Оё шумо фарқияти он чиро, ки Худо дар ин ҷо ба Иброҳим гуфт, дар муқоиса бо он, ки Худо дар Китоби Ҳастӣ 3:17 ба Одам гуфта буд, дида истодаед? Дар ёд доред, пас аз он ки Одам гуноҳ кард, Худо ба вай гуфт, ки акнун вай бо андӯҳ заҳмат хоҳад кашид ва бо арақи ҷабин нон хоҳад хӯрд? Вале дар муносибат бо Иброҳим мо дигаргунӣ мебинем. Худо мегӯяд: “Ман аз ту насли бузург ба вуҷуд меорам”. Дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки Иброҳим ба худаш ҳавола карда мешавад, то ки бо арақи ҷабин меҳнат карда, бо тамоми қуввати худ ба чизе ноил шавад. Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки акнун Худо ба кор сар мекунад. Ӯ мегӯяд: “Ман ба вуҷуд меорам!” Инак, оё мо тасаввур карда метавонем, ки Иброҳим нӯг ба нӯг зиндагӣ мекунад? Дар гумон аст!

**ХУДОВАНД БАРОИ ТУ ГАНҶИНАИ НЕКӮИ ХУД, ЯЪНЕ ОСМОНРО ВОЗ ХОҲАД КАРД, ТО КИ БОРОНИ ЗАМИНИ ТУРО ДАР САРИ ВАҚТ БИБОРОНАД ВА БА ҲАР ШУҒЛИ ДАСТИ ТУ БАРАКАТ ДИҲАД.**

**– ТАКРОРИ ШАРИАТ 28:12**

Иброҳим сарватманд буд! Фарзандони ӯ сарватманд буданд! Иброҳим берун аз системаи малъуни заминӣ зиндагӣ мекард. Одамон дер интизор нашуданд, ки дигаргуниҳоро бубинанд. Ин тағйиротҳо дар тамоми насли ӯ зоҳир шуданд. Ва дар ҳақиқат, пас аз чанд насл абераи Иброҳим Яъқуб ба падарарӯси худ Лобон кор мекард. Лобон дар Яъқуб баракатро дид ва кӯшиш кард, бо фиреб ӯро аз бурдборӣ маҳрум созад. Аммо Худо нақшаҳои Лобонро ба зидди худи ӯ равона кард ва Яъқубро бо сарвати бузург баракат дод.

Ман дар бораи он ҳарф зада истодаам, ки ҳатто вақте ки одамон барои боздоштани баракати ӯ кӯшиш кунанд ҳам, ба ҳеҷ чиз муваффақ нашуданд. То даме ки ворисони Иброҳим ба

аҳд вафодор мемонданд ва Худоро ибодат мекарданд, Ӯ онҳоро баракат медод.

Дар бораи маънои он чизе, ки ман мегӯям, андеша кунед! Ман мактубҳои хеле гуногун ва паёмакҳои электронӣ мегирам, ки дар онҳо одамон мегӯянд, ки ман дар бораи пул бисёр гап мезанам. Онҳо мегӯянд, ки тараққиёт иродаи Худо нест ва ҳамаи мо нархи баланди хидматгузориро ба Худо супорида, бояд дар ин дунё азоб кашем. Ман қисман бо ин ақида розӣ ҳастам. Дар Инҷили Марқӯс 10:30 Исо дар ҳақиқат ҳам гуфтааст, ки некӯаҳволии мо моро водор мекунад, ки таъқиботро аз сар гузаронем. Мутаассифона, бисёр масеҳиён бовар доранд, ки Худо хӯҷаини сахтгир аст ва мо бояд азоб кашем, танҳо барои зиндамонӣ умр ба сар барем, барои камбағалона зиндагӣ кардан савганд хӯрем ва аз заъф ва касалиҳо бемадор шавем. Не, ин системаи малъуни заминӣ аст, на баракат! Худо мехоҳад, ки шуморо аз ҷиҳати молиявӣ устувор гардонад.

## Худо туро устувор гардондан мехоҳад!

Агар молиёти шумо таъмин ва пойдор нестанд, вазифаи рӯҳонии худро иҷро карда натавониста, – дар асл дар ғуломӣ зиндагӣ карда, маҷбур мешавед, ки тамоми ҳаёти худро танҳо барои зиндамонӣ сарф кунед. Нигоҳ кунед, ки Худо ба ворисони Иброҳим дар Такрори Шариат 28:8-13 чӣ гуфтааст.

> *Худованд ба ту дар анборҳоят ва дар ҳар шуғли дастат баракат хоҳад фиристод, ва туро дар замине ки Худованд ба ту медиҳад, бобаракот хоҳад кард. Худованд туро барои Худ қавми муқаддас хоҳад гардонид, чунон ки ба ту қасам хӯрдааст, агар аҳкоми Худованд Худои худро риоя намуда, бо роҳҳои Ӯ равона шавӣ. Ва ҳамаи қавмҳои замин хоҳанд дид, ки исми Худованд бар ту хонда шудааст, ва аз ту хоҳанд тарсид. Ва Худованд ба ту дар меваи батнат, ва*

> *дар самараи чорпоёнат, ва дар ҳосили заминат, дар замине ки Худованд ба падаронат қасам хӯрдааст, ки ба ту бидиҳад, фаровонии зиёде хоҳад бахшид. Худованд барои ту ганҷинаи некӯи Худ, яъне осмонро воз хоҳад кард, то ки борони замини туро дар сари вақт биборонад ва ба ҳар шуғли дасти ту баракат диҳад, ва ту ба халқҳои бисёр қарз хоҳӣ дод, вале худат қарз нахоҳӣ гирифт. Ва Худованд туро сар хоҳад кард, на дум; ва фақат баланд хоҳӣ буд, на паст, — агар ту ба аҳкоми Худованд Худои худ, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, гӯш андозӣ, ва онҳоро риоя намуда, ба ҷо оварӣ.*
>
> *– Такрори Шариат 28:8-13*

Диққат кунед, ки гарчанде ки онҳо аллакай ваъдаро соҳиб буданд, ҳанӯз дар замини нав ҷойгир нашуда буданд. Аммо Мӯсо мегӯяд, ки Худо онҳоро устувор мегардонад! Барои фаҳмидани он ки чӣ тавр ин намудор шуда метавонад ва Худо ба онҳо чиро гуфтан мехоҳад, дар бораи дарахти булут фикр кунед. Вақте ки булут ҳанӯз навниҳол аст, ҳар кас метавонад, ки онро аз як ҷо ба ҷои дигар барад. Аммо вақте ки булут сабзида, дарахти калон мешавад, ҳеҷ кас онро аз ҷояш ҷунбонида наметавонад. Он устувор аст.

> *Худованд ба ту дар анборҳоят ва дар ҳар шуғли дастат баракат хоҳад фиристод, ва туро дар замине ки Худованд ба ту медиҳад, бобаракот хоҳад кард. Худованд туро барои Худ қавми муқаддас хоҳад гардонид (дар варианти англисӣ: туро устувор хоҳад гардонид – эзоҳ. тарҷумон).*
>
> *– Такрори Шариат 28:8, 9*

Аз ҷиҳати молиявӣ устувор будан – ин чӣ маъно дорад? Худо

дар ин бора ба мо айнан дар ин ҷо, дар оятҳои 12, 13, чунин мегӯяд:

> *Ва ту ба халқҳои бисёр қарз хоҳӣ дод, вале худат қарз нахоҳӣ гирифт. Ва Худованд туро сар хоҳад кард, на дум.*

Худо ба онҳо мегӯяд, ки онҳоро чунон баракат додан мехоҳад, ки онҳо қарз медиҳанд, вале қарз намегиранд. Онҳо сар мешаванд, на дум. Дум дар он ҷое, ки равона аст, ҳуқуқи интихоб надорад; он танҳо ба ҷое меравад, ки сар онро мебарад.

> *Сарватдор бар камбағалон ҳукмронӣ мекунад, ва қарздор ғуломи қарзхоҳ мегардад.*
>
> *– Масалҳо 22:7*

Қарздорон устувор шуда наметавонанд. Онҳо ба раҳмати қарздиҳанда вобастаанд, ҳамчун ғулом заҳмат мекашанд, озодӣ надоранд. Вале Худо мегӯяд: “Не! Ман онҳоро устувор гардонидан мехоҳам!” Ҳеҷ кас ба ту гуфта наметавонад, ки аз хонаат берун шавӣ, агар ту нархи онро пардохт карда бошӣ. Ҳеҷ кас мошини туро гирифта наметавонад, агар он пурра пардохт карда шуда бошад. Дастархони ту пур аз нозу неъмат хоҳад буд, ва ту дар замини пурра харидашуда супориши худододаро иҷро карда ва дар некӯаҳволии комил зиндагӣ карда метавонӣ.

**Ту устувор хоҳӣ буд!**
**Худо мехоҳад, ки ту комёб бошӣ!**

БОБИ 8

# ҚУВВАТИ РИЗОИЯТ

Он чизе, ки ҳозир шумо мехонед, принсипи хеле қавии Подшоҳии Худо мебошад, он қадар қавӣ аст, ки ман онро зерсарлавҳаи ин китоб гардонидам. Мо онро дар саргузашт ва ҳаёти Юсуф, абераи Иброҳим, пайдо мекунем. Таърихи ин воқеаро ба ёди шумо меорам: Юсуфро бародаронаш бад медиданд ва ба ӯ қасд доштанд. Умуман, онҳо вайро куштан мехостанд, вале яке аз бародаронаш тайёр набуд, ки то ин дараҷа аз ҳад гузарад, ба ҷои ин онҳо Юсуфро ба тоҷироне, ки аз он ҷо гузашта мерафтанд, фурӯхтанд, ва онҳо ӯро ба Миср бурда, дар он ҷо ба Фӯтифар, сардори посбонони фиръавн, фурӯхтанд.

> *Ва Юсуфро ба Миср бурданд; ва ӯро Фӯтифар ном марди мисрӣ, ки дарбории фиръавн, сардори посбонон буд, аз дасти исмоилиёне ки ӯро ба он ҷо бурда буданд, харид. Ва Худованд бо Юсуф буд; ва ӯ марди комёб шуд, ва дар хонаи оғои мисрии худ бимонд. Ва оғояш дид, ки Худованд бо ӯст, ва ҳар он чи ӯ мекунад, Худованд дар дасти ӯ муваффақият меоварад. Ва Юсуф дар назари вай илтифот ёфт, ва ба вай хизмат мекард. Ва ӯро ба хонаи худ баргумошт, ва тамоми дороии худро ба дасти ӯ дод. Ва аз ҳамон вақте ки ӯро ба хонаи*

*худ ва ба тамоми дороии худ баргумошт, Худованд хонаи он мисриро барои хотири Юсуф баракат дод, ва баракати Худованд бар ҳамаи дороии вай чи дар хона, чи дар саҳро буд. Ва ҳар он чи дошт, ба дасти Юсуф вогузошт; ва аз он чи бо ӯ буд, ҳеҷ хабар надошт, ҷуз ноне ки мехӯрд. Ва Юсуф хушандом ва хушрӯй буд.*

*– Ҳастӣ 39:1-6*

Ба қисми дуюми ояти 2 диққат диҳед: "Ва Худованд бо Юсуф буд; ва ӯ марди комёб шуд". Ин чӣ маъно дорад?

Магар Худо бо ҳамаи мо нест? Дар контексти он, ки мо дар бобҳои қаблӣ дар бораи насабнома гуфтем, ҷавоб "не" аст. Дар ёд доред, имони Иброҳим ва аҳди баъдина ба Худо асоси қонунӣ доданд, ки Ӯ ба ҳаёти Иброҳим ва ворисони вай – ва танҳо ба онҳо дахолат кунад. Бинобар ин, роҷеъ ба он ки Худо бо ҳар яки мост, ҳарф зада истода, инро бо он аралаш кардан даркор нест, ки Худо ҳар яки моро дӯст медорад – ин ҳамин тавр аст. Аммо барои онҳое, ки бо роҳи қонунӣ дар назди Худо истода наметавонанд, дасти Ӯ баста аст.

*Дар он замон шумо бе Масеҳ, аз ҷамоати Исроил ҷудо ва нисбат ба аҳдҳои ваъда бегона будед, дар олам бе умед ва бе Худо будед. Аммо акнун, дар Исои Масеҳ, шумо, ки як вақте дур будед, бо Хуни Масеҳ наздик шудаед.*

*– Эфсӯсиён 2:12, 13*

Диққат кунед, Навиштаҷот дар ин ҷо мегӯяд, ки мо бе аҳд будем, яъне Худо ва қуввати Ӯ дар асоси қонун аз мо ҷудо карда шуда буд. Барои чӣ? Чунки бе ризоият ё аҳд бо одам Худо барои дар ин ҷо, дар замин, амал кардан асоси қонунӣ ё юрисдиксия надорад. Ин оят равшан нишон медиҳад, ки бидуни аҳд одамон дар ин дунё бе умед ва бе Худо зиндагӣ мекунанд. Дар ёд доред, ки азбаски Исо барои мо аҳди навро барқарор кард, мо узви оилаи Худо,

шаҳрвандони Подшоҳии бузурги Ӯ, шудем (Эфсӯсиён 2:19).

**ЧУНКИ БЕ РИЗОИЯТ Ё АҲД БО ОДАМ ХУДО БАРОИ ДАР ИН ҶО, ДАР ЗАМИН, АМАЛ КАРДАН АСОСИ ҚОНУНӢ Ё ЮРИСДИКСИЯ НАДОРАД.**

Инак, акнун, ба ояте, ки дар боби 39-уми Китоби Ҳастӣ хондем, баргашта, мо мефаҳмем, ки ибораи "Худо бо Юсуф буд" чӣ маъно дорад: ин чунин маъно дорад, ки дар асоси қонун Худо ба воситаи аҳде, ки бо ҷадди вай Иброҳим баста буд, ба ҳаёти Юсуф таъсир расонида метавонист. Ин аҳд, ки барои амал кардани баракат ва таъсири Худо имкон фароҳам меовард, системаи меҳнати пурмашаққатеро, ки бо араќи ҷабин карда мешуд, бартараф карда гузашт. Маҳз Худо бояд Юсуфро баракат медод.

Оё дар хотир доред, ки Худо пештар ба Иброҳим чӣ гуфт: "Ман аз ту ... ба вуҷуд меорам"? Азбаски Худо бо Юсуф буд, ва ба ӯ дар ҳаёт ёрӣ медод, вай дар ҳар коре, ки мекард, комёб буд, то он дараҷа ки хӯҷаини ғайрияҳудии ӯ Фӯтифар дар муқоиса бо одамони дигаре, ки мешинохт, дар қобилиятҳои Юсуф фарқи калонеро дид. Ман бояд дар ин ҷо қайд кунам, ки вақте мо бо мадади Худо комёб мешавем, одамоне, ки дар системаи малъунӣ зиндамонӣ умр ба сар мебаранд, фарқиятро мушоҳида мекунанд! Фӯтифар он қадар мутаассир шуд, ки Юсуфро ба тамоми хонаи худ гумошта таъин кард. Дар ин ҷои Навиштаҷот бисёр принсипҳои Подшоҳӣ ҳастанд, вале аз ҳама асоситарини онҳо ба тариқи зайл аст. Ман онро "қуввати ризоият" меномам, онро "принсипи Фӯтифар" номидан мумкин аст. Он дар Китоби Ҳастӣ 39:5 навишта шудааст:

> *Ва аз ҳамон вақте ки ӯро ба хонаи худ ва ба тамоми дороии худ баргумошт, Худованд хонаи он мисриро барои хотири Юсуф баракат дод, ва баракати Худованд бар ҳамаи дороии вай чи дар хона, чи дар саҳро буд.*
>
> *– Ҳастӣ 39:5*

Ман мехоҳам, то шумо тасвири возеҳи онро, ки дар ин ҷо чӣ рӯй дода истодааст, бубинед. Дар ин рӯз Юсуф бар сари ҳама гумошта нашуд, вале рӯзи дигар аллакай гумошта таъин карда шуд. Китоби Муқаддас он лаҳзаеро, ки ин тағйирот ба амал меояд, қайд мекунад. Баракати Худованд ба ҳама чизе, ки Фӯтифар дошт, ба тамоми дороии ӯ омад! Аммо Фӯтифар Худои Юсуфро намешинохт ва узви халқи Исроил набуд. Пас чаро ин тавр шуд ва ин чӣ маъно дорад? Ман ба шумо ҷавоб медиҳам. Вақте ки Фӯтифар тамоми хонадони худро ба ихтиёри Юсуф супорид, вай худаш нафаҳмида, онро ба зери таъсири аҳде супорид, ки Юсуф бо Худо дошт.

**Дороӣ, замин ва моликияти Фӯтифар подшоҳиро дигаргун карданд!**

Мефаҳмед, моликияти Фӯтифар, то даме ки ба тахти идоракунии Юсуф нагузашт, аз лиҳози ҳуқуқӣ ба системаи малъуни заминӣ тааллуқ дошт. Вақте ки Фӯтифар дороии худро ба юрисдиксияи Юсуф супорид, ӯ дарк намекард, ки бо ин кораш онро дар зери таъсири баракати Худо қарор дод. Баъдтар дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки аз рӯзе ки Юсуф ба хонаи Фӯтифар гумошта таъин шуд, ӯ, яъне Фӯтифар, ба ғайр аз ноне, ки Юсуф мехӯрд, дигар ташвише ё хавотирие надошт. Ӯ ташвише надошт! Ва ташвише надошта, Фӯтифар ҳамчун сардори посбонони фиръавн пурра ба иҷрои мақсаду вазифаҳои худ машғул шуда метавонист. Дар ин ҷо бисёр маъно нуҳуфта шудааст, аммо чизе ки Фӯтифар худаш нафаҳмида аз сар гузаронид, дар боби 4-уми Нома ба Ибриён оромии рӯзи шанбе номида

**ШАНБЕ ТАҶАССУМГАРИ ОН РӮЗЕ ГАРДИД, КИ ДАР ОН БА ОДАМ ЛОЗИМ НАМЕШАВАД, КИ ТАНҲО БАРОИ ЗИНДА МОНДАН БО АРАҚИ ҶАБИН БА МЕҲНАТИ ПУРАЗОБ МАШҒУЛ ШАВАД.**

шудааст, ва оре, он барои имондорони Аҳди Ҷадид дастрас аст.

Агар шумо мавзӯи Шанберо омӯзед, он гоҳ мефаҳмед, ки ин рӯз ба исроилиён иҷозат намедод, ки коре кунанд, ягон хел резонидани арақ ё меҳнати пуразоб пешбинӣ карда нашуда буд. Шанбе, албатта, рӯзи ҳафтуми ҳафта буд ва ба рӯзи ҳафтуми офариниш мувофиқ аст. Шумо, эҳтимол, дар ёд доред, ки Худо рӯзи ҳафтуми офариниршро рӯзи оромӣ номида буд. Ин на барои он рӯзи оромӣ буд, ки Худо хаста шуд, балки корро ба анҷом расонид. Ҳама чиз мукаммал шуд. Рӯзи ҳафтум аз аввал рӯзе буд, ки дар он одам мебоист зиндагӣ мекард, – рӯзи бе ташвиш, рӯзе буд, ки ҳама чизи ба одам лозим, пеш аз он ки вай ба он эҳтиёҷ пайдо кунад, аллакай муҳайё буд. Аммо, албатта, мо медонем, ки Одам, вақте ки бар зидди Худо исён кард, ин оромиро аз даст дод. Бар зидди Худо исён карда, Одам худро аз таъминоти Худо маҳрум сохт. Ҳам ӯ макони оромиро, ки Худо пешакӣ барояш муҳайё карда буд, аз даст дод. Акнун Одам мебоист худашро худаш таъмин менамуд, бо араќи ҷабин барои меҳнати пуразоб вақт сарф мекард, то ки танҳо зинда монад.

Аммо Худо одамро ноумед накард. Ӯ ба вай тимсоли ҳамон оромиеро дод, ки замоне барқарор кардан мехост. Онро Шанбе ном ниҳод, яъне таҷассумгари ҳамон рӯзе, ки дар он ба одам лозим намешавад, ки танҳо барои рӯзгузаронӣ бо арақи ҷабин ба меҳнати пуразоб машғул шавад. Вақте ки Фӯтифар ба зери баракати Худо, ки Юсуф ба туфайли аҳд бо Худо ба вай гузаронид, дохил шуд, вай ба воситаи Юсуф ба таъминоти Худо пайванд шуд ва оромӣ пайдо кард. Ҳама чиз дар зери назорат буд, ӯ ҳеҷ ташвише надошт.

> *Ва ҳар он чи дошт, ба дасти Юсуф вогузошт; ва аз он чи бо ӯ буд, ҳеҷ хабар надошт, ҷуз ноне ки мехӯрд. Ва Юсуф хушандом ва хушрӯй буд.*
>
> *– Ҳастӣ 39:6*

Барои фаҳмидани аҳамиятнокии Шанбе ва ҳақиқате, ки Худо дар мисоли он ба одам нишон дод, ба як саволи оддӣ ҷавоб пайдо кардан зарур аст: чӣ тавр Шанбе имконпазир гардид? Ман дар назар дорам, ки дар системаи малъуни заминӣ зиндагӣ карда истода, инсон ҳар рӯз барои зиндамонӣ мубориза мебурд. Агар ин тавр бошад, пас чӣ тавр одам дар рӯзи шанбе набояд кор мекард? Агар кор кардан мумкин набошад, эҳтиёҷоти ӯ дар рӯзи шанбе чӣ тавр қонеъ карда мешуд? Ин саволи хубе аст, ки бояд ба он ҷавоб дод, ва дар ҷавоб мо дар бораи баракати Худованд, ки Юсуф бархурдор буд, кушоиш мегирем.

Ман фикр мекунам, ки мисоли зебои ин принсип дар боби 25-уми Китоби Ибодат оварда шудааст, дар он Худо ба халқи Исроил принсипи Соли юбилро мефаҳмонад. Мефаҳмонам, ки Соли юбил дар ҳар панҷоҳ сол фаро мерасид ва ба ин сол аҳамияти калоне дода мешуд, ки ҳоло ман дар бораи он муфассал гап намезанам. Аммо ҳақиқате, ки ман ба шумо нишон додан мехоҳам, аз он иборат аст, ки ҳамон сол исроилиён заминҳои худро кишт карда наметавонистанд. Феълан онҳо ҳамчунин дар соли 49-ум замини худро кишт карда наметавонистанд, зеро ин соли оромӣ ҳисоб мешуд. Инак, ман мехоҳам, ки шумо тасаввуроти равшан пайдо кунед: ба Исроил гуфта шуда буд, ки онҳо соли 49-ум ва 50-ум заминҳои худро кишт накунанд. Сипас онҳо то анҷоми соли 51-ум бояд интизор мешуданд, то ки кишти ҳосил пухта расад. Яъне феълан Худо ба онҳо мегуфт, ки онҳо дар давоми се сол ҳосил намеғундоранд. Агар ман ба шумо мегуфтам, ки дар давоми се сол шумо маош намегиред, шумо каме хавотир мешудед. Исроил низ хавотир шуд. Аз лиҳози табиӣ ин ғайриимкон буд. Вале Худо ба онҳо чизеро нишон дод:

> *Ва агар гӯед: “Дар соли ҳафтум чӣ мехӯрем, дар сурате ки кишт намекунем ва ҳосилоти худро намебардорем?“ Ман баракати Худро дар соли шашум бар шумо равона*

*хоҳам кард, ва он барои се сол ҳосил хоҳад дод. Ва дар соли ҳаштум кишт хоҳед кард, вале аз ҳосилоти кӯҳна хоҳед хӯрд; то соли нӯҳум, то пухта расидани ҳосили он, ҳосилоти кӯҳнаро хоҳед хӯрд.*

*– Ибодат 25:20-22*

Оромии шанбе танҳо барои он имконпазир мебуд, ки Худо рӯзи шашумро ду баробар баракат медод, яъне бештар аз андозаи даркорӣ таъмин мекард. Бигзор ин ибора каме дар шуури шумо нақш бандад. Магар ҳар яке аз мо толиби ин нест – то бештар аз андозаи даркорӣ бошад? Вақте ки Худо ба одам дар рӯзи шашум ду баробар зиёдтар медод, Ӯ бо ин амалаш нишон медод, ки таъмингари онҳо аст, ва Ӯ ҳамеша аз андозаи даркорӣ бештар ато мекунад. Биёед рӯирост гап мезанем: агар ту аз андозаи эҳтиёҷат бештар дошта бошӣ, ин туро аз давутози калламушҳо раҳо месозад, аз ғуломӣ ба озодии интихоб мегузаронад. Боз муҳимтаринаш, ин ба мо озодӣ мебахшад, то ки мақсаду мароми худро пайдо кунем ва дар онҳо комёб шавем. Маҳз ҳаминро Фӯтифар ба даст овард. Ҳеҷ гуна хавотирӣ. Ҳамаи эҳтиёҷоти ӯ қонеъ карда шудааст. Ягона чизе, ки бояд тамаркуз кард, ин рисолат аст. Бори дигар такрор мекунам, ки мо бо Дренда ҳамеша мегӯем: “То даме ки ту масъалаи пулро ҳал накунӣ, рисолати худро пайдо карда наметавонӣ”. Вале ман хабари хуш дорам! Оромии шанбе то ҳол ба мо дастрас аст – ин чунин ҷое аст, ки аллакай тамоми эҳтиёҷоти шуморо муҳайё кардаанд, ва мо аз рӯзгузаронӣ ба некӯаҳволӣ гузашта метавонем.

*Пас, барои қавми Худо боз оромии шанбе боқӣ мемонад. Зеро, касе ки ба оромии Ӯ дохил шудааст, худаш низ аз корҳои худ (аз меҳнати пуразоб бо арақи ҷабин) ором гирифтааст, чунон ки Худо аз корҳои Худ.*

*– Ибриён 4:9, 10*

Дар ҳаёти Фӯтифар Подшоҳии Худо қонуни заминии меҳнати пуразоби бо арақи ҷабинро бартараф карда гузашт ва айни ҳаминро барои ту низ мекунад. Вақте ки мо ба зери таъсири Подшоҳии Худо гузаштанро меомӯзем, он гоҳ осудаҳол мешавем ва мақсадҳои худро дарёфт менамоем. Ҳаёт аз хурсандӣ, иштиёқ ва фараҳмандӣ лабрез шуда метавонад, ин рост аст!

> *Баракати Худованд сарватманд мекунад, ва ғаму ғуссае бо худ намеоварад.*
>
> *– Масалҳо 10:22*

Баракати Худо боигарӣ меорад, ва Худо ба он меҳнати пуразобро илова намекунад. Чуноне ки дар Китоби Ҳастӣ 3:17 гуфта шудааст, мо берун аз системаи меҳнати пуразобе, ки бо арақи ҷабин карда мешавад, зиндагӣ карда метавонем. Ман то даме ки чӣ тавр кор кардани Подшоҳии Худоро нафаҳмидам, солҳои зиёд дар ин системаи зиндамонӣ умр ба сар мебурдам. Шумо низ инро фаҳмида метавонед. Худо бо шумост! Ӯ ба шумо ёрӣ расонида метавонад! Шумо комёб мешавед. Не, иҷозат диҳед, ки бо таври дигар гӯям: шумо бояд комёб шавед. Фӯтифарҳои ин дунё, ки Худоро намешиносанд ва аз лаънати ноумедӣ, меҳнати пуразоб ва мубориза барои ҳаёт шикаста шудаанд, ба шумо нигоҳ мекунанд.

**БА ШУБҲА ВА БЕИМОНИЕ, КИ ШУМОРО ИҲОТА КАРДААСТ, ПАЙВАНД ШУДАНРО БАС КУНЕД. ПОДШОҲИРО ИВАЗ КУНЕД ВА АЗ ОН ЧИЗ, КИ ХУДО БАРОИ ШУМО ДОРАД, ЛАЗЗАТ БАРЕД!**

Онҳоро дини шумо, биноҳои калисо ё оятҳои Навиштаҷот муассир намесозанд, чунки аз сабаби дар ҳаёти шумо набудани ҷавобҳо онҳо хуб дарк намекунанд. Интизор нашавед, ки одамон ба суханони шумо гӯш медиҳанд, дар ҳоле ки шумо “Худо бузург аст” мегӯед, вале

дар озурдагии ҷонгудози молиявӣ зиндагӣ мекунед ва ба мисли онҳо рӯз мегузаронед. Не, шумо ба монанди Юсуф бояд намоён кунед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад. Ман худро шахси дағал вонамуд кардан намехоҳам, вале одамон ахмақ нестанд. Ба онҳо ҷавобҳо лозиманд.

Ман солҳои зиёд ягон хел нуфуз надоштам. Ҳеҷ кас маро ба телевизион даъват намекард, ман аз паси худ калисои ҳазорнафариро ҳидоят намекардам. Барои чӣ? Чунки ман ҳеҷ чизе барои гуфтан надоштам, ҳеҷ гуна нақшаҳо, ҷавобҳо ё шаҳодатҳои он, ки Худо зинда ва бо ман аст, дар ҳаёти ман набуданд. Ман аз хешовандонам пул қарз мегирифтам, то ки як илоҷ карда рӯз гузаронам. Мошин, хона ва умуман тамоми ҳаёти ман фарсуда шуда буданд. Кӣ ҳам аз ман шунида метавонист, ки Худои ман бузург аст? Бале, ман ба Осмон равонаам, ва Осмон – аз ҳама ҷои беҳтарин, аммо шумо то даме ки Осмонро дар ин ҷо, дар рӯи замин, намоён намекунед, одамон дар бораи он, ки Осмон чи қадар олиҷаноб аст, шунидан намехоҳанд. Бишнавед, ки ман чӣ гуфтан мехоҳам: агар Худо – ин Худо аст ва каломи Ӯ рост аст, пас он бояд кор кунад. Ҳаёти мо бояд ба тарзи дигар намудор шавад ва дигар бошад! Мо бояд ба ин насл бо ҳақиқати Подшоҳии Худо таъсир расонем. Фӯтифарҳо ба шумо нигаронанд.

Инак, барои чӣ ман "принсипи ризоият"-ро ин қадар муҳим мешуморам? Чунки Фӯтифар ба зери таъсири Подшоҳии Худо дохил шуда, аз оромии Шанбе лаззат бурд, ки дар он тарзи ҳаёт аз меҳнати сангин, ки бо арақи ҷабин карда мешавад, иборат нест, дар он тарс нест, балки оромӣ ҳукмфармо аст. Дар он рӯзгузаронӣ бо мақсад ва иштиёқ иваз мешавад, ва некӯаҳволӣ камбағалиро фурӯ мебарад. Ӯ чӣ тавр ба ин муваффақ шуд? Ӯ ташвишу мушкилиҳои худро ба юрисдиксияи Подшоҳии Худо супорид. Феълан, ӯ худ дарк накарда, ба Худо пайванд шуд. Ӯ ба зери таъсири юрисдиксияи Худо, ба ризоият бо он дохил шуд. Фӯтифар, ки хеле шахси доно буд, тамоми корҳои худро ба дасти

Юсуф супорид, чунки ҷавобҳоро дид. Шумо низ ин корро карда метавонед, ва ин ҳамон коре аст, ки ману Дренда ҳам кардем. Ана чӣ тавр оҳуҳо пайдо шуданд, чӣ тавр маблағҳо, мошинҳо ва хона, ки ба мо хеле зарур буд, пайдо шуданд. Агар хоҳед, ки аз он чизҳое, ки Худо барои шумо муҳайё кардааст, лаззат баред, подшоҳиро иваз кунед. Ба шубҳа ва беимоние, ки шуморо иҳота кардааст, пайванд шуданро бас кунед. Подшоҳиро иваз кунед ва аз он чизҳое, ки Худо барои шумо муҳайё кардааст, лаззат баред!

БОБИ 9

# ШУМО БА ОНҲО ХӮРОК ДИҲЕД!

Рӯзи аввали бо Дон шинос шуданам, вақте ки ӯ ба дафтари кории ман омад, ӯ хеле рӯҳафтода менамуд ва ба қарз ғӯтида буд. Зоҳиран, дар он лаҳза ҳеҷ чиз дар ҳаёташ пеш намерафт. Вақте ки ман нишаста, бо ӯ сӯҳбат кардам, фаҳмидам, ки ӯ аллакай се ё чор моҳ боз иҷорапулӣ ва қариб ҳамаи пардохтҳояшро насупорида буд. Дар издивоҷ низ мушкилиҳо дошт: завҷаи вай аз нокомиҳои молиявии ӯ дилгир шуда буд ва эҳтироми худро нисбат ба Дон гум мекард, чунки вай зан ва панҷ фарзанди худро таъмин карда наметавонист. Ҳақиқат дар он буд, ки Дон нисбат ба худ бовариашро гум карда буд. Ӯ бисёр саволҳо дошт. Кори ӯ дар иёлати Оҳайо аз фурӯши суғуртаҳои тиббӣ иборат буд, вале нобарорӣ зуд ӯро ба вазъияти ҳалокатбори молиявӣ оварда расонд.

Новобаста ба воқеаҳое, ки бо Дон рӯй медод, ман дар вай потенсиал дидам. Вай ҳам ба омӯхтан ва ҳам ба кор кардан тайёр буд. Ин комбинатсия маро ба қадри кофӣ ҳавасманд кард, то ки ӯро ба кор гирам ва барои некӯаҳволии ояндаи ӯ саҳм гузорам. Ниҳоятан, ин маблағгузорие буд, ки ба ҳар дуи мо фоидаҳои калон овард.

Ширкати ҷавон ва босуръат рушдёбандаи ман барои рафтан ба Ҳавайӣ ба назди яке аз таъминкунандагони мо даъватнома гирифт, ва ман ҳис кардам, ки ин барои ба Дон оиди Подшоҳии Худо нақл кардан имкони хубе мебуд. Гарчанде Дон масеҳӣ буд, он фаҳмишеро, ки ман доштам, ӯ надошт. Ва гарчанде ман чанд бор кӯшиш кардам, ки дар бораи принсипҳои Подшоҳии Худо дар ин соҳа нақл кунам, вале ӯ, зоҳиран, ба он чизҳое, ки ман мегуфтам, бовар намекард. Ман имкон ҷустам, то диққати Донро ҷалб кунам, то вай фаҳмад, ки ӯ низ барои омӯхтани донишҳо оиди чӣ тавр кор кардани Подшоҳии Худо роҳ пайдо карда метавонад. Дон он қадар ноумед шуда буд, ки ба ӯ бовар кардан мушкил буд, ки аз ростӣ ҳам дигаргуниҳо фаро мерасанд. Ман медонистам, ки сафар ба Ҳавайӣ имконияти ман буд.

Ду ҳафта пеш аз сафар бо Дон мо дар бораи он гап задем, ки дар он ҷо чиро дидан ва ба чӣ машғул шудан мехоҳем. Як чизе шавқи Донро бедор кард. Ӯ мехост, ки марлини кабудро дар обҳои зебои Уқёнуси ором ба даст орад. Дон бо рӯҳбаландӣ гап мезад: "Ҳавайӣ оид ба сайди марлинҳои кабуд пойтахти дунё ҳисоб мешавад. Ман ҳамеша онро ба даст овардан мехостам. Ин орзуи ман буд". Аввалин бор дар чанд рӯз ман дидам, ки чашмони Дон медурахшанд. Чизе ниҳоят ба ӯ илҳом бахшид, ва ман медонистам, ки ин илҳом барои дарси муҳим дарро воз мекунад.

"Дон, – гуфтам ман, – оё ту мефаҳмӣ, ки донista метавонӣ – на умедвор бошӣ, балки донista метавонӣ, ки агар ба зери таъсири Подшоҳии Худо дарой, дар Ҳавайӣ марлини кабудро ба даст меорӣ". Дон каме ҳайрон шуда, вале мароқ зоҳир карда, бисёртар донистан мехост, ва ман ба ӯ дар бораи Подшоҳии Худо нақл карданро давом медодам. Ман аз Инҷили Марқӯс 11:24 иқтибос овардам, ки дар он гуфта шудааст: *"Ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва бовар кунед, ки аллакай онро гирифтаед"* (Тарҷумаи нави русӣ).

**ҲАР ЧӢ ДАР ДУО ХОҲИШ МЕКУНЕД, ЯҚИН БИДОНЕД, КИ ОНРО ПАЙДО ХОҲЕД КАРД, — ВА БОВАР КУНЕД, КИ АЛЛАКАЙ ОНРО ГИРИФТАЕД.**

**– МАРҚӮС 11:24**
**(Тарҷумаи нави русӣ)**

Барои Дон ин аз ҳад зиёд хуб ба назар мерасид, то бовар карда тавонад. Ман каме вақтро барои он сарф кардам, ки ба ӯ барои фаҳмидани Подшоҳӣ ва роҳҳои имон кӯмак кунам. Пеш аз он ки ба сафар бароем, ӯ бо завҷааш ҳар ду якҷоя тухмӣ кишт карданд, ва ба мисли воқеаҳое, ки бо оҳуҳо рӯй дода буданд, дар розигӣ бо ҳам дуо карданд, ки марлини кабудро ба даст оварданд.

Дар навбати худ Дон барои рӯёнидани ҳосил ҳар кори заруриро ба амал овард. Ӯ хабар ёфт, ки кадом қаиқҳоро, бо кадом нархҳо ба иҷора гирифтан мумкин аст, ва, ниҳоят, як қаиқро бо капитане, ки ба вай бештар маъқул шуд, фармоиш дод. Тамоми корҳои ташкилӣ ҳал шуданд, ва мо аз имкони сафар кардан ба сӯи обҳои кабуди ҷазираҳои Ҳавайӣ хеле хурсанд будем.

Рӯзи шинокунӣ фаро расид, мо ба саҳни қаиқ баромадем ва бо рӯҳбаландӣ ба капитан гуфтем, ки ин ҳамин рӯзе аст, ки мо марлини кабудро ба даст овардан мехоҳем. Ӯ дар сайди моҳӣ умуман ба мо муваффақият орзу кард, вале таъкид кард, ки имконияти сайди марлини кабуд дар он рӯз ин қадар зиёд нестанд. Ду қаиқе, ки дар чор моҳи охир ҳар рӯз ба сафар мераванд, ҳамагӣ як марлини кабуд оварданд. Ин бо он далел муайян карда мешавад, ки ҳоло мавсими сайди марлинҳо фаро нарасидааст, зеро ин моҳии мавсимӣ аст. Вале мо рӯҳафтода нашудем ва ҳамаи корҳои барои омодагӣ зарурро давом дода, ба капитан бо эҳтиром хабар додем, ки дар ин рӯз ҳатман як марлинро сайд кардан мехоҳем.

Пас аз шаш соати шикор боре ҳам моҳӣ нӯл назад, ва ман ба ташвиш афтоданро сар кардам, ки ба вуқӯъ наомадани баъзе

амалҳо имони Донро суст карда метавонад. Ман дар бораи ин фикркунон дар болои дидбонгоҳ истода, ба ӯ нидо кардам: “Дон, иҷозат деҳ, ки аз ту як чиз пурсам. Ту ин марлини кабудро ҳангоми дуо кардан гирифтӣ, ё онро вақти намоён шуданаш мегирӣ?” Дон дилпурона гуфт: “Гэри, ин осон аст. Ман онро ҳангоми дуо кардан гирифтаам”. Ман ҷавоби ӯро шунида хеле хурсанд шудам. Маҳз дар ҳамон вақт ман фаҳмидам, ки Дон ба таълими ман ба таври ҷиддӣ муносибат дорад ва бо азми қавӣ марлини худро ба даст овардан мехоҳад.

Чанд дақиқа пас шасти Дон ба поён, ба об, кашида шуд, ва он касоне, ки бо ман буданд, дод заданд: “Нӯл мезанад!” “Он қадар сахт хурсанд нашавед, – огоҳ кард капитан, – бале ин моҳии калон аст, аммо аниқ марлини кабуд нест. Марлинҳо рост ба сатҳи об шино карда, ҷаҳишҳои аҷоиб мекунанд, вале ин моҳӣ дар қаър аст”. Дақиқаҳо мегузаштанд, Дон ҳамоно бо моҳӣ мубориза мебурд. Моҳӣ бошад, ягон дараҷа ҳам ба сатҳ наздик намешуд, то онро дидан мумкин шавад. Дар баробари Дон моҳӣ боз ҳам бештар хаста гардид ва дар охир таслим шуд. Вақте ки мо бо Дон ба қаиқ марлини калон ва кабуду зеборо кашида баровардем, ҳеҷ ҳайрон нашудем, вале ҳамаи онҳое, ки дар қаиқ буданд, ба ҳайрат афтоданд. Сурати Дон бо моҳӣ ҳанӯз ҳам ҳамчун шаҳодати имон ва ёдгории ҳамешагӣ оид ба воқеияти Подшоҳии Худо дар дафтари кории ман овезон аст. Зоҳиран ин фақат моҳӣ аст, аммо барои Дон марлин аҳамияти хеле бештар дошт. Агар Подшоҳии Худо алоқамандона ба марлин кор карда бошад, пас он, бешубҳа, дар робита бо ҳар чизи дигаре, ки ӯ дар ҳаёт эҳтиёҷ дошт, кор мекунад. Барои Дон ин ҳанӯз

**ШАМОЛРО ДИДАН ҒАЙРИИМКОН АСТ,ВАЛЕ ОН ДАР МУҲИТИ ТАБИӢ ТАЪСИРИ НАМОЁН ДОРАД, ҲАМЧУНИН ПОДШОҲИИ ХУДО ВОҚЕӢ АСТ ВА БА ОЛАМИ ФИЗИКӢ ТАЪСИРИ ХУДРО МЕРАСОНАД.**

оғози фаҳму идроки он буд, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр ба ҳаёти ӯ таъсир расонида метавонад.

Биёед ба ду ҳазор сол пеш аз ин нигоҳ мекунем ва дар бораи шахсе бо номи Ниқӯдимус хабардор мешавем. Ӯ ба Исо айнан дар бораи Подшоҳии Худо савол дода буд. Дар боби 3-юми Инҷили Юҳанно ҷавоби Худованд навишта шудааст: *"Бод ҳар ҷо ки хоҳад мевазад, ту овози онро мешунавӣ, лекин намедонӣ, ки аз куҷо меояд ва ба куҷо меравад: чунин аст ҳолати ҳар кӣ аз Рӯҳ таваллуд ёфта бошад".* Ҳамон рӯзи ҳайратбахш дар қаиқ бо Дон мисоли беҳтарини ин ҳақиқат гардид.

Ҳатто агар мо бо Дон аз лиҳози физикӣ зуҳуроти Подшоҳии Худоро дида наметавонистем, бешубҳа, вақте, ки ҳамон марлин пайдо шуд, мо шоҳиди он гардидем ва таъсири онро эҳсос кардем. Шамолро дидан ғайриимкон аст, вале он дар муҳити табиӣ таъсири намоён дорад, ҳамчунин Подшоҳии Худо воқеӣ аст ва ба олами физикӣ таъсири худро мерасонад. Қонунҳоеро, ки Подшоҳии Худо танзим мекунад, дарк карда истода, ҳамчун Дон, мо дар ҳаёти худ дигаргуниҳоро ба вуҷуд меорем.

Инак, акнун саволе пайдо мешавад: ҳамон марлин худаш аз куҷо пайдо шуд? Ба ин савол ҷавоб ҳаст. Шумо дар ҳақиқат онро бояд донед, зеро, эҳтимол, рӯзе фаро мерасад, ки ба шумо марлини кабуд, ё мошини кабуд, ё ҳамту маҳсулоти хӯрока лозим мешавад. Ҳақиқат дар он аст, ки моҳияти воқеа аллакай на дар моҳидорӣ ва на дар шикори ман барои оҳуҳо аст. Ин воқеа ба мо ҳақиқатро дар бораи Подшоҳии Худо ва чӣ тавр кор кардани онро ошкор мекунад. Пайдо шудани марлини кабуд бесабаб набуд. Исо барои таълим додани шогирдон оид ба принсипҳои Подшоҳии Худо вақти зиёд сарф мекард, вале, ғайр аз ҳикояҳо дар бораи Подшоҳӣ, Исо ҳамчунин онро намоён месохт.

Аз шумо хоҳиш мекунам, ки диққат фармоед. Подшоҳии Худо на ҳамчун системаи заминӣ, ки дар он ба воя расидаем, кор мекунад.

Шумо онро бо ақли худ ба пуррагӣ фаҳмида наметавонед. Он на дар асоси қонунҳое кор мекунад, ки мо дар ин ҷо, дар замин, одат кардаем, балки дар асоси дигар қонунҳо, ва мо ин қонунҳоро дарк карда метавонем. Исо ба ҳар ҷое, ки мерафт, барои нишон додани ин қонунҳои Подшоҳӣ ва таълим додани онҳо вақти зиёд сарф мекард. Амалкарди Подшоҳии Худо дар боби 6-уми Инҷили Марқӯс навишта шудааст. Ин воқеаи машҳуре мебошад, ки дар он Исо панҷ ҳазор мардро бо панҷ нону ду моҳӣ сер карда буд. Ман аз хурдӣ ин қиссаро миллионҳо бор дар калисо шунида будам, вале ҳеҷ кас ба ман нагуфта буд, ки маҳз чӣ тавр Исо инро ба амал овард.

> *Азбаски вақт хеле гузашта буд, шогирдонаш назди Ӯ омада гуфтанд: «Ин ҷо ҷои хилват аст, вақт ҳам дер шуд; инҳоро ҷавоб деҳ, то ки ба қасабаю деҳоти ин музофот рафта, барои худ ноне биханд; зеро ки ҳеҷ хӯроке надоранд». Ӯ дар ҷавобашон гуфт: «Шумо ба онҳо хӯрок диҳед». Ба Ӯ гуфтанд: «Магар мо рафта, ба дусад динор нон бихарем ва барои хӯрдани онҳо диҳем?» Аз онҳо пурсид: «Чандто нон доред? Рафта бинед». Онҳо дарёфта, гуфтанд: «Панҷ нон ва ду моҳӣ». Он гоҳ фармуд, ки ҳамаро даста-даста бар сабза шинонанд. Пас қатор-қатор, саднафара ва панҷоҳнафара нишастанд. Ӯ панҷ нону ду моҳиро гирифт ва ба осмон нигариста, баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдонаш дод, то пеши ҷамоат гузоранд; ду моҳиро низ ба ҳамаи онҳо тақсим кард. Ҳама хӯрданду сер шуданд; Ва аз пораҳои нон ва моҳӣ дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд; Хӯрандагони нон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.*
>
> *– Марқӯс 6:35-44*

“Исо, мо мушкилӣ дорем. Одамон гурусна ҳастанд, ва, агар мо ҳоло онҳоро ҷавоб надиҳем, онҳо ба хонаҳояшон хеле дер

мерасанд. Мо дар ташвиш ҳастем". Ва Исо ба онҳо чӣ гуфт? "О, Худо, шумо дуруст мегӯед. Ман тамоман вақтро аз хотир баровардаам. Биёед зуд ҷамъомадро ба анҷом мерасонем". Не Ӯ танҳо мегӯяд: "Шумо ба онҳо хӯрок диҳед". Чӣ? Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки дар он ҷо панҷ ҳазор мард буданд, ва агар занону кӯдаконро ҳисоб кунӣ, дар он ҷо бист ҳазор одам буда метавонистанд. Бо вуҷуди тамоми воситаҳо, ҳамин қадар одамро сер кардан на танҳо кори мушкил, балки аниқтараш ғайриимкон мебуд. Ман боварӣ дорам, ки шогирдон ба он чизе, ки Исо гуфт, бовар карда наметавонистанд. Ҷавоби онҳо ба илоҷи воқеа, ки Ӯ пешниҳод кард, тарзи тафаккури муқаррарии заминиро равшан нишон медиҳад. "Аммо, Исо, барои ин маоши ҳаштмоҳа лозим мешавад! Чӣ, мо рафта, барои хӯрок ҳамин қадар пул харҷ кунем?" Аввалан, диққат кунед, ки онҳо чӣ тавр мушкилии норасоии хӯрокро ба системаи малъуни иқтисодӣ мекӯчонанд, ки агар аниқтар карда гӯем, аз ҳашт моҳи меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин иборат мебошад.

Боре ман дуо кардам ва Худо гуфт, ки тарзи тафаккури ман ҷисмонӣ аст. Ман ҳайрон шудам. Ин чӣ маъно дорад? Чӣ ман ба ҳавасҳои ҷисм гирифторам? Не, ӯ тарзи тафаккури маро дар назар дошт: ҳар қадаре ки ман маҳдуд бошам, системаи мафкураи заминӣ ҳама чизро мувофиқан бо қувваи ман чен карда, ояндаи маро ҳамон қадар филтр мекунад. Мо худамон ин тавр мекунем. Агар ба мо хонаи нав лозим бошад, нархи онро фаҳмида, зуд ҳисоб мекунем, ки оё онро ба худ раво дида метавонем ё не. Маҳз чӣ тавр мо ҳисоб мекунем? Ба воситаи фаҳмиши малъуни заминии имкониятҳои шахсиамон. Фарз кардем, ман барои як соати кор 15 доллар музд мегирам, дар як ҳафта 40 соат кор мекунам, пас ҳамон қадар мешавад... "Эҳе, ман ҳеҷ гоҳ ин хонаро ба худ раво дида наметавонам". Ҳамин тариқ, шумо ин вариантро ҳамчун илоҷи ғайриимкон аз эътиборатон соқит мекунед. Агар мо ба ҳар як идея аз нуқтаи назари имкониятҳои шахсиамон

назар кунем, пас ҲЕҶ ГОҲ ба тарзи ҳаёти Подшоҳии Худо ҳамроҳ намешавем, чунки Худо ба ин система пайванд нест. Худо ба ман гуфт, ки агар ман Подшоҳии Худоро мафтун кардан хоҳам, пас бо тарзи тафаккури Подшоҳӣ бояд фикрронӣ кунам: яъне ҳама чиз имконпазир аст!

Ана шогирдон дар кадом мавқеъ истода буданд, вақте ки гуфтанд: “Маоши ҳаштмоҳа лозим мешавад”. Феълан онҳо гуфтанд, ки сер кардани ҳамин қадар одамон – ин кори мушкил. Ба ман иҷозат диҳед, то нишон диҳам, ки чӣ тавр маҳз барои онҳо “Шумо хӯрок диҳед” гуфтани Исо садо дод. Тасаввур кунед, ки ман шубони шумо ҳастам, ва аз сабаби қарздорӣ аҳволи шумо вазнин аст. Шумо аллакай се моҳ инҷониб фоизҳои қарзатонро насупоридаед ва хавфи аз хона маҳрум монданро доред. Шумо ба назди ман меоед ва мепурсед, ки оё калисо бо пардохтҳое, ки аз мӯҳлат гузаштаанд, ёрдам карда метавонад ё не. Ман хеле оромона ба шумо мегӯям: “Ман идеяи хубтарро дорам. Барои чӣ шумо ба таври оддӣ пурра қарзатонро соф намекунед, то аз пардохтҳои ҳармоҳа халос шавед?”. Шумо ба ман нигоҳ карда, фикр менамудед: “Ӯ тамоман нафаҳмид, ки ман ба вай чӣ гуфтам”. “Не, шубон, фикр мекунам, ки шумо маро нодуруст фаҳмидед. Мо тамоман пул надорем, маҳз барои ҳамин мо ба назди шумо омадем. Мо ба он эҳтиёҷ дорем, ки калисо ба мо барои пардохтани маблағи нокифоя ёрӣ расонад”. Ман боз оромона ба шумо нигоҳ карда мегӯям: “Не, ман хеле хуб мефаҳмам, ки шумо чӣ мегӯед, ва ман илоҷи беҳтаринро ба шумо фаҳмонидам. Шумо бояд маблағи пурраро барои хона супоред, ва шумо аз пардохтҳо халос мешавед”. Эҳтимол шумо фикр мекардед, ки ман девона шудаам.

Шояд, шогирдон худро ҳамин тавр ҳис карда бошанд. “Исо, Ту шӯхӣ карда истодаӣ, ки мо бояд бист ҳазор нафарро сер кунем? Охир ин тамоман ғайриимкон аст. Мо барои ин тамоман илоҷ надорем. Ва ҳатто агар мо нақшаи Туро қабул кунем ва сахт заҳмат

кашем, то ки пули кифоя ба даст орем, тамоми имкониятро барои кашонда овардани нон сафарбар кунем, то вақти бо хӯрок баргашта омадани мо ҳама аз гушнагӣ мемиранд. Ҳатто агар мо пул медоштем, вақт надорем, ки инро ба амал орем". Ана мо чӣ тавр ба вазъиятҳое, ки бо маънои заминӣ имконнопазир аст, муносибат мекунем, вақте ки роҳи ҳалли масъаларо намеёбем. Агар мо аз ҷиҳати моддӣ таъмин нестем, биниши мо мемирад.

Исо дар он вазъият шогирдонро бе ҷавоб нагузошт, агар онҳо барои сер кардани издиҳом қобил намебуданд, Исо ба онҳо чунин супориш намедод. Умуман гӯем, Ӯ мехост, ки ба онҳо системаи дигар – Подшоҳии Худоро дар амал нишон диҳад. Ва, азбаски шогирдон ба таҳлука афтоданд, Исо инони корро ба дасти Худ гирифт.

"Шумо чӣ доред? Равед, аз назар гузаронед", – гуфт Исо. Шогирдон баргашта омаданд ва гуфтанд: "Мо панҷ нону ду моҳӣ пайдо кардем". Ҳамон лаҳза ки панҷ нону ду моҳӣ ёфт шуд, Исо ба шогирдон гуфт, ки онҳоро назди Ӯ биёранд. Ӯ нон ва моҳиро ба даст гирифта, баракат медиҳад ва зуд бармегардонад. Аз ҷиҳати табиӣ ҳеҷ чиз дигар нашуд, вале аз лиҳози рӯҳонӣ чизи муҳиме ба вуқӯъ омад – чизе, ки барои фаҳмидани Подшоҳӣ калид аст. Исо мегӯяд, ки нон ва моҳиро тақсим кунанд, онҳо бо иззату икром нигоҳ мекунанд, ки чӣ тавр дар пеши назари онҳо хӯрок зиёд мешавад ва бист ҳазор одам то ба дараҷае сер мешаванд, ки дигар як пора ҳам хӯрда наметавонанд. Чӣ воқеа рӯй дод? Чӣ тавр ин рӯй дод?

Барои инро фаҳмидан мо бояд каме ба ақиб баргардем ва ҷузъиётҳои ин воқеаро бо диққат аз назар гузаронем. Дар асл маънои ибораи "баракат додан" ин "ҷудо кардан" ё "пок гардонидан" мебошад. Ҳамин тариқ, мо гуфта метавонем, ки вақте Исо барои хӯрок дуо кард ва онро баракат дод, нон ва моҳӣ аз як подшоҳӣ ҷудо карда шуда, ба дигараш гузаронида шуданд.

Аз рӯи фаҳмиши заминӣ бо панҷ нон ва ду моҳӣ сер кардани бист ҳазор одам ғайриимкон аст. Вале дар Подшоҳии Худо ҳама чиз имконпазир аст.

Ҳикоя бо ин тамом намешавад. То ба охир расидани он шогирдон боз дувоздаҳ сабад пораҳои боқимондаро ҷамъ карданд. Панҷ нон ва ду моҳӣ аз ҳолати нокифоягӣ ба он миқдор табдил ёфт, ки бист ҳазор одам сер шуд, ва сипас дар онҳо аз он андоза, ки дар аввал буд, зиёдтар боқӣ монд. Ин роҳҳои Подшоҳӣ мебошад – вақте ки аз дараҷаи кофӣ зиёдтар аст!

**ХУДО МАРО ОМӮЗОНИД, КИ ДАР НАВБАТИ АВВАЛ ЯК ҲИССАИ ОН ЧИЗЕРО, КИ МАН БА ОН МӮҲТОҶАМ, БА ПОДШОҲИИ ХУДО КИШТ КУНАМ.**

Ҳамчун муҳаққиқи рӯҳонӣ, ман ин ҳолатро бо диққат омӯхтам ва ҳамон формулаеро дидам, ки Худо ба ман дар вақти шикори оҳуҳо медод. Ба туфайли шикори оҳуҳо Худо маро омӯзонид, ки дар навбати аввал як ҳиссаи он чизеро, ки ман ба он мӯҳтоҷам, ба Подшоҳии Худо кишт кунам. Ин ҳамон коре аст, ки писарбача бо панҷ нон ва ду моҳӣ ба амал овард. Ӯ онҳоро ба зери қудрати Подшоҳии Худо гузошт, ва онҳо зиёд гардиданд, ва дар натиҷа бист ҳазор кас сер шуданд. Диққат кунед, ки нон дар намуди нон зиёд шуд ва моҳӣ дар намудӣ моҳӣ. Ман ба Подшоҳии Худо моҳӣ тақдим карда метавонам, ва он дар намуди моҳӣ зиёд мешавад. Вале агар ба ман моҳӣ даркор бошаду ман ба сифати тухмӣ моҳӣ надошта бошам, чӣ мешавад? Ҷавоб: “Пул”. Дар ёд дошта бошед, ки пул ин системаи мубодила аст. Ман ва шумо ҳар рӯз пулро “номгузорӣ” мекунем. Мо онҳоро бо шир, хона, либос, нон ва чизҳои дигаре, ки ба онҳо эҳтиёҷ дорем, номгузорӣ мекунем. Пул ба он чиз табдил меёбад, ки мо ба он эҳтиёҷ дорем. Ҳамин тариқ, тухмӣ кишт карда, мо ба ин пулҳо ном гузошта метавонем. Ба ҷои он ки ба мағоза рафта моҳӣ харем, то ки моҳӣ кишт кунем,

мо ҳамту ба пул чунин ном дода метавонем. Ин алоқамандона ба ҳадяи шумо кор мекунад, аммо на даҳяк, чунки Худо аллакай ба он ном гузоштааст. Мо мебинем, ки чӣ тавр ҳамон қонуни афзуншавӣ дар боби 5-уми Инҷили Луқо кор мекунад:

> *Боре, вақте ки мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд, то ки каломи Худоро гӯш кунанд, ва Ӯ дар канори кӯли Ҷинесор истода буд, ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд. Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад, ва Ӯ дар қаиқ нишаста, мардумро таълим медод. Ва ҳангоме ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: «Ба чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед». Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам». Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд.*
>
> – *Луқо 5:1-7*

Ҳамчун муҳаққиқони рӯҳонӣ, биёед ин воқеаро бо диққат дида мебароем. Чӣ тавр ин моҳӣ пайдо шуд? Шумо инро дидед? Исо қад-қади соҳил рафта истода, қаиқеро мебинад, ки дар он нишаста, таълим додан мехост. Ӯ аз Петрус, соҳиби қаиқ, мепурсад, ки оё Ӯ онро истифода бурда метавонад, ва Петрус розӣ мешавад. Ба ҳар ҳол қаиқ аллакай бекор мондааст, онҳо тамоми шаб сайд карданд, вале ҳеҷ чизе ба даст наоварданд. Баъд аз он ки Исо дар қаиқ нишаста, мавъиза мекунад, Ӯ ба Петрус мегӯяд, ки баргашта,

ба чуқуроб тӯр андозад. Ман бовар дорам, ки ин дархост Петрусро ба ҳайрат афтонд, чунки ӯ ҷавоб дод: “Исо, мо тамоми шаб заҳмат кашидем, вале чизе нагирифтем”. Петрус моҳигири касбӣ буд ва медонист, ки чӣ тавр моҳӣ сайд кардан лозим аст. Дар асоси таҷрибаи худ медонист, ки дар он ҷо аниқ моҳӣ нест. Ба тарзи муқаррарӣ ба он ҷо баргаштан тамоман беҳуда буд. Онҳо ҳозиракак ҷиҳозҳояшонро ғундошта ва тӯрҳояшонро тоза карда буданд.

Ман фикр намекунам, ки агар худи ҳозир Петрус мавъизаи яксоатинаи Исоро, ки қалбашро ҳеҷ чизи дигар дар ҳеҷ вақт ба он монанд ламс накарда буд, намешунид, ба дархости Ӯ розӣ мешуд. Бинобар ин ӯ мегӯяд: “Лекин аз рӯи сухани Ту тӯр меандозам”. Петрус баргашта, despite онҷунон моҳии бисёр ба даст овард, ки тӯр ба даридан наздик шуд ва қаиқ қариб буд, ки чаппа шавад. Ӯ ночор рафиқони худро, ки ҳанӯз дар соҳил буданд, ба ёрӣ даъват кард, вале тӯри онҳо низ ба кафидан наздик шуд, ва қаиқашон қариб ба об ғарқ гардид. Китоби Муқаддас аксуламали Петрусро тасвир мекунад: ӯ ба даҳшат афтод!

Ин чӣ тавр рӯй дод? Оё ягон калиде ҳаст? Мо онро дониста метавонем? Агар мухтасар карда фаҳмонем, ин принсипи ҳамон қуввати иттиҳод, ризоият бо Подшоҳӣ аст, ки пештар дар бораащ гуфта будем. Вақте ки Петрус қаиқи моҳидории худро ба ихтиёри Исо супорид, ҳам қаиқ, ва ҳам бизнеси ӯ подшоҳиро иваз карданд. Бизнес аз юрисдиксияи системаи малъуни заминӣ берун шуд ва ба зери юрисдиксияи Подшоҳии Худо дохил гардид. Ва вақте ки он ба зери юрисдиксияи Подшоҳии Худо дохил шуд, Худо ҳуқуқи қонунӣ пайдо кард, ки каломи донишро ба кор андозад ва ба Исо ҷои моҳиро нишон диҳад: “Ба чуқуроб бирон”.

Биёед ин ҳодисаро таҳлил мекунем. Исо аз Петрус, ки тамоми шаб беҳуда заҳмат кашида буд, қаиқ дархост кард. Ба воситаи ин мубодила қаиқ ба зери Подшоҳии Худо медарояд. Бо ёрии

Рӯҳулқудс Исо ҷои аниқи моҳиро фаҳмида мегирад. Исо қаиқи Петрусро ба он ҷо равона мекунад, ва он айнан аз моҳӣ пуропур мешавад. Инак, чӣ тавр моҳӣ ба даст оварда шуд? Бо суханони оддӣ гӯем: ба воситаи дастурамали шифоҳӣ аз Осмон. Биёед рӯирост гап мезанем: ҳар кас моҳӣ дошта метавонад, агар дар куҷо будани моҳиро донад. Дар бораи он чизе, ки ҳозиракак гуфтам, андеша кунед. Худо ҳама чизро медонад, Ӯ ба шумо кӯмак карда ва гуфта метавонад, ки чӣ кор бояд кард.

Вақте ки мо бо Дренда муфлис шуда будем ва танҳо акнун Подшоҳии Худоро дарк мекардем, Худо ба ман хоб дод, ва дар он чӣ тавр шурӯъ кардани як бизнесро нишон дод, ки ман умуман чӣ тавр сар кардани онро намедонистам. Ин бизнес ҳоло ҳам амал мекунад; 28 сол инҷониб дар як сол садҳо ҳазор доллар фоида меорад. Дар давоми ин 28 сол он ба ман имконият дод, ки барои кӯмак ва хидмат ба одамон миллионҳо сарф кунам. Чӣ тавр? Ман аз Осмон калом шунидам, ва шумо низ метавонед! Иҷозат диҳед ба шумо як мисол биёрам.

Чанд сол пеш ман дар бораи Подшоҳии Худо анҷумани панҷрӯза гузаронида будам. Дар поёни рӯзи дуюм ба назди ман як шахс бо номи Крис омад ва хоҳиш кард, ки барои ӯ дуо кунам. Ман пурсидам, ки дар бораи чӣ вай ба дуо мӯҳтоҷ аст. Он гоҳ ӯ ба ман саргузашти худро нақл кард. Ӯ бо як шахс ба бизнес машғул мешуд. Он шахс пули бизнеси ӯро масраф карда, вайро ба касод овард. Крис бори чорум хонадор шуда буд, ва вазъи оиладориаш бад буд, ва ӯ ҳамагӣ чил сол дошт. Ӯ гуфт, ки чунон сахт ошуфтаҳол буд, ки туфангчаи тирбандро гирифта, ба ҷои дуртар рафт ва бо мақсади худкушӣ дар нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, ки баста буд, бозистод.

Соат сеи шаб буд, ва вақте ки бо туфангчаи тирбанд дар он ҷо нишаста буд, телефони дастии ӯ занг зад. Вай зуд рақамро шинохт. Ин шарики собиқи ӯ буд. Ӯ, албатта, бо вай гап задан нахост,

бинобар ин ба занг ҷавоб надод. Телефон такрор ба такрор занг мезад. Дар асл он ёздаҳ маротиба занг зад, ва Крис дар охир қарор дод, ки ҷавоб диҳад. Аввалин суханони шарики пештараи ӯ чунин буданд: “Ту дар куҷоӣ ва ба чӣ кор машғул ҳастӣ?” Вақте ки Крис ҷавоб дод, шарики пештараи ӯ гуфт: “Аз ҷоят наҷунб! Ман худи ҳозир ба наздат меравам!” Чи тавре ки маълум шуд, шарики пештараи ӯ худи ҳамон вақт ҳаёти худро ба Худо дода будааст ва инро ба Крис гуфтан мехостаат. Аҷиб аст, лек ӯ эҳсос кард, ки зуд дар соати сеи шаб бояд Крисро дарёбад, ва, азбаски Крис ҷавоб намедод, ӯ занг заданро давом медод.

Вақте ки шарики Крис расида омад, вай ӯро ба назди Худо овард, ва ҳаёти Крис мутлақо дигар шуд. Ҳама чиз ба тартиб омадан гирифт. Ӯ калисои хубе пайдо кард. Никоҳи ӯ беҳтар шудан гирифт. Ҳама чиз ба ғайр аз даромад беҳтар шуданд. Крис соҳиби ҷои кор набуд, ва ӯ маҳз дар ҳамин бора аз ман хоҳиш кард, ки дуо кунам. Ҳангоми ҳамон анҷуман ман дар бораи он нақл кардам, ки ҳоло дар ин китоб ба шумо нақл карда истодаам: чӣ тавр Подшоҳии Худо барои мо корҳои аҷоиберо, ки аз қобилиятҳои мо вобаста нестанд, ба амал оварда метавонад.

Вақте ки Крис дар бораи он андеша кард, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс моро роҳнамоӣ карда, роҳу равиши зиндагиро нишон дода метавонад, ногаҳон дар майнаи ӯ фикре пайдо шуд. Дар масъалаи пул ҳақиқатан ҳам ӯ варианти бисёр надошт. Вале ӯ чизкейкҳои болаззат пухта метавонист. Ин мансуб ба ҳунари шахсии ӯ буд, ки аз рӯи принсипи ғизои солим тайёр мекард, ва дар ҳақиқат ҳам ин чизкейк аз ҳама чизкейкҳои дигар, ки пештар дидаю чашида буд, беҳтар буд. Дар ҳақиқат Крис дар байни дӯстони худ ҳамчун одаме, ки дар ҷаҳон бомазатарин чизкейкҳоро мепазад, машҳур гардида буд. Вай бисёр дафъа ба мағозаҳои ғизои солим рафта, маҳсулоти онҳоро мечашид, вале мефаҳмид, ки ба онҳо чизе намерасад. Крис варианти бисёр надошт, вале дар ин ҷо вай ҳис кард, ки фурӯхтани чизкейкҳо – ин имконияти ӯст. Вай боварӣ

дошт, ки агар яке аз чизкейкҳои худро ба ин мағозаи ғизои солим барад ва онҳо онро чашида бинанд, он гоҳ фурӯхтан мехоҳанд. Крис боварӣ дошт, ки онҳо аз чизкейкҳои худашон дида, аз они ӯро хубтар мефурӯшанд. Бинобар ин вай ҳамин тавр ҳам кард: чизкейк пухта, онро бе ягон огоҳӣ ба мағозаи ғизои солим бурд. Вақте ки Крис ба он ҷо даромад, мутобиқи тасодуфи нотакрор чунин шуд, ки директори маъмури тамоми муассисаҳои савдои ғизои солим ба ҳамон мағоза ташриф овард. Директор ба чашида дидани чизкейк розӣ шуд ва сипас фикри худро баён кард.

Боре бегоҳирӯзӣ Крис баъд аз ҷамъомад боз ба саҳна фаромад, то ки бо ман гуфтугӯ кунад. Ӯ чи кор кардани худро ба ман нақл кард, ва боз хоҳиш кард, ки дар бораи шартнома бо мағозаи ғизои солим бо ӯ дуо кунам. Ана баъд, рӯзи оянда Крис боз ба наздам омад – кош ӯро шумо медидед, ӯ чунон пурҳаяҷон буд! Ӯ гуфт, ки директори маъмур ба ӯ пешниҳод кард, ки на барои ҳамон мағоза, балки барои ҳамаи мағозаҳои онҳо чизкейк тайёр кунад. Ҳамчунин ӯ аз Крис пурсид, ки ӯ боз чӣ тайёр карда метавонад. Крис ба ҳайрат афтода монд! Аҷибаш он буд, ки ҳамон шахси маъмур дар шаби охирини анҷуман ба ҷамъомад омад, ба пеш баромад, қалби худро ба Худованд супорид ва бо Рӯҳулқудс таъмид ёфт. Ду ҳафта пас ман аз ӯ мактуб гирифтам, ки дар он ӯ изҳор дошт, ки дар навбати худ барои Подшоҳии Худо кишт кунад. Ӯ даҳ фоизи сармояи ширкати худро ба хидматгузории мо Faith Life Now гузаронид. Ин ҳайратовар аст! Худо метавонад як идеяро гирифта, аз ҳеҷ чиз як чизи зебое созад.

БОБИ 10

# ҶАМЪОВАРӢ НАМУДАН, НА АРАҚШОР ШУДАН!

Оё шумо аспҳоро баъд аз тохтутози дурударози тобистонӣ дидаед? Онҳо бо арақе, ки ба кафки собун шабоҳат дорад, арақшор мешаванд, ки онро дида метавон гуфт, ки асп хеле хуб заҳмат кашидааст. Аз ман ҳамеша мепурсанд: “Гэри, шумо гуфтан мехоҳед, ки ман набояд кор кунам?!” Не, ин тавр намегӯям, Каломи Худо низ ин тавр намегӯяд. Аммо фарқи калон дар он аст, ки шумо чӣ тавр кор мекунед. Масалан, ба саргузашти Петрус ва шарикони ӯ диққат кунед, ки ду қаиқро ончунон аз моҳӣ пур карданд, ки қариб буд ғарқ шаванд. Онҳо тамоми шаб заҳмат кашида буданд, то ки моҳӣ ба даст оранд, вале комёб нашуданд. Сипас Исо зоҳир шуд ва каломи донишро истифода бурда, ҷои моҳиро нишон дод. Дар он лаҳза низ онҳо меҳнат карданд, вале ин тамоман меҳнати дигар буд. Онҳо, бешубҳа, вақте ки тамоми моҳиро ба қаиқ мекашиданд, ғайратмандона меҳнат карданд. Вале онҳо оё моҳидорӣ карданд?

Вақте ки ман ба шикор меравам, чуноне ки ба шумо аллакай гуфта будам, пас аз чил дақиқа оҳуро ба даст меорам. Вале оё ман шикор мекунам? Бо суханони дигар гӯем, агар шумо ҷои моҳиро

медонистед, пас оё ин шикори моҳӣ ҳисоб мешуд? Ман агар донам, ки оҳуро ба даст меорам, пас ман оё шикор мекунам? Ман барои он инро мегӯям, ки то шумо фарқиятро пай баред. Бале, ман меҳнат мекунам, вале на тамоми шаб ва боз ба замми он на бенатиҷа. Пеш аз ҳама, агар ман соҳиби ҳама чизҳое бошам, ки барои зиндагӣ лозима аст, ман имкон дорам, ки барои манфиати Подшоҳии Худо кор кунам, ва баҳри пешбурди кори Падари худ ва иҷро кардани мақсадҳоям ғамхорӣ намоям.

## Ман инро ҷамъоварии ҳосил меномам.

Вақте ки дар Инҷили Матто 17:27 Петрус ба назди Исо омада пурсид, ки чӣ тавр андозҳоро мебояд супурд, Исо чунин гуфт:

> *Лекин барои он ки онҳоро ба васваса наандозем, ба соҳили баҳр рафта, қалмоқе биандоз, ва аввалин моҳиро, ки банд шуд, бигир; ва даҳонашро кушода, истатир хоҳӣ ёфт; онро гирифта, барои Ман ва барои худат ба онҳо бидеҳ.*
>
> *– Матто 17:27*

Диққат кунед, ки Исо нагуфт: “Инак, Петрус, мо бояд андозҳоро супорем. Гӯш кун, ки ман ба ту чӣ мегӯям: “Барои се моҳ ба шаҳр рав, пул кор кун, сипас, вақте ки барои мо андоз месупорӣ, боз ба даста баргард”. Не. Исо ин тавр нагуфт. Барои чӣ? Чунки дар ин ҳолат ба Петрус лозим мешуд, ки хидматгузориро тарк карда, аз паи ба даст овардани пул ба тарзи тафаккури системаи малъуни заминӣ баргардад. Ба ҷои ин Исо нишон дод, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, ва мо дар ин воқеияти заминӣ истода, чӣ гуна бояд амал кунем. Ҷавоб ба Петрус – ин ҳамчунин ҷавоб ба шумо. Исо танҳо ба Петрус нишон дод, ки таъминоти вай дар куҷост, усулеро нишон дод, ки ба воситааш онро ба даст овардан лозим буд, ҳамчунин ишора кард, ки дар куҷо бояд онро

ҷустуҷӯ намояд. Ҳама коре, ки Петрус бояд мекард, – ин рафтан ва гирифтан буд. Агар ба шогирдони Исо нигоҳ кунем, вақте ки Подшоҳии Худоро дар амал медиданд, онҳо ҳамеша дар шигифт ва ҳайрат мемонданд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки вақте Исо бо суханони Худ дарахти анҷирро хушконид, Петрус ба ҳайрат афтод. Вақте ки Лаъзор пас аз чор рӯзи дафн карда шуданаш аз қабр баромад, шогирдон низ ба ҳайрат афтоданд. Вақте ки Петрус, Яъқуб ва Юҳанно ин қадар моҳии зиёдро ба даст оварданд, онҳо ба тааҷҷуб афтоданд. Мо бо Дренда низ дар ҳайрат мемондем, аз тааҷҷуб даҳонамон кушода шуда мемонд, ва чӣ тавр кор кардани Подшоҳии Худоро дида, доимо дар солҳои охир ба якдигар мегуфтем: “Ту инро дидӣ (-а)? “

Дар бораи он ки бо ёрии Рӯҳи Муқаддас баракатҳои худро ҷамъоварӣ намудан ҳарф зада истода, ман ба шумо боби 6-уми Инҷили Матторо нишон диҳам. Дар Китоби Муқаддаси ман ин порча дар зери сарлавҳаи “Хавотир нашав” навишта шудааст! Ин ба ман хеле маъқул аст.

> *Ҳеҷ кас ба ду оғо хизмат карда наметавонад: зеро ки ё аз яке нафрат карда, дигареро дӯст хоҳад дошт, ё ба яке часпида, дигареро хор хоҳад дид. Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамуно хизмат кунед. Бинобар ин ба шумо мегӯям: барои ҳаёти худ ғамхорӣ накунед, ки чӣ бихӯред ва чӣ бинӯшед; низ барои ҷисми худ, ки чӣ бипӯшед. Оё ҳаёт аз хӯрок ва ҷисм аз пӯшок муҳимтар нест? Ба мурғони ҳаво нигоҳ кунед, ки на мекоранд ва на медараванд ва на дар анборҳо захира мекунанд; ва Падари шумо, ки дар осмон аст, ба онҳо рӯзӣ мерасонад. Оё шумо аз онҳо хеле беҳтар нестед? Ва кист аз шумо, ки бо ғамхории худ қоматашро як зироъ баланд карда тавонад? Ва барои либос чаро ғамхорӣ мекунед? Ба савсанҳои саҳро назар кунед, ки чӣ гуна нашъунамо меёбанд: на меҳнат*

*мекунанд ва на мересанд; лекин ба шумо мегӯям, ки Сулаймон ҳам бо тамоми ҷалоли худ чун яке аз онҳо либос напӯшидааст; пас агар Худо алафи саҳроро, ки имрӯз ҳасту фардо ба танӯр андохта мешавад, чунин бипӯшонад, магар шуморо, эй сустимонҳо, аз он беҳтар пӯшонда наметавонад! Аз ин рӯ ғамхорӣ накунед ва нагӯед: "Чӣ бихӯрем?" ё: "Чӣ бинӯшем?" ё: "Чӣ бипӯшем?" Чунки халқҳо дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд, лекин Падари шумо, ки дар осмон аст, медонад, ки шумо ба ҳамаи ин чизҳо эҳтиёҷ доред. Аммо аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд. Пас, барои фардо ғамхорӣ накунед, зеро ки фардо барои худ ғамхорӣ хоҳад кард: заҳмати имрӯз барои имрӯз кофист.*

*– Матто 6:24-34*

Исо мегӯяд, ки шумо ба ду хӯҷаин хизмат карда наметавонед. Шояд шумо гумон кунед, ки метавонед, вале ин дуруст нест. Шумо танҳо якеашро ва танҳо якеашро дӯст дошта метавонед. Ва ман ба шумо мегӯям маҳз киро: Он касеро, ки таъминоти эҳтиёҷоти худро ба вай бовар мекунед. Вақте ки Худо дар ҳамон хонаи кӯҳнаи фермерӣ ба ман гуфта буд, ки ман барои фаҳмидани он, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, вақт ҷудо намекунам, бо ин Ӯ ба ман нишон дод, ки амалан Вай хӯҷаини ман намебошад. Ӯ барои ман на он Шахс буд, ки аз Вай дилпурӣ дошта, ба Вай хидмат ва эътимод намуда бошам. О, албатта, ман ба калисо мерафтам, саховатманд будам. Худоро дӯст медоштам ва медонистам, ки наҷот ёфтаам. Вале ҳеҷ гоҳ барои омӯхтани системаи илоҳии молиёт ва принсипҳое, ки аз рӯи он Подшоҳии Худо кор мекунад, вақт ҷудо намекардам.

*Зеро ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд.*

*– Луқо 12:34*

Инро оҳистатар хонед: «Зеро ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд». Ба бисёр шахсон маъқул аст, ки ҷои ин ибораҳоро иваз карда, хонанд: «Зеро ҳар ҷо, ки дили шумост, ганҷи шумо низ дар ҳамон ҷо хоҳад буд». Вале ин на он чизест, ки дар он ҷо гуфта шудааст, ва на ин, ки чӣ тавр он кор мекунад. Ба фикри одамон ин чунин маъно дорад, ки онҳо Худоро саҳарии рӯзи якшанбе дӯст дошта метавонанд ва айнан дар он ҷо ганҷи онҳо хоҳад буд. НОДУРУСТ! Ганҷи ту дар ҳамон системае воқеъ хоҳад буд, ки ту таъминоти эҳтиёҷҳои худро ба он бовар мекунӣ.

Исо мегӯяд, ки дар мо ҳама чиз чаппагардон карда шудааст.

Худо мехоҳад, ки Ӯ дар ҳаёти мо аввалин бошад, на пул. Агар пул ганҷи мо бошад, он дар ҷои аввал меистад, ва вақт, афзалиятҳо ва сарсупурдагии моро ба худ талаб мекунад. Ана барои чӣ Петрус ҳангоме ки вақти супурдани андоз фаро расид, хидматгузории худро нагузошт ва барои пул кор кардан нарафт. Ана барои чӣ ба Худо лозим аст, ки ба мо “ҷамъоварӣ намудан, на арақшор шудан”-ро ёд диҳад. Ба Исо лозим мешавад, ки ба мо роҳҳои Подшоҳии Худоро омӯзонад, то эҳтиёҷоти худро ба Вай бовар карда тавонем ва ба ин васила дилҳоямонро озод кунем, то ки бо тамоми дил Худоро дӯст дорем! Исо гуфтааст: *«Оё ҳаёт аз хӯрок ва ҷисм аз пӯшок муҳимтар нест?»* Ӯ гуфтааст, ки ҳаёт аз он вобаста нест, ки дорои ким-кадом чизҳо бошӣ. Мақсади ҳаёт ин аст, ки чизҳо ба шумо ва ба рисолати шумо дар ин замин ёрдам кунанд.

**АГАР ПУЛ ГАНҶИ МО БОШАД, ОН ДАР ҶОИ АВВАЛ МЕИСТАД, ВА ВАҚТ, АФЗАЛИЯТҲО ВА САРСУПУРДАГИИ МОРО БА ХУД ТАЛАБ МЕКУНАД.**

Дар баробари ин мо чиро мебинем? Бисёр одамон аз паи чиз шуда, ба давутози беохир машғул ҳастанд. Онҳо аз паи

супурдани қарзи хона, қарзи мошин, пардохтҳои худ овора шуда, давутоз мекунанд. Исо мегӯяд, ки ин ҳаёти бемаъно аст! Акнун бо чунин суханон ба ман ҳамла накунед: “Дидӣ, Худи Исо мегӯяд, ки дорои чиз будан, ин аллакай бад аст. Не, Ӯ ин тавр намегӯяд. Дар ояти 33-юм Ӯ гуфтааст, ки пеш аз ҳама Подшоҳии Худоро ва адолати онро ҷустан лозим аст, он гоҳ ҳама чизҳои дигар ба таври иловагӣ дода хоҳад шуд. Гап дар он нест, ки проблема дар куҷо аст, гап дар дил аст. Агар Худо намехост, ки мо дорои чизе бошем, Исо ҳамин тавр мегуфт. Ба ҷои ин Ӯ гуфт, ки ҳама чизҳое, ки дар ин дунё ҷуста мешавад, агар мутобиқи роҳҳои Худо зиндагӣ кунем, ба мо ато хоҳад шуд.

Бо суханони дигар, ҳаёт аз он иборат нест, ки ба чизҳо хидмат кунем, вале мутаассифона, одамон айнан ҳамин тавр мекунанд. Онҳо озод нестанд, онҳо ғуломанд. Ба ду хӯҷаин хизмат кардан номумкин аст, ва хизмат кардан ба чиз – ин ҳаёт нест. Исо фаҳмонидани онро давом медиҳад, ки системаи дигар мавҷуд мебошад – макони осоиштагии молиявӣ ва таъминот, ки ба ҳаёт озодӣ мебахшад. Он Подшоҳии Худо аст. Исо дар боби 6-уми Инҷили Матто дар бораи Подшоҳии Худо ду мисол овардааст. Ӯ мегӯяд: *“Ба мурғони ҳаво нигоҳ кунед, ки на мекоранд ва на медараванд ва на дар анборҳо захира мекунанд; ва Падари шумо, ки дар осмон аст, ба онҳо рӯзӣ мерасонад. Оё шумо аз онҳо хеле беҳтар нестед?”* (Ояти 26.)

## Паррандаҳо барои парвариши кирмҳо корхона надоранд!

Онҳо масъалаи таъминоти эҳтиёҷоти худро ба дӯши худ намегиранд. Не, Падар онҳоро таъмин мекунад. Онҳо танҳо бояд он эҳтиёҷоти ҳаррӯзаашонро ҷамъоварӣ намоянд. Фаҳмидед? Онҳо барои таъмин кардани зиндагии худ бо арақи ҷабин азоб кашида, меҳнат намекунанд. Онҳо ҷамъоварӣ менамоянд!

## Гулҳо меҳнат намекунанд ва намересанд!

> *Ва барои либос чаро ғамхорӣ мекунед? Ба савсанҳои саҳро назар кунед, ки чӣ гуна нашъунамо меёбанд: на меҳнат мекунанд ва на мересанд; лекин ба шумо мегӯям, ки Сулаймон ҳам бо тамоми ҷалоли худ чун яке аз онҳо либос напӯшидааст.*
>
> *– Ояти 28, 29*

Гулҳо ба туфайли меҳнати пуразоб бо арақи ҷабин либос намепӯшанд. Падар онҳоро мепӯшонад. Исо суханашро идома медиҳад, ва ба мову шумо ҷавоб медиҳад. Усули дигари зиндагӣ кардан мавҷуд аст – усули Подшоҳии Худо! Ӯ мегӯяд: *“Аммо аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд”.* “Ҷустани Подшоҳии Худо” чӣ маъно дорад? Ин, яъне фаҳмидани он аст, ки чӣ тавр он кор мекунад! Омӯхтани қонунҳое, ки онро идора мекунанд, донистани он, ки системаи Худо чӣ тавр кор мекунад! Агар ман бо ҳавопаймо шуморо ба кишваре мебурдам, ки ҳеҷ гоҳ пештар дар он ҷо набудед, вазифаи аввалини шумо донистани он мебуд, ки ин “подшоҳӣ” чӣ тавр кор мекунад: чӣ тавр онҳо хӯрок мехӯранд, чӣ тавр мефурӯшанд ва мехаранд, бо кадом қонунҳо он мамлакат идора карда мешавад. Айни ҳамин чиз барои Подшоҳии Худо низ дуруст аст. Шумо бояд донед, ки он чӣ тавр кор мекунад, то аз афзалиятҳои он, ки шумо шаҳрвандони он ҳастед, баҳра баред. Ман аз таҷрибаи шахсии худ медонам, ки чӣ тавр кор кардани Подшоҳии Худоро надониста, чи қадар чизҳоро аз даст додаам. Ҷавоб осон аст. Ба шумо инқилоби молиявӣ лозим аст. Дар вақти инқилоб одамон бар зидди шаклҳои мавҷудаи идоракунӣ бармехезанд ва навашро бунёд мекунанд. Шумо низ бояд ҳамин тавр кунед. Ба шумо лозим

аст, ки тарзи кӯҳнаи идоракунии системаи малъуни заминиро бо тамоми норасоӣ ва ноумедиҳояш сарнагун созед ва аз тарзи ҳаёти нав лаззат баред – дар Подшоҳии Худо, бо қонунҳои нав, бе мӯҳтоҷӣ, вале бо шодии бузург!

## БОБИ 11

# ПАРВОЗ КАРДАН АЗ РОҲ ГАШТАН ОСОНТАР АСТ!

Агар шумо дар гузашта зиндагӣ мекардед ва аз Ню-Йорк ба Сан-Франсиско сафар кардан мехостед, шумо мебоист бо киштӣ равона мешудед. То кушода шудани канали Панама ин саёҳат як солро дар бар мегирифт ва гирдогирди Америкаи Ҷанубӣ рафтан лозим мешуд. Баъдтар, вақте ки роҳи Орегон сохта шуд, ин масофаро дар чор моҳ тай кардан мумкин шуд. Ҳоло шумо ба он ҷо дар чор соат расида метавонед. Чӣ тавр? Бо истифода аз қонуни нав – қонуни аэродинамика. Ин қонун ҳамеша вуҷуд дошт, аммо одамон онро намефаҳмиданд. Ба монанди қонуни табиии аэродинамика бисёр масеҳиён қонунҳои Подшоҳии Худоро намедонанд, гарчанде дар бораи онҳо дар тӯли тамоми ҳаёт мехонанд. Подшоҳии Худо дар ин ҷо аст, он дар дохили шумост, ва шумо ҳуқуқи қонунӣ доред, ки аз некӯиҳои он баҳра баред. Қонунҳои аэродинамика дар олами табиӣ қонуни қувваи ҷозибаи умумиҷаҳониро инкор намекунанд, онҳо аз он бартарӣ пайдо мекунанд. Бо суханони дигар, дар ҳоле ки ту мутобиқи қонунҳое, ки парвозро идора мекунанд, амал мекунӣ, ту парвоз мекунӣ, гарчанде ки қувваи ҷозиба чун пештара вуҷуд дорад. Шумо ба ин

фикр розӣ мешавед, ки чор соат парвоз кардан аз як соли пурра бо киштӣ сафар намудан хеле осонтар аст! Ин тавр бошад, ба усули босуръат гузаред ва усулҳои сусту кӯҳнаи худро тарк кунед. Оё шумо боре шапалаки монархро дидаед? Дар фасли тирамоҳ дар иёлати мо, Оҳайо, шумо садҳо шапалакҳоеро, ки ба ҷануб барои раҳоӣ аз сардии фасли зимистон парида мераванд, дида метавонед. Онҳо ба Мексико парвоз мекунанд, ва ин саёҳат қариб ба масофаи ҳазор мил тӯл мекашад. Вале аҷоибаш дар чист: ин шапалакҳо дар он ҷо боре ҳам набуданд! Онҳо аз куҷо медонанд, ки ба куҷо ва кай парвоз мекунанд? Агар Худо пешбинӣ карда бошад, ки ин шапалак умр гузаронад, пас барои ту низ роҳ ҳаст. Шапалак чӣ тавр ин корро мекунад? Ин метамарфоза ном дорад. Решаи ин калима *-морф-*, ки маънояш "дигаршавӣ" мебошад. Бисёр одамон медонанд, ки монархҳо, яъне ин навъи шапалакҳо, ҳаёти худро чун шапалак сар намекунанд. Не, онҳо ҳаёти худро ҳамчун кирм сар мекунанд. Дар ин зинаи ҳаёт онҳо дар танаи растание, ки зарбат ном дорад, умр мегузаронанд, ва то фарорасии давраи асоситарини таҳаввулоти худ месабзанд. То як андозаи муайян сабзида, онҳо ба сохтани зоча, яъне зиреҳи ба худ хос, шурӯъ мекунанд, ки дар он кирмак дар давоми аз 7 то 15 рӯз пинҳон мешавад. Баъд аз ин аз зоча шапалак пайдо мешавад, ки он тамоман дигар хел метобад ва рафтор мекунад, на чунон ки ҳангоми дар шакли кирм будан намудор мешуд ва рафтор мекард. Он куллан дар сатҳи нави мавҷудият зиндагӣ ва амал мекунад. Он парвоз мекунад! Ба ҷои он ки бо як зарбат маҳдуд шавад, акнун он ба ҳар ҷое, ки хоҳад, парвоз карда метавонад. Вай хеле хушрӯ аст, дар ӯ файз ва зебоие ҳаст, ки дигар дар табиат дар ҳеҷ куҷо нест.

Аммо аз ҳама маҳорати аҷоибе, ки вай дорад, ин қобилияти раҳо шудан аз нохушиҳо мебошад. Мефаҳмед, шапалак монарх сардии зимистонро, ки барои иқлими шимол меъёр аст, аз сар гузаронида наметавонист. Он ҳалок мешуд. Вале Худо роҳеро

пешбинӣ кард, ки ин офарида ду ҳазор милро тай карда, аз нохушиҳо раҳо шавад ва ба ҷое равад, ки ҳеҷ гоҳ пештар дар он ҷо набудааст. Вай аз куҷо ин роҳро медонад? Чӣ тавр вай ин корро мекунад? Метаморфоза. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки ҳамон ҷараёнро истифода бурда, ту низ ҳамчун шапалак монарх дар вазъиятҳои ночор аз болои проблемаҳои худ парвоз карда гузашта метавонӣ.

Дӯсти ман Стив боре бегоҳӣ бо мошини худ ба хона рафта истода, оҳуеро пахш мекунад. Мошин чунон осеб мебинад, ки илоҷи аз нав барқарор кардан надошт. Мутаассифона, дар ягона автомобили оилавии боқимондаи онҳо як ҳафта пас муҳаррики он аз кор баромад. Ширкати суғуртавии Стив ба онҳо ба сабаби аз даст додани мошин ба мӯҳлати ду ҳафта автомобил пешниҳод кард, аммо автомобили оилавӣ ба ягон суғурта ё ҷуброн мувофиқ наомад. Стив ва Карен намедонистанд, ки чӣ кор кунанд. Стив дар пешбурди кори худ ба мошин эҳтиёҷ дошт, чунки ӯ ба савдо машғул буд ва ҳар бегоҳӣ барои ба расмият даровардани харидуфурӯш мерафт.

Онҳо бо таълимот оид ба Подшоҳии Худо дер боз шинос буданд ва медонистанд, ки Худо ҷавоби онҳо буд. Дар он давра онҳо пули кифоя надоштанд, ки мошинҳоро иваз кунанд. Бинобар ин онҳо медонистанд, ки Худо ва Подшоҳии Ӯ ягона умеди онҳо ҳастанд. Ду ҳафтаи иҷораи бепул ба охир расид, вале ҷавоб то ҳанӯз наомада буд. Мутааҷҷибона, як шаб пеш аз он, ки Стив мошини иҷоравиашро мебоист супорад, ба ӯ марде занг зада гуфт, ки мошине дорад ва онро мехоҳад ҳадя кунад. Азбаски ӯ медонист, ки Стив ба калисои мо равуо мекунад, аз ин рӯ маҳз ба вай занг зад, то бипурсад, ки оё вай ягон оилаеро дар калисо медонад, ки ба автомобил мӯҳтоҷ аст. Стив вазъияти худро фаҳмонд ва гуфт, ки агар ин мошинро барои худаш ва оилааш гирифта тавонад, миннатдор мебуд. Ин хеле аҷоиб буд, вале Стив соҳиби шаш фарзанд буд, ва танҳо як мошини хурдакак ба онҳо

кофӣ набуд, вале пайдошавии ин мошин ӯро хеле рӯҳбаланд кард. Якшанбеи навбатӣ Стив ва Карен дар калисо ба назди ман омада дархост карданд, ки ба мошини навбатии онҳо дуо кунам. Карен гуфт: “Шубон, мо медонем, ки мувофиқи имонамон Honda Odyssey дарёфт мекунем, мехоҳем тухмӣ кишт кунем ва аз ту хоҳиш мекунем, ки бо мо дар дуо розӣ шавӣ. Ман ҷавоб додам: “Албатта”. Ҳамин тавр мо дуо кардем. Ман ҳоло аниқ намедонам, чанд вақт, шояд, се ё чор ҳафта, гузашта буд, ки мо дар назди хонаи онҳо вохӯрдем. Вақте ки мо ба назди онҳо омадем, ба ошхона даромада, дар рӯи яхдон сурати Honda Odyssey-ро дидем. Карен гуфт, ки ҳар дафъа яхдонро кушода, ӯ даст ба сурат гузошта, барои ин мошин Худоро сипосгузорӣ мекунад.

Қариб як ҳафта пас котибаи ман занг зад ва гуфт: “Шубон, имрӯз ба мо занги аҷоиб омад. Шахсе ба калисои мо мошини худро додан мехоҳад”. Дар он вақт ҳеҷ кас намедонист, ки Стив ва Карен ба автомобили нав бовар мекарданд ва маҳз чӣ гуна автомобилро хоҳон буданд. Бинобар ин ман аз котиба пурсидам: “Кадом навъи мошин?” Вай гуфт: “Honda Odyssey”. – Он дар кадом ҳолат аст? Вай гуфт, ки ҳамон мард хабар дод, ки мошин дар ҳолати аъло аст, бе ягон изи ханжол, бо давиши ҳамагӣ 70 ҳазор мил. Ман гуфтам, ки медонам, ки ин автомобил ба кӣ тааллуқ дорад. Ман дар бораи ҳама чиз ба Дренда нақл кардам ва хоҳиш кардам, ки ба Карен занг занад. Занг зада, Дренда аз Карен пурсид, ки бо мошини нав корҳо дар кадом аҳвол аст, оё ягон пешравие дар ин масъала ҳаст ё не. Суханони аввалини Карен чунин буданд: “Хайр, яъне ман боз як рӯз ба гирифтани ҷавоб наздиктар шудам!” Дренда гуфт: “Медонӣ, хеле наздиктар аз он, ки ту гумон мекунӣ. Омада онро бо худ баред”.

Ман чунин воқеаҳоро дӯст медорам. Шумо чӣ? Азбаски Стив ва Карен дилпурии зиёд пайдо карданд, ин воқеа давом дорад.

Тақрибан дар ҳамон давра Стив ва Карен хона бунёд

кардан мехостанд. Онҳо дар давоми чандин сол хона ба иҷора мегирифтанд ва ҳис карданд, ки барои хонаи шахсӣ вақт фаро расид, вале онҳо барои пардохти аввалин пул надоштанд. Онҳо ба бонкҳои зиёд бо масъалаи гирифтани замин муроҷиат карданд, ва дар ҳама ҷо як чиз талаб карда мешуд – 50 фоиз пешпардохт. Дар ҳамон давраи ин оилаи ҳанӯз ҷавон чунин маблағ фароҳамнашаванда буд. Карен зиқ буд ва дар ин бора бо ман сӯҳбат кард. Мо дар имон розӣ шудем, ки Худо ба онҳо роҳ муҳайё мекунад. Инак, онҳо аз назар гузаронидани ҳавлӣ ва хонаҳои гуногунро давом медоданд.

**БИСЁР ВАҚТ МО ОЯНДАИ ХУДРО БА ОН ЧИЗЕ, КИ ИМКОН ДОРАД, МУҚОИСА КАРДА, ХУДРО МАҲДУД МЕСОЗЕМ. ВАЛЕ АГАР МО БА КАЛОМИ ХУДО ИҶОЗАТ ДИҲЕМ, КИ ТАФАККУРИ МОРО ДИГАР ГАРДОНАД, БО ХУДО ҲАМА ЧИЗ ИМКОНПАЗИР АСТ.**

Яке аз ҳавлиҳо диққати онҳоро ҷалб намуд. Он дар ҳамон мавзее буд, ки онҳо дар он ҷо сохтан мехостанд, ва барои 55 акр 55 ҳазор доллар талаб карда мешуд. Вале боз ҳам барои пардохти аввалин онҳо маблағ надоштанд. Аммо ман дар бораи як бонки дуртаре, ки аз онҳо дар масофаи ду соата роҳ бо мошин ҷойгир шуда буд, шунидам, ки ҳиссаи соҳибмулкро дар моликияти ғайриманқул ба сифати пешпардохт ба замин қабул мекард. Ин барои харидани замин хеле ғайриоддӣ буд. Ман дар ин бора ба Стив ва Карен нақл кардам, ва онҳо дар бораи мулоқот дар бонк бо ҳам қарор карданд. Замин 100 ҳазор доллар нархгузорӣ шуд, ва ба онҳо гуфтанд, ки пардохти аввалин куллан талаб карда намешавад. Ҳамин тавр онҳо ин заминро хариданд ва бе ягон пардохти аввалин хонаи зебое сохтанд. Стив ва Карен, ба мисли ману Дренда, дар ҳар кор принсипҳои Подшоҳии Худоро пайравӣ намуда, то имрӯз ба муваффақиятҳо ноил шуданро давом медиҳанд.

Дар калисои мо чунин воқеаҳо бисёранд, ва ман бо тамоми дил дар ҳаёти шумо низ ба амал омадани чунин воқеаҳоро умед мекунам. Худо барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти мо корҳои аҷоиб ва баъзан ғайриоддиро ба амал меорад. Бисёр вақт мо ояндаи худро ба он чизе, ки имкон дорад, муқоиса карда, худро маҳдуд месозем. Вале агар мо ба Каломи Худо иҷозат диҳем, ки тафаккури моро дигар гардонад, бо Худо ҳама чиз имконпазир аст.

> *Худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист.*
>
> *– Румиён 12:2*

Мо, ҳамчун одамони имондор, набояд бо ин дунё ҳамшакл шавем. Павлус дар ин ҷо дар бораи системаи малъуни заминӣ, хусусан дар бораи мафкураи мо, гап мезанад. Оё шумо боре аз рӯи андоза либос дӯхтаед ё чизеро мутобиқи нақша сохтаед? Агар ҳа, пас дар ҳолате, ки ба шумо натиҷа маъқул намешавад, агар ин корро шумо боз бо ҳамон намуна кунед, чӣ ҳосил мешавад? Шумо боз ҳамон натиҷаро ҳосил мекунед. Бинобар ин Павлус мегӯяд, ки мо бояд тарзи тафаккури худро тағйир диҳем, яъне намунаеро, ки аз рӯи он зиндагӣ мекунем, дигар намоем. Мо бояд на ба он тавре ки ин дунё фикр мекунад, фикр кунем. Калимаи “таҷдид” – ин айни ҳамон калимае, ки ба наздикӣ дар борааш сӯҳбат кардем, – *морф, ки маънояш “дигаршавӣ” мебошад.*

*Ба мо метаморфоза лозим аст! Мо бояд чуноне ки Худо фикр мекунад, фикр кунем. Мо бояд афкори Подшоҳии Худоро дошта бошем. Ба ҷои мафкураи кирми бадафти сустҳаракат, ки барои дар сардии зимистон ҳалок гардидан маҳкум шудааст, мо бо тарзи ҳаёти куллан нав бояд ба Худо эътимод кунем. Он гоҳ ва танҳо он гоҳ қодир хоҳем буд, ки аз болои мушкилиҳои худ парвоз*

*карда гузарем ва фаҳмем, ки иродаи Худо дар ҳар гуна вазъият чи қадар нек ва комил аст. Агар мо таҳаввули тарзи тафаккурро қабул накунем, тарзи кӯҳнаи афкор ҳамеша хоҳад гуфт: "Не, не, ман ин корро карда наметавонам. Не, ман намефаҳмам, ки ин чӣ тавр имконпазир аст". Кӣ гумон карда метавонист, ки кирмаки баднамуд ягон вақт бо ин малоҳат ва бартарият парвоз карда метавонад? Ба кирмак назар карда ва дар бораи ду ҳазор мил, ки он бояд тай кунад, андеша намуда, шумо ҳамту саратонро ҷунбонида, мегуфтед: "ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ!" Вале дар Подшоҳии Худо ҳама чиз имконпазир аст. Вақте ки барномаи телевизионии ман сар мешавад, маро ҳамчун донишманди соҳаи молия муаррифӣ мекунанд. Баъзан ман "рӯзҳои кирм" будани худро ба ёд меоварам ва мегӯям: "Ин боварнокарданӣ аст!"*

Дар бораи парвозҳо сӯҳбат карда истода... Вақте ки мо бо Дренда чӣ тавр кор кардани Подшоҳии Худоро ба омӯхтан сар кардем, ман қарор кардам, ки барои худ ҳавопаймо мехоҳам. Ман аз 19 солагӣ ҳавонавард будам ва доимо ҳавопаймоҳоро ба иҷора мегирифтам, вале ҳеҷ яке аз онҳоро соҳиб набудам. Албатта шумо сабабашро медонед: барои ин ман пул надоштам. Бинобар ин ман рӯзе ба қароре омадам, ки ин нодуруст аст – ин барои Подшоҳии Худо мушкил нест. Барои чӣ ман Худоро бо он маҳдуд кардам, ки барои худам имконпазир медонистам? Бинобар ин ман чек навишта, "Барои ҳавопаймои ман" гӯён, қайд гузоштам ва ҷузъиётҳояшро тасвир кардам. Ба ҳамаи ин даст гузоштам ва бо имон фиристодам, ки аллакай ҳавопаймоеро, ки мутобиқ ба Инҷили Марқӯс 11:24 (Тарҷумаи нави русӣ) барояш дуо кардам, гирифтам.

> *Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд.*

Камтар аз як моҳ пас ман назди духтур барои азназаргузаронии нақшавӣ рафтам ва аз он ба ҳайрат афтодам, ки духтури ман гуфт: “Шумо касеро намедонед, ки ҳавопаймо харидан мехоҳад?” Ман фикр кардам, ки ин ғайриоддӣ аст. “Чӣ гуна ҳавопаймо?” – пурсидам ман. Ман дар тааҷҷуб монда будам, ки ин ҳамон ҳавопаймое буд, ки ман барояш имон доштам ва дуо мекардам. Бинобар ин ман аз вай пурсидам, ки онро дар куҷо дидан мумкин аст, ва ба ман ҷавоб доданд, ки дар фурудгоҳи минтақаи мо, дар наздикии хонаи ман. Ба ман иҷозат диҳед, ки фаҳмонам. Хонаи ман рост дар канори фурудгоҳи минтақавӣ ҷойгир шудааст. Ҳар як ҳавопаймои фурудоянда рост аз болои хонаи ман парвоз карда мегузарад. Далели он, ки ман тамоми рӯз чӣ тавр парвоз карда омадан ва рафтани ҳавопаймоҳоро дида метавонам ва рахи парвоз аз хонаи ман ҳамагӣ дар масофаи як мил ҷой гирифтааст, ман ҳатман бояд ҳавопаймо медоштам.

Бинобар ин ман ба як дӯстам, ки тамоми умр ба парвоз машғул буд, ва ҳамчунин лётчик-инструктор буд, занг задам, ва хоҳиш кардам, ки бо ман ба дидани ҳавопаймо равад. Вақте ки мо ҳавопайморо аз назар мегузарондем, ман медонистам, ки ин ҳавопаймои ман буд: он олӣ буд! Он айнан ҳамоне, ки ман мехостам. Аммо чун ҳарвақта ҳамон як мушкилие буд, ки пештар ман солҳо рӯ ба рӯ мешудам: ман барои он пул надоштам. Оё шумо ба ин монанд мушкилиҳо доштед? Ин дафъа ман аз тарс ақибнишинӣ кардан намехостам. Ман медонистам, ки ин ҳавопаймои ман буд, вале ҳанӯз намедонистам, ки чӣ тавр Худо ба ман пул додан мехост.

Ду моҳ қабл мо бо Дренда барои ширкатамон утоқи корӣ ҷустуҷӯ мекардем. Мо медонистем, ки ин бизнес бояд дар куҷо ҷойгир шавад, аммо дар он маҳал ҳеҷ чизи барои фурӯш дастрас набуд, бинобар ин мо ҷустуҷӯро дар маҳалли дигар сар кардем. Ба мо муяссар шуд, ки як-ду ҷо пайдо кунем ва омода будем, ки бихарем, аммо дар рӯҳ шаҳодат пайдо кардем, ки ҳоло мо набояд

ин тавр кунем. Мо бо умеди ёфтани утоқи дастрас боз ба ҳамон маҳал баргаштем, ки, ба донистани мо, утоқи кории мо бояд дар он ҷо ҷойгир мешуд. Вақте ки мо дар бораи ин қарор дуо кардем, боре ба ман падарам занг зад ва чунин гуфт: “Ман медонам, ки ту мегӯӣ, ки инро Худо ба амал овард, вале мо бо модари ту аҳд кардем, ки бинои худамонро ба ту барои утоқи корӣ бидиҳем”. Биное, ки онҳо соҳибаш буданд, дар ҳамон маҳал, дар ҳамон ҷое, ки мо ёфтан мехостем, ҷойгир шуда буд. Ман дар ҳайрат монда будам. Барои фаҳмидани он, ки чӣ воқеа рӯй дод, шумо бояд донед, ки дар он давра падари ман имондор набуд. Ҳар вақте ки касе дар бораи Худо ёдоварӣ мекард, ӯ кинояомез гап мезад. Ҷиддан, аҳвол хеле бад буд ва ман осон бо ӯ дар бораи Худо гап зада наметавонистам. Ман ҳатто дуо кардам, ки Худо касеро ба назди ӯ фиристонад, то ки ба ӯ дар бораи Масеҳ мавъиза намояд. Ман медонистам, ки ба дили ӯ роҳ ёфта наметавонам. Аммо падари ман чанд сол баъдтар, дар синни 80 солагӣ, наҷотро қабул кард. Мутааҷҷибона, ӯ ҳангоми тамошои барномаи телевизионии мо, ҳамаи корҳоеро, ки Худо ба амал меовард, дида, наҷот ёфт. Ӯ сею ним соли ҳаёти худро ҳамчун одами нав гузаронд ва дар ҳар як рӯзи истироҳат ба калисо ташриф меовард.

**ҲАЁТИ МАН, КИ ПЕШТАР БО МУБОРИЗА БАРОИ ҲАЁТ ВА ТАРС МАҲДУД БУД, АКНУН БО ВОСИТАИ ПОДШОҲИИ ХУДО ДИГАР ШУДА БУД. БА ҚОНУНҲОИ ОН ПАЙВАНД ГАРДИДА, МАН ҲАЁТЕ ПАЙДО КАРДАМ, КИ ПУР АЗ ИМКОНИЯТҲОИ НОМАҲДУД АСТ.**

Боре, вақте ки ҷамъомад дар калисо акнун тамом шуд, ман ба даҳлез баромада, дидам, ки падарам бо шахсе гап мезанад, ки узви калисои ман буд ва бо ӯ солҳо шинос буд. Ба назди онҳо омада, ман шунидам, ки ин мард аз падари ман мепурсад, ки ӯ барои чӣ ба калисо омаданро сар кард. Падари ман гуфт, ки ӯ

чизҳои аз ҳад зиёдеро дид, ки шарҳ додан мушкил аст. Ҷалол ба Худо! Бояд маҳз ҳамин тавр бошад.

Моро зарур аст, ки ба ҳамон гуфтугӯи телефонӣ оиди пайдо кардани утоқи корӣ баргардем, ки ҳанӯз пеш аз наҷотро қабул кардани падари ман воқеъ шуда буд. Мо бо Дренда дар ҳайрат монда будем, ки ӯ биноро барои утоқи корӣ ба мо дод. Албатта, мо медонистем, ки инро Худо ба амал овард, ва бо телефон ба падарам гуфтем: “Бале, падар, ту дуруст мегӯӣ, инро Худо ба амал овард!”

Бино бояд ҳамаҷониба таъмир карда мешуд, то ки ба сатҳи муассиса мувофиқ гардонида ва ҳамчун утоқи корӣ истифода бурда шавад. Вақте ки падарам ин биноро ба мо дод, моҳи декабр буд, ва ман то баҳор интизор шудан хостам, то ки таъмирро сар кунам. Дар зимистон бино пӯшида шуда буд, онро ҳеҷ кас истифода намебурд ва падарам гуфт, ки ӯ обро пурра бастааст. Ҳамин тавр бино то лаҳзае ки ман барои дидани ҳавопаймо рафтам, тамоми зимистон истод. Маҳз дар ҳамин вақт ба ман бародарам занг зада, гуфт, ки беҳтараш ман ба ин бино равам, чунки аз он ҷӯйбор барин об ҷорӣ мешавад. Дар кӯча ҳаво гарм шуд, ва, зоҳиран, падари ман хато карда буд: об дар зимистон баста нашуда буд. Ба он ҷо рафта дидам, ки об аз мабрази қабати дуюм дар давоми чандин рӯзҳо ё ҳатто ҳафтаҳо ҷорӣ мешуд. Ҷои андова дар қабати аввал кафида, аз девор ҷудо шуда афтода буд. Ман медонам, ки ин воқеа аз назари аввал хуб нест, аммо чизе, ки шумо намедонед ва чизе, ки бародари ман намедонист, ин буд, ки ман аллакай барои канда партофтани ҷойҳои андова дар тамоми бино, аз нав кардани тарҳи берунӣ ва азнавбақшагирии пурраи он шартнома имзо карда будам, ки бояд пас аз ду ҳафта сар мешуд. Ҳамин тавр ин зарар аз обравӣ ҳеҷ як мушкилиеро ба бор намеовард, ҳамаи ин чизҳоро дар ҳар ҳолат аз нав кардан лозим мешуд. Аммо ба ин чиз диққат кунед: ширкати суғуртавӣ ба ман барои пӯшонидани зарар чек навишт, ки ин маблағ барои

харидани ҳавопаймо кифоя буд! Чӣ, ман худи ҳозир ҳавопаймо ва утоқи корӣ пайдо кардам, ва ҳамаи ин бе қарз ва бе давутози серташвиш фароҳам омад? Бале, маҳз ҳамин тавр! Ҳоло бо ин ҳавопаймо аз болои заминҳои фермерӣ парвоз карда, ман ба худам ёдрас мекунам, ки ин парвозҳо - ба мисли Подшоҳии Худо мебошанд. Амалкард ва қонунҳои он ба мо ёрӣ мерасонад, ки дар дигар андоза зиндагӣ кунем. Ин ба мисли кирм ва шапалак аст: кирм ҳеҷ гоҳ бо пойҳои худ то Мексико рафта наметавонист.

Ҳаёти ман, ки пештар бо мубориза барои ҳаёт ва тарс маҳдуд буд, акнун бо воситаи Подшоҳии Худо дигар шуда буд. Ба қонунҳои он пайванд гардида, ман ҳаёте пайдо кардам, ки пур аз имкониятҳои номаҳдуд аст.

Ин китобро ба анҷом расонида, ман ба шумо як ҷои Навиштаҷотро пешниҳод мекунам. Ман боварӣ дорам, ки онро дар ҳаёти худ на як бор шунидаед. Аммо ман фикр мекунам, ки он барои шумо куллан маънои нав медиҳад.

> *Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид; юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт; зеро юғи Ман хуш ва бори Ман сабук аст.*
>
> *– Матто 11:28-30*

Исо омадааст, то ки бори гарони мо, яъне меҳнати пурмашаққатро, ки бо араќи ҷабин дар ин системаи малъуни заминӣ ба амал оварда мешавад, ба Худ гирад. Акнун моро лозим аст, ки юғи Ӯро ба гардани худ гирем (ин иҷро шуд!) ва ҷонҳои мо осоиштагӣ ёбад (Рӯзи ҳафтум, Шанбеи ҳақиқӣ). Мо ба мисли Фӯтифар бо тарзи ҳаёти Подшоҳии Худо зиндагӣ карда, лаҳзаҳои аҷоиби ҳаётро аз сар гузаронида метавонем. Имрӯз барои мувофиқ шудан ба қонунҳои Подшоҳии Худо қарор қабул кун ва

бо баракатҳои он пайванд шав. Инқилоби молиявии худро ба амал ор, тарзи кӯҳнаи ҳаёт, идоракунии кӯҳна, системаи малъуни камбағалии заминӣ, беморӣ ва ноумедиҳоро аз худ дур андоз. Роҳҳои пештараи кирмро тарк кун ва қонунҳои Подшоҳиро, ки Исо ба мо дастрас гардонидааст, истифода бурда, ба парвоз кардан шурӯъ кун. Ту шаҳрванди ин Подшоҳӣ ҳастӣ. Ту ҳуқуқҳои қонунӣ дорӣ!

Агар шумо ин китобро шавқовар ҳисобидед ва қарор қабул кардед, ки шогирди Подшоҳии Худо гардед, иҷозат диҳед, ки ман шуморо ба GaryKeesee.com. раҳнамун кунам. Шумо дар он ҷо китобхонаеро бо маълумотҳое пайдо мекунед, ки ба шумо ёрӣ мерасонад ва тариққои Подшоҳиро ба шумо меомӯзад. Ҳамчунин ман шуморо рӯҳбаланд кардан мехоҳам, ки шарики Team Revolution гардед, ки дар он шумо ба чорабиниҳои махсус ва семинарҳои таълимӣ дастрасӣ пайдо мекунед.

Ба даст овардани пирӯзӣ дар молиёт ҳам донишҳои рӯҳонӣ ва ҳам заминӣ, табииро, талаб мекунад. Барои донистани маълумот оиди чӣ тавр раҳо шудан аз қарзҳо, ва ҳамчунин барои гирифтани нақшаи раҳоӣ аз қарзҳо, ки аз ҷониби ширкати ман Forward Financial Group бепул кор карда баровардa шудааст, ба телефони 1-800-815-0818 занг занед. Ҳимоя кардани нафақа низ ба мисли пул кор кардан муҳим аст, махсусан дар замони ноустувории молиявии мо. Ширкати ман барои кӯмак расонидан ба одамон дар кори маблағгузории бехавф фаъолият мекунад. Аз сад миллион доллар зиёд маблағе, ки мизоҷони мо маблағгузорӣ карданд, дар 15 соли охири бесарусомонии молиявӣ дар кишвари мо як пенни ҳам гум нашудааст. Занг задан ва ҳам маслиҳат гирифтан ройгон аст. Барои маълумот ба телефони 1-800-815-0818 занг занед.

Дренда ва ман худамонро барои он бахшидаем, ки ба одамони алоҳида ва оилаҳо барои ғолиб омадан дар ҳаёт ёрдам кунем. Ана барои чӣ завҷаи ман дар телевизион барномаеро таҳти унвони "Дренда ТВ" таҳия мекунад. Ин барнома ба ҳаёти оилавӣ ва барои рӯҳбаланд кардани занони ҳамаи синну сол нигаронида шудааст. Барои маълумоти муфассалтар ба Drenda.com дароед.

Ва дар хотима мо бо Дренда мехостем, ки шумо имкони дастгирӣ кардани калисоҳо ва шубонҳоро дар тамоми ҷаҳон дида бароед. Ба воситаи лоиҳаи башоратдиҳии "H-3" мо хоҳиши қалбҳоямонро дар роҳи кӯмак кардан ба одамон аз тарафи амалии ҳаёт иҷро мекунем. Лоиҳаи "H-3" ҳар сол барои шубонҳо дар тамоми ҷаҳон даҳҳо ҳазор маводҳои таълимӣ пешниҳод менамояд. Мо ҳамчунин барои хӯрок додан ба гуруснагон, дастгирӣ кардани хидматгузориҳое, ки мақсадашон қатъ гардонидани хариду фурӯши одам дар бисёр кишварҳо, ёрдам ба хонаҳои бачаҳо, дастгирии молиявии шубонҳо дар мамлакатҳои зиёд ва ҳамчунин таъмин намудани хонаҳои шафқат барои занон дар ин ҷо, дар Оҳайо, аст, ёрӣ мерасонем. Мақсади мо ин ба одамон дар тамоми ҷаҳон барои фаҳмидан оиди Подшоҳии Худо ёрдам кардан, ба онҳо омӯзонидани озодӣ ва қаноатмандӣ аст, чунки ин иродаи Худо барои ҳар яки мо мебошад.

Ба шумо раҳмати калон мегӯям, ки ба ман барои нақл кардани саргузашти аҷоиби худ иҷозат додед. Акнун биравед ва саргузашти аҷоиби худро дар Подшоҳии Худо ба вуҷуд оред.

## Китобҳои Гари Киси аз силсилаи

## “Инқилоби молиявии шумо”.

Қуввати ризоият

Қуввати оромӣ

Қуввати стратегия

Қуввати таъминот

Қуввати саховатмандӣ

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ
## ҚУВВАТИ РИЗОИЯТ

**Ин китобро хонед, агар шумо...**

**АЗ МУШКИЛОТИ МОЛИЯВӢ ХАСТА ШУДАЕД**

**АЗ ҚАРЗҲО ХАЛОС ШУДАН МЕХОҲЕД**

**АЗ ЧӢ САР КАРДАНРО НАМЕДОНЕД**

**ХУДРО НОЧОР ҲИС МЕКУНЕД**

Худи Гэри Киси дар вазъияте буд, ки дар давоми нӯҳ соли тӯлонӣ аз сабаби аҳволи вазнини молиявӣ ҳаёти ӯ ба як хоби даҳшатнок шабоҳат дошт. Занги қарзхоҳон, даъвоҳо аз хадамоти андоз, қарорҳои суд ва эҳсоси шарм қисми ҷудонашавандаи зиндагии ӯ гардиданд. Вале рӯзе ҳама чиз дигар шуд – Худо ба Гэри дар бораи молиёт гап зад ва ба ӯ ҳақиқатеро кушод, ки ҳаёташро ба куллӣ дигаргун кард! Гэри аз қарзҳо халос шуд, ширкатеро ташкил кард, ки миллионҳо фоида меорад, ва дар айни замон Гэри дар барномаи телевизионии *«Ҳалли масъалаҳои пулӣ»,* ки дар тамоми дунё ҳаррӯза намоиш дода мешавад, таҷрибаи зиндагии худро нақл мекунад. Гэри анҷуманҳо ва вохӯриҳои шахсӣ гузаронида, ин принсипҳоро ба садҳо ҳазор одамон дар саросари ҷаҳон таълим медиҳад. Ӯ инкор намекунад, ки бисёр принсипҳое мавҷуд мебошанд, ки ба туфайли онҳо одамон ба муваффақият ноил шуда метавонанд. Вале агар фақат якеашро таълим додан лозим мешуд, пас ин ҳамон принсипе буда метавонист, ки дар ин китоб баён карда шудааст. Гэри шуморо даъват мекунад, ки ба инқилоби молиявӣ ҳамроҳ шавед ва аҳволи молиявии худро ба туфайли принсипҳои Подшоҳии Худо ба куллӣ тағйир диҳед.



Гэри Киси муаллиф, сухангӯ, соҳибкор, донишманди соҳаи молия ва шубон мебошад, ки ба одамон барои ноил шудан ба муваффақият дар ҳаёт, махсусан, дар масъалаҳои имон, оила ва молия кӯмак мерасонад. Гэри ва завҷаи ӯ Дренда чандин ширкатҳои бомуваффақият бунёд карданд, ва онҳо асосгузорони хидматгузории «Ҳаёт бо имон ҳоло» мебошанд, ки ду барномаи телевизионӣ – *«Ҳалли масъалаҳои пулӣ»* ва *«Дренда»*- ро ба намоиш мегузорад, дар саросари дунё анҷуманҳо барпо мекунад ва маводҳои амалӣ пешниҳод менамояд. Зану шавҳар Кисҳо ҳамчунин дар шаҳри Коламбус, иёлати Оҳайо, шубонҳои Калисои «Ҳаёт бо имон» мебошанд.

GKM GARY KEESEE MINISTRIES

garykeesee.com